**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ– 371.4+378 (2-тадж)
ТКБ – 74.03(2)+74.113.8 (2-Тоҷик)
С –35**

**Сафарзода Мунир Ватан**

# НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ АНДРАГОГИКА ДАР НИЗОМИ ТАКМИЛИ ТАХАССУСИ КАДРҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳимояи такрорӣ**

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Мушовири илмӣ:**
**Ҷумъахон Алимӣ - доктори**
**илмҳои филологӣ, профессор**

**ДУШАНБЕ – 2025**

**МУНДАРИҶА**

**ИХТИСОРАҲО...................................................................... 4**

**МУҚАДДИМА……………………….…...………..……..... 5**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ.......................................... 11**

**БОБИ I. АНДРАГОГИКА: ТАШАККУЛ, ХУСУСИЯТҲО ВА АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ......................................................... 24-104**

1.1. Пайдоиш ва ташаккули андрагогика.................................... 24

1.2. Хусусиятҳои хоси таълими калонсолон................................. 39

1.3. Асосҳои назариявии андрагогика......................................... 78

1.4. Таълими калонсолон ва асосҳои ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................................... 96

Хулосаи боби якум................................................................... 104

**БОБИ II. СТРАТЕГИЯИ ТАҲСИЛИ КАЛОНСОЛОН ДАР АСОСИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ ВА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ....................... 106-147**

2.1. Тамоюлҳои муосири таълими калонсолон дар партави талаботи технологияи педагогикаи муосир дар самти андрагогика......................................................................... 106

2.2. Назарияи таълими калонсолон дар заминаи технологияи муосири педагогӣ……………………………………………..... 123

2.3. Вижагиҳои хоси фаъолияти омӯзгор-андрагог дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълими калонсолон.......................... 132

Хулосаи боби дуюм................................................................... 147

**БОБИ III. АСОСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОН................................................................... 152-177**

3.1. Амсилаи ташкилӣ – фаъолиятии раванди таълим................... 152

3.2. Хусусияти фаъолияти андрагогӣ............................................ 165

Хулосаи боби сеюм................................................................... 177

**БОБИ IV. НАЗАРИЯ, МЕТОДИКА ВА РОҲАНДОЗИИ ШАКЛҲОИ МУХТАЛИФИ ТАЪЛИМ: РАСМӢ, ҒАЙРИРАСМӢ ВА ИНФОРМАЛӢ......................................... 180-241**

4.1. Моҳият ва асолати «таҳсилоти ғайрирасмӣ» аз назаргоҳи методология ва мақоми он дар низоми такмили ихтисоси омӯзгор........................................................................................ 180

4.2. Масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» оид ба назарияи фалсафӣ – антропологии иртибот ва муоширот…………………………………………..................… 193

4.3. Ҷанбаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ дар низоми рушди касбият........................................................................... 210

4.4. Воридкунии таҳсилоти ғайрирасмӣ ба низоми такмили ихтисос.......................................................................................... 231

Хулосаи боби чорум.................................................................... 241

**БОБИ V. НАТИҶАҲОИ ОЗМОИШ ОИД БА МУАЙЯН КАРДАНИ МАҚОМИ ТАҲСИЛОТИ ҒАЙРИРАСМӢ ДАР НИЗОМИ ТАКМИЛИ ТАХАССУС.......................................... 244-310**

5.1. Маълумоти курсҳои такмили ихтисос дар ташкилоти таҳсилоти иловагии касбӣ (дар мисоли вилояти Хатлон).............. 244

5.2. Пурсиши посухдиҳандагон оид ба маълумоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос........................................................ 274

5.3. Натиҷаи марҳилаҳои озмоиш оид ба ворид намудани таҳсилоти ғайрирасмӣ дар таҳсилоти расмӣ.................................. 297

Хулосаи боби панҷум.................................................................. 310

**ХУЛОСАҲО**............................................................................... **312**

Натиҷаҳои илмии диссертатсия.................................................. 312

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот................................ 317

**НОМГӮИ АДАБИЁТ.................................................................** 321

Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда........................................ **321**

Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ......................................................................................... 348

# ИХТИСОРАҲО

**ВНМО** – вируси норасоии масъунияти одам

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ

**МТМУ** – муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ

**ТҒ** – таълими ғайрирасмӣ

**ТИК** – технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ

**ТК** – таълими калонсолон

**ТКО** – таҳсилоти касбӣ ва омӯзишӣ

**ТМ** – таҳсилоти муттасил

**ТР** – таълими расмӣ

**ТТК** – технологияи таълими калонсолон

**ФМДДТИБКСМ** – Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф»

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити кунунии баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муасисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, таҳаввул ва рушди соҳаи маориф, илм ва техника, аз ҷумла, дар бахши таҳсилоти калонсолон (ТК) беш аз пеш аҳамияти муҳимми бунёдӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Омӯзиши илм барои инсон муқаддамтарин рисолат ба ҳисоб меравад ва он набояд дар ягон марҳилаи ҳаётиаш қатъ гардад. Бинобарин ин дар раванди бархӯрдҳои шадиди муосир рӯ овардан ба илм аз тарафи ашхоси калонсол ҳамчун намунаи ибрат ба насли оянда пазируфта мешавад.

Ислоҳоти ҷомеа ва низоми маориф ҳамчун ҷузъи пешбарандаи он, каблан, сифати нави фаъолияти педагогӣ ва тағйир додани шуури шахсонеро, ки ба ислоҳоти маориф нигоҳи тоза доранд, тақозо мекунад. Аз таҳсилоти анъанавӣ ба системаи ба шахсият равонагардида бе педагоги фаъолу истеъдоди эҷодидошта, ки ба муайянсозии бартарияти фаъолияти касбии омӯзгориву инкишофи хеш равонааст, имкон надорад.

Таҳлили таҷрибаи оммавӣ ва пешқадами такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, инчунин, таҳқиқоти назариявӣ оид ба ин масъала гувоҳӣ медиҳад, ки дар низоми такмили ихтисоси муаллимон дигаргуниҳои ба назар намоён ба амал меоянд: мақсад, мазмун, усул ва шаклшои раванди такмили ихтисос таҳрир ва таҷдид меёбанд. Муҳаққиқон роҳу усулҳои гуногуни ҷалби калонсолонро ба таълим пешниҳод намуда, зимни таҳқиқотҳо барои ҷалби сартосари онҳо чораҳои амалӣ меандешанд. Аз ҷумла, ташкили шаклҳои махсуси таълим дар корхонаю ташкилотҳо ва алоқаи байни олимони соҳа бо намояндагони касбу кори гуногун яке аз ин гуна амалҳои воқеӣ мебошад.

Ташаккул ва рушди таълими ашхоси калонсол ҳамчун бахши мустақили илми педагогика аз раванди пайвастаю муттасили он вобастагӣ дорад. Аз сабаби он ки ҳайати кормандони муассисаву корхонаҳоро асосан калонсолон ташкил медиҳанд, синусол, ҷанбаи милливу иҷтимоӣ, равонӣ ва вижагиҳои дигари калонсолон бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Аз ин лиҳоз,

илми андрагогикаи муосир масоили назариявӣ ва амалии тарбияву таълими калонсолонро дар масири умр бояд фаро гирифта бошад. Андрагогика ба сифати илми худшиносиву худогоҳии шахсияти калонсол ба маънии васеъ дарк мегардад. Мусаллам аст, ки қисме аз инсонҳо  дар давраи ҷавонӣ аз донишҳои амиқ бархӯрдор мегарданд, аммо гуруҳи дигар оҳиста - оҳиста, марҳила ба марҳила дар тӯли умр донишу малакаҳо, таҷрибаву салоҳиятҳоро пайдо мекунанд. Илми андрагогикаи муосир ба инкишофи ашхоси калонсол кӯмак расонида, дар бозёфти ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа, азбар намудани дониши нав ва иттилооти зеҳнӣ-маърифатӣ кумак мекунад.

Маълум, ки майдони бархӯрди манфиатҳои илмӣ барои донишандӯзии калонсолон роҳи васеъ мекушояд. Аз ин лиҳоз, асолати маърифатии андрагогика ба маънии комил ва аслиаш роҳнамоии калонсолон буда, барои рушди ҳамаҷонибаи маърифатӣ-зеҳнии онҳо роҳ мекушояд. Воқеан, андрагогикаи муосир ба сифати яке аз бахшҳои ҷадиди илми педагогика дар авохири қарни 20 пайдо шуда, ба кулии ашхоси калонсол такони муассир бахшид.

Алъон илми андрогига ҳамчун бахши мустақил дар раванди таълим ҷойгоҳи хешро ҳануз пурра наёфтааст. Заминаҳои илмии методологиву назариявии андрагогика ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар мамлакатҳои хориҷӣ то ҳол ба таври амиқ таҳқиқ наёфтаанд. Аз ин лиҳоз, гузориши мантиқии масъала ва таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии он муҳим ва мубрам будани мавзуи диссертатсияи мазкурро собит месозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар адабиёти илмии ватанӣ масъалаҳои мухталифи андрагогика мавриди баррасӣ, тасниф ва тавсифи муҳаққиқ, профессор Ҷ. Алимӣ [5] қарор гирифта, дар адабиёти илмии рус дар ду мақолаи Б.М. Бим-Бад «Маориф дар шароити сотсиализатсия» [24] ва С.Г. Вершловский «Таълими давомдор: Таълими таърихӣ ва назарияи падида» [18] андешаву назари муаллифонро инъикос намудааст. Сонитар,

таълимоти андрагогӣ ва ѐ калонсолон аз ҷониби як зумра муҳаққиқони рус мавриди таҳқиқ, омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар мамоликоти хориҷи кишвар масъалаҳои ташаккул ва рушди андрагогика дар таълифоти Б. Самоловчев «Соҳаҳои маориф дар гузашта ва пеш аз мо» [212] баррасӣ шудааст. Аз солҳои 50-60-и нимаи дуюми асри XX сар карда оид ба ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти калонсолон: ташкилӣ, фалсафӣ, сотсиологӣ, иҷтимоию психологӣ таҳқиқотҳои зиѐд гузаронида шуд. Дар асарҳои бархе аз муаллифону муҳаққиқони хориҷӣ (солҳои 50-60) масъалаҳои ташкили таълими калонсолон, риояи принсипҳои дидактикию методии он ба миѐн гузошта шуд.

Аз ҷумла, дар рисолаҳои илмии А.Д. Пинг «Баъзе проблемаҳои таълими калонсолон ва педагогика» [191], А.В. Даринский «Педагогикаи калонсолон, предмет ва вазифаҳои он» [65], М. Дурко «Ҷанбаҳои педагогии таълими калонсолон» [260], Н.И. Бокарев «Баъзе проблемаҳои таълими калонсолон ва педагогика» [192], Ҷ. Кидд «Чӣ тавр калонсолон меомӯзанд» [271], Г.Л. Миллер «Таълим ва омӯзиш дар таълимӣ калонсолон» [293], Ҷ. Мак Кинли «Усулҳои эҷодӣ барои синфҳои калонсолон» [252], М. Семенский «Андрагогика ва назарияи таълим» [216], Б. Морган «Усулҳо дар таълими калонсолон» [294], Б. Самоловчев «Соҳаҳои маориф дар гузашта ва пеш аз мо» [212], Ф. Урбачик «Дидактика дорослых» [239], Л. Турос «Мавқеи андрагогҳо дар системаи илмҳои педагогӣ» [304] масъалаҳои таълими калонсолон махсус ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аксари муҳаққиқон таълими калонсолонро дар доираи илми педагогика баррасӣ намуда, вижагиҳои онро аз нигоҳӣ таълиму тадрис мушаххас ва муайян кардаанд.

Солҳои 1950-1960 дар асарҳои муҳаққиқон Б. Самоловчев «Соҳаҳои маориф дар гузашта ва пеш аз мо» [212], профессори машҳури олмонӣ Ф. Поггелер «Усули таълимӣ калонсолон» [297], муҳаққиқи лаҳистонӣ Л. Турос «Мавқеи андрагогҳо дар системаи илмҳои педагогӣ» [304], М. Семенский «Андрагогика ва назарияи таълим» [216] истилоҳи «андрагогика» бори аввал зикр ва пешниҳод гардид. Муаллифони мазкур кӯшиш карданд, ки тафовути

байни андрагогика ва педагогикаро дар қисмати гузориши масъала ва роҳу равиши таҳқиқу тафсири он муайян кунанд.

Оғози ташаккули андрагогикаро ҳамчун илми мустақил метавон ба соли 1970 нисбат дод, ки асари мукаммали назарӣ ва амалии муҳаққиқи барҷастаи амрикоӣ М.Ш. Ноулз «Амалияи муосири таълими калонсолон» [125] исботи барҷастаи фикри гуфташуда аст. Аммо М.Ш. Ноулз робита бо махсусиятҳои таълими ашхоси калонсол принсипҳои бунѐдӣ, сохтори андрагогӣ ва амсилаи андрагогии омӯзишро равшан муайян накардааст.

Дар солҳои минбаъдаи асри XX ба омӯзиши проблемаҳои ТК корҳои зиѐде анҷом дода шуданд. Муҳаққиқон дар самти пажуҳиши таҳияи барномаҳо ва таҳияи дастурҳои таълимию методӣ оид ба таҳсилоти калонсолон саҳми арзанда гузоштанд. Аз ҷумла, Д.Ҳ. Брундеж «Принсипҳои омӯзиши калонсолон ва татбиқи онҳо дар банақшагирии барнома» [252], Р.Г. Багнал «Принсипҳои таълими калонсолон дар тарҳрезӣ ва идоракунии таълим» [284], К. Гриффин «Барномаи таълимии назарияи таълими калонсолон ва якумра» [265], Д. Макерачер «Принсипҳои омӯзиши калонсолон ва татбиқи онҳо дар банақшагирии барнома» [252], А.Б. Кнокс «Рушд ва омӯзиши калонсолон» [279], П.А. Мак Лаган «Кӯмак ба дигарон омӯхтан: Тарҳрезии барномаҳо барои калонсолон» [290].

Дар самти фардикунонии таҳсилоти ашхоси калонсол таҳқиқоти М.Ш. Ноулз «Донишҷӯи калонсол: проблемаҳои нодида гирифтан» [125], К.А. Туф «Лоиҳаҳои омӯзишии: равиши нав ба назария ва амалия дар омӯзиши калонсолон» [303], Т. Элсдон «Пешрафт ва проблемаҳои таълими калонсолон» [262], С. Брукфилд «Фаҳмидан ва мусоидат намудан ба омӯзиши калонсолон» [251].

Дар бахши хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорон дар низоми таҳсилоти калонсолон - Э. Ҷонс «Таълими калонсолон: равиши омӯзиши фаъол» [270], Д. Нойер «Дастури амалияи формати: Г санъати консевоир ва ташаккули таълим» [296], М. Лесне «Тарбияи педагогӣ ва ташаккули калонсолон» [283], А. Роҷерс «Озодии Лиам» [299].

Дар робита ба хусусиятҳои хоси кори донишандӯзии ашхоси калонсол - Ю.Н. Кулюткин «Психология обучения взрослых» [126], К.П. Кросс ««Усулҳои баҳодиҳии синф» [247], Ҷ. Миллитан «Услубҳои маърифатӣ ва омӯзандаи калонсолон» [254], М.Ш. Ноулз «Донишҷӯи калонсол: намуди нодида гирифташуда» [125], С. Меррием «Омӯзиши калонсолон» [291], Ҳ. Титгенс, Ҷ. Вейберг «Калонсол дар соҳаи таълиму тарбия» [302].

Оид ба принсипҳо ва хусусияти дидактикӣ ва методологии таҳсилоти калонсолон - Э. Ҷонс «Таълими калонсолон: равиши омӯзиши фаъол» [270], С. Брукфилд «Фаҳмидан ва мусоидат намудан ба омӯзиши калонсолон» [251], К.Т. Элсдон «Пешрафт ва проблемаҳои таълими калонсолон»[262], Г. Юнг «Дидактикаи хурди калонсолон» [259], Л.Н. Лесохина «Мазмуну усулҳои таълимӣ калонсолон» [130], М.В. Галбрейт «Усулҳои омӯзиши калонсолон» [263], Ф. Поггелер «Усули таълимӣ калонсолон» [297], Л. Турос «Мавқеи андрагогҳо дар системаи илмҳои педагогӣ» [304].

Дар самти таъмини шароити мусоид барои таҳсилоти калонсолон - Р. Пирс «Ба вуҷуд овардани шароит барои таълимӣ калонсолон» [268], тайёр кардани омӯзгорон-андрагогҳо дар ТК С.Д. Легге «Таълим ва такмили минбаъдаи муратаббиёни калонсолон» [281], С.М. Грабовски «Тайёр кардани мураббиёни калонсолон» [264], К.Т. Элсдон «Пешрафт ва проблемаҳои таълими калонсолон» [262] ва амсоли он.

Мутаассифона, ғояҳои пешбарандаи М.Ш. Ноулз дар асарҳо ва рисолаҳои илмӣ такмили минбаъдаи муназзам ва мантиқии худро наёфтаанд. Фарогирии комил ва пурвусъати таҳсилоти калонсолон дар нимаи дуюми асри XX дар самти ташкили эмпирикии таълим ба риштаи таҳқиқу татбиқ кашида шуда, барои асоснок намудани тарзу равиши шакли ҷадиди таълими ашхоси калонсол пешниҳодҳои тоза ба миён гузоштанд.

Зарурат ва ба мақсад мувофиқ будани асосҳои низоми илмии таълими калонсолон таҳқиқи қонунҳои асосӣ, принсипҳо ва тафовут ва фарқияти онро аз принсипҳои мавҷудаи ТК тақозо мекунад. Чунин усули муносибат ба таҳқиқоти илмии мазкур масъалаи интихоби объект, предмет, ҳадафи

таҳқиқот, вазифаҳои онро мушаххасан ба маъразი муҳокима, омӯзиш ва таҳқиқ мегузорад.

Тазаккур бояд дод, ки оғози ташаккули таҳқиқи масъалаҳои илми андрагогикаро ҳамчун илми мустақил метавон ба фаъолияти пажуҳишии донишманди машҳури амрикоӣ М.Ш. Ноулз «Амалияи муосири таълими калонсолон» [125] марбут донист. Дар солҳои минбаъдаи асри XX корҳои зиёде ҷиҳати омӯзиши масъалаҳои фардии мушаххаси ТК бахшида шуда, дар фасли таҳияи барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ барои таҳсилоти калонсолон, фардикунонии он, вижагиҳои хоси фаъолияти омӯзгорон ва хонандагони калонсол, асосҳои методологӣ ва принсипҳои дидактикии таълими калонсолон, ҳавасмандкунии раванди таълим, омода кардани кадрҳои болаёқати омӯзгорӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ андешаҳои ҷолиб баён гардид.

Муаллифони дар боло зикршуда бобати ба низом даровардани маълумоту донишҳо дар соҳаи андрагогика саҳми назаррас гузоштанд. Дар ҳамин ҳол баъзе самтҳои ин мавзуъ ҳанӯз ҳам ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Дар байни чунин ҷанбаҳои камтар омӯхташуда, пеш аз ҳама, масъалаҳои марбут ба методҳо ва шаклҳои такмили ихтисоси омӯзгоронро қайд кардан зарур меояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаву мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертсионӣ дар доираи татбиқи Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №357) ва Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Точикистон барои солҳои 2016-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2016, № 268) анҷом дода шуда, бевосита ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии МДТ "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ" барои солҳои 2018-2022 дар мавзуи «Шакл ва технологияҳои муосири

инноватсионии такмили маҳорати касбии омӯзгор дар муассисаҳои таълимӣ» иртибот дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии андрагогика, таҳияи механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– омӯзиш ва таҳлилу баррасии таҷрубаи ҷаҳонӣ дар ташаккул ва рушди андрагогика ба сифати илми мустақили муосир оид ба таълими ашхоси калонсол;

– коркарди технологияҳои татбиқи андрагогӣ дар системаи такмили ихтисоси омӯзгорони соҳа;

– мураттаб кардани муқаррароти ибтидоии муносибатҳои методологӣ ба таълим;

– ташкили барнома ва адабиѐти асосӣ барои таълими калонсолон;

– таҳияи нақшаҳои мушаххас дар асоси барномаи фанни андрагогика ва сафарбар намудани калонсолон ба омӯзиш;

– ташаккули фаъолияти маърифатии калонсолон дар асоси талаботҳои ҷомеаи муосир;

– таҳияи асосҳои мундариҷаи таълими омӯзгор-андрагог;

– рӯи кор овардани таҳияи асосҳои мундариҷаи таълими устоди соҳаи андрагогика.

**Объекти таҳқиқот.**

Раванди аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** – Назарияи андрагогика ва амалияи таҳсили калонсолон дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарзияи таҳқиқот:** Андрагогика дар сурате метавонад ҳамчун назарияи таълим рушд ѐфта, барои беҳтар гардидани донишҳои тахассусии омӯзгорон мусоидат намояд, **агар:**

– хусусиятҳои хоси таълими калонсолон дар робита бо асосҳои назариявӣ ва методологии илми андрагогика таҳқиқ гардида, роҳу усули мушаххаси фаъолияти ин қишри муҳимми ҷомеа коркард гардад;

– асосҳои фанни андрагогика дар заминаи талаботҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва маънавӣ коркард карда шуда, заминаҳои бунѐдӣ барои роҳандозӣ намудани таълими он фароҳам оварда шаванд ва он ба яке аз муқаррароти табиӣ табдил дода шавад;

– масъалаҳои назариявии фан пурра муайян шуда, ҳар як ҷанбаи фалсафии фан рушд, антропологияи муоширату коммуникатсионӣ рӯшан намуда шавад амсилаҳои таълими ашхоси калонсол дар системаи такмили тахассус мавриди санҷиш қарор ѐбаду дар таҷоруби самти мазкури таҳсилот ба роҳ монда шавад;

– ҳар як ҷанбаи дидактикӣ дар ТҒ дар системаи инкишофи касбиву педагогии андрагогӣ муосир қонуниятҳои сохтор, фаъолият ва рушди он аз мавқеи табиати илми андрагогика дар низоми такмили ихтисос муайян ва такмил дода шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳлили адабиѐти вобаста ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ ва таҳияи диссертатсия дар тамоми давраҳои таҳқиқотӣ (солҳои 2016-2022) дар се марҳила иҷро гаридааст. Натиҷаҳои ҳосилшудаи назариявӣ ва амалӣ дар рафти озмоиши педагогӣ пайваста санҷида, дақиқ мегардиданд, ки якчанд марҳиларо дар бар мегирифт:

– ***марҳилаи аввал*** (солҳои 2016-2018) давраи таҳқиқоти назариявӣ ва ташхисии мушкилоти таълими ғайрирасмӣ (ТҒ). Дар ин марҳила сатҳи рушди назариявии проблема дар назария ва амалияи таълими муаллимон омӯхта шуд; муносибатҳои методологӣ ба рушди назарияи ТҒ дар низоми такмили ихтисос муайян гардид; тамоюлҳо ва омилҳое, ки ба тағйири низоми

такмили ихтисос таъсир мерасонанд, ошкор карда шуд; мундариҷаи саволномаҳо, пурсишномаҳо таҳия ва вазъи таҳсилоти калонсолон санҷида шуд; самтҳои стратегии раванди таҳсилоти калонсолон муайян гардид, ки дар асоси он ҷанбаҳои назариявии ТҒ муқаррар карда шуд.

– ***марҳилаи дуюм*** (солҳои 2018-2020) бо таҳқиқоти назариявию озмоишӣ оид ба рушди назария ва методологияи ТҒ дар низоми такмили ихтисос алоқаманд аст: таҳияи барномаи озмоишӣ ва воситаҳои ташхиси он; гузаронидани кори озмоишӣ; равиши маҳаллӣ ва мунтазами мавқеи назариявӣ ва ҷузъи дидактикии таълими ғайрирасмӣ; гузаронидани марҳилаҳои таҷриба.

– ***марҳилаи сеюм*** (солҳои 2020-2022) давраи эҷодии озмоиш гузаронида шуда, фарзияи таҳқиқ ислоҳ ва такмил дода шуда, натиҷаҳои дар рафти назорати мақсаднок бадастомада инъикос ва таҳлил карда шуд, ки дар он мавқеи назариявӣ, таҷҳизоти дидактикӣ бар пояи маълумоти таҷрибавӣ ба асос гирифта шуд. Дар ин марҳала инчунин коркард, мураттаб намудан ва ҷамъбасти маводи илмӣ, таҳияи хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣӣ роҷеъ ба ТҒ сурат гирифт. Ҳамчунин, тавсияҳо, таҳия ва нашри монографияҳо, дастурҳои методӣ оид ба мушкилоти таҳқиқ, ба итмом расонидани кор дар шакли рисолаи докторӣ, дурнамои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ТҒ барои калонсолон самараи ин марҳилаи таҳқиқ мебошанд.

Натиҷаҳои пажӯҳиши илмиро метавон чунин арзѐбӣ кард: асосноксозии назариявӣ ва методологии ғояҳо ва пешниҳодҳо; истифодаи низоми муносибатҳои методологӣ оид ба рушди назарияи таълими ғайрирасмӣ; истифодаи маҷмӯи усулҳои иловагии таҳқиқотии мувофиқ ба ҳадаф, гипотеза, вазифа ва роҳҳои ҳалли мушкилот; асоснокӣ ва заминаҳои озмоишӣ; гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавӣ; муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи васеи такмили ихтисос дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, маълумоте, ки дар таҳқиқоти қаблӣ ба даст омада буд; озмоиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар амалияи педагогӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** ташкил мекунанд:

− методологияи педагогика ва таҳқиқоти педагогӣ (таълифоти В.Ю. Новожилов [171], А.М. Новиков [170], Н.В. Бордовская [28], В.В. Краевский, Е.В. Бережнова [114], Н.А. Вершинина [37], В.И. Загвязинский [77] ва дигарон);

− назарияи муносибат ҳамчун категорияи методологӣ дар таълим (таълифоти Н.В. Бордовская [28], В.А. Розин [206], Т.А. Ромм [210], Е.В. Титова [236] ва дигарон);

− назарияи фалсафӣ – антропологии муоширати (таълифоти Б.Ф. Ломов [137], А.А. Макареня [149], Б.М. Бим-Бад [24] ва дигарон);

− назарияи ТК (таълифоти С.И. Змеев [83], Р.А. Исламшин [92], Ю.Н. Кулюткин [126], А.И. Кукуев [121], Н.Д. Никандров [166], А.А. Макарена [149], А.М. Митина [161], Б.Г. Онушкин [179], В.И. Подобед [195], Э.П. Тонконогая [105], Н. Букин [29], С.Г. Вершловский [41], М.Т. Громкова [60], А.В. Даринский [65] ва дигарон);

− ҷанбаҳои назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ТМ (таълифоти Ҷ. Алимӣ [5], А.М. Мирализода [5-М], П. Кумбс [127], Х.Л. Миллер [293], С. Гриффин [265], Т. Мухлаев [133], Л.Ю. Монахов [156], Н.Ю. Морозова [163] ва дигарон);

− асосҳои назариявии такмили ихтисоси ҳайати профессорону педагогон (таълифоти О.В. Ройтблат, А.А. Макареня, Н.Н. Суртаева [208], И.В. Крупина, А.П. Ситник, Э.М. Никитин, И.Э. Савенкова [117], С.В. Алексеев [4] ва дигарон);

− ғояи такмили ихтисос дар марҳилаҳои мухталифи ҳаѐти инсон (таълифоти К.А. Бисенов, Н.А. Лобанов, В.Н. Скворксова [25] ва дигарон).

**Сарчашмаи маълумот.** Ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи равандҳои ислоҳот дар соҳаи маориф дар даҳсолаҳои охир, аз ҷумла, санадҳои меъѐрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсили калонсолон» (аз 24 феврали соли 2017, №1394, бо Қарори Маҷлиси

намояндагони МОҶТ аз 26 октябри соли 2016, №584 қабул шуда, бо Қарори Маҷлиси миллии МОҶТ 16 феврали соли 2017, №334 тасдиқ шудааст), Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, Барномаи рушди таҳсилоти касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи рушди таҳсилоти касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷират, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007, №518, аз 5 марти соли 2008, №115, аз 2 феврали соли 2009, №77, аз 29 апрели соли 2009, №276 дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, стандартҳои таҳсилоти касбӣ, барномаҳо, лоиҳаҳои таҳқиқотии ЮНЕСКО.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар таҳқиқот методҳои зерин истифода шуданд:

– **назариявӣ** – таҳлили адабиёт, сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷамъбаст, таҷзия ва ҷамъбасткунӣ;

– **таҷрибавӣ** – намудҳои гуногуни мусоҳиба (мустақим, ғайримустақим, расмикунонидашуда, мақсаднок ва пурсиши озод), усули муоширати шахсӣ бо мусоҳиб, мушоҳидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, мусоҳибаҳо, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ, озмоиши педагогӣ. Усулҳо ҳамчунин бо истифодаи ТИК татбиқ карда шуданд. Ин ба мо имкон дод, ки аз доираи васеи андешаҳои муаллимон баҳраманд гардем;

– **оморӣ** – рейтинг, коркарди омории маълумоте, ки дар озмоиши педагогӣ ба даст оварда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар заминаи марказҳои таълими калонсолон, филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаи Кӯлоб ва Бохтари вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

Иштирокчиѐни таҳқиқот дар давраи аз соли 2016 то 2022 омӯзгорони фанҳои гуногун, роҳбарони хадамоти методӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, андрагогҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо фарогирии умумии пурсидашудагон зиѐда аз 1800 нафар) буданд.

Ин ба мо имкон дод, ки натиҷаҳоро на барои як минтақа, балки барои низоми такмили ихтисос дар тамоми Тоҷикистон муқаррар ва муайян созем. Дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот аз минтақаи Кӯлоб ва Бохтари вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон 468 нафар иштирок намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

1) кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти проблемаи асосҳои андрагогии таълим дар низоми соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Натоиҷи ба даст омада зимни таҳқиқ андрагогикаи ҳозиразамон ва таълими ашхоси калонсолро ташкил медиҳад ва ҳамчунин барои омӯзишу баррасии хамаҷониба ва васеи ин мавзуъ кумаки бедареғ хоҳад кард.

2) марҳилаҳои рушду инкишофи андрагогикаи калонсолон муайян ва таруктураи пайдарҳамии он таҳия ва ироа карда шуд;

3) пойгоҳи назариявии ташкили амалии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ТҒ ва андрагогика мушаххас карда шуд;

4) инчунин равиш ва усулҳои омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми такмили тахассус ва омодагии ҳайати педагогӣ таҳия карда шуд;

5) амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог асоснок карда шуда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятмандии педагогии ӯ муайян карда шуд. Ин равиши кори андрагог аз масъулияти анъанавии муаллим тафовут дорад;

6) бар пояи идеяҳои аслӣ ва натиҷаҳое, ки ба даст омада ва санҷида шудаанд, монографияҳо, дастурҳои таълимӣ – методӣ, барномаҳои курсҳои

такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақолаҳо ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардид;

7) худомӯзии насли калонсолро ҳамчун талаботи рисолати он муқаррар ва бо тарзу усулҳои муайян ба роҳ мондани онро ошкор намуд;

8) дар асоси таҳкикотҳои илмӣ ва озмоишҳои гузаронидаи олимони хориҷию ватанӣ самтҳои асосии ба таълим фарогирии насли калонсолсол ба маҷрои табиӣ даровarда шуд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Сохтори хронологии андрагогика ҳамчун илм дар бораи таҳсилоти калонсолон, ки дар байни илмҳои марбут ба таълим нисбатан нав буда, ба ҳадафҳои таълиму тарбияи калонсолон нигаронида шудааст.

2. Давраҳои ташаккули андрагогика ҳамчун илми мустақил, моҳият, фарқият ва умумияти илмҳои мухталиф дар бораи инсон (фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология) ва маориф (педагогика, иқтисод, фалсафаи таълим, сотсиологияи таълим).

3. Ҳафт мавқеи оғоз барои андрагогика:

1) хонандагони калонсол ба мустақилият ва худидоракунӣ майл мекунанд ва амалҳои худро чунин эътироф ҳам мекунанд;

2) аз ҳаёт барои хеш таҷрубае меандӯзанд, ки он ҳамчун сарчашмаи муҳимми таълим мавриди истифода қарор меёбад;

3) ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти аслии зиндагӣ омода гардида, ба донишҳои мавриди ниёз мусаллаҳ мегарданд;

4) дар корбурди донишу малакаҳо мустақилона амал мекунан ва дар ин росто ба монеаву мушкилот дучор намегарданд: таълими калонсолон тавассути авомили муваққативу иҷтимоӣ, фазоиву ботинӣ ва ҳирфаӣ амалӣ карда мешавад;

5) зимни таълим ба иҷрои нақши мудирият омода мегарданд;

6) ҷараёни таълим дар низоми таълими ҳамгироӣ роҳандозӣ мегардад.

4. Низоми таълими калонсолон шомили мавориди аслии фаъолияти омӯзандаи калонсолон ва мураббӣ буда, бар асоси панҷ хосиятҳо гурӯҳбандӣ карда шудааст:

– огоҳии худи таълимгиранда;
– таҷрибаи кории таълимгирандагон;
– мақсаду ҳавасмандии таълимӣ дар толибилмони синусоли мухталиф;
– истифодаи донишу маҳорат ва малакаҳо аз ҷониби худи толибилмон;
– малакаву сифот;
– ширкат варзидан дар созмон додани ҷараёни омӯзиш.

Ин амсила аз амсилаи педагогии таълим фарқияти махсус дорад ва ба принсипҳои асосии андрагогии таълим, ки мухтасар (дар шакли фишурда) омадаанд, асоснок гардидааст: бартарияти корҳои мустақилона дар фаъолияти ашхоси калонсол; кори якҷояи педагогу таълимгирандагони калонсол; вобаста будан аз таҷоруби толибилм, инфиродсозӣ, системавӣ, қаринавӣ, интихобиву огоҳии маърифативу таълимӣ, диди нави натоиҷи таълим, инкишофи эҳтиёҷот ба таълим;

Системаи асоснокшуда ва илмии амалиёти калонсолону омӯзгорон методологияи ТК-ро ташкил медиҳад ва барои ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ кӯмак мерасонад. Он дар амалия аз ҷониби хонандагони калонсол ва педагогҳо дар чаҳорчӯби корҳои мушаххасе шомили шаш марҳила амалӣ карда мешавад: 1) омӯзиш; 2) барномарезӣ; 3) ташкили шароит; 4) татбиқ; 5) арзёбӣ ва 6) ворид намудани тағйиру ислоҳ ба ҷараёни таълим.

Қайд кардан ба маврид аст, ки чунин тарзи кору фаъолият аз ҷараёни маъмулии таълим тафовут дорад.

Амсилаи дигар аз фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, тамоюлоти арзиши педагогии ӯ вобастааст. Роҳу воситаҳои тайёркунии андрагогҳои босалоҳият - таҳияи технологияҳои вусъати донишу малака ба ташаккули маҳорату амалҳои таълимдиҳандагон кӯмак мерасонан.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– мафҳуми ТК васеъ гардида, дар ин замина таҳаввулоти ғояҳо ошкор карда шуд, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни ТҒ муайян гардида, бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ гардад;

– ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар ТК пешбинӣ шудааст, дар назарияи ТК пешниҳод шудааст;

– ба сифати методологияи калидӣ истифода шудани назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии ТК асоснок гардида, тибқи он фаъолияти коммуникатсионии омӯзандагон муқаррар шудааст;

– ҷузъҳои ТК ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ муайян карда шудааст (робита, мақсад, мавзуи муошират, эҳтиёҷот ба муошират, ҳавасмандии коммуникативӣ, фаъолияти коммуникатсионӣ, вазифаҳои коммуникатсионӣ, воситаҳои алоқа, воситаҳои коммуникатсионӣ);

– таҷзияи се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) пешниҳод карда шудааст, ки он имкон медиҳад ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва ҳам дидактикии омӯзишро ҳамчун асос барои дониши нави назариявии ТҒ ба назар мегирад;

– ҷузъҳои назарияи ТҒ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ баррасӣ карда шудааст;

– муносибатҳои методологӣ, қонуниятҳо, омилҳо, тамоюлҳо, самтҳо ва масъалаҳои марбут ба таълими мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

– ҷанбаи дидактикии ТҒ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълими педагогон нишон дода шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса ва муқаррароти таҳқиқоти озмоиширо нуктаҳои зерин таъмин менамоянд:

– асоснокии назариявию методологии ғоя ва муқаррарот;

– истифодаи низоми равишҳои методологӣ дар таҳияи назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ;

– истифодаи маҷмуи усулҳои иловагии таҳқиқот, ки ба ҳадаф, фарзия, вазифаҳо ва масъалаи ҳалшаванда мувофиканд;

– намояндагии пойгоҳи таҷрибавӣ – озмоишӣ ва намунаҳо;

– гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ;

– муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи ғании баланд бардоштани сатҳи тахассус дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ва маълумоти дар таҳқиқоти қаблӣ гирифташуда;

– санҷиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои дар амалияи педагогӣ бадастомада дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошанд:

– *банди 1.* Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ, корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ;

– *банди 6.* Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот;

– *банди 7.* Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар амалисозии тадбирҳои зерин зуҳур меёбад:

– гузарондани таҳлили назариявӣ ва методологии рушди проблемаи ТМ, таҳияи асосҳои консептуалӣ, методологӣ, технологӣ ва ташкилии таълими ғайрирасмӣ;

– коркарди ҷанбаҳои назариявии таълими ғайрирасмӣ;

– муайян намудани омилҳо ва тамоюлҳои муайянкунандаи тағйироти низоми такмили ихтисос;

– муайян кардани функсияҳо, гурӯҳи принсипҳои таълими ғайрирасмӣ;

– ташкил ва гузаронидани озмоиши педагогӣ;

– инкишофи таълими ғайрирасмии дидактикӣ;

– идоракунии фаъолияти таҳқиқотии олимони ҷавон;

– идоракунии якчанд лоиҳаҳо;

– таҳияи нашрияҳои марбут ба мавзуи таҳқиқ, рисолаи диссертатсионӣ ва автореферати он.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда дар монографияҳо ва дастурҳои таълимӣ «Андрагогика (таҳсилоти идоманоку ғайрирасмӣ)», (2017), «Андрагогика: ташаккул, хусусиятҳо ва асосҳои назариявӣ», (2021), «Андрагогика: омили такмил додани инсон», (2016), «Асосҳои технологияи таълими калонсолон», (2020), «Назария ва методикаи таълими расмӣ ва ғайрирасмӣ», (2021), «Технологияи рушди таълими ғайрирасмӣ», (2017), «Ҷанбаҳои назариявии такмили ихтисоси кадрҳо ва андрагогика (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», (2016), инчунин маърӯзаҳо дар конференсияҳои мухталифи илмӣ ва амалӣ, бахусус дар конференсияи ҷумҳуриявию байналмиллалӣ «Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият», (Кӯлоб, 2018), «Ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таълимӣ-омили муҳими баланд бардоштани сифати таълим» (Хуҷанд, 2018), «Тарбия ва тайѐр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон дар шароити имрӯза» (Кӯлоб, 2019), «Илм ва технологияи асри XXI» (Кӯлоб, 2020), «Нақши муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар» (Душанбе, 2020), «Масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» тибқи назарияи фалсафӣ-антропологӣ ва коммуникатсионӣ» (Душанбе, 2020), «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир» (Кӯлоб, 2021), «Нақш ва аҳамияти таълими фосилавӣ дар шароити пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ» (Кӯлоб, 2021) ва конфронсҳои ҳарсолаи илмӣ ва амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар ҷараёни хондани курсҳои озмоишии муаллиф – «Андрагогика: моҳият ва мундариҷа» ва «Усулҳои таълими калонсолон» дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб мавриди истифодаи амалӣ қарор дода шудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 60 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 номгӯй монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методӣ, 54 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, аз ҷумла, 30 номгӯй дар алоҳидагӣ ва 24 номгӯи боқимонда мақолаҳои дар дигар нашрияҳо, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ дар нашрияҳои шомили Пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru бачопрасида ташкил медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», панҷ боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 356 саҳифаи матни компютерии бо ѐрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, 45 расму диаграмма ва 64 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳамаи бахшҳои диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиѐт фарогири 366 номгӯй мебошад.

# БОБИ I. АНДРАГОГИКА: ТАШАККУЛ, ХУСУСИЯТҲО ВА АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ

## 1.1. Пайдоиш ва ташаккули андрагогика

Таълимдиҳии ашхоси калонсол дар қарни 21 ба появу асос, инкишоф ва такмили тамоми одамон табдил ѐфтааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки одамон ба мушкилиҳои гуногун, аз ҷумла бухрони экологиву демографӣ, ҳастаиву коҳишѐбии ҷаҳоир, гуруснагиву мунокишаҳои милливу иҷтимоӣ дучор гардидааст.

Мо хуб медонем, ки ин бухронҳо боиси як идда аз бухронҳои дигар низ хоҳанд шуд, ки роҷеъ ба онҳо мо дар ин мақтаъ суҳбат нахоҳем кард, чун ҷойи баҳсу андешаҳои онҳо мавзуи рисолаи мо намебошад. Чизе, ки имрӯз моро ба ташвиш овардааст, ин бухрони салоҳияти инсон ва шахсони калонсол мебошад. Имрӯзҳо ҷомеаҳои мудерн бо суръати кайҳонӣ ба пеш меравaнд ва аз назари технологӣ ин қадар пеш рафтаанд, ки расидан ба онҳо кори саҳлу осон нест. Бавежа калонсолон, ки метавонанд барои ҷомеҳои инсонӣ корҳои зиѐдеро анҷом диҳанд аз ин давра хориҷ шуда истодаанд. Аз ин рӯ, салоҳият ва короии онҳо хеле муҳим ва асосӣ мебошад. Мо дида истодаем, ки вақте инсонҳо салоҳияти нокифоя доранд ин мунҷар ба он шуда истодааст, ки мушкилоти ҷомеа бештару бештар мегардад. Чунки таълими ҳамаи инсонҳо сарфи назар аз синну солашон дар поѐни қарни пор шадид гашта истодааст. Маълум аст, ки барои муваффақ гаштан дар ҳаѐт ҳар як инсонро лозим аст, ки ба худомӯзӣ ва таълим машғул шавад. Масалан, дар эъломияи Комиссияи байналмилалии ЮНЕСКО чунин омадааст: «Инсоният бояд пайваста инкишоф ѐбад, дар маҷмуъ, ҳар як шахс дар ҳама синну сол бояд омӯзад» [155, с. 11-12].

Дар ин ҷо зикр кардан ба маврид аст, ки одамони калонсол, ки дар макотиби пор таҳсил карда соҳиби илму дониш гардиданд ва мутобиқшавии онҳо ба шароит ва вазъияти феълӣ то андозае мушкил гардида, онҳоро бо

равиш ва усулҳои пор таълим додан аз имкон берун аст. Бинобар ин, барои ашхоси калонсол таҳияву ироаи равишу шеваҳои нави таълимӣ, мутобиқшавӣ ба шароити кунунӣ, пайдокунии ҷойгоҳӣ хеш зарур мебошад.

Агар мо ба ҷомеаи мутамаддин нигоҳ кунем, он ҷо низ аз насли калонсол сарфи назар накарда, таҷриба ва донишҳои онҳоро ба таври комил дар шароити феълӣ мавриди истифода қарор дода истодаанд. Аз ин рӯ, моро низ лозим аст, ки аз ин захираи хубу пурсамар сарфи назар накунем ва онро ба нафъи давлату миллат мавриди истифода қарор диҳем. Чун дар урфияти мардуми мо мегӯянд, ки «Бе пир марав, ки дар бимонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ». Яъне мо боястӣ аз таҷриба ва дониши калонсолон, ки онро онҳо дар тули зиндагии хеш андӯхтаанд, ба таври самаранок ва ба нафъи умум истифода бурданро ѐд гирем ва дар ҳар амал ҳикматеро пайгирӣ кунем. Калонсолон воқеан захираи тиллоии ҳар як миллат ва давлат маҳсуб меѐбанд ва аз ин рӯ, онро сарфи назар накарда, балки тавре мудирият намудан лозим аст, ки он захира ба нафъи миллату давлат боз солҳо хидмат намояд. Агар мо ба ин қазия аз зовияи ҷаҳони феълӣ нигоҳ кунем, дар бисѐре аз мамолик барои калонсолон шароитҳое роҳандозӣ шудааст, ки онҳо пас аз синни нафақа расидан тоза зиндагии хешро оғоз мекунанд ва аксари онҳо ҳатто муҷаддадан издивоҷ низ мекунад. Бавежа ин ҳолат дар кишварҳои Аврупоӣ ва Чин хеле бармало ба назар мерасад. Ҳоло пас аз гурези иҷмолӣ боз ба асли матлаб баргашта, қазияи хешро дунбол мекунем.

Таърихан, ба таълими кӯдакон диққати махсус дода шуда, барои таълими онҳо усул, шакл ва воситаҳои гуногун муқаррар гардида буд. Яқинан, ин бо хусусияти таълимгирандагон ва вазифаҳои таҳсилот робита дошт. Дар ниҳоят, вазифаи он аз ин иборат буд, ки таҷрибаи бо роҳи душвор азхудкардаашонро ба дигарон расонанд. Ҳамзамон кӯшиш намоянд, ки хурдсолонро тарзе омода созанд, то ин ки ба ҳаѐти мушкили калонсолон ворид шуда тавонанд. Дар як калом бояд гуфт, ки калонсолон муваззафанд насли ояндаро ба ҳаѐт омода кунанд ва онҳоро огоҳ созанд, ки онҳоро дар пеш ҳаѐти хеле печидаву мушкил интизор аст ва роҳи ҳаѐт он қадар ҳам софу

сода нест, ки онро битвон хеле сода убур кард. Барои расидан ба ҳадафи хеш дар зиндагӣ ҳамеша боястӣ дар мубориз омода бошанд ва зиндагиро ин қадар софу сода мапиндоранд, ба қавли маъруф пастию балндиҳои зиндагӣ хеле зиёд аст.

Агар ба зиндагии аҳли башар назар андозем мо яқин мебинем, ки он яку якбора не, балки тадриҷан сифат ва шакли худро иваз намудааст ва инсонҳо дар тули зиндагии хеш муваффақ ба кашфи қавонини зиндагии шуда, фарзандони хешро низ барои он омода кардаанд. Яъне тадриҷан ба омӯзишу таълими онҳо шуғл варзида оҳисат – оҳиста равишҳои дарсу таълимро аз худ карда, онҳоро барои таълими фарзандони хеш ба кор гирифтаанд.

Агар мо ин баҳси хешро идома диҳем, паҳлуҳои мухталифи таълими калонсолонро бармало мекунем. Ҳамон тавре дар боло зикр кардем, мо насли ҷавонро ба зиндагӣ омода мекунем ва донишу таҷрибаи андӯхтаи хешро ба онҳо вогузор менамоем, аммо саволе ба миён меояд, ки оё он донишҳо барои ин насл дар оянда кофӣ аст ё хайр. Ба андешаи мо кофӣ нест. Чун шахс вақте ба кору фаъолият мепардозад аз тадрису таълим дур мешавад ва кору пешаи якнавохти хешро иҷро карда меояд. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки дар фикри омӯзиши калонсолон бошем ва нагузорем, ки онҳо аз доираи фаъолият хориҷ шаванд ва аз ин рӯ шева ва усулҳои таълимро барои калонсолон таҳия ва ироа намоем, ки онҳо дар асраи вақт барои бартараф кардани мушкили хеш мавриди истифода қарор диҳем. Ин яқин аст, ки инсон то поёни умри хеш барои пайдо кардани мавқеи хеш дар зиндаги бояд омӯзад ва ба қавли маъруф «Аз гавҳора то гур бояд омӯхт». Аслаш ҳамин аст, яъне дар ҳеҷ синну сол руҳафтода нашуда камари ҳиммат баста ба илм омӯхтан шуғл варзидан лозим аст. Албатта ба шева ва усулҳои хос ба синну соли хеш ва дарку фаҳми худ.

Табиист, ки пешравии ҷомеа раванди ногузир аст ва баробари он қадам гузоштан тақозои талаботи давру замон мебошад. Барои насли калонсол даст кашидан аз зиндагии сипаришуда ва одаткунонидан ба

шароити нав душвор аст. Аммо зиндагӣ дар вақт ҷараён дорад ва набояд фаромӯш кард, ки низоми ҷадид бояд фарогирии тамоми қишрҳои ҷомеа бошад. Аз ин рӯ, бо падидаҳои нав одат кунонидани насли калонсол ва бо руҳияи нав ба ҳаёт муносибат кардани онҳоро илми андрагогика ба меъёри муқаррарӣ медарорад, ки дар ин масир ба онҳо кӯмаки хешро дареғ надорем ва ҳамеша ҳамроҳу ҳамсафари онҳо бошем.

Мутаносибан, ТК дар тӯли солҳои зиёд инкишофи ҳамаҷонибаро ба даст оварда, он минбаъд низ барои рушди илмомӯзии калонсолон ва самаранокии таълими онҳо мусоидат хоҳад намуд.

Дар ин ҷо як нуктаро ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар ақсои олам ва бавежа дар кишварҳои аз назари саноатӣ пешрафта дигаргуниҳои азим ба вуқуъ пайваста, инчунин тайи ин муддат ҷангҳои харобиоваре ба амал омаданд, ки хеле аз давлатҳо ва ҷомеаҳоро ба коми худ фурӯ бурда, ба хок яксон намудаанд. Аз ин ҷиҳат ҷомеа ба кадрҳои нави бунёнкор ниёз пайдо кардааст. Дар қарни XIX дастандаркорон дарк карда буданд, ки вақте макотиб теъдоди ками одамонро барои омӯзиш фаро гирад, он вақт макотиб вазифаи таъмин истеҳсолотро бо кадрҳои лозима иҷро карда наметавонад. Аз ин рӯ, тасмим бар ин шуда буд, ки шароити таълимро дар мактабҳо беҳтар намуда, инчунин барои таъмини истеҳсолот бо кадрҳои корӣ равиши таълиму тадрисро низ барои калонсолон тағйир диҳанд. Агар ба ин масъала аз дидгоҳи кишвари худамон нигоҳ кунем, мебинем, ки барои ҷумҳурии мо низ ин масъала ҳод буда, ҳаллу фасли худро тақозо дорад. Кишвари Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи се даҳсолаи замони истиқлол дар ҳамаи арсаҳо ҷаҳиши бузургеро анҷом дода, дар радифи кишварҳои дар ҳоли рушд қарор гирифтааст ва метавон гуфт, ки масоилеро ҳаллу фасл намудааст, ки бисёре аз кишварҳои онҳоро дар садсолаҳо низ ҳаллу фасл карда наметавонанд. Масалан, яке аз ин мушкилот ин бартараф кардани ҷанги дохилӣ ва ба иттифоқ овардани тарафҳои даргир, ки ба бисёре аз кишварҳо дар даҳсолаҳо низ имконпазир нашудааст. Инчунин, бартараф намудани буҳрони иқтисодӣ ва дар ҷодаи тараққию рушд қарор додани иқтисодиёти миллӣ ва тарбият

намудани кадрҳои миллии дорои дараҷа ва тахассуси баланд. Ин корҳо ба гуфтан хеле осон аст, аммо дар амал татбиқ намудани онҳо амрест ба маротиб муҳол ва мушкил. Дар чунин шароити сахту сангин роҳбарияти вақти мамлакат ба захираи тиллоии миллат, яъне калонсолон ва тамаддуни ҳазорсолаи миллат такя намуда, давлатро аз бухрон берун кашида, дар ҷодаи рушду тараққӣ қарор доданд. Инро метавон то андазае қаҳронӣ ва худкушӣ дар роҳи миллату давлатсозӣ номид. Ин ҷо низ ин гурези иҷтмолӣ барои таъйиди андешҳои боло ба андешаи инҷониб кофӣ буда, ҳоло мо ба асли матлаб ва мавзуи пайгирии хеш бармегардем, ки он ТК мебошад.

ТК бо дарназардошти кишварҳои гуногун, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як соҳаи мустақил дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурурстӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зерсохторҳои он арзи ҳастӣ намуда истодааст.

То миёнаҳои қарни ХХ зарурати ба миён омадани илми вижаи ТК арзи ҳастӣ кард ва ин илми рӯйи кор омад. Гуфтан ҷоиз аст, ки то арзи ҳастӣ кардани ТК таҷрибаи зиёди эмпирикӣ мушоҳидаҳои дорои омӯзиши калонсолон вуҷуд дошт. Ана дар ин давра фанни нави илмӣ дар риштаи омӯзишу парвариш шакл гирифтан гирифт, ки онро андрагогика номиданд

Истилоҳи «андрагогика», ки монанди истилоҳи *«педагогика»* аз калимаи юнонии andros (мард, шавҳари баркамол, калонсол) + gogika (сарвар, пешрав) сохта шудааст, бори аввал аз тарафи муаллими олмонӣ А. Капп дар соли 1833 бо мақсади таъйин кардани як бахши махсуси педагогикаро ба андрагогика ворид карда шудааст. А. Капп дар китоби худ *«Ғояҳои таълимии Платон»* майлу хоҳиши калонсолонро барои омӯхтан ва эҳтиёҷи онҳоро ҷиҳати машғул будан ба омӯзиш дар тамоми марҳилаҳои ҳаёт зарур донист ва муҳтавои китоби ӯ низ аз ТК иборат буд [98, с. 235-247]. Ақидаи андрагогия дар ибтидои асри ХХ дар Олмон ҳамчун зарурати ТК маъмул гашта буд, вале дар ростои андрагогия ҳамчун технологияи ТК дар соҳаҳо чизе нагуфтаанд – овардааст Т. Ермакова [73, с. 39].

Пайдоиши *«андрагогика»* ҳамчун илми мустақили ТК бо як қатор сабабҳо ва омилҳои хусусиятҳои гуногундошта пайдо шудааст: *иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, педагогӣ* ва *шахсӣ*.

Ҳалли мушкилотҳои ҷомеа, аз ҷумла қазияҳои иқтисодӣ ба тамоми қишрҳои ҷомеа вобаста аст. Ҳалли ин мушкилотҳо аз тамоми наслҳо тақозо мекунад, ки навовариҳои ба ҳаёт воридшударо ба суръати тамом қабул намуда, барои корбасти онҳо талош намоянд. Аз он ҷумла, татбиқи техника ва технологияҳои нав дар тамоми соҳаҳои ҳаёт яке аз омилҳои муҳимтарини рушди он ба ҳисоб меравад. Дар канор мондани насли калонсолон аз онҳо боиси бозмонии равандҳои истеҳсолӣ мегардад, ки ин дар навбати худ барои дигар бозмониҳо оварда мерасонанд. Ҳамон давлатҳо бомаром дар ҳолати рушд қарор доранд, ки калонсолон пешоҳангоми ҷараёнҳои ҷадид гардидаанд. Агар ба риштаи омӯзишу парвариш дар қарни XX нигоҳ кунем мебинем, ки дар ин соҳа дигаргуниҳои азиме рӯйи кор омаданд. Татбиқи технологияи нав дар ҳаёт боиси пайдо шудани имконоти тоза дар соҳаи омӯзиш ва парвариш гардида ба соҳа такони ҷиддӣ дод.

Инчунин, вазъ инро иҷоб мекард, ки тамомии авомили таълимӣ ба риштаи баррасиву омӯзиш кашида шуда, тавсиф карда шаванд ва бо таваҷҷуҳ ба шароити нав ва ҷави нав ва муносиботи ҷадид бо такя ба навгониҳо иро карда шаванд.

Арзи ҳастӣ кардани андрагогика ба ҳайси илми ҷудогона ба он муваффақият ва дастовардҳое марбут аст, ки дар бораи одам ва перомуни низоми омӯзишу парвариш рӯйи кор омада буданд. Чун дар ин самт таконҳои ҷиддие ба вуҷуд омад, ин ҳама дастоварду муваффақият боиси он шуд, ки илме роҷеъ ба таълими калонсолон арзӣ ҳастӣ кунад ва онро андрагогика номиданд. Илми фалса дар пайдоиш ва зуҳури андрагогика нақши калидӣ дорад. Дар авоили қарни XX донишмадони соҳаи фалсафа кӯшиш ба харҷ доданд, ки дар иртибот ба масоил рӯйи кор омада, дар қарни ҷадиди роҳи ҳаллҳое ироа кунанд ва нақши шахс ва ѐ фардро дар чархаи таърих нишон

диҳанд ин ҳама маворид мунҷар ба он шуд, ки появу замин барои омӯзиши инсон ва масоили марбут ба он бунёнгузорӣ шавад.

Донишмандони ришта аз кишвари Россия низ дар авоили қани XX дар андешаронихои хеш нисбат ба инсон ва мавқеи он дар ҷомеа ва нақши инсон дар чархаи таърих ба андешаҳои донишмнадони кишварҳои дигар хеле надик омаданд, бавежа Н. Бердяев [23, с. 125-130], Л. Шестов [244, с. 97-105] ва В.С. Степин [227, с. 79-83]. Онҳо дар осори хеш инсонро хеле таърифу тавсиф намуда, бузургтарини махлуқот, озод ва созанда тавсиф кардаанд. Муносибати ҷадид нисбат ба дарки инсон ва муҳити ӯ гаштанд, ки дар асарҳои файласуфони экзистенсиалӣ П.С. Карако [99, с. 107-133], К. Ясперс [246, с. 257-269] ва В.С. Степин [227, с. 99-103] бештар инъикос ёфтанд. Се шарти асосии экзистенсиализм ҷиҳати шаклгирии андрагогика нақши калидӣ дорад:

Якум, ҳузури инсон ва фаъолияти ӯ арзиши олӣ маҳсуб меёбад. Ҳастии ҷомеа аз нуқтаи назари фалсафа ба диалектика алоқаи ногусастанӣ дорад ва диалектика бошад прогрессро тақозо дорад. Прогресс дар он шароите ба амал меояд, ки онро тамоми аҳли ҷомеа, бахусус калонсолон қабул дошта бошанд.

Озодии инсон мутлақ нест ва он бояд дар асоси пешравии ҷомеа танзим карда шавад.

Ба андеша ва ақидаи ин донишмандон инсон на танҳои ҷавҳари табиӣ, балки мавҷудест, ки худ худро ба вуҷуд меорад, яъне офаридаи худбавуҷудоварандаи интихобӣ маҳсуб меёбад.

Хулласи калом, муҳаққиқон инсонро ба ҳайси ҷисми фаъол пазируфта, эълон доштаанд, ки ӯ бо нияту ҳадафи мушаххас дар масири мушаххасе барои ноил шудан ба аҳдофи дар пеш гузоштаи хеш ҳаракат мекунад.

***Сеюм***, ин донишмандон бар ин андешаву ақидаанд, ки инсон барои вазъу ҳолате, ки дар он қарор доранд масъул мебошанд, яъне ҳар шахс бобати тарзи зиндагии хеш масъул аст ва дар ин ҳолат мо набояд дунболи

ҳарфу ҳадиси дигаре шавем. Дар ин ҷо бе ихтиѐр суханони Хоҷаи бузургвор Ҳофизи Шерозӣ пеши назар меояд, ки эшон фармуда буданд: «Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам, Ҳар он чи кард, бо ман ошно кард», яъне барои вазъу ҳоли инсон ба ҷуз худи ӯ каси дигаре муқассир нест ва набояд ҳам дунболи каси муқассир гашт, ки иштибоҳ аст.

Илми равоншиносӣ дар бораи созмондиҳии раванди таълим ва роли фард дар ин ҷараѐн мафҳуи ҷадидро ворид намуд. Дар ин масир донишмандони амрикоӣ аз қабили К. Роҷерс [205, с. 75-79] ва А. Маслоу [287, с. 15] андешаҳои хубу бикр байн доштаанд. Психологияи гуманистӣ асоси хешро ба сифати системаи исботшуда эътирофу ошкор карда, новобаста аз вазъияту шароит фаъолияти хешро дар доираи қонунҳои мавҷуда ба роҳ мемонад. Бандҳои асосии ин назария ва фаҳмишро он ташкил мекунад, ки инсон сарфи назар аз шабоҳат бо ашхоси дигар дар симои хеш нотакрор аст ва аз ин рӯ, кору пайкори шахс ва аъмолу таҷрибаи ӯ боястӣ ба таври комил омӯхта ва мушаххас карда шавад. Перомуни шахс ва фаъолияту кори ӯ суҳбат намуда, донишмандони соҳа бар ин ақидаанд, ки инсон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар иҷтимоъ рушду тараққӣ карда, барои пайдо кардани мавқеъ ва манзалати хеш дар иҷтимоъ тамомии ҳастӣ ва дороии худро мебахшад ва ботини инсон ба масобаи кайҳон аст, ки дарку фаҳми он кори сахт ва мушкил буда, гоҳан ғайри мақдур мебошад.

К. Роҷерс панҷ банди асосии таълимро аз нуқтаи назари равоншиносии инсонгароѐна ироа кардааст [205, с. 89-107]:

1. Барои омӯзонидани каси дигар ба таври мустақим мо мақдур нестем, ин ҷо мо фақат қодир ба онем, ки ба ӯ кумаку ѐрӣ расонем;

2. Замоне метавон роҷеъ ба муваффақият ва пешравии инсон суҳбат кард, ки он чизе, ки ӯ меомӯзад, ҷиҳати нигоҳ доштан ва пешравии ӯ хизмат кунад;

3. Таҷрибае, ки аз ҷониби хонанда ҳазм шудааст, қодир ба тағйирот дар ботини инсон оварда буда, тамоюл ба таҳриф тавассути рамз ҷараѐн дорад.

4. Шароити корӣ дар сохтор боз ҳам мураккабтар ва таҳдидҳо зиёд мегардад;

5. Вазъи таълимӣ, ки барои самаранокии таҳсилот ҳамчун объект бештар мусоидат менамояд, ҳолатест, ки дар он:

– таҳдиди худи хонанда кам карда мешавад;

– дарки мухталифи соҳа сабуктар мешавад.

Равоншиносии инсонгароёна барои дарку фаҳми ҷараёни таълим ҷавониби пусамареро ба бор овард:

– дарку фаҳми таълим ба ҳайси кори мустақилонаи таълимгиранда;

– дарку фаҳми таълим ба ҳайси кори мустақилонаи таълимгиранда;

– он чи бояд эътироф карда шавад, ки таълимгиранда дар ҷараёни он нақши пешбарро доро бошад;

– идеяи таълим дар ваҳъияти феълӣ ҷиҳати ҳаллу фасли масоили рӯзмара бошад;

– таҷоруби фардӣ бо баҳисобгирии талаботе, ки худи ҳаёт мегузарад, амалӣ гардад;

– бавоярасӣ ба воситаи илми замонавӣ ва кор кардан дар асоси он;

– дар робита ба майлу хоҳишу истеъдод равонасозии шахс ба корҳои ҷамъиятиву амалӣ;

Зимни омӯхтан толибилм ба ҷанбаи гуманистии таълими муосир диққат дода, ҳар як корро дар қолабу ашколи мухталиф иҷро менамояд. Ногуфта намонад, ки зимни ҷараёни таълим таълимгиранда дар масири интихоби амалҳои хеш комилан озод ва ва бидуни қайду банд мебошад. Ин ҷо нақши омӯзгорро низ таъкид кардан ба маврид мебошад, ки дар мавқеъ ва ҷойгоҳи хеш корҳои зиёдеро дар масири таълими таълимгирандагон анҷом дода, онҳоро дар ҷода ва шоҳроҳи дурусти зиндагӣ қарор дода, суқ медиҳад, ки мо натоиҷи онро дар амалкарди таълимгирандагон бармало мебинем ва шоини таҳсину офарин аст.

Муаллим ба ҳайси мураббӣ, машваратчӣ ба хонанда кӯмак мекунад. Таълим ва вижагиҳои он барои ашхоси калонсол ва таъсири инсон ба таълим

аз масоиле мебошанд, ки донишмандон перомуни он андешаҳои худро баён доштаанд, минҷумла донишмандони соҳа бар ин назаранд, ки ин ин ду буъд дар якҷогӣ татбиқи худро меёбанд. Перомуни мактаб ва масоили равоншиносии марбут ба он донишманди амрикоӣ Ҷ. Дюи ибрози андеша намудааст. Агар ба зиндагӣ ва кору фаъолияти ин донишманд назар андозем, мебинем, ки ӯ перомуни вижагиҳои низоми мактаб дар кишварҳои Ғарбӣ андешаҳои ҷлиби диққат баён намуда, роҷеъ ба схоластикӣ будани ҷараёни таълим дар маммолики ғарбӣ изҳори андеша намудааст. Агар ба андешаҳои ин донишманд нигоҳ кунем мебинем, ки ӯҷонибдори он аст, хонанда боястӣ дар асоси манофеи мушаххасе ба таълим ҷалб карда шуда ва ба ӯ дар асоси таҷрибаи шахсии андӯхтааш таълим дода шавад. Ҳамчунин ӯ чунин андеша дошт, ки шакли беҳтарини омӯзишу таълим дар фаъолияти конкретӣ сурат мегирад.

Гирифтани таълим ба ҷиҳатҳои рӯҳу равонии инсон марбут мебошад. Муҳақиқ ба назар гирифтани ин ҷанбаҳоро ба асос гирифта, бо назардошти онҳо ба омӯзиш фаро гирифтани тамоми қишри ҷомеа, бахусус калонсолонро далолат намудааст.

Ғояҳои асосии педагогикаи прагматикии Ҷ. Дюи дар ниҳоят ғояи пешбари нақши хонанда дар ҷараёни таълим буд [72, с. 69-77].

Дар солҳои 1920 ғояҳои педосентризм дар тамоми ҷаҳон, алалхусус дар Россия ба туфайли асарҳои Л.С. Виготский [49, с. 275-283] ва Г.Ш. Бобоева васеъ паҳн гаштанд [27, с. 202-203].

К.Д. Ушинский ин масъаларо қабл аз дигарон дар нимаи дуюми қарни XX бармало дарк карда буд. Номбурда ин масъаларо ба хубӣ дарк карда дар ин мақтаи замонӣ онро ба риштаи таҳлил кашида як чанд андешаҳои бикру асосӣ барои ТК ифода карда буд [240, с. 56-69]. К. Д. Ушинский дар навиштаи хеш бо номи *«Мактабҳои якшанбе»* (с. 1861) рӯйи ин масъала таъкид карда буд, ки таълим боястӣ ба истеҳсолот дар иртиботи наздик қарор дошта бошад. Таълимгирандагон таҷрибаи хешро дар амал татбиқ намоянд ва инчунин ба фардикунонии таълим таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ишора карда

буданд, ки боястӣ ҷиҳати рушди калонсолон дар масири таълим кумакҳои ҳамаҷониба расонида шавад.

Педагоги барҷастаи рус Ушинский дар мавриди амал намудани мактабҳои фориғ аз кор чунин нуқтаи назарро пешниҳод намудааст, ки ин мактабҳо ба такомули маънавии муҳассилини он таъсир расонида, онҳоро барои бо ҷомеа якҷоя раҳсипор шудан мутобиқ месозад, *ки бояд дар куҷо бошанд, вале онҳоро ба китфи худ набаред»*, инчунин ӯ дар идомаи суханони хеш таъкид мекунад, - *«на танҳо расондани ин ё он дониш, балки дар ӯ хоҳиш ва қобилияти ба даст овардани дониши навро бе педагог» ва «омӯзишро дар тамоми ҳаёт»* инкишоф диҳед [240, с. 118-121].

Асри XXI дар таърихи таҳаввулоти инсон такони ҷиддӣ бахшид. Дар ягон давру замон ба ин дараҷаи тараққиёт соҳиб нашуда буд. Бо суръати баланд пеш рафтани ҷомеа барои инсон талаботҳои тағирёбандаро рӯи кор меорад ва он ҳамқадами замон будани тамоми насли мавҷуда, аз ҷумла калонсолонро барои пеш бурдани насли калонсол дар арсаи дигаргуниҳои нодир рӯи кор омадааст.

Дар Федератсияи Россия дар авоили қарни XX таълими калонсолон бештар дар таълими фориғаздарсӣ инъикос меёфт. Таълими фориғаздарсиро бошад донишманди рус Е.Л. Меданский пешниҳод намуда он дар аввоили қарни XX аз тарафи донишманди рус В.И. Чарноулский такмил ва пурра шудааст [242, с. 65-68]. Ҳамзамон, Н.Н. Меданский дар шароити муосир зери мафҳуми таҳсили ғоибона ҳама таҳсилоти ғайрирасмӣ ва қисман таҳсилоти муттасилро мефаҳмид [159, с. 43-47].

Агар ба таърихи истиқрори Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 20-уми қарни XX назар андозем хеле возеҳ ва равшан мебинем, ки дар ин солҳо барои таълими калонсолон корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Ин солҳоро ба ном солҳои маҳви бесаводӣ низ меноманд, ки барои босавод кардани аҳли ҷомеа тамоми коргарон пас аз соати корӣ дар макотиби гуногуни шабона ба таҳсил фаро гирифта мешуданд ва аз ин тариқ кулли мардуми мамлакат босавод гардонида мешуд. Донишмандони гуногуни

соҳаи педагогикаи шуравӣ дар ин солҳо андешаҳои ҷолиб перомуни таълими калонсолон ва ба таълими саросарӣ фаро гирифтани онҳо баён доштаанд ва яке аз чунин шахсиятҳо Н.К. Крупская буд, ки роҷеъ ба омилҳои муайянкунандаи таълими калонсолон изҳори андеша намуда буд [118, с. 65-77].

Па аз он ки Иттиҳодӣ Шуравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ пирӯз шуд ва мардуми он ба зиндагии осоишта баргаштанд, ҳокимони давр ба масъалаи таълими калонсолон ва роҳандозии он дар шароити баъдиҷангӣ тадобири мушаххас меандешиданд.

Дар солҳои 1960-1970 А.В. Даринский [65, с. 68-70], А.Д. Пинт [191, с. 133-139] ва Н.И. Бокарев [192, с. 66-71] вижагиҳои таълими одамони калонсолро мушаххас намуда, доираи вазоифи онҳоро баён дошта, вижагиҳои таълими ашхоси калонсолро муайян карданд. Барои мисол Ю.Л. Кулюткин чанде аз вижагиҳои равонии таълими одамони калонсолро ба таври фишурда баён доштааст [126, с. 73-79].

Дар нимаи дуюми қарни XX донишмандони соҳа масоили мухталифи таълими одамони калонсолро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор доданд.

Дар асарҳои муаллифони рус ва хориҷӣ дар солҳои 1950-1960 қисман мушкилоти таълими калонсолон, асосан принсипҳои дидактикӣ ва методологии таълим баррасӣ карда шудаанд А.В. Даринский [65, с. 68-70], А.Д. Пинт [192, с. 130-137], Н.И. Бокарев [192, с. 67-70], М. Дюрко [260, с. 88-93], Ҷ. Кидд [271, с. 123-135], И. Лордҷ [208, с. 157], Г.Л. Миллер [214, с. 57-68], Дж. Маккинли [289, с. 107-129], Б. Морган [294, с. 361], Ф. Пѐглер [297, с. 195-202], Б. Самоловчев [212, с. 73-81], М. Семенский [216, с. 60], Л. Турос [304, с. 44-48], Ф. Урбачик [239, с. 88-95]. Ҳамзамон, аксари ин муаллифон таълими калонсолонро дар педагогика баррасӣ намуда, баъзан ба хусусиятҳои ТК дар педагогикаи калонсолон ишора мекунанд.

Дар солҳои 1950-1960 дар асарҳои муҳаққиқони югославӣ Д. Савичевич [300, с. 4], Ф. Рейс [298, с. 137-142] ва Б. Самоловчев [212, с. 95-103], профессори маъруфи олмонӣ Ф. Поггелер [297, с. 114-123], назариѐтчии

швейтсарӣ Х. Хансзелман [300, с. 47-53] ва олимони Полша М. Семенский [216, с. 60] ва Л. Трос [304, 47-49] истилоҳи *«андрагогика»* нахустин бор арзи ҳастӣ кард. Пас аз пайдо шудани андрагогика донишмандон ба он кӯшиданд, ки фарқи андрагогика аз педагогикаро мушаххас намоянд. Ин ҷарру баҳс муддати тулонӣ идома дошт, то солҳои 70-уми қарни XX донишманди амрикоӣ Ноулз асари хешро бо унвонии «Таълими калонсолон дар марҳилаи муосир» ба табъ расонд. Ӯ дар ин асари хеш ба масъалаҳои калидии таълими калонсолон таваҷҷуҳ намуда, барои дуруст ва мақсаднок гузаронидани он тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст. Ин иқдоми пешгирифтаи ӯ боиси он шуд, ки таълими калонсолон ҳамчун илми мустақил амал намояд [273, с. 53-61]. Дуруст аст, ки дар асарҳои минбаъдаи М.Ш. Ноулз мавзуъ, усулҳои асосӣ, сохтори андрагогика ва заминаи ягонаи илмии амсилаи пешниҳодшудаи таълимӣ дақиқ ифода ёфтааст [274, с. 104].

Агар пайгирии мавзуъро идома диҳем, мебинем, ки пас аз муддате дар садаи XX дар заминаи ТК корҳои зиёде ба сомон расонида шуд. Дурустараш он аст, ки аксари ин корҳоро донишманди амрикоӣ М.Ш. Ноулз ба анҷом расонида буд. Номбурда кӯшиш ба харҷ доданд паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкурро ба риштаи таҳқиқ кашида, андешаҳои хелеҷ ҷолиб ва бикр баён доштандм [277, с. 77-83]. Минҷумла ӯ калонсолонро барои ҳар миллат ва ё давлате захоири тиллоӣ номида, дар канори истифода аз таҷрибаи бойю ғании онҳо пешниҳод доданд, ки барои калонсолон низ равишу усулҳои ҷадиди таълиму омӯзишро роҳандозӣ намоянд, то онҳо аз ҳаводиси рӯзгор дар канор намонанд, ба қавли маъруф ҳамеша дар ҷӯши кору фаъолиятҳо қарор бигиранд.

Донишмандон низ дар навбати худ ба масоили зерини ТК даст зада таваҷҷуҳи бештар ба масоили зер зоҳир карданд:

– таҳия ва тадвини и барнома ва дастурҳои таълимӣ барои ТК Р.Г. Бэгнэл [248, с. 126-127], Э. Дж. Бун [249, с. 57-63], Д.Г. Брэндеҷ [252, с. 187-190], Д. Макерэчер [252, с. 87-93], К. Гриффин [265, с. 46-53], А.Б. Нокс [280, с. 59-63], П.А. Маклэгэн [290, с. 79-80], Ф. Рейс [298, с. 173-181];

– фардикунонии таҳсилоти калонсолон С. Брукфилд [251, с. 167-179], М.Ш. Ноулз [277, с. 78-81], Д.М. Савичевич [301, с. 23-24], А. Таф [303, с. 107-113], Д.В. Вермайл [306, с. 99-127];

– фароҳам овардани шароити таҳсил барои калонсолон Г.К. Хансейкер [268, с. 74-76], Р. Пирс [268, с. 33-45];

– ҳавасмандӣ дар ТК Ҷ.В. Нолл [272, с. 56-71], П.А. Ҷарвис [269, с. 68];

– хусусиятҳои фаъолияти педагогон дар ТК Э. Ҷонс [270, с. 88-89], М. Лесне [283, с. 55-58], Д. Нуайе [296, с. 90-103], Ж. Пивето [296, с. 109-113], А. Роҷерс [299, с. 33], К.Т. Элсдон [262, с. 47];

– хусусиятҳои хоси кори хонандагони калонсол Ю.Н. Кулюткин [126, с. 98-100], Р. Коули [254, с. 40], Дж. Миллигэн [254, с. 39], К.П. Кросс [247, с. 245-259], Р. Гросс [266, с. 135-137], М.Ш. Ноулз [276, с. 90-91], С. Меррием [291, с. 56-59], Р. Кафарелла [291, с. 65-66], Р. Роҷерс [299, с. 33], Г. Титгенс [284, с. 129-130], И. Вайнберг [302, с. 57-67], К.Т. Элсдон [262, с. 47-48], Дж. Кид [271, с. 231-235];

– хусусияти принсипҳои дидактикӣ ва методологии ТК Л.Н. Лесохина [130, с. 100-105], С. Брукфилд [251, с. 231-233], Э. Дик [259, с. 56-66], Э. Ҷонс [270, с. 54-57], Г. Юнг [259, с. 33-41], Г. Фрамм [305, с. 96-99], М.В. Гэлбрэйт [263, с. 65-67], И. Лорҷ [284, с. 157], Р. Мукиелли [295, с. 155-156], Б. Морган [294, с. 361], Ф. Пѐггелер [297, с. 98-103], М. Ржегак [204, с. 107-109], Л. Турос [304, с. 48-49], Ф. Урбачик [239, с. 89-93];

– тайѐр кардани педагогон – дастурдиҳандаҳо барои таълим додани калонсолон Л.Г. Годд [299, с. 67-70], С.М. Грабовски [264, с. 76-77], К.Д. Легге [281, с. 54-55], Дж.Д. Линч [285, с. 53-58], Д.М. Савичевич [301, с. 24], А.Г. Чарнли [255, с. 32-36], К.Т. Элсдон [262, с. 47].

Аммо ғояҳои асосии консептуалии М.Ш. Ноулз дар ин асарҳо минбаъд рушди низомнок надоштанд [278, с. 50-53]. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти ин муаллифон оид ба зарурат ва мувофиқи мақсад будани таҷдиди тарҳу

усулҳои таҳсилоти калонсолон дар муқоиса бо педагогика ҷиҳати рушди соҳа нақши калидӣ бозидаанд.

Андрагогика ташаккул ѐфта, ба пеш мерафт ва дар ин амр саҳми донишманди амрикоӣ М.Ш. Ноулз хеле назаррас аст, инчунин, дар канори ӯ донишмандоне аз қабиди Р. Левис ва олими инглис П. Ҷарвис дар якҷояги̣ бо як гурӯҳи уламо аз Донишгоҳи Ноттингем дар татбиқи ин амал шарик буданд [269, с. 67-68].

Соли 1970 бошад, донишманди дигаре бо номи М.Ш. Ноулс китоби худро бо номи «*Таҷрибаи муосири таълими калонсолон: Андрагогика бар зидди педагогика»* ба нашр расонид, ки хеле зуд дар байни мухлисонаш тарафдор пайдо кард. Номбар дар ин асари хеш буду усулҳои асосии ҷараѐни ва ѐ равияи илми ҷадиро ифода намуда, амсилаи андрагогии таълимро пешниҳод намуд [275, с. 15-16].

Профессори англис П. Ҷарвис дар як қатор асарҳои худ, дар муқоиса бо муносибатҳои педагогӣ, хусусиятҳои муносибати андрагогии таълимро нишон дод [269, с. 73].

Олими амрикоӣ Р.Г. Ангело дар асари бунѐдии худ *«Хонданро чӣ гуна бояд ѐд гирифт»* имкониятҳои калонсолонро барои омӯзиши принсипҳои андрагогӣ муайян кард [247, с. 98-99].

Муҳаққиқони соҳаи таълими калонсолон ҷанбаҳои зерини онро чунин тасниф намуданд:

1. Таҳсил талаботи муҳимтарини камолоти шахсият;

2. Дар вобастагӣ аз диаргуниҳои дар ҷомеа ба амал омада танзим намудани таҳсили калонсолон ва алоқаманд намудани он ба соҳаиҳои фаъолияти онҳо;

3. Ба мақсадҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ ва сиѐсӣ вобаста намудани таълим ва ҷавобгӯ будан ба талаботҳои ҷомеа;

4. ТК аз таҳсилоти ғайрикалонсолон комилан фарқ мекунад, ки бо фарқҳои куллии байни одамони калонсол ва ғайрикалонсол, умуман, ба раванди таълим алоқаманд аст.

Моҳияти муносибати андрагогӣ ба таълим чист? Хусусиятҳои асосии фаъолияти хонандагон ва педагог дар раванди таълим чӣ гунаанд? Фарқи асосӣ байни асосҳои андрагогӣ ва педагогӣ дар чӣ зоҳир мееёбанд? Ёфтани посуххо ба ин саволҳо ва таҳияи муқаррароти асосии андрагогӣ ҷавҳари таҳқиқоти мазкур хоҳад буд.

## 1.2. Хусусиятҳои хосси таълими калонсолон

Акнун мо ин ҷо кӯшиш ба харҷ хоҳем дод мушаххас кунем, ки киро метавон шахси мусин ва ба қавли маъруф калонсол пиндоштан мумкин аст. Оё дар ин мафҳум ҳадду марзе вуҷуд дорад ва ё хайр? Вақте суол нн таврӣ ба қавли маъруф кундаланг гузошта мешавад, посухи он низ бояд ҳаҷим ва маънодор бошад, то асли қазия равшан ва возеҳ гардад. Мафҳуми шахси калонсолон ба таври мукаммал дар ҷаласаи Юнеско, ки соли 1976 баргузор гардида буд, таъриф дода шуд, ки он чунин аст:

«Дар ҷомеа ҳама гуна шахси калонсол мавриди эътироф қарор дорад, аммо барои ташкили амалии омӯзиш дар як кишвари мушаххас таърифи мазкур чандон фаҳмиши зиёде намедиҳад» [136, с.34].

Масалан донишмандони амрикоӣ Г.Г. Даренвалд ва С.Б. Меррием оиди масоили мазкур чунин баён доштанд: *«Ин шахсест, ки аз нақши хонанда дар таҳсили рӯзона (нақши иҷтимоии кӯдакон ва наврасон) ба вуҷуд омада, нақши коргар, ҳамсар ва падару модарро ба уҳда гирифтааст. Калонсол шахсе мебошад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ нақшҳои муҳимми истеҳсолиро иҷро мекунад ва барои ҳаёти шахсии худ масъулият дорад»* [258, с. 6].

Донишмандони дигар низ ин масъаларо матраҳ намудаанд. Масалан, Ю.Н. Кулюткин доир ба калонсолон чунин мефармояд: «Калонсол дар навбати аввал шахси аз ҷиҳати иҷтимоӣ ташаккулёфта буда, мутобиқи меъёрҳо ва талаботи ҷомеа қодир аст, ки мустақилона ва масъулиятшиносона қарор қабул кунад» [126, 57-63]. Шахси калонсол фардест, ки объекти корӣ

ва иҷтимоӣ буда, ба таври мустақилона умр ба сар мебарад, фаъолияти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва фардӣ дорад. Вай дар ахзи тасмимҳои хеш истиқлоли комил дошта, кору пайкори хешро ба танзим медарорад. Дар маҷмуъ, ах ҳар назар фарди комилан мустақил аз ҳар назар мебошад. Маҳдудиятҳои синниро барои давраи калонсолӣ дар зиндагии инсонҳо одамон бо равиш ва усулҳои гуногун муайян кардаанд. Масалан олимони маъруф Е.Л. Степанова [226, с. 78-95] ҳаёти калонсолӣ синни 18 то 40 сола, Ю.Н. Кулюткин [126, с. 89-93] ва синни аз 16 то 70-соларо давраи калонсолӣ медонанд.

Хулласи калом, шахсеро калонсол номидан мумкин аст, ки дар зиндагии хеш бошуурона ва бо масъулият амал карда, дунболи шуғли муайян мебошад. Одами калонсол дорои худогоҳии баланд мебошад ва бо ин ин аз дигарон фарқ мекунад, ӯ худро мустақил меҳисобад ва тамоми ҳаракоти худро арзёбӣ карда метавонад ва дорои ақли расо ва ҳуши расо мебошад ва аз ҳуқуқ ва манофеи худ ҳимоят карда метавонад. Чизе, ки шахси калонсолро аз дигарон ба кулли фарқ мегузорад, ин он мебошад, ки ин шахсест, ки мо ӯро мусин ва ё калонсол меномем, таҷрибаи бойи зиндагӣ дорад ва ин хислатҳои ӯ дар ин самтҳо бармало мегардад: маишӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ. Шахси калонсол дар ин се самт таҷрибаи кофӣ андӯхтааст ва онҳоро бар ҳасби ниёз ва дар ҷойи лозима мавриди истифода қарор медиҳад. Албатта, бар ҳасби ниёз ва ё талаботи он ҳаводис ин кор анҷом дода мешавад.

Касе, ки мо ӯро калонсол меномем, дорои шуғли муайян буда, ҳамеша ва ба таври доимӣ ба он шуғлаш машғул мебошад. Албатта мо як нуктаро хуб медонем, ки шахс ва фард дар баробари шуғлу кори асосиаш ҳамеша дар тадобири дигари иҷтимоӣ бар ҳасби ниёз ва тавоноию қудрати хеш ширкат меварзад ва гоҳо дар канори шуғли аслиаш шавқу майлҳои дигаре низ дорад, ки гоҳу бегоҳ аз пайи амалӣ кардани онҳо даст ба коре мезанад, аммо чун ин масоил масоили мавзуи мо нест, фақат бо ёдоварӣ аз ин масъала аз он иктифо намуда, ба асли матлаби хеш мепардозем, ки он таълими калонсолон аст.

Таълими калонсолон чун гузориши масъала самти нави илм нест, зеро донишмандони илми педагогика кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ин масъаларо

ҳамаҷониба омӯзанд ва ҳалу фасл кунанд. Таълими калонсолон шомили як идда аз мавориди хеш мебошад, ки онҳо моро ҷиҳати дарёфти роҳи ҳаллу фасли он ба корҳои лозима суқ медиҳад. Шахси калонсол дар баробари худ ва ҷомеа вобаст ба масъулияте, ки дорад хатти таълим ва омӯзиши хешро мушаххас мекунад. Агар ба тарзи дигар карда, гӯем дар асоси масъулият ва пешае, ки дорад барои муваффақ шудан дар ҷодаи касбии хеш роҳи таълиму омӯзиш ва сайқал додани донишҳои худро мушаххас мекунад. Ӯ хеле хуб дарк мекунад, ки бояд омӯзад ва донишҳои худро такмил намуда ҳамгоми замона ва ҷомеа бошад.

Хулласи калом, мо таълимгирандаи калонсолро ба унвони фарди мушаххасе муайян мекунем, ки шомили панҷ хислат мебошад:

– ӯ шахсияти аз лиҳози вақту фазо озоду мустақил аст;

– аз фаъолияти ба уҳда доштааш муттасил пеш меравад ва таҷриба меандӯзад;

– дар самти дастрас шудан ба нақша ва амалҳои худ фаъол ва бонизом аст;

– саъй мекунад, ки масъулиятшинос ва намунаи ибрати дигарон бошад;

– фаъолияти ӯ метавонад дар самтҳои гуногун ҷараён ва рушд гирад.

Шахси калонсол сарфи назар аз донишу таҳсилоте, ки дорад ба хеле корҳо мақдур аст, чунки дар ин амр ба ӯ таҷрибаи андӯхтааш кумак мекунад. Пас аз ин суханон беихтиёр гуфтаҳои Маликушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба хотир меояд, ки эшон фармуда буданд: «Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир, ки бар дафъи ҳаводис туро ба кор ояд». Ин аст, ки устод низ нақши таҷрибаро дар зиндагии инсонҳо хеле хуб қайд намудааст. Агар ба ин масъала, яъне таълими калонсолон амиқтар фурӯ равем, хеле хуб дида метавонем, ки шахси калонсол бо такя ба омӯзишу таҳсили хеш мақдур ба арзёбӣ ва баҳодии худ мебошад.

Акнун бояд як нуктаро мушаххас кунем, ки тавоноӣ ва қобилияти калонсолон кадомҳоянд? Ин ба маънии он аст, ки магар он тавоноӣ ва

қобилияти калонсолон дар таҳсили бомуваффақияти онҳо кумак мерасонанд ѐ хайр? Ин нуктаҳо хеле муҳим ва асосӣ мебошанд, ки мо роҷеъ ба онҳо дар поѐнтар суҳбат хоҳем кард ва баъзе аз нукоти онро бо такя ба баъзе маълумотҳои мвҷуда бармало хоҳем сохт. Илова бар ин, бояд аѐн аст, сохт, ки авомили мухталифи истеҳсоливу физиалогиву иҷтимоӣ то кадом андоза ба ҷараѐни ба фарогирии ашхоси калонсол ба омӯзиш шароити хуб фароҳам меоранд ва ѐ монеа мегарданд?

Гуфтан ба маврид аст, ки дар муддати тулоние назариячиѐн ва педагогон бар ин андеша ва ақида буданд, ки ашхоси мусин ѐ ба қавли маъруф калонсол дар ҷараѐни таълим ба ҳеҷ ваҷҳ муваффақ нахоҳанд шуд. Албатта эшон ин андешаҳои хешро бо як чанд далел тасбит мекарданд, ки он бештар ба синну соли шахс марбут буд, яъне онҳо чунин мепиндоранд, ки вобаста ба он ки синну соли шахс боло меравад қувваи ҳофиза ва минҷумла баъзе аз дигар имконоти ӯ заифтар мешаванд.

В. Конфинти – донишманди соҳаи илми психология изҳор дошта буд, ки камолоти шахс синну солест, ки бо душвориҳо ва муаммоҳои худро дорад. Дар китоби олими дигари ин соҳа (яъне психология) Тондайк чунин омадааст: *«хурофот, ки психология ва педагогикаи куҳнаро дар назди худ гузоштааст, чунин аст, ки шахси калонсол нисбат ба наврасе, ки барои таҳсил дар синни 35-40 -сола маблағҳои калон талаб мекунад, камтар қобилият дорад, солҳо ва натиҷаи ин гуна омӯзишҳо вақт ва захираҳои ба онҳо сарфшударо асоснок карда наметавонанд»* [256, с. 58-60].

Албатта мушаххас аст, ки вобаста ба синну сол, яъне вақте синни одам боло меравад, бавежа пас аз панҷоҳ соли умр баъзе аз функсияҳои бадани ӯ заифтар мешаванд, ба мисли шунавоӣ, биниш, хотира ва суръати ҳаракат ва амсоли инҳо. Аммо дар баробари ин шахс бо гузашти аѐм таҷриба касб мекунад ва пӯхта мешавад ва қобилиятҳои таҳлилӣ ва натиҷагирӣ дар ӯ боло меравconfiguration. Донишмандони амрикоӣ бавежа равоншиносони он бар ин ақидаанд, ки қобилиятҳои хулосабарорӣ, натиҷагирӣ ва арзѐбӣ дар калонсолон хеле хуб инкишоф меѐбад ва дар ин амр ба онҳо таҷрибаи дар

тули зиндагӣ андухтаашон кумак ва мусоидат мекунад. Ҷавонон ва наврасон бошанд, ин таҷриба ва малакаи зиндагии калонсолонро надоранд.

Калонсолон низ бо вуҷуди таҷрибаи кофии омӯзиш, таҳлил, ҷамъбаст ва суръати азхудкунии маводди таълимӣ бо душвориҳои гуногун дучор мешаванд. Аммо чунин омилҳою сабабҳо роҳи пешравию муваффақиятҳои беш аз пеши калонсолонро гирифта наметаовнад.

Қобилияти зеҳнии калонсолон ҳамеша дар ҷараѐни муттасили ташаккул ва рушд қарор дорад. Қобилияти дарки иттилооти таълимӣ аз рағбат ва кӯшишу суботи омӯзанда вобастагии қавӣ дорад. Он дар роҳи ҳазми маводди таълимӣ, дарки масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ роҳи васеъ мекушояд, имкониятҳои зеҳнӣ, психологӣ ва нейрофизиологии калонсолонро тақвият мебахшад. Салоҳиятмандӣ асоси рушд ва парвариши қобилиятҳои фикрӣ буда, боиси ташаккули маҳорату малакаҳое мегардад, ки шахси калонсол дар раванди омӯзиш, таҷрибаи зиндагии хеш пайдо ва ҷамъ намуда, тавассути сарчашмаҳои илмӣ роҳи чуқури донишро ба даст меорад.

«Бо синну сол – мегӯяд, Ю.Л. Кулюткин – вазифаҳои мухталифи психо - физиологӣ бо ҳамдигар бештар пайванд мешаванд ва ба ягон омезиши маълумот аз манбаъҳои гуногун ва пешниҳоди маълумот ба корбарон дар шакли ягона дохил мешаванд, ки ин зоҳиран ба инсон имкон медиҳад, ки камбудиҳои рушди як вазифа (масалан, хотира)-ро ҷуброн кунад ва баҳри рушди функсияи дигар (масалан, тафаккур) мусоидат кунад» [126, с. 31-32].

Он мушкилоте, ки шахси калонсол дар раванди таълим ба онҳо мувоҷеҳ мешавад, бештар хислати равонӣ дорад. Тазаккур низ бояд дод, ки ниѐз ба донишандӯзӣ ва зарурати пешравии ашхоси калонсол ҳамеша дар зинаи баланди таъмини рисолатҳои маърифатӣ-зеҳнии вай қарор дорад. Ба маънии дигар гӯем, талабот ба дониш мӯҷиби осудаҳолӣ ва амнияти моддии калонсолон низ маҳсуб меѐбад.

Агар ин андешаҳоро ба риштаи таҳлил баркашем, суоле пеш меояд, ки чаро ашхоси мусин, ѐ калонсол омӯзиши хешро бо тарсу изтироб шуруъ

мекунанд? Ин масъала чанд буъд дорад, ки ҳамон масъулияту вазифашиносӣ ва изтиробу нобоварӣ мебошад.

Дар ҷараён ва раванди дарс чунин эҳсосе шахси калонсолро фаро мегирад, ки ӯ имкон дорад мавзуъҳои дарсро нафаҳмад ва ба дарсҳо ба таври бояду шояд омода шуда натавонад ва он вақт дар байни шарикдарсон бесаминтақаи ӯ бармало шуда, боиси обрӯрезии ӯ мегардад. Ин қабил тарсу ваҳм ҳамеша шахси калонсолро дунболагирӣ мекунад. Аз ин рӯ, дастандаркоронро лозим аст, ки зимни роҳандозии ин масоил, яъне таълими калонсолон ин бахшҳои масъаларо дар назар бигиранд ва ҳамеша дар мадди назар дошта бошанд.

Худи идеяи ТМ, худтакмилдиҳии шахс дар тӯли тамоми умраш нав нест. *«Як аср зиндагӣ кун – як аср омӯз!» («Аз гаҳвора то ба гӯр дониш биҷӯй»)* – ҳикмати халқиест, ки тӯли асрҳо арзи вуҷуд дорад, наслҳои одамиро ҳушдор карда омада истодааст.

Андешаҳо марбут ба масъалаи дар хурдӣ ба илмомӯзӣ ва ба шуғл фаро гирифтани насли одамӣ байни мардуми одӣ ва адибону шоирон, мутафаккирону донишмандон то кунун ҷойгоҳи назаррасеро ишғол намудааст. Байни халқ андарзе ҳаст: *«Аз домани модар то гӯр дониш биҷӯй», «Илм дар хурдӣ – нақшест бар санг»*. Чунин ақидаҳои судманд аз қадимулайём миёни мутафаккирони Шарқу Ғарб – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Ҳафизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Сукроту Афлотун, Расул Ғамзатов, Чингиз Айматов, Гомеру Гёте ва амсоли онҳо нақши бориз дошта, эҷодиёти баландмазмунашон то ба даврони мо омада расида, наслҳои одамиро дар ҷодаи илмомӯзӣ дастурамали муътамаде шудаанд. Пешрафти мо метавонад ба сатҳи донишу маърифати мо, ки онҳоро дар овони ҷавонӣ аз бар намудаем, вобаста бошад. Моро лозим аст, ки фаромӯш накунем, ки агар муддати мадиде ба омӯзиш ва такмили донишҳои хеш напардозем имкон дорад, тахассус ва салоҳиятҳои хешро аз даст диҳем. Аз ин рӯ, такмили тахассус барои мо воҷибу ҳатмӣ мебошад. Чунки дар муддате, ки мо аз

омӯзиш дур мондаем имкон дорад дар ришта ва соҳаи мо дигаргуниҳои куллие рух дода бошанд, ки мо аз онҳо бехабар монда бошем.

Раванди омӯзиш аз ҷониби инсон, аз ҷумла шахси калонсол, ҳамеша дар айни такмил, рушд ва пешравӣ қарор дорад. Донишмандони илми педагогика ва психология таъкид медоранд, ки равиши пайваста ва муттасили омӯзишу парвариш тиаҳсилоти бефосиларо ба ѐд меорад, ки он дар заминаи фаъолияти мустақил, худомӯзӣ, моҳияти мавзуъ ва масъалаҳои ҳаѐтан муҳим ва зарур роҳандозӣ мегардад. Дар ин росто «рушди фаъолияти мустақил ва дониши мукаммали ашѐҳо таъмин карда мешавад» [304, с. 47-48].

Донишманди маъруфи рус, яке аз педагогҳои шинохтаи арсаи илми инсонофар К.Д. Ушинский чунин мешуморад: *«... ба Шумо лозим аст, ки ба омӯзанда на танҳо дониши муайянро интиқол диҳед, балки дар ӯ хоҳиш ва қобилияти мустақилона, бе педагог пайдо кардани дониши навро инкишоф диҳед. Ин қобилият ҳатто вақте, ки устод ӯро тарк мекунад ва ба хонанда имконият медиҳад, ки на танҳо аз китобҳо, балки аз ашѐҳои гирду атроф, аз воқеаҳои ҳаѐт, аз таърихи қалби худ донишҳои муфид ба даст орад. Доштани чунин қудрати рӯҳие, ки ғизои солимро аз берун истихроҷ мекунад, ба инсон кӯмак мерасонад, то ин ки тамоми умри худ омӯзад. Албатта, ин яке аз вазифаҳои муҳимми ҳама гуна таҳсилот аст» [240, с. 67-69].*

Н.К. Крупская - педагоги барҷастаи рус дар алоқа бо манфиату ҷойгоҳи таълими калонсол чунин ақидаронӣ мекунад: «Шахс давраи муайяни таълимро гузашта, бояд дониши бештар ба даст орад, то ин ки фаъолияти худро босамар анҷом диҳад, ҳар шахс ҳадафмандона фаъолият намояду тамоми умри худро сарфи омӯзиш аз таҷрибаи одамони дигар кунад, то барои донишу малакаашро васеъ кардан ва лаззат бурдан аз таҷрибаи зиндагии инсонӣ ба ӯ кӯмак карда бошад» [118, с. 54-55].

Аз андешаю ақидаҳои донишмандони илми педагогика чунин бармеояд, ки ба таълим фаро гирифта шудани калонсолон падидаи мусбии ҷомеа маҳсуб ѐфта, дар ҳамаи давру замон зери назари олимону муҳаққиқон

қарор дошт. Дар поёни қарни XIX ва аввоили қарни XX шароитҳое ба вуҷуд омаднд, ки фаро гирифтани инсон ба илму дониш ва аз ҳар назар таъмин намудани ӯ дар меҳвари ҳамаи фаъолиятҳо қарор гирифт.

Раванди таҳаввулотиҳои азим, ки аввалан дар Аврупо бо Америка ва баъдан дар дигар минтақаҳои хуррам арз ба амал омад, инсониятро бо муқтадиртарин воистаҳои коммуникатсионӣ таъмин намуд ва он ҳамчун ҷаҳиши беназире дар масири таърихи бошад сабт ёфт, ки он ҳама ба соҳаи маорифи минтақаҳои олам такони калон бахшид. Минҷумла, калонсолон низ худро ба канор гирифта натавонистанд ва аз пайи омӯзиш ва азхудкунии дониш ва маълумотҳои замон шуданд, худро ба вазъияти нав мутобиқ намуданд. Суръати баланди рушди иқтисодӣ ва технологӣ боиси он гардид, ки баъзе аз тахассусҳо аз байн рафтанд ва теъдоди зиёди одамон бекор монданд. Дар чунин шароит таълими калонсолон ва бозомӯзии онҳо ба худ аҳаммияти нав касб кард.

Ин давраро инчунин давраи муборизаҳои шадид, даргирӣ ва муборизаҳои пуршиддати сиёсӣ номидан мумкин аст. Дар кишварҳои Осиёӣ ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ба муқобили мустамликадорон авҷ мегирифт. Дунё он шабу рӯзҳо мисли деги бузурге меҷӯшид ва ҳудудҳо ва давлатҳои ҷадиди арзи ҳастӣ мекаранд. Дар аксарияти мамолики дунё шаклҳои нав ба нави моликият пайдо мешуданд, ин вазъ ҳаёти сиёсӣ иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар саросари дунё такони ҷиддӣ мебахшид, пайдоиши чандандешаи демократӣ, сиёсӣ, идеологӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ, ки ҳамаи ин омилҳои муфид дар озодии ҷомеа ва шахсият буда, одамонро маҷбур месозад, ки ҳаҷми бештари иттилооти гуногунро пазируфта ва аз бар намоянд, то ин ки мавқеи худро возеҳ ва дақиқ изҳор намоянд.

Мушаххас аст, ки барои татбиқи чунин аҳдоф донишҳои амиқ дар соҳаҳои гуногун, манзурамон таҳсилотҳои мухталиф ниёз аст. Як нуктаро набояд фаромӯш кард, ки ҳар гуна пешравӣ ва тараққиёт боист пайдо шудани мавориди манфӣ низ мебошад, чунки вақте пояҳои аслии тамаддун ва фарҳанги анъанавӣ такон мехӯранд ва ба ҷойи онҳо шебҳефарҳангҳои ҷадид

рӯйи кор меоянд, онҳо ба поя ва аркони анъанавии тамаддун ва фарҳанг латма ворид мекунанд ва ин боси азҳампошидани баъзе боварҳо ва эътиқодоти мавҷуд мегардад. Аз ин рӯ, таълими калонсолон ва умуман омӯзиш ва таҳсилот дар чунин шароит боз мубрамтар мегардад ва дастандаркоронро водор мекунад, ки рӯйи ин қазияҳо бештар фикр кунанд ва масоилро ба таври кундаланг мавриди омӯзишу баррасӣ қарор диҳанд, то битавонанд посухгӯйи ин дигаргуниҳо бошанд.

Хулласи калом, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, пешрафти илмӣ ва техникӣ ҳар як инсонро водор месозад, ки амалан дар зиндагиаш дар ин ё он шакл таҳсил кунад.

Иллати тигари ТК ҳамон тавре донишмандони психолог баён медоранд, ин такмилу такомули хеш мебошад, ки дархосту тақози ҳар як шахс мебошад. Гоҳан ин дархосту тақозоҳо ба иллатҳои гуногун иҷро намешаванд ва вижагиҳои дигареро тақозо мекунанд. Вақте инсон ниёз дорад, ки салоҳиятҳои ҷадидеро касб кунад ӯро лозим меояд, барои ба даст овардни ин салоҳиятҳо талош кунад ва кӯшиш ба харҷ диҳад ва иинро равоншиносон вазифаи рушд ва вазифаи рушди шахсӣ меноманд.

Вақте шахс, инсон ба ин ё он масоил рӯ ба рӯ мешавад, ӯ пеши худ ҳадаф мегузорад, ки он мушкилотро паси сар карда ба мақсади худ ноил шавад.

Тибқи эҳроми иерархии нисбатан дурусти эҳтиёҷоти ботинии инсон, ки донишманди амрикоӣ Абраам Маслоу таҳия кардааст: «Ниёзи олитарини инсон ин зарурати худтатбиққунист, ки ҳамчун имкони ошкор кардани неруи шахс, зоҳиршавии қобилияти ӯ барои расидан ва ноил шудан ба мақсадҳои шахсӣ маҳсуб меёбад» [287, с. 45-49].




**Расми 1. – Тавсифи зинагии эҳтиёҷи инсон ба омӯзиш ва парвариш**

Мухтасаран чунин тавсифро дар робита ба маълумот оид ба таъсири усулҳои гуногуни ТК пешниҳод менамоем.




**Расми 2. – Амсилаи таҳсилот**

Марҳилаи амсилаӣ (ѐ сиклӣ) Д. Колба метавонад ба шакли зайл нишон дода шавад.




**Расми 3. – Амсилаи шакли таҳсили Д. Колба**

Муҳаққиқ Д. Колба тарзҳои зерини онро муқаррар намудааст: фаъол, мутафаккир, назариячӣ, прагматик (ниг.ба расми №4). Намояндагони ҳар як услуб ҷиҳатҳои қавию суст, вижагиҳои рафтору кирдор, талаботи муайян ба раванди таълимро доранд. Теъдоди ашхосе, ки як услуби муайянро дар тозагӣ афзалиятнок ҳисоб мекунад, беандоза кам дучор мегардад, чунки ҳар як толибилми каму беш аз тамоми аносири услубҳо бархӯрдоранд.




**Расми 4. – Амсилаи навъҳои хонандагон мутобиқи сикли Д. Колба**

Дар рафти таҳқиқот аён гардид, ки қисмати банақшагирии раванди таълиму омӯзиши калонсолон дар шаклу намудҳои гуногун зуҳур меёбад. Чунончи, педагог дарсҳоро тавре гузаронад, ки ҳисси завқ ва шавқи омӯзандагонбаланд гардида, фаъолияти онҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот беш аз пеш рӯ ба рушд ниҳад. Таълим ва тарбиятдиҳандагон дар ҳама давру замон мувазафанд, ки барнома ва нақшаҳои худро ташкил дода, онро ба мақсад ва мундариҷаҳои таҳсил дар шароити амалкунанда мувофиқ созанд. Онҳо бояд дар ду самт фаъолияти худро матраҳ созанд. Аввалин талаботҳои ҷомеаро нисбат ба омӯзиш ба ҳисоб гирифта, баъдан дар иҷрои вазифадиҳии онҳоро корбаст намоянд, то ба калонсолон шароити хуби дарку фаҳми иттилооти навро фароҳам оварад. Аз ҷумла, технология ва усулҳои интерактивиро бо дарназардошти талаботи илми андрагогика роҳандозӣ намрояд.

Омӯзиш баҳри гирифтани малакаҳои амалӣ нигаронида шудааст, ки мавқеи таълимгирандаро вобаста ба густариш ва бо назардошти таҷрибаи қаблии онҳо такмил медиҳад. Ин навъи кор имкон медиҳад, ки ҳуқуқи шахси калонсол дар интихоб ва роҳандозии нақшаҳо қабул шуда, зарурати дарки омӯзишии маълумот ва ҳамгироии донишҳои нав бо таҷрибаи воқеии рӯзгор ва ҳаёт, зарурати амалии таълим ба назари эътибор гирифта шавад.

Дар раванди таҳсили калонсолон яке аз вазифаҳои муҳим (ба ҷузъ донишандӯзӣ) ташаккули маҳорат ва малакаи омӯзандагон, баланд бардоштани касбияти онҳост, ки онро бо чунин тарзи рушди салоҳият нишон додан мумкин аст.




**Расми 5. – Амсилаи роҳҳои морпеч (спирал)-и рушди салоҳиятнокӣ**

## Ҷадвали 1. – Хусусиятҳои махсуси ТК ва тавсияҳо барои ташкил ва гузаронидани тренингҳо

| Хусусиятҳо | Тавсияҳо |
|---|---|
| **Саъю кӯшиш ба мустақилӣ ва худтатбиқкунӣ** | Ҷиҳати фароҳам овардани ташаббус барои иштироки шахсӣ дар таълим имконият фароҳам меоранд |
| **Муттамарказонидани диққат, ризоият ба мақсадҳои касбӣ, бартарафсозии мушкилот ва вазифаҳои таълимӣ** | Муайян кардани ният ва ҳадафҳои омӯзандагон; омӯхтани мавзуъҳо дар мантиқи ҳалли мушкилот; машғул шудан ба омӯзиши касбӣ оид ба мушкилоти касбӣ ва таҷрибаи омӯзанда; пешниҳоди мавзуъҳои муҳим барои омӯзандагон |
| **Таваҷҷуҳ ба истифодаи амалии донишҳои нав** | Саъй кардан барои пурзӯр намудани омӯзиш, гузаронидани таҳқиқот; натиҷаҳои омӯзишро бо фаъолияти касбӣ алоқаманд кардан, интиқоли донишу маҳоратҳо дар шароити корӣ; истифодаи озмоиш ва хатоиҳо, монандӣ; вобаста аз ҳадафҳо ва вазифаҳои гурӯҳ: «аз масъалаҳои ҷузъӣ ба масъалаҳои умумӣ» ѐ «аз масъалаҳои умумӣ ба масъалаҳои мушаххас» |
| **Мавҷудияти таҷрибаи касбӣ ва шахсӣ** | Масъулонро дар бораи принсипҳои умумӣ ҳавасманд кардан; муайян кардани вазъи умумӣ дар ҳолати мушаххас; тавъам кардани маводи нав бо дониш ва таҷрибаи мавҷуда |
| **Мавҷудияти манфиатҳои рақобаткунанда** | Мавҷудияти маҳдудиятҳоро дар таҳқиқ баррасӣ мекунем (иҷтимоӣ, муваққатӣ, молиявӣ); барои таълими минбаъда ҳавасмандӣ фароҳам меорад |

Идомаи ҷадвали 1.

| | |
|---|---|
| **Мавҷудияти стереотипҳо ва афзалиятҳо нисбати усулҳои таълим** | Истифодаи васеи усулҳои фаъол: бозиҳои корӣ, амсиласозӣ, таҳлили ҳолатҳои амалӣ; дастовардҳои омӯзандагонро дар асоси хайрхоҳӣ ҳавасманд ва тақвият додан; пеш аз оғози омӯзиш зарурати омӯзишро арзёбӣ кардан; ҳангоми мустаҳкам кардани мавод ба фаҳмиш такя кардан, на ба хотира; фарқи услубҳои омӯзиширо ба назар гирифтан |
| **Омӯзиши кӯтоҳмуддат** | Диққатро ба давраҳои кӯтоҳмуддати фаъолияти таълимӣ ҷалб кардан; силсилаи омӯзиши зич ва самаранокро ташкил кардан |
| **Муқобилият ба чораҳои таълим** | Талаботи баланд ба шахсияти педагог; иштирок дар омӯзиш, барпо кардани шавқмандии мувофиқ |
| **Маҳорати кор кардан бо маълумот; худназоратии баланд** | Ба назар гирифтани интизориҳо ва эҳтиёҷот, имконият ва маҳдудиятҳо; инкишоф додани малакаҳои омӯзиш ва худомӯзии хонандагон; ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои касбӣ ва шахсӣ |
| **Танқидкунии зиёд, наздикӣ (ҳимояи «ман»), тарси нокомӣ; душворӣ дар барқарор ва дастгирии муносибатҳои байнишахсӣ** | Фароҳам овардани фазои бароҳат ва бехатар; қоидаҳои алоқаи мутақобиларо риоя кардан; инкишоф додани малакаҳои муошират |

Тарзи роҳандозии зерин ба мақсад мувофиқ мебошад: Иртиботи панҷ бахши аслӣ аз қабили (омӯзиш, таълим, мазмун, шакл, усулҳо, манбаъҳо ва воситаҳои таълим), қабл аз ҳама ду бахши фаъоли раванди омӯзиш аз чор давраи он (ташхис, банақшагирӣ, арзёбӣ ва ислоҳи раванди таълим) иборат мебошанд.




**Расми 6. – Амсилаи ташкили фаъолияти таълими калонсолон**

***Алоқаи мутақобила.*** Дар муқоиса бо амсилаи педагогӣ, амсилаи андрагогии таҳсил дар асоси эҳтиёҷоти ТК сохта мешавад, зарурати азбарнамоии донишу малакаҳо, сифате, ки дар ҳар як салоҳияти пешгӯисозанда ҷой дораду шахсият дар ҳаллу фасли масоили ҳаёти хеш салоҳиятҳоро бояд азхуд кунад.

**Ҷадвали 2. – Амсилаи андрагогии таълими калонсолон**

| Нишондодҳои иҷтимоӣ-равонии хонандагон | Ҷанбаи нишондод | Кор ва нақши хонандагон | Кор ва нақши педагог | Ҷанбаи ташкили раванди таълим |
|---|---|---|---|---|
| **Худогоҳӣ** | Рағбат ба мустақилӣ, соҳибихтиёрӣ, худназораткунӣ | Ҷустуҷӯйи мустақили маълумотҳо; нақши пешбар ва фаъол дар баркарор кардани муносибатҳои раванди таҳсил | Мусоидат ба барқарор ва муносибатҳои таҳсил ва ҷустуҷӯи маълумотҳо | Барқарории мустақили муносибатҳои ҷустуҷӯи ДҚМҳо |
| **Таҷриба** | Мавҷудияти ҳаҷми кофии таҷриба (маишӣ, иҷтимоӣ, касбӣ) | Нақши муҳимми таҷриба; истифодаи он ҳамчун манбаи таълим | Мусоидат ба муайянкунии таҷрибаи хонанда ва истифодаи он дар ҷараёни таълим | Фардикунонии таълим, ки ба муайянкунии ҳадафҳои мушаххаси таълим равона шудааст |
| **Тайёрӣ ба таҳсил (шавқмандӣ) ва мақсади таълим** | Бо талаботи муқаррар кардани ҳалли мушкилиҳои ҳаётӣ; шавқман дии баланд | Нақши асосӣ дар ташаккули шавқмандӣ ва муайянкунии ҳадафи таҳсил | Мусоидат ба муайянкунии эҳтиёҷоти таълимӣ, муқарраркуни и ҳадафи таҳсил | Шахсикунонии таҳсил ба ҳадафҳои умумӣ ва шахсӣ |
| **Истифодаи ДҚМҳои бадастомада** | Оҷилан, бетаъхир бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим | Ба даст овардани ДҚМҳо зарурӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим | Мусоидат ба интихоби мундариҷаи таҳсил | Таҳсил дар асоси модулҳои байнифаннӣ (блокҳо) |
| **Иштирок дар раванди таҳсил** | фаъол | Иштироки фаъол дар ҳама марҳилаҳои ҷараёни таҳсил | Гузаронидани кори якҷоя оид ба ташкили таҳсил | Кори коллективии хонандагон ва педагогон оид ба гузаронидани ҷараёни таълим |

Вобаста ба эҳтиёҷоти таълимии мураббӣ намудҳо, манбаъҳо, воситаҳо, шаклҳо ва усулҳои таълим, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас мувофиқанд, интихоб карда мешаванд.

**Ҷадвали 3. – Таснифоти усулҳои таълими калонсолон**

| Намуди таснифот | Усулҳои таълим | Тавсифи усулҳои таълим |
|---|---|---|
| **Дар асоси манбаи дониш** | Шифоҳӣ | **Манбаи донишҳо вожаи шифоҳӣ ё чопӣ мебошад** |
| | Аёнӣ | **Манбаи донишҳо ашъёҳои мушоҳидашаванда, падидаҳо, воситаҳои аёнӣ мебошанд** |
| | Амалӣ | **Хонандагон амалҳои амалиро иҷро карда, донишҳоро азбар мекунанд ва малакаҳоро ба даст меоранд** |
| | Таомул (интерактив) | **Таълим бо истифодаи шабакаҳои синамо ва компютерӣ** |
| **Аз рӯйи намуди фаъолияти маърифатӣ** | Эзоҳӣ- тасвирӣ (иттилоотӣ-дастурамалӣ ) | **Донишҳо аз тарафи педагог дар шакли тайёр пешниҳод мешаванд, хонандагон дарккунӣ ва фаҳмишро иҷро мекунанд, онро дар хотираи худ нигоҳ медоранд.** |
| | Кобилиятнокӣ | **Донишҳо аз ҷониби педагог дар шакли тайёр пешниҳод мешаванд, хонандагон аз рӯи дарк ва фаҳмиш онҳоро иҷро намуда, дар хотираи худ нигоҳ медоранд, баъд донишҳоро айнан такрор мекунанд.** |
| | Усулҳои баёни проблемавӣ | **Хонандагон бо мушкилоте дучор мешаванд, ки онҳо бо ёрии донишҳои дастраси худ ҳал карда наметавонанд., педагог роҳи таҳқиқи мушкилотро нишон медиҳад, ҳалли онро аз аввал то охир баён мекунад. Агар хонанда дар он иштирок накунаду фақат педагог баён намояд, он усули проблемавӣ нест.** |
| | Қисман - ҷустуҷӯӣ (эвристикӣ) маърифатӣ | **Ба хонандагон пешниҳод мегардад, ки донишҳоро ба таври мустақилона дарёфт кунанд ва таҳти роҳбарии педагог онҳо мустақилона мулоҳиза мекунанд, вазъи проблемавиро ҳалу фасл, таҳлилу муқоиса ва ҷамъбаст мекунанд, ҳамзамон хулосаҳо мебароранд.** |
| | Таҳқиқотӣ | **Ба хонандагон пешниҳод мешавад донишҳоро мустақилона дар ҷараёни ҳалли мушкилот дарёфт кунанд, вариантҳои гуногуни натиҷаҳои бадастомада, интихоби воситаҳо ва роҳҳои фаъолият, ки муқоиса карда мешавад. Хонанда вазифаи идоракунии оҷилии равандро иҷро мекунад.** |

Идомаи ҷадвали 3.

| | | |
|---|---|---|
| **Аз рӯйи ҳадафҳои дидактикӣ** | Усулҳои мусоидаткунандаи азхудкунии маводи ибтидоӣ | **Баѐни шифоҳии педагог, суҳбат, кор бо китоб, усулҳо ва таҳқиқотҳои таълимӣ.** |
| | Усулҳое, ки ба мустаҳкамкунӣ ва мукаммалкунии донишҳои азхудкарда мусоидат мекунанд | **Машқҳо ва корҳои амалӣ, иҷрои супоришҳо** |
| **Аз рӯйи шаклҳои ҳамкорӣ дар таълим** | Усулҳои монологӣ | **Маърӯза, достон ва бозгӯ кардан** |
| | Усулҳои муколама | **Суҳбатҳо , мубоҳисаҳо, мунозираҳо** |
| | Шаклҳои ҳамкорӣ | **Фардӣ ѐ гурӯҳӣ, фронталӣ, коллективӣ** |
| **Аз рӯи фаъолияти субъектҳои раванди таълим** | Усулҳои таълим додан | **Иттилоотӣ - хабарӣ эзоҳӣ, дастурӣ - амалӣ, эзоҳӣ – шавқмандкунанда** |
| | Равишҳои омӯзиш | **Иҷроишӣ, репродуктивӣ, сермаҳсул - ҷустуҷӯи, қисман - ҷустуҷӯӣ, ҷустуҷӯӣ.** |
| **Таснифоти Ю.К. Бабанский** | Равишҳои ташкилӣ ва худташкилии фаъолияти таълимӣ - маърифатӣ | **Шифоҳӣ, аѐнӣ, амалӣ, (ҷанбаи дурнамоӣ ва таркиби маърифатро инъикоскунанда)** |
| | | **Индуктивнӣ ва дедуктивнӣ (ҷанбаи мантиқӣ)** |
| | | **Идоракунӣ ва худидоракунии ҷанбаи таълимӣ - маърифатии фаъолият (ҷанбаи кибернетикӣ)** |
| | | **Равишҳои ташаккули манфиатҳои маърифатӣ, ҷалби шавқмандӣ ба таълим** |
| | Равишҳои ҳавасмандкунӣ ва шавқмандгардонӣ | **Равишҳои ташаккули вазифадорӣ ва масъулиятшиносӣ дар таълим** |
| | Равишҳои назоратӣ ва худназоратии таълим | **Равишҳои шифоҳии назорат ва худназоратӣ** |
| | | **Равишҳои хаттии назорат ва худназоратӣ** |
| | | **Равишҳои лабораторӣ - амалии назорат ва худназоратӣ** |
| | Усулҳои назоратӣ ва худназоратии таълим | **Бо истифода аз усулҳои барномасозӣ назорат ва иҷроиши раванди таълим** |
| | | **Истифодаи раванди таълим тавассути барномаҳои компютерӣ.** |

Метавон гуфт, ки ба иллати авомили воқеӣ ва субъективӣ дархосту тақозои таҳсил талаботу ниѐзи инсон аст. Имрӯз ТМ яке аз бахшҳои воқеии

аҳли башар маҳсуб меёбад. Ба он маъно, ки аҳли башар ва ағлаб қисмати калонсоли он ба ҷустуҷӯ ва такмили донишҳои мавҷудаи хеш машғул мебошанд. Мо мебинем, ки донишмандон низ дар канор наистода ба таҳқиқи паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ин мавзуъ камари ҳиммат мебандад ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то бандҳои норавшани ин масъаларо равшан намуда, ба саволҳои мавҷуда посуххои қонеъкунанда диҳанд. Бар фарз асари донишмандони зерин: Ҷ. Пиветау аз Франсия ва Россия А.В. Петровский бо номи «Таҳсил барои мавҷудият» ба нашр расид, ки ҷиҳати рушду тараққӣ ва фаҳмиши амиқи таълими калонсолон появу асосӣ устувор гузошт.

Идомаи таҳсил ба ҳайси принсипе, ки дар он низоми таълим дар маҷмуъ ва аз ин рӯ, дар ҳар як бахши он бунёд ёфтааст, ҳоло дар асл аз сӯйи ҳамаи донишманд пазируфта шудааст. Ин иқдомро созмонҳои байналмилалӣ низ дастгирӣ карданд. Дар ағлаби мамлакатҳои Аврупоӣ консепсияи таҳсили муттасил идома пайдо мекунад. Ин ба маъно аст, ки ин кишварҳо ба таври комил аз он ҷонибдорӣ мекунанд ва ҳамагӣ дар пайи татбиқи он кӯшиш ба харҷ медиҳанд, чун моҳият ва муҳтавои онро ба таври пурра ва амиқ дарк кардаанд. Таърихи рушди педагогика дар аксар мамлакатҳо бо ҳам монанд буда, ҳадафҳои гузоштаи ба ҳам монанд буда, ҳадафҳои гуногун гузоштаи онҳо барои ташкил додани зеҳнияти ҳама қишрҳои ҷомеа, бахусус калонсолон нигаронида шудааст ва имрӯзҳо низ дар ин мамолик ба таҳсили муттасил таваҷҷуҳи амиқ зоҳир карда мешавад. Дастандаркорони ин мамолик ин қазияро хуб дарк кардаанд, ки бидуни маорифи пешрафта давлатро пеш бурда ва ба қавли маъруф ба сӯйи пешрафту тараққӣ такон додан ғайри қобили иҷро мебошад. Дар шароити дигаргуниҳои босуръат пешбурди таълим ва тарбия бамаротиб мураккаб гардидааст. Аммо бидуни ба роҳ мондани онҳо ҷомеа наметавонад ба ояндаи солим нигаронӣ дошта бошад. Бинобарин инсониятро дар ҳама шароит таҳти таъсири таълим ва тарбия гузоштани амалӣ муайянкунандаи фардо мебошад. Ин аст, ки дар аксари мамолики аз назари иқтисодӣ пешрафта ба таҳсили муттасил ва пайваста ва ба он фаро гирифтани калонсолон ва бавежа насле, ки дар

аҳромҳои аслии ҷомеа машғул ба коранд, таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешавад.

Солҳои 60–70-уми қарни XX дар бештари мамолики дунѐ заминаҳои аслии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва педагогӣ ҷиҳати амалӣ шудани ТМ ба амал омад. Агар аз буъди иқтисодӣ ба ин масъала назар андозем, хеле бармало мебинем, ки вақте мамлакатҳо аз назари иқтисодӣ пешрафт мекарданд ва дар раванди итеҳсолот технологияҳои нав ба нав татбиқ мешуданд, коргаронро лозим меомад, ки ин дастгоҳҳоро идора кунанд, дар чунин ҳолат донишҳои онҳо басандагӣ намекард, аз ин рӯ маҷбур мешуданд, ба худомӯзӣ ва машғул шаванд ва ѐ дар як курси бозомӯзи худро номнавис карда, давраи омӯзишиеро паси сар кунанд, то битавонанд он дастгоҳ ва пойгоҳҳои мавриди ниѐзи хешро идора кунанд.

Заминаҳои консепсияи таълим ва ТМ аз рушди босуръати илм, техника ва технологияи иттилоотӣ вобаста аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ технологияҳои нав барои намоиши телевизионии иттилоотӣ ва кабелӣ, алоқаи моҳворайӣ, компютерҳо ва ғайра пайдо шуданд. Имрӯзҳо мо дида истодаем, ки васоили қаблӣ дар ҷомаи технологияи иттилоотӣ арзи ҳастӣ намуда, дар хидмати мардум қарор дорад ва вазоифи таълимиро ба наҳви аҳсан иҷро намуда истодааст. Ин имконот ва зарфияте, ки рӯйи кор омадааст консепсияи ТМ-ро ба таври пурра татбиқ менамояд ва ин консепсия имрӯзҳо дар ҳоли амалишавӣ қарор дорад. Татбиқи ин консепсия заминаи фаровонеро барои таълими муттасил дар мамлакат ба миѐн хоҳад овард ва мо мутмаинем, ки дастандаркорон бо талошу кӯшишҳои пайваст ин консепсияро татбиқ хоҳанд кард.

Хулласи калом, натоиҷи Комиссияи ЮНЕСКО дар китоби *«Омӯзишро омӯхтан»*, ки таҳсилоти муттасилро ҳамчун «ҳама шаклҳо, лаҳзаҳо ва зуҳуроти амали таълимӣ» медонад, мавриди истифода қарор дорад [150, с.14]. Ин шакли таҳсил моро водор мекунад, ки заминаи ТМ-ро ба таври аниқу дақиқ таҳия намуда, дар ихтиѐр мардум гузорем ва он ба нафъи умум хидмат намояд. Як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки таҳсли муттасил

воқеан заминаи хубе барои боло бардоштани сатҳи дониш ва малакаву маҳорат аҳолӣ бидуни таътили кори аслӣ ба шумор меравад. Дар дунёи феълӣ, ки суръати рушди он хеле болост ва ҳар лаҳзаву ҳар дақиқа як таҳаввулоту дигаргунии фаннӣ дар ин ё он гӯшаи он рух медиҳад ва он дар они воҳид тавассути шабакаҳои иҷтимоии Интернет дастраси умум мегардад, моро лозим аст, ки худ биомӯзем ва дигаронро ҳам биомӯзем, то ҳамгоми ҷомеаи башарӣ бошем, дар ғайри ин сурат аз ҷаҳони мутамаддин қафо хоҳем зад.

Яке аз донишмандони амрикоӣ Р.Г. Дэйв, ки бо масъалаҳои ТМ сару кор гирифта чунин гуфтааст: *«ТМ ин ҷараёни рушди инфиродӣ, иҷтимоӣ ва касбии шахс дар тӯли умри ӯст, ки барои беҳтар кардани сифати зиндагии шахси алоҳида ва ҳам ҷомеаҳои онҳо амалӣ карда мешавад»* [257, с. 65-76].

Андешаҳои донишмандон оид ба хусусиятҳои хоси таълими калонсолон собит месозад, ки он дар замони муосир ба фарогирии кулли ниёзмандони таҳсилу омӯзиши муттасил мусоидат менамояд. Аз ҷумла, А.П. Владиславлев чунин изҳори ақида дорад: *«Зери мафҳуми таҳсили муттасил фаъолияти мақсаднок барои дарёфт ва такмил додани донишу малакаҳо дар ҳама намудҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва махсус, инчунин, худомӯзӣ фаҳмида мешавад»* [47, с. 33].

Ҳануз дар замони Иттиҳоди Шуравӣ дар яке аз санадҳо чунин омадааст: *«Таҳсилоте, ки мукаммалии онро дар вақти фардикунонидашуда суръат ва самт фаро мегирад, ба ҳар кас имкони татбиқи барномаи худро барои гирифтани он медиҳад, ки он ТМ ҳисоб карда мешавад»* [35, с. 64].

Бархе аз донишмандон ва мутахассисони соҳаи маориф тайи ин муддат омӯзиши хешро идома дода, ба ин шаклҳои таълим машғул гардиданд. Инчунин, давраҳои ибтидоии таҳсил (дар мактаб, коллеҷ, донишкада, донишгоҳ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ) чи тавре ки дар *«таҳсилоти муттасил»* баррасӣ карда мешаванд. Пайгирии масъалаи мазкур моро ба он оварда расонд, ки дар аксари мамолики муттарақии олам таҳсил пас аз тасҳилрти олӣ таҳсили ғайрирасмӣ ном бурда мешавад.

Таҳсили муттасил дар навбати хеш раванди таҳсили доимиро дар назар дорад, ки он оғоз дораду анҷом не, яъне анҷоми чунин таҳсилот бо маргу ба фано расидани инсон хотима меёбад, муфассалан оид ба ҷараёни омӯзиши амсилаҳои хусусиятҳои фарогир нигаред ба расми 7.




**Расми 7. – Амсилаи хусусиятҳои фарогир, назариячиён ва коршиносони саҳаи маориф дар кишварҳои гуногун**

Мо хуб медонем ва мефаҳмем, ки ҳамаи чизро дар тули як таҳсил ва хондани як донишгоҳ фаро гирифтан аз имкон берун аст. Вақте шумо вориди таҳсилот мешавед, он гоҳ мефаҳмед, ки таҳсили шумо оғоз дораду анҷом не, чунки ҳеҷ чиз догма нест, он ҳамеша дар ҳолати тағйир таҳаввул қарор дорад. Таҳсили муттасил ба шахс имкон медиҳад, ки ҳамеша дар ҷӯши

ҳаводис қарор гирад ва бифаҳмад, ки дар соҳаи ӯ ва куллан соҳаҳои ҷонибии самти ӯ кадом дигаргунӣ ва тағйирот ба вуқуъ пайваста истодааст. Таҳсили муттасил пайвастагӣ ва доимиятро барои инсон фароҳам меорад ва намегузорад, ки инсон, фард ва мутаххасис дар масири донишандӯзии хеш бехабар аз ҷараѐни таҳаввулот дар риштаи хеш бошад. Дар мамолики Ғарб ин чизи маъмулӣ аст, аммо барои кишвари мо ва кишварҳои пасошуравӣ ин чиз то андозае навгонӣ мебошад, дар сурате, ки мо низ ҷараѐнеро бо номи такмили ихтисос доштем, ки он то андозае формалӣ буд ва дар масири баланд бардоштани дониши довталабаш таъсири онҷунонӣ надошт.

Вақте мо ба консепсияи таҳсили муттасил назар меандӯзем ду раванди онро мебинем: яке раванди таълими фардӣ ва дигаре ташкили таҳсили муттасил. Мо ин бахшҳоро мавриди баррасӣ қарор дода ба хулоса омадем, ки таҳсили муттасил ин таълими шахс дар бастари таҳсили расмӣ ва ғайрирасмӣ мебошад, ки онҳо ба хотири такмили дониши инсон ва ѐ фард басиҷ шуда дар қолбаҳои мухталиф амалӣ карда мешаванд. Консепсия ва ѐ муҳтавиѐти таҳсили муттасил ин фаро гирифтани шахс ва ѐ инсон ба дониш дар тули умри ӯ мебошад, ки дар форма ва шаклҳои анъанавӣ ва дигар қолабҳои барои мо норавшану номаълум амалӣ карда мешаванд.

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло ва дигар андешаву гуфторҳое, ки перомуни таҳсили муттасил мавҷуд мебошанд, мо мақдур ба онем, ки таърифи ғайрирасмии онро ироа намоем.

ТМ ин қабл аз ҳама зиндагӣ ва тули умри инсон аст, ки ӯ дар барои пайдо кардани мавқеъ ва манзалати хеш талош мекунад, дониш маҳорат ва малака меандӯзад ва худро барои зиндагии шоиста дар дунѐи пурпечу тоб ва ва пурмоҷаро омода мекунад.

ТМ омӯзиши муташаккилона аст, ки дар асоси омилу шартҳое муайян карда мешавад, ки тайѐрии муттасили шахсро таъмин мекунад.

Таҳсили муттасил ҳамон тавре дар болотар низ зикр кардем, дорои аҳдоф ва мақосиди мушаххасе мебошад, ки онҳо ба хотири такмили донишҳои дар давоири мухталиф касб кардаи инсон басиҷ шудаанд. Ниѐз

аст, ки инсон илм омӯзад, дарс бихонад, донишҳои ба даст овардаи хешро такмил диҳад то аз ҷомеа ва пешрафти илму техника воқиф гардад ва дар асоси ин андешаҳо мавриди дигаре, ки дар ҳаёт мавҷуданд, инсонро ба омӯзиши пайваста ва муттасил водор мекунад.




**Расми 8. – Амсилаи консепсияи ТМ ва давраҳои омӯзиш**

Албатта ҳамон тавре дар бандҳои боло зикраш рафт, ин ба он маъно аст, ки ин амал дар доираи низоми мушаххасе доир мегардад. Яъне таҳсили муттасил низ дорои низоми мушаххас ва тарзҳои татбиқи хеш мебошад, ки аз муҳтавиёт ва мундариҷаи он назария бар меояд. Таҳсили муттасил ба хотири такмили донишҳои қаблан касбнамудаи фард ва ё шахс басиҷ шудаанд ва онҳо дар тули умри инсон ӯро аз ҳар назар омода намуда, барои як зиндагии шоиста ва низомноку пурмазмун омода мекунанд. Дунёи феълӣ, ки шомили фановариҳои хеле ҳангуфте мебошад, ниёз ба омӯзиш дорад, то он фаро гирифта шавад. Технологӣ шудани ҳаёт боиси пайдо шудани як идда аз

масоиле мегардад, ки онҳоро ҳаллу фасл бояд намуд, то инсон битавонад дар он мавқеъ ва манзалати хешро пайдо кунад (расми 8).

Чунин шакли таълим заминаҳои мувофиқи таҳсилро бо истифода аз муносибати педагогӣ талаб менамояд.

Буҳрон дар салоҳияти одамони муосир истиноди асосиест, ки дар занҷираи зуҳури мушкилоти инсоният дар арафаи ҳазорсолаи сеюм мавқеи чашмрас дорад.

Донишмандони соҳа чунин меҳисобанд, ки қафомонии калонсолон аз дигаргуниҳои иҷтимоъ рӯйдоди номатлуб аст. Аз ин рӯ, ҳама дар якҷоягӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ин мушкилро бартараф кунанд ва ашхоси калонсолро ба таҳсил ва бозомӯзӣ фаро бигиранд.

Бидуни шак, вазифаи стратегӣ таъмини таҳсил ва омӯзонидани насли наврас аст. Аммо ҳаѐт дигаргуниҳои рӯзафзун ва талаботи воқеиро бобати аз ҳаѐт қафо намондани кулли қишри ҷомеа, аз ҷумла, калонсолон ба миѐн мегузорад ва дар ин ҷода мебояд қадамҳои устувор дар самти такмили дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ роҳандозӣ гардад.

Дар ин бобат муҳаққиқи фаронсавӣ дар соҳаи таълими калонсолон П. Ленгран гуфтааст: *«дурнамои рушди таҳсилот, агар мо имконияти таҷдидшавии онро якҷоя баррасӣ кунем, аз рушди ТК вобаста мебошад»* [282, с. 50-54].

Ҳоло вазъ чунин аст, ки таълими калонсолон дар мақоми аввал қарор гирифтааст. Бо таваҷҷӯҳ ба он ки пас аз истиқлоли мамлакат ва тағйири сохтори иқтисодӣ як идда аз касбҳои ҷадид рӯйи кор омаданд, мо маҷбурем, барои ба кор ва фаъолият ҷалб намудани ашхоси калонсол онҳоро ба таълим ва давраҳои омӯзишӣ фаро бигирем. Агар ба мамолики дунѐ назар афканем, маҳз дар ин марҳала ҷиҳати такмил ва бозомӯзии калонсолон корҳои назаррасе анҷом дода шуда, дар робита ба таълими калонсолон қонунҳои ҷадид ва асноду мадорики лозима вазъ шуданд, ки такони ҷиддӣ ба ин соҳа ва куллан таълиму бозомӯзии калонсолон маҳсуб меѐбад.

Ҳамзамон, таҳсилоти байналмилалӣ ҷиҳати рушди фарҳангии оммаи васеъ, таҳсилоти умумии калонсолон дар ҳоли тавсеаёбӣ қарор дорад. Дар мамолики аз назари иқтисодӣ пешрафта ва тараққӣ карда, як чизро хуб дарк кардаанд, ки бояд инсон дар маркази тамоми умур қарор дошта бошад ва инсоне, ки соҳибкасб дар канори касбияти баланд боястӣ дорои ахлоқи ҳамида ва намунавӣ бошад ва натанҳо ба худ ва манофеи худ фикр кунад, балки манофи давлат ва миллатро низ дар ҳар коре дар назар бигирад. Тамоми муваффақияти инсон дар он аст, ки ӯ ба таҳсили муттасил идома бидиҳад, яъне дар омӯзиш ва таҳсили хеш пойдор ва устувор бошад.

Масъалаи таълими калонсолон дар микёси байналмиллалӣ аз мавзӯҳои ҷолиби диққат ва муҳимми ҷомеаи муҳаққиқон ва олимону мутахассисони соҳаи андрогогика қарор дорад. Аз ҷумла, соли 1976 ҷаласа-маҷмааи кулли ЮНЕСКО дар Найробӣ гузориши ин масъала ба музокира ва ҳалу фасли васеъ ва фарох табдил ёфт.

Ҳисоботҳои оморӣ дар мамлакатҳои тараққикардаи дунё, аз ҷумла, ИМА нишон медиҳанд, ки калонсолон дар баробари машғул будан ба фаъолиятҳои касбу кори гуногун ба баланд бардоштани савияи донишҳои соҳавӣ, ҳуқуқӣ ва маърифатии худ рӯ овардаанд. Тибқи ҳисоботҳои солҳои охир шумораи калонсолоне, ки ба таҳсил фаро гирифташудаанд, беш аз нифс мебошад. Ин нишондиҳандаи он аст, ки фарогири батаҳсили мудавом метавонад омили пешбарандаи ҷомеа бошад.

Дар Канада бошад, дар он солҳо ҳар панҷумин шаҳрванди болиғ фаро гирифта шуда буд. Соли 1987 дар Фаронса 4 миллиону 722 ҳазор нафар (8,5%-и шумораи аҳолӣ) ва дар Шветсия тахмин 80%-и аҳолӣ ба таҳсил фарогир буданд.




**Расми 9. – Диаграммаи афзоиши теъдоди соҳибкорон ва педагогон дар қиёс ба таври назаррас афзоиш ѐфт ва сифати таҳсилоти калонсолон**

Мутобиқ ба маълумотҳои оморӣ дар Россия аз 164 миллион нафар аҳолӣ 70 миллион, яъне 42%-и онҳо дар шакли мухталиф ба таълим фаро гирифта шудаанд.




**Расми 10. – Сохтори таҳсилоти калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

То соли 2000 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини ТК таҳия гардида буд. Ба расми 10 нигаред.

Дар доираи таҳсилоти расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини таълим амал мекунад:

– таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар мактаб;

– таҳсилоти касбӣ, ки дар шуъбаҳои рӯзонаи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, инчунин, дар курсҳои гуногуни омӯзишии давомнокиашон гуногун ташкил карда мешавад;

– маълумоти миѐнаи махсус, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи махсуси касбӣ, инчунин, дар шуъбаҳои рӯзона ва шабонаи муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи касбӣ амал карда мешаванд;

– касби таҳсилоти олӣ дар асоси қарордод ба тариқи ғоибона ва ѐ фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилои олии касбии хориҷ ва дохили мамлакат;

– дар донишкада ва донишгоҳҳои мамлакат имкони ба таълим фаро гирифтани ашхоси соҳиби таҳсилоти олӣ мавҷуд аст, ки он асосан дар шакли ғоибона ва фосилавӣ амалӣ карда мешавад;

Инчунин, дар донишкада ва донишгоҳҳои мамлакат марокизи таҳсилотӣ роҳандозӣ шудааст, ки онҳо дорои давраҳои омӯзишӣ буда, калонсолонро барои додани ихтисосҳои ҷадид ва соҳиби гувоҳинома кардан ба таъҳсил фаро мегиранд ва дар давраҳои кӯтоҳмуддат соҳиби афзалан касбҳои коргарӣ ва инчунин забондонӣ мекунанд. Ахиран омӯзиши забон ва бавежа забони русӣ хеле зиѐд шудааст, чун давлати Федератсиия Россия аз муҳоҷирони меҳенати донистани забони русӣ ва урфу одат ва анъанаҳои мардуми русро зимни убури марзи ии кишвар  талаб мекунад. Як иқдоми давлати Россияро зикр кардан ба маврид аст, ки ахиран барои шаҳрвандони кишвари мо дар мамлакати худамон аз тариқи муассисаҳои таълимии дастандаркор давраҳои омӯзишии забони русиро бо додани сертификат пас аз фориғ шудан аз ин давраҳои омӯзишӣ вазъ намудааст, ки барои шаҳрвандони мамлакати мо хеле қулай маҳсуб меѐбад.

Яке аз вижагиҳои ТК дар мамлакати мо аз он иборат аст, ки калонсолон бидуни аз истеҳсолот берун омадан ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Вақте шахси мусин ва ѐ ба қавли маъруф калонсол бидуни таътили кори хеш ба омӯзиш машғул мешавад, ҳусни ин дар он аст, ки малака ва маҳорати худро сайқал дода, зимни иҷрои вазоифи хеш онҳоро

мавриди истифода қарор медиҳад, ин барои сайқал ѐфтани кор хеле муҳим ва муфид аст.

Дар асоси маълумоти ҷадвали 4 бо вазъи фарогирии калонсолон ба таҳсил дар ҷумҳурӣ шинос шудан мумкин аст. Дар доираи таълими ғайрирасмӣ, аз ҷумла 24 маркази таълимӣ калонсолонро шомили омӯзиш намудааст. Мо хуб медонем, ки дар канори тараққӣ додани таҳсилоти ҳамагонии миѐна, истифодаи дигар намудҳои таълим барои ашхоси калонсол дар малакати мо дар солҳои ахир хеле ривоҷ ѐфтааст. Яке аз чунин марокиз Маркази таҳсили калонсол мебошад, ки шуъбаҳои ин марказ дар саросари кишвари маҳбубамон Тоҷикистони соҳибистиқлол дарҳои худро ба рӯйи клонсолон боз намудааст. Ҳамасола ин марказҳо садҳо калонсолонро ба таҳсил фаро гирифта соҳиби касбҳои коргарӣ ва бахусус касбҳое мекунанд, ки дар бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ба онҳо талабот хеле зиѐд мебошад.

**Ҷадвали 4. – Шумораи омӯзандагони калонсол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таълими расмӣ (ҳазор)**

| Навъи муассисаҳои таълимӣ | Солҳои 1997-2002 | Солҳои 2003-2008 | Солҳои 2008-2013 | Солҳои 2013-2018 |
|---|---|---|---|---|
| **Мактабҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ** | – | 1884 | 2312 | 6724 |
| **Омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ** | _ | 142 | 244 | 1234 |
| **Муассисаҳои таълимии миѐнаи махсус** | _ | 624 | 986 | 1220 |

Идомаи ҷадвали 4.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Муассисаҳои таҳсилоти олӣ** | 86 | 886 | 1012 | 4626 |
| **Курсҳо, факултетҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос** | 446 | 2622 | 4624 | 12326 |




**Расми 11. – Диаграммаи омӯзандагони калонсол дар ҶТ**

Дар Тоҷикистон марокизи гуногуни бозомӯзӣ ва таълимӣ мавҷуд мебошанд, ки онҳо ба таълими қишрҳои гуногуни ҷомеа машғул буда, дар сафҳои хеш теъдоди хеле зиёди таълимгирандагонро барои фаро гирифтани асосан касбҳои коргарӣ чалб кардаанд. Аммо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки ин фарогирӣ ҳанӯз шакли муназам ва низомнокро ба худ касб нанамудааст ва дар ин самт корҳо барои ба сохтори мушаххас ворид намудани ин марокиз идома дорад ва умедворем, ки солҳои наздик ин иқдом амалӣ хоҳад шуд ва ин шакли таълим низ рӯйи риволи мушаххас ва низоми мушаххасе қарор хоҳад гирифт. Таърих гувоҳ аст, ки мардуми соҳибтамаддуни мо дар масири таърих ба калонсолон арҷгузорӣ мукенанд ва барои риояи эҳтирому бузургдошти онҳо ҳамеша омодаанд. Новобаста ба он ки шахси калонсол таҳсилоти олӣ дорад ё надорад мардум ба онҳо бо назари ибрат менигаранд ва дар онҳо таърихи наздики миллати хешро мебинанд. Мо дар фарҳанги хеш шахси мӯсафед, яъне оне, ки дар торҳои мӯяш сафедӣ давидааст, эҳтиром мекунем ва нисбат ба ӯ эҳтироми махсус қоил ҳастем. Ин ҷо ҳеҷ ҷойи баҳсе вуҷуд надорад. Ин нуктае буд, ки мо мехостем онро ёдоварӣ кунем, то барои муҳаққиқини ин риштa бармало гардад, ки мо

нисбат ба ашхоси мусин ѐ ба қавли маъруф калонсол арзиши махсус қоил ҳастем, сарфи назар аз мақому манзалати онҳо.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба монанди мамолики дигар таълими калонсолон калиди рушди тамомии раванди таълим маҳсуб меѐбад ва ин чиз баҳси бидуни мустадлал маҳсуб меѐбад.




Таълими калонсолон бояд характери расмӣ пайдо кунад. На танҳо одамони маълумоти олидошта, балки шахсони ингуна маълумот надоштаро низ бояд ба таҳсил фаро гирифта ва дар асоси низоми таълим ба онҳо ҳуҷҷатҳои меѐрӣ дода шавад. Нисбати ин масъала таваҷҷуҳ намудан метавонанд ба овардани ҷомеа ба ҳалли масъалаҳои мубрам мусоидат намояд.

Донишманди амрикоӣ М.Ш. Ноулз кӯшиш ба харҷ додааст, ки ҳаѐти амрикоиҳоро баррасӣ намуда, баъзе андешаҳои хешро ҳамчун намуна аз зиндагии мардуми кишвар дар солҳои 70–80- уми қарни XX мисол овардааст:

***Ашхоси аз 18 то 30 сола.***

***Пеша ва мақом:*** қувваи ҳаракатдиҳандаи истеҳсолот ва иҷтимоиёт ба онҳо вобаста аст. Талаботҳои ин гурӯҳ нисбати таҳсил, фаъолият, хизмати ҳарбӣ ва давлатӣ ва дигар намуди корҳо босуръат афзоянда аст. Таълими ин ашхос шарти муҳимтарини иштироки фаъолонаи онҳо дар ҷомеа мебошад, зеро онҳо танҳо тавассути бархӯрдорӣ аз илму донишҳои муосир метавонанд дар идорасозии он иштирок дошта бошанд.

***Макони зист ва хонавода:*** Онҳоро ҷомеа ба ҷазби бештар ба худ фаро мехонад. Масъулияти онҳо дар ташкили хонавода, кор дар истеҳсолот ва ширкат дар ҳаёти ҳаммарӯза бештар эҳсос мешавад, ки таъмини рӯзгор ва ниёзҳои моддии хонавода, мураттаб сохтани шароити маишӣ, харидории амвол ва таҷҳизоти гуногуни ниёзи хонавода, вусъати буҷети хонавода ба хотири таълиму тарбияи фарзанд, зиндагии осудаҳолонаи узви хонавода, нигоҳубини волидони калонсол ва амсоли он.

***Шахсият ва инкишофу тараққии ӯ:*** ин банд шомили мавридҳои зерин аз қабили боло бурдани малакаҳои хониш нутқи гуфторӣ ва навишторӣ идомаи таҳсил, тақвияти этиқодоти мазҳабӣ, таҳкими эътимод ба нафс, соҳиби обрӯ ва эҳтиром шудан дар ҷомеа ва амсоли инҳо мебошад.

***Соати тафриҳ ва истироҳат:*** соати тафриҳ ва истироҳат шомили истироҳат дар осоишгоҳ, пайдо кардани дӯстони нав, ба шуғлҳои варзишӣ машуғул шудан, истироҳат дар якҷоягӣ бо аҳли оила, сайри бозору маркет ба хотири хариди амволу таҷҳизот ва амсоли инҳоро дар бар мегирад.

***Беҳдоштӣ ва саломатӣ:*** назму инзибот дар кору зиндагӣ, истифодаи хадамоти тиббӣ ва пизишкӣ, эҳтиёт аз ҳаводиси нохуш, пешгирӣ аз ҳар гуна амрози вогир, аз тариқи расонаҳои ахбор шиносоӣ ва иттилоъ пайдо кардан роҷеъ ба ҳар гуна бемориҳо ва касалиҳои сироятӣ ва амсоли ин амроз, хариди доруворӣ, ба таври систематики аз муоинаи тиббӣ гузаштан, пешгирӣ аз ҳар гуна хатарҳо, дар кулл нигоҳдории саломатии ҷисмию руҳӣ.

***Зиндагӣ дар иҷтимоъ:*** бархурд ба мактабу маориф ва омӯзгорон, ширкат варзидан дар ҳар гуна тадбирҳо дар робита ба ин ё он ҳаводис, ширкат дар интихобот, нисбат ба ҳаводиси сиёсии ҷомеа назароти худро

доштан, дар чорабиниҳои гуногун фаъолона ширкат варзида изҳори назар намудан, равобити хуб бо дигарон, роҳандозии ҳар гуа чорабинӣ барои кӯдакону навҷавонон ва амсоли инҳо.

***Ашхоси аз 30 то 65- сола.***

***Пеша ва мақом:*** касби маҳорату малакаи ҷадид, фарогирии касбу пешаи хеш ба таври комил ва ҳамаҷониба ва ҳамеша бохабар будан дар бораи навгониҳо дар ин самт, ѐд гирифтани касбҳои ҷадид, мудирияти аҳли коргоҳ ва монанди инҳо.

***Макони зист ва хонавода:*** кӯмак ва мадад ба фарзандон дар айѐми туфулӣ, айѐми наврасиву ҷавонии онҳо,омодагӣ ба таълим дар МТ-и зинаҳои мухталиф, табобати падару модар, муносибати нек ба фарзандони худ, нигоҳдории солимии худу фарзандон,фаҳмидани ҳаѐти калонсолон, волидайну нафақахурон.

***Шахсият ва инкишофу тараққии ӯ:*** дарѐфти манофеи нав, тарки одоти манфӣ ва тарбияти хеш дар ин масир, яъне тарки кулли одоти музир ва шуғл варзидан ба варзиш, обутоби бадан, дарки масоили зиндагӣ ва кӯшиши пешгирӣ аз буҳронҳои зиндагӣ, ҳалли мушкилоти зиндагӣ бидуни латма ворида кардан ба ҳаѐти хонавода.

***Соати тафриҳ ва истироҳат:*** истироҳ ва тафриҳ, мутолиаи китобу маҷаллаҳо, шунидани ахбор ва шиносоӣ бо дӯстони ҷадид, барои истироҳати бофароғат чидани барномаҳои гуногун ва амсоли инҳо.

***Ҳифзи солимӣ:*** роҳандозӣ намудани тарзи солими ҳаѐт, таваҷҷӯҳ ба вазъи солимии хеш, мунтазам аз ташхис ва муоинаи тиббӣ гузаштан, варзиши баданро рукни ҷудонашавандаи фаъолияти ҳамрӯзаи худ қарор додан, иқдомоти нек дар робита ба тарзи солими ҳаѐт ва фаъолият.

***Зиндагӣ дар иҷтимоъ:*** маъсулиятпазир будан ва нисбат ба ҳамаи масоил чунин бархурд намудан, яъне бомасъулият будан, инчунин ифои вазифаи мудир ва роҳбарии ин ѐ он созмон ва ѐ ташкилотро бар уҳда доштан, ширкат дар маъракаҳои сиѐсӣ ва мавқеи фаъол доштан нисбат ба ин ѐ ҳаводиси муҳимми сиѐсӣ дар мамлакат.

***Ашхоси 65-сола ва аз он боло.***

***Пеша ва мақом:*** омодагӣ ба касби нафақа, ба даст овардани самти фаъолиятҳи ҷадиди барои иҷтиоъ муфиду фоидаовар.

***Макони зист ва хонавода:*** маҷрои нави зиндагӣ ва мутобиқ шудан ба вазъу ҳоли нав вобаста ба синни аз 65 - сола ба боло.

***Шахсият ва инкишофу тараққии ӯ:*** тағйири низоми арзишҳо ва қобилиятҳои ҷуброни баъзе мушикилот в амасоил.

***Соати тафриҳ ва истироҳат:*** ин синну сол шомили баъзе аз вижагиҳое мебошад, ки хосси ин синну сол аст, яъне дунболи рафиқи мунис ва ҳамсуҳбат гаштан, истироҳати махсуси ин синн, тибқи одаи рӯий риволу назм чидани корҳо ва бештар ба сайру гашт ва тафриҳ машғул шудан, гоҳан навиштани ѐддоштҳо ва хотирот, ки ин давра шахс бештар ба роҳи тайкардаи хеш назар андохта мехоҳад дарѐбад, ки оѐ роҳи тайкардаи ӯ дурст аст, ѐ хайр.

***Беҳдоштӣ ва саломатӣ:*** мушаххас аст, ки дар ин синну сол бадани аксарияти инсонҳо мувоҷеҳ ба баъзе амрозҳо хоҳад шуд, яъне имкон дорад, шахс зуд-зуд мариз шавад, яъне мутобиқ шудан ба ин синнусол, парҳезгорӣ, истеъмоли доруворихо дар вақти таъйиншуда аз тарафи табиб ѐ пизишки муолиҷакунанда ва анҷом додани корҳое, ки ба ин синну сол хос буда, дар масири тақвияти саломатии инсон таъсиргузор мебошанд, дур кардани тарсу ваҳм, ки баъзан ба ин синнусол хос мебошад.

***Зиндагӣ дар иҷтимоъ:*** шароити зисту зиндагии пиронсолонро беҳтар кардан, касби вазифаҳои нав ба таври ихтиѐрӣ, фаъолона ширкат варзидан дар чорабиниҳои гуногуни ҳамагонӣ, иртиботи қавӣ ва танготанг роҳандозӣ намудан бо созмону ташкилотҳои дастандаркор.

Донишмандони дигари амрикоӣ низ даст ба таҳқиқи ин масоил зада андешаҳои ҷолиб баѐн доштаанд, аз қабили Ҷ. Ҷонстон. Номбурда зимни таҳқиқотҳои хеш бештар аз 1500 нафар амрикоиро мушоҳида намуда, зимни озмоишҳои хеш мавриди истифода қарор додааст.

Ҷойи таассуф аст, ки дар мамлакати мо ҳамон тавре ки мо дар боло омору арқом ва маълумоти зиѐдеро бобати калонсолони амрикоӣ овардем

вуҷуд надорад. Албатта ин ҷо боз ҳамон баҳси тамаддун ва фарҳанги шарқиёнаи мост, ки баъзе аз корҳоро ба хотири нороҳат накардан ва безобита накардани калонсолон анҷом намедиҳем ва вақте шахси калонсол кӯшиш мекунад, кореро ба анҷом расонад, то суде ба хонаводаи хеш биорад, мо онро ору айб медонем ва мегӯем, ки ҳамсоягон ва хешу ақрабҳо чи мегуфта бошанд, охир падар ё боби мо синнаш болост, ӯ набояд кору кунад, вақти он расидааст, ӯ бояд истироҳат кунад ва аз ин ҳарфу ҳадисҳое, ки мо ҳар сар қадам дар зиндагии имрӯзаамон бо он бархурд мекунем. Ба назари мо ин дуруст нест ва бояд ба куллӣ тағйир кунад ва риволу масири нав касб кунад, ҳамон тавре ки дар мамолики хориҷ аст, яъне ривоҷ ёфтааст. Ин ҷо зикри як нукта ба маврид аст, ки инсонҳо дар ҳамаи дунё бо як шева ба дунё меоянд ва пас аз тай намудани мароҳиле ва сипарӣ кардани давоире ин дунёро тарк мегӯянд, яъне ба масал зиндагии ҳамаи инсонҳо шабеҳи ҳамаст. Аммо дар ақсои олам вобаста ба тамаддун ва фарҳанг ва расму русуме, ки ривоҷ дорад, шеваҳои зиндагӣ ва тарзи риволи он фарқ мекунад.

**Ҷадвали 5. – Ҳадафҳои омӯзишии калонсолони ИМА бар асоси гендер ва вазъи иҷтимоӣ**

| Миқдори таҳсилот | Мақоми иҷтимоӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Мардон** | | | **Занон** | | |
| | паст | миёна | Баланд | паст | миёна | Баланд |
| **Тайёрӣ ба сессияи оянда** | 59 | 39 | 34 | 41 | 29 | 20 |
| **Дуруст аз уҳдаи кор баромадан** | 44 | 43 | 50 | 13 | 18 | 24 |
| **Бештар маълумотдор будан** | 25 | 38 | 45 | 39 | 39 | 40 |
| **Хушгузаронии вақт** | 6 | 12 | 18 | 16 | 32 | 31 |
| **Ҳалли мушкилоти хонаводагӣ** | 2 | 8 | 8 | 26 | 21 | 13 |
| **Ҳалли дигар мушкилоти муҳим** | 8 | 12 | 8 | 18 | 12 | 7 |
| **Вохӯрӣ бо одамони нав** | 9 | 11 | 13 | 23 | 16 | 21 |
| **Фаромӯш кардани душвориҳо** | – | 7 | 7 | 16 | 20 | 15 |
| **Ҳадафҳои расида, набудани ҳадафҳо** | 4 | 8 | 3 | 7 | 2 | 7 |
| **Ҳамагӣ (бештар аз 100, зеро мақсадҳои зиёде номбар гардиданд** | 57 | 178 | 186 | 199 | 189 | 178 |




**Расми 13. – Диаграммаи вазъи иҷтимоӣ ва гендер дар ИМА (мардон)**




**Расми 14. – Диаграммаи вазъи иҷтимоӣ ва гендер дар ИМА (занон)**

Аз ин ҷиҳат метвон гуфт, ки зиндагии ашхоси мусин ва ѐ калонсол ба мисли зиндагии қишрҳои дигари ҷомеа пур аз фарозу нишеб ва каму костиҳое мебошад, ки онҳоро боястӣ дар ҳадду зарфияти тавоноиамон ҳаллу фасл намоем, то зиндагии калонсолон, ки аксаран ба иллати синну соли зиѐд мувоҷеҳ ба беморӣ ва касалиҳои гуногун аст, роҳаттар ва бидуни мушкилот паси сар карда шавад.

Тарзи бонизоми таҳсили ашхоси калонсол шомили шаш бахш мебошад:

1. Истеъмолкунанда (хонандагон ва эҳтиёҷоти таълимии онҳо);
2. Иттилоот ва роҳнамоӣ;
3. Сохторӣ;
4. Дастгирии мазмунӣ ва методологӣ;
5. Дастгирии кормандон;
6. Дастгирии илмӣ.

Дар маҷмуъ, ин низом, яъне сохти таҳсили калонсолон боястӣ шомили дархосту тақозоҳои реалии ин гуна афрод бошад, дар баробари ин ниёзҳои аслии ҷомеа ва одамонро дар масири рушду тараққӣ ва ояндабинӣ дар бар мегирад.

Бояд зикр намоем, ки ҷиҳати мушаххас кардани ниёзю таманно ва дархости одамон баррасӣ намудани таҳқиқоти сотсиологӣ хеле зарур аст. Мо ба он ниёз дорем, ки бидонем, ки мардум чӣ мехоҳанд, онҳо чӣ орзую ният доранд ва дар кадом масирҳо мехоҳанд ҳаракат кунанд ва боз барои татбиқи аҳдофи хеш чӣ корҳоеро ба субут расонданианд, ин умур ва дархостҳои одамон моро ба дарку фаҳм ва донистани як идда аз масоили зиндагии онҳо мебарад, ки дар маҷмуъ барои ташхис ва таъйини хеле аз масирҳои зиндагии онҳо лозим ва зарур аст. Яъне бидуни ташхиси ин масоил мо ояндабинӣ карда наметавонем ва инчунин дар ин масир гом бардоштани мо низ ҳадафмандона нахоҳад буд. Пас роҳандозии марокизи ҷалб ва омӯзиши калонсолон ба суди ҳамагон аст. Дар айни ҳол дар кишвари маҳбубамон ва инчунин кишварҳои дигар чунин марокиз пайдо шуда истодаанд ва моро ба он боварманд мекунад, ки дар солҳои наздик ин марокиз дар амри тадрис ва таҳсили калонсолон натоиҷи хубу пурсамар ба бор хоҳанд овард.

Ин марокиз мардумро ҷиҳати хизматрасониҳои феълии таълимии манотиқ огоҳ намуда, эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисодиётро ба кадрҳои баландихтисос, инчунин, эҳтиёҷоти соҳаи таҳсилоти калонсолонро ба тавсияҳои методӣ ва андешидани тадбирҳои судманд муайян мекунанд.

Эҳтиёҷоти одамонро ба хизматрасониҳои таълимӣ муайян карда, марказҳо барои дақиқтар муайян кардани он, ки кадом хадамоти таълимӣ ва

курсҳои омӯзишӣ дар ин ѐ он минтақа зарур аст, кумаку ѐрӣ мерасонанд. Марокизи ТК дар ҷумҳурӣ бо пешниҳоди илмӣ вазоифи хешро дар самти ТК иҷро карда метавонанд. Аз ин рӯ, тавсеаи фаъолияти ин марокиз дар масири таълими калонсолон ва таҳияву ироаи пешниҳодот дар ин самт боиси авҷ ва рушди ин масъала гардида натиҷатан ба нафъи ҳамагон хоҳад буд. Як нукта мушаххас аст, ки ин марокиз боястӣ дар ҷода ва риволи муайян ва барномаи мушаххас фаъолият намоянд, он вақт метавон гуфт, ки натиҷаи кор ба нафъи ҳамагон хоҳад буд. Ба ҳар ҳол, барномасозӣ ба ҳалли масоли методӣ қодир аст,яъне тамоми корҳо бояд аз рӯи системаи муаяне иҷро гардид, он вақт натоиҷи беҳинаро мунтазир шудан имконпазир аст.

Албата даврахои омӯзиш боястӣ аз барномаи мукаммал маншаъ гирифта дорои ҷавоз ва иҷозатнома бошанд ва ин кор роҳи дурусти ҳаллу фасли ин масоил маҳсуб меѐбад, яъне дарѐфти муҷавиз барои давраи омӯзишӣ ва теъдоди муайяни касбҳо барои ашхоси калонсол ва натанҳо калонсол. Воқеият чунин аст, ки ин ҷараѐн боястӣ бонизом ва идорашаванда бошад.

Дар соҳаи ТК бояд анвои васеи шаклҳои давлатӣ ва хусусии ТК бо сохтори гуногун ва муҳимтар аз ҳама шомили барномаҳои таълимӣ бошанд. ТК-ро дар идороти мухталиф ва муассисаҳои мухталифи таълимӣ дар шаклҳои гуногун ҷорӣ кардан мумкин аст. Албатта бояд ин давраҳои таълимӣ шомили барномаҳои мушаххаси таълимӣ ва тавсияҳои ходимони илмии соҳа бошад, дар ғайри ин сурат натоиҷи дилхоҳ ба даст овардан имконнопазир мегардад.

Мазмун ва муҳтавои ТК боястӣ аз ниѐзҳи одамон маншаъ бигирад ва он бояд тамоми паҳлуҳои ҳаѐти калонсолонро фаро гирад, аз ин ҷиҳат таълими калонсолонро метавон ба бахш тафкик кард:

– иҷтимоӣ – нақшавӣ;
– умумифарҳангӣ ѐ умумимиллӣ.

Бахши аввалӣ дар навбати хеш ба се гурӯҳ ҷудо карда мешавад:

1. тахассусӣ, яъне аз назари касбӣ такмил намудани донишҳои хеш ва монанди инҳо;

2. хонаводаи маишӣ ѐ иҷрои самарабахши нақши аъзои оила;

3. иҷтимоӣ, рушд ва такмили вазифаҳои инсон ба ҳайси узви ҷомеа.

Дар маҷмуъ, калонсолон ва сатҳи тарбиянокии онҳоро ба тариқи зайл ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст:

– омӯзиши мактабӣ, ки ба талаботи шахс дар рушди шахсияти ӯ ҷавобгӯ аст;

– маърифати ба талаботҳои инсон ҷавобгӯ буда;

– маълумоти ба дастгириву инкишофи солимии шахсият равонагардида;

– маълумоти қонеъсозандаи талаботҳои шахсият ба дарсҳои фароғатии ҳозира.

Таълими умумадонии ба қонеъсозии эхтиѐҷоти шахсияти ашхоси калонсол равонабударо ба якчанд самт тасниф кардан мумкин аст.

– шинос кардани ашхос бо арзишоти умумиинсонӣ;

– шинохт ва тасаллути комил аз болои хеш ва дар ин замина эҳдоси замина барои рушду тараққии маънавии хеш ва мудирияти хеш;

– аз бар намудани дониш ва малакаҳои мавриди ниѐз ҷиҳати ҳифзи саломатӣ ва беҳдоштии худ;

– мавриди истифода қарор додани ахбори мавриди ниѐз барои беҳинасозии вазъу ҳоли хеш.

Ин ҳама таълими калонсолонро барои аз бар намудани ҳаҷми донишҳои мавриди ниѐз ҷиҳати нигоҳдории беҳдоштии шахс ва куллан ҳаѐту зиндагии ӯ водор мекунад.

Таълими калонсолон ба фард имкон медиҳад, ки дониш ва малакаҳои касбии худро дар соҳаи ҳаѐти истеҳсолӣ ба даст оварад ѐ такмил диҳад; дониш, малака ва сифатҳои барояш дар ҳаѐти ҷамъиятӣ (коллективӣ) ва оилавӣ (шахсӣ) зарурро аз худ намояд. Ин ба таълими илмҳои фалсафа,

ҷомеашиносӣ, психология, педагогика, андрагогика, тиб, ҳуқуқ, иқтисодиѐт, ки калонсолон меомӯзанд, зич вобаста аст.

Аз ин рӯ, таълими калонсолонро чун хидматрасонии таълимии расмӣ ва ғайрирасмӣ барои калонсолон эътироф кардан мумкин аст. Бавежа ин самт афзалиятдор дар рушду тараққи соҳаи маориф дар таҳсили замонавӣ тағйиру дигаргунӣ оварда метавонад. Мушаххас аст, ки таълими калонсолон дар раванди ташкили таълим дигаргуниҳои азим ба бор меорад ва дастандаркоронро водор мекунад, ки як аз масоил марбут ба ин равишро бо равишҳои ҷадид таҷдиди назар намоянд.

Дар замони ИҶШС масъалҳои таълимиву тарбиявӣ хоссагиҳои худро дошту ифодакунандаи ҷанбаҳои тахрихиву фарҳангӣ набуд.

Бо вуҷуди дар як зинаи муайян қарор гирифтани сатҳи донишҳои мардумон наметавонист ифодакунандаи афкори миллии мо бошад. Соҳиб гардидан ба истиқлолият миллати тоҷикро вориди марҳилаи нав сохт ва маҳз мардуми мо тавонистанд, дар асоси идеалҳои навини миллӣ ҷомеа сохта, шаҳрвандонро ба фарогирии таълими муосир даъват намоянд ва ба он фаро гирифтани теъдоди ҳар чи бештари таълимгирандагон буд ва ин низом дар ин давра шакл мегирифт ва рӯйи пойи худ қарор мегирифт ва табъан шомили як идда мушкилот ва суъитафоҳум ва аз ҳама болотар низоми сарбаста ва барои дигарон ғайри боз буд. Акнун дар шароити истиқлоли давлатӣ марому мақсад ва масири соҳаи маориф комилан тағйир карда он шомили усул ва равишҳои гуногун гардида, дар масири мутобиқшавӣ ба низоми маориф байналмилалӣ ҳаракат карда истодааст. Аммо як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, мо зимни пиѐда намудани равиш ва шаклҳои пешқадами дунѐи мутамаддин аз аносири миллӣ ва фарҳанги ғании ниѐкони хеш фаромӯш накарда зимни бунѐн ва эҳдоси ҳар чизи ҷадид ба он фарҳанг ва ғановати маънавии зуд-зуд рӯ меоварем ва бовар кунед, ки аз он мисли аз дарѐ ганҷҳои бебаҳоеро дарѐфт карда меравем.

## 1.3. Асосҳои назариявии андрагогика

Асосҳои илми назариявии илми андрагогика, ки алъон илми дунявӣ ба шумор меравад, бо консепсияҳо ва барномаҳои мушахасси амалкунанда вориди майдрни илм гардидааст ва мақсаду мароми он дар мадди аввал ба таълим фарогирии насли калонсол мебошад.

Дар рисола асосҳои назариявии таълим, ба монанди фарзияҳои ибтидоии андрагогика, принсипҳои андрагогии таълим, амсилаи таълими андрагогӣ, асосҳои технологияи ТК ва амсилаи фаъолияти педагогии андрагогика ҳамчун асосҳои назариявии андрагогика мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Заминаҳое, ки бар пояи муносибати методологӣ ба ташкили раванди таълим боис мешаванд, бояд дар асоси хусусиятҳои психофизиологӣ ва иҷтимоии хонандагони калонсол, хусусиятҳои фаъолияти ҳаррӯзаи касбии онҳо, сатҳи худогоҳӣ, муносибати хонандагон байни ҳам дар ҷараёни таълим муайян карда шаванд.

Заминаҳои ибтидоии бунёдии андрагогикаро метавон чунин ифода кард:

1. Хонанда дар раванди таълими худ нақши муҳим дорад (аз ин рӯ, ӯ хонанда аст, на таҷрибаомӯз);

2. Хонандаи калонсол ба худтатбиқкунӣ, мустақилият, худидоракунӣ саъй мекунад, ки ӯ ҳамчун як фарди дорои дониш ё малака дар ҷамъият метавонад накш дошта бошад;

3. Калонсолони таълимгиранда аз таҷоруби ҳамарӯхаи касбии иҷтимоии хеш ба сифати сарчашмаи таълимгирӣ истифода мебарад. Барои комёб шудан дар масири ҳаллу фасли масоил калонсолон онро меомӯзанд ва бар мекунанд;

4. Ба таҳсил фарогирии калонсолон падидаи мусбат аст, ки аммо натиҷагирӣ аз он бештар муҳим мебошад. Агар таълимдиҳандагон дар кори

худ муваффақ гарданд, пас бо итминон метавон ба дигаргуниҳои ҷадид умед баст;

5. Фаъолияти таълимии хонандаи калонсол шомили омилҳои муваққтӣ мебошад;

6. Раванди таълими калонсолон мисли равандҳои дигари таълим буда, шомили мавридҳои зарурӣ мебошад;

7. Дар асоси ин заминаҳо, андрагогика ҳамаи муносибатҳои таҳсилоти калонсолонро муайян мекунад;

8. Мавзуи андрагогика тарҳи фаъолияти хонандагон ва педагогонро дар ташкил ва амалисозии раванди таълим меомӯзад ва муайян менамояд.

Афзалиятҳои илми андрагогика аз ҷониби муҳаққиқон борҳо ба манзари таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда, он ҳамчун намунаи барҷастаи донишомӯзии инсон дар ҳамаи давраи зиндагӣ ва фаъолияти касбии вай идома мекунад. Дар ин росто М.Ш. Ноулз чунин андеша меронад: «Санъат ва илме, ки ба калонсолон дар омӯхтани дониш, маҳорату малака кӯмак мекунад, «низоми мавқеъҳо» нисбати хонандагони калонсол буда, ба таври гуногун барои калонсолони гуногун вобаста ба вазъи воқеӣ истифода мешавад» [195, с. 115-121].

Муҳақиқи варзида А. Владиславлев, ки ба омӯзонидани ашхоси калонсол диққат додааст, омиӯзонидани калонсолонро ба таври зайл тафсир додааст; Андрогогокаи муосир илмест оид ба мақсаду фаъолият, шартҳои таълими ашхоси калонсол, ки бо мақсади мутобиқ гардидан ба низомҳои тағйирёбанда нигаронида шудааст» мебошад [48, с. 58-59].

Гурӯҳи муҳақикони макотиби олии Англия адрагогикаро ба таври зайл шаҳр додаанд: «Муносибати назариявӣ ба таълими калонсолон, ки он ба хонандагони калонсол имкон медиҳад, то эҷодкори тафаккур ва ҳиссиёти хеш бошанд» [147, с. 52-53].

Вақте ба таърифҳо роҷеъ ба андрагогика чашм меандозем, ба назар чунин менамояд, ки онҳо хеле мухтасаранд ва ё ба предмети андрагогика ба ҳайси ТК марбут намешаванд.

Таҳқиқоти мазкур собит месозад, ки андрагогика ҳамчун рукни маърифатпешаи раванди таълим барои калонсолон аҳаммияти бузургро доро буда, бо роҳу усулҳои босамари тадрис вобаста ба рағбат ва кӯшишу майли онҳо, синну соли он ҷараён мегирад.

Агар мо гуфтаҳои болоро хулоса кунем бояд ба андрагогика ба ҳайси илми ТК муносибат намоем ва вазоифу функисяҳои тарафайн, яъне таълимгирандагону таълимдиҳандагон дар кулли масири таълим мушаххас карда шавад.

Агар мо ин андешаро эътироф кунем, ки андаргогика илм аст, пас боястӣ ин илм шомили дастгоҳи консептуалӣ ва истилоҳҳои хеш бошад. Ин ҷо дигар баҳсе вуҷуд дошта наметавонад. Чун андрагогика маҷрои умумии таълими калонсолонро мушаххас мекунад, пас он назарияи таълими калонсолонро низ дар бар мегирад. Агар қарор бар ин бошад, пас категорияҳои он ба тариқи зайл таҳқиқ мешаванд: андрагогика бо тамоми соҳаҳои илмҳо алалхусус бо низомҳои ҳуқуқии дар ҷомеа амалкунанда робитаи қавӣ дошта, барои тақвият бахшидан ба онҳо дар инкишофёбӣ қарор дорад. Он дорои таърихи пайдоиш, мақсад ва консепсияҳои ба худ хос мебошад.

Андрагогика қонунҳои асосии фаъолияти хонандагон ва педагогонро дар раванди таълим тавсия мекунад. Аз ин рӯ, он як технологияи таълимии калонсолон аст.

Дар робита ба ин андешаи ҷолиб муҳаққиқи соҳа ва ин самти таълиму омӯзиш Е.В.Титов чунин баён доштааст: «Дар гумон аст, ки кӯшиши дар он ҷудо кардани қисматҳое монанди педагогика умумӣ, дидактикаи калонсолон, адрагогикаи мактаб, саноат, кишоварзӣ, туризм ва дигарҳо мувофиқи мақсад бошад» [236, с. 31-32].

**Ҷадвали 6. – Муқоисаи амсилаҳои педагогӣ ва андрагогии таҳсилот**

| **Муносибатҳо** | **Амсилаҳои педагогӣ** | **Амсилаҳои андрагогӣ** |
|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** |
| Худогоҳии хонанда | Дарк кардани вобастагӣ | Ҳис намудан ё афзудани худидоракунӣ |
| Таҷрибаи хонанда | Аҳаммиятнокии кам | Сарчашмаи васеи омӯзиш |
| Тайёрии хонанда ба таълим | Бо мукаммалсозии физиологӣ ва маҷбуркунии ҷамъиятӣ мушаххас мешавад | Бо функсияҳо оид ба мукаммалсозии шахсият ва азхудкунии нақшаҳои ҷамъиятӣ муқаррар мешавад |
| Истифодаи донишҳои ноилшуда | Мавқуфгузошта ё ба таъхирафтода | Очилӣ |
| Ба таълим нигаронидашуда | Ба фанни таълимӣ | Ба ҳалли душворӣ |

Андрагогика як қисми таркибии педагогика буда, дар навбати худ онро пурра месозад. Бинобарин моделҳои педагогӣ модули таҳсилотии андрагогикаро ташкил медиҳад ва ахлоқи муҳассилин нигаронида шудааст. Ин ғояи идеалии раванди таълим аст, ки аз мавқеи педагогикаи ТК ё аз нуқтаи назари андрагогика ва ТК ташаккул меёбад.

Донишманди амрикоӣ М.Ш. Ноулзро уламои соҳа бунёнгузори андаргогика меҳисобанд, номбурда дар навбти хеш амсилаҳои андрагогика ва педагогикаи таълимро ба тариқи зайл нишон додааст, [274, с. 104]:

**Ҷадвали 7. – Муқоисаҳои амсилаҳои педагогӣ ва андрагогии таълим**

| **1** | **2** | **3** |
|---|---|---|
| Тарҳрезии раванди таълим | Аз ҷониби педагог | Якҷоя бо хонандагон |
| Муайянкунии эҳтиёҷоти раванди таълим | Аз ҷониби педагог | Якҷоя бо хонандагон |
| Мушаххаскунии ҳадафҳо | Аз ҷониби педагог | Якҷоя бо хонандагон |
| Тартиб додани раванди таълим | Мантиқи фанни таълимӣ | Вобаста ба тайёрии таълимгирандагон дар иртибот ба раванди омӯзиш |

Идомаи ҷадвали 7

| Фаъолияти омӯзишӣ | Равишҳои ироаи дониш | Равиши ба даст овардани донишҳои ҷадид дар асоси таҷрибаи андӯхташуда |
|---|---|---|
| Арзёбӣ | Аз сӯи омӯзгор | Муайян намудани ниёзҳои ҷадиди омӯзишӣ, арзёбии ҳамгироии барномаҳои омӯзишӣ |

Бар пояи бандҳои андрагогика донишманди амрикоӣ ва яке олимони соҳаи андагогика М.Ш. Ноулз чунин қайд менамояд: «Барои калонсолон корҳои омӯзишӣ ташкил карда шавад, ки хусусиятҳои асосии онҳо нақши пешбарандаи хонанда дар таҳия ва амалисозии барномаи таълимӣ, фаъолияти муштараки хонанда ва тренер – педагог дар омода кардан, инчунин, ҷорӣ намудани чараёни таълим мебошад. Ҳамзамон, муҳити омӯзишии дӯстона, ғайрирасмӣ, дар асоси эҳтироми тарафайн, кори муштарак бо дастгирӣ ва масъулияти ҳама иштирокчиёни фаъолияти таълимиро таъмин кардан хеле муҳим ас» [278, с. 65-66].

Таносуби муносибатҳои байни муаллим ва коромӯз муайянкунанда мебошад. Навъҳои ҳамкорӣ дар байни субъектҳоро дар раванди омӯзиш донишманди амрикоӣ М.Ш. Ноулз ба тариқи зайл ифода намудааст [276, с. 90].

**Ҷадвали 8. – Таълимгирандагон ва омӯзгор ва ҳамкории онҳо дар чараёни омӯзиш ашхоси калонсол**

| Таълигиранда | Омӯзгор |
|---|---|
| 1 | 2 |
| Ба омӯзиш ниёз доштани худро мефаҳмад | – таълимгирандагонро ба потенсиалҳои ҷадиди худтатбиққунӣ ҳидоят менамояд;<br>– ба так-таки таълимгирандагон дар масири омӯзиш ва худмуайянкунӣ мусоидат менамояд; |
| | – талош ба он дорад, ки таълимгирандагон дар байни саъю кӯшиш ва вазъияти феълии хеш фарқ гузошта битавонанд;<br>– таълимгирандагонро ба он кумак мерасонанд, ки вазъияти феълии хеш ва мушкилоти онро дарк намуда роҳҳои ҳалли онро пайдо кунанд; |

Идомаи ҷадвали 8

| | |
|---|---|
| Хеле ниёз ба он дорем, ки дар фазои таълимию тарбиявӣ қарор дошта бошад ва дар ин фазо тамомии мавориди эҳтиром ва тафоҳуми байниякдигарӣ вуҷуд дошта бошад | – ҷави муноисби таълимиро таъмин мекунад(манзур аз ҷави муносиби таълимиӣ васоити таълимие мебошад, ки барои пешбурди таълим дар он тамоми имконот мавҷуд мебошад);<br>– таълимгиранда ба ҳайси шахсият пазируфта мешавад ва аз ин маҳал ба ӯ арҷ мегузоранд;<br>– талошу кӯшиш ба харҷ медиҳад, ва мекӯшад, ки эътимодро дар миёни хонандагон ҷорӣ намуда, аз ин тариқ тафоҳуму<br>кумаки ягдигарӣ дар байни онҳо барпо намоянд;<br>– аз эҳсоси хеш кор гирифта дар байни таълимгиранагон фазои солиму кумаки ёриро роҳандозӣ мекунад. |
| Аҳдофи омӯзишро ташхис дода, онҳоро ба ҳайси сифати худӣ мепазирад | – таълимгирандагонро ба ҷараёни ҳамгирои ташхиси мақосиди омӯзиш ҷалб намуда, дар он ниёзи таълимгиранда ва муассисаи таълимӣ, омӯзгор ҷомеа, мантиқи фанҳои таълимӣ ба инобат гирифта мешавад. |

Амсилаи дигари андрагогӣ, ки аз тарафи тими уламои Донишгоҳи Ноттингем таҳия ва тадвин шудааст, нисбат ба амсилаи М.Ш. Ноулз [277, с. 78-79] пурратара ва ҳамаҷониба маҳсуб меёбад. Онҳо чунин менигоранд: «Хусусиятҳои синнусолӣ, психологӣ, иҷтимоии хонандагони калонсол ва фаъолияти онҳоро дар ҷараёни таълим ҳадафи асосии таълими калонсолон ва ташаккули тафаккури эҷодии интиқодӣ аст, ки бо ҳассосияти инсон якҷоя мешавад» [275, с. 45-49].

*Бандҳои аслии гуфтаҳои гурӯҳи донишмандони Нотингемӣ чунинанд:*

1. Баррасии инсон ба ҳайси объекти иҷтимоӣ ва дар иртибот бо иҷтимоъ лозим аст;

2. Одами калонсол шахсест, ки қобилияти балндӣ андешаронӣ доранд ва мавҷуди иҷтимоӣ маҳсуб меёбад;

3. Шахси калонсол бо имконоту зарфияти хеш дар масиру рушд ва сифатҳои руҳию ҷисмонӣ аз дигар ашхос ва бавежа кӯдакон комилан фарқ мекунад. Ин ба он маъно аст, ки шахси калон бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи зиндагӣ ва фаъолият ва омӯзишҳое, ки доштааст, шахсияте мебошад, ки комилан хислату хуи ӯ шакл гирифтааст ва ӯ нисбат ба тамомии ҳаводис ва

воқеаҳо нуқтаи назари хешро дорад, аз ин назар роҳандозии ҳар гуна шакли таълим боястӣ аз ин маҳал сурат бигирад;

4. Калонсолон бо тафаккури эҷодӣ ва танқидии хеш бартарӣ дошта, ин ду буъд барои тараққӣ ва инкишофи онҳо аз ҳар назар кумаку ѐрмандӣ мекунанд;

5. Ҳамгироии тимҳои таълимӣ ва фардӣ мунҷар ба боло рафтани тафаккури эҷодӣ ва танқидӣ хоҳад шуд;

6. Калонсолон дар соҳаи маърифатӣ ва эҳсосӣ муваффақанд;

7. Такмили дониш барои ашхоси синну соли калон ду масъалаи асосиро дарбар мегирад. Аз як ҷониб, он ба таълимгирандагон имкон медиҳад, ки савияи маърифатнокии хешро рушд диҳанд. Аз ҷониби дигар, онҳо дар шароити пайвастаи ҳам омӯзиш ва ҳам эҷод қарор хоҳанд гирифт. Ин ҷо басароҳат метавон гуфт, ки таълимгирандагон мақдур ба он мебошанд, ки дар заминаи донишҳои мавҷуда низому сохторҳо ва фарзияҳои ҷадидро баѐн дошта, роҳандозӣ карда бошанд.

Ин ҷо пасаз баррасии ин масоил метавон гуфт, ки шахси калонсол ва ѐ ба қавли маъруф ҳамонтавре ки мо онҳоро дар кори хеш ном бурдем, хонанда ва ѐ таълигиранда бо такя ба донишҳои андӯхта ва таҷрибаи кофӣ ба таҳлил, синтез ва кашф даст бизанад.

ТК маъмулан дар доираи худи онҳо роҳандозӣ карда мешавад. Таълими калонсол шомили муносибати андрагогӣ мебошад ва он бо шева ва равишҳои мухталиф амалӣ карда мешавад. Андрагогика як қисми таркибии педагогика буда, дар навбати худ онро пурра месозад. Бинобарин моделҳои педагогӣ модули таҳсилотии андрагогикаро ташкил медиҳад ва ахлоқи муҳассилин нигаронида шудааст. Ин равиш аз сӯйи ашхоси масъул роҳандозӣ шуда, дар он мушаххас аст, ки таълимгирандагон дар поѐни кор ба чӣ натиҷа ноил мегарданд.

Вақте ки муҳтавои таълим комилан ва қаблан муайян карда намешавад, раванди омӯзиш шомили ироаи масъала ва пайдо кардани равишҳои онҳо мебошад. Дар ин сурат таълимгирандагон муҳтавои таълим

ва усули мавриди ниёзи хешро ҷиҳати ҳаллу фасли масоил интихоб мекунанд. Усулу равишҳои охир ҷиҳати ҳаллу фасли масоили андрагогика таҳия ва тадвини амсилаҳои омӯзишӣ равона карда шудаанд.

Ҳадафи аслии ин равиш таълигирандагонро ба кору фаъолияти зеҳнӣ басиҷ кардан аст. Ин дар амал чунин ба назар мерасад: *«тафаккур→омӯзиши масъала→ҳалли масъала»*. Ин равишҳое, ки дар охири гуфтаҳои хеш мо зикр кардем, онҳо бештар ба амсилаи андрагогии омӯзиш мувофиқат доранд, ки ин барои роҳандозии ин шакли омӯзиш хеле муҳим ва хеле қулай мебошад.

**Ҷадвали 9. – Фаъолияти якҷояи педагог дар муносибати андрагогии марбут ба таълими калонсолон**

| 1 | 2 |
|---|---|
| **Як қисми масъулиятро ҷиҳати тархрезӣ ва татбиқи таҳсил бар дӯш гирифтаанд** | Якҷо бо таълимгирандагон роҷеъ ба самтҳои лозими омӯзиш, интихоби маводи таълим ва равишҳои омӯзиш суҳбат ороста, дар якҷоягӣ тасмимотеро дар ин радиф ахз мекунанд |
| **Дар чораҷӯӣ тадвини амсилаи омӯзишӣ ба таври фаъолона ширкат меварзанд** | Таълимгирандагонро дар масъалаи муттаҳид гаштан дар як гурӯҳи таълимӣ кумак намуда, онҳоро барои ҳаллу фасли вазоифу масоили ба дӯш гирифта басиҷ мекунанд ва роҳҳои ҳаллу фасли масоилро нишон медиҳанд |
| **Дар омӯзиш иштирок мекунад, таҷрибаи хонандагонро истифода мебарад** | Таълимгирандагонро ба он водор кунанд, ки аз таҷрибаашон ба таври ҳадди аксар истифода кунанд. Зимни истифодаи таҷрибаи хеш аз шаклҳои мақдур аз қабили баҳс, ҳар гуна бозиҳои нақшӣ ва амсоли инҳо истифода намоянд. Инчунин, ба таълимгирандагон истифодаи донишҳои нав дар зимни кору фаъолияташонро омӯзанд |
| **Дар фосилаи начандон дур қарор доштани аҳодофи баплангирифтаро мефаҳманд** | Таълимгирандагонро ба он басиҷ кунанд, ки зимни арзёбии корҳо аз меъёру улгуҳои маъруф кор гиранд |

Дар асоси фарзияҳои дар боло овардашуда ва бо назардошти намуд ва усулҳои таълим, муаллифон ба вижагиҳои зерини таълими андрагогии калонсолон ва педагогон ишора мекунанд:

– омӯзиш вава муносибати ғайрифармонравоӣ ва ғайринамояндагӣ ба он;

– таълиме, ки ҷиҳати ба каф дароварлани натоиҷ ва ҳаллу фасли масоил ҳидоят карда шудааст Ин дар таълими анъанавии муосир ҳам хеле маъмул аст;

– ҳаллу фасли мушкилиҳову аз худнамоии донишҳои нав;

– гирифтани натоиҷи таълимӣ ва санҷидани ин натиҷаҳо дар ҷараѐни корҳои педагогӣ;

– бароҳмонии гурӯҳи тамринотӣ бо роҳбари нав ивазкунии онҳо

– ҳар як омӯзанда масъул вазифадор мегардад, ки масъулияти омӯзишро бидуни назорат ва пайгирии омӯзгор бар уҳда мегирад ва содиқона ва софдилона пайи иҷро супоришҳои таълимӣ мешавад;

– арзѐбии натоиҷи омӯзиш яке аз бахшҳои муҳимми раванди омӯзиш маҳсубмеѐбад;

– гуфтугӯ дар байни аъзои тими таълимӣ, ки дар васати он равиш ва усули омӯзиш қарор дорад.

Дар ин росто, пас аз баррасии амсилаҳои М.Ш. Ноулз ва муҳаққиқони донишгоҳи Нотингем мо дар иртибот бо роҳандозии таҳсилоти калонсолон дар кишвари азизамон Тоҷикистон метавонем амсилаҳои андрагогӣ ва педагогиии мавриди ниѐз хешро таҳия намоем [277, с. 56-59].

Дар амсилаи педагогӣ хонанда ба пуррагӣ ба муаллим вобаста аст. Педагог муайян мекунад, ки чи гуна бояд омӯзонад ва хонанда чӣ гуна бояд таҳсил кунад, яъне ҳадафҳо, мундариҷа ва натиҷаҳои омӯзишро педагог таҳия ва пешбинӣ мекунад.

Дар амсилаи андрагогии таълим хонандагон бояд дар ҷараѐни таълим нақши роҳбарикунанда ва ҳалкунанда дошта бошанд, аз ҷумла ҳангоми муайян кардани муносибатҳои ҷараѐни мазкур. Хусусияти асосии раванди таълими андрагогӣ ин ҷараѐни мустақилона муайян кардани муносибатҳои омӯзиш барои таълим ва ҷустуҷӯйи дониш, малака ва сифат мебошад.

Дар амсилаи педагогӣ таҷрибаи таълимгиранда он қадар ҳам ба назар гирифта намешавад. Омӯзгор ба китоби дарсӣ такя мекунад, ҷараѐни таълим мутобиқ ба стандарти таълим, нақшаи таълим ва китоби дарсӣ сурат мегирад. Дар ҷараѐни дарс омӯзгор бештар фаъол аст ва тамоми функсияҳоро ӯ иҷро мекунад, таълимгирандагон ва ѐ хонандагон бештар ҳамчун мушоҳидачӣ назорат мекунанд. Мутобиқ ба технологияи таълим намудҳои зерини фаъолият дар назар гирифта шудаанд: маърузаҳо, дарсҳои амалӣ, озмоишӣ ва амсоли инҳо.

Агар мо ба амсилаи андрагогӣ назар андозем, пас он чунин арзѐбӣ мегардад, ки таҷрибаи ғании андӯхтаи таълимгирандагон ҳам барои худи ӯ ва ҳам барои таълимгирандагони дигар сарчашмаи омӯзиш маҳсуб меѐбад. Дар ин ҳолат мурабии андрагог таҷрибаи андӯхтаи таълмгирандагонро хуб омӯхта, бо такя ба он ҷараѐни таълими хешро барои андрагогҳо тарҳрезӣ мекунад. Шаклҳои таълими андрагогӣ бар асоси баҳсу мунозира, мусобиқа, гузориш ва ҳалли проблема, озмоишҳо ва кор бо урӯҳҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳар як муҳассил метавонад дар тибқи ақоиди хеш устувор бошад ва аз ӯҳдаи ҳифзи он баромада тавонад.

Ба ҳамин минвол агар мо ба амсилаи омӯзгорӣ назар андозем хеле роҳат мебинем, ки он рӯйи назми муайяне сохта шуда, то андозае хислати иҷборӣ ва маҷбуркунӣ ва якнавохтӣ дорад.

Вазифаи асосии мураббӣ – андрагог дар ҳолати мазкур аз ташкили ҳавасмандкунии сунъӣ, амалҳо барои муайян кардани ҳадафҳои ҳавасмандкунандаи омӯзиш иборат аст.

Амсилаи андрагогӣ таълимгирандагонро барои он ба омӯзиш ҷалб мекунанд, ки тавассути он хонандагон салоҳиятҳоеро ҷиҳати ҳаллу фасли масоили хеш дар зиндагии рӯзмарра касб кунанд. Аз ин рӯ, таълимгиранда, хонанда дар роҳандозии раванди омӯзиш шахси фаъол ва муташаббис мебошад.

Калонсолон эътимод доранд, ки дар масиру қолаби андрагогӣ ба татбиқи дониш ва малакаҳои хеш муваффақ шаванд, яъне бо ин роҳ дар

зиндагӣ мақоми хешро аз даст надода, ҳамгоми дигарон бошанд. Дар асл ин ният ва кӯшиши доимо пеш рафтан ба ҷустуҷӯ ва ковишҳои омӯзишии инсон роҳи васеъ мекушояд. Дар ин росто дарки ин масъала, ки ман барои ҷомеа ашхоси баэътибор мешавам, инсонро ба шоҳроҳи калон ва равшану фарохи зиндагӣ мегузорад. Дар маҷмуъ, фарогирии ашхоси калонсол ба ин марокизи омӯзишӣ ба хотири касби салоҳияти нав аз сӯйи эшон ва сомон додани зиндагии хеш дар ин мақтаи замонӣ – синни калонсолӣ мусбӣ арзѐбӣ мегардад.

Муҳим он аст, ки шахси калонсолро ба таълиму омӯзиш, таҳқиқу пажуҳиш омода карда бошем. Равоншиносон ин мароҳилро бо номҳои гуногун ѐд мекунанд ва як нуктаи он, яъне як бахши он бо номи буҳрон ѐд мешавад. Дар ҳақиқат, ҳар мақтаи замонии зиндагии инсон аз маҷмуи буҳрон иборат аст, ки бартараф кардани он роҳро барои зиндагии минбаъдаи инсон тахту ҳамвор мекунад.

Фаъолияти хонанда баҳри ба даст овардани дониш, малака ва сифатҳои мушаххасе равона мегардад, ки барои ҳалли мушкилоти зиндагиаш заруранд. Фаъолияти педагог аз он иборат аст, ки ба хонанда дар интихоби дониш, малака ва сифатҳои барои ӯ зарур кӯмак кунад. Омӯзиш дар заминаи модулҳои байнисоҳавӣ (блокҳо) асос ѐфтааст.

Агар он чи мо дар саҳафоти боло аз он ѐд кардем хулосагирӣ кунем, дар амал фаъолияти якҷояи таълимгиранда ва шахси омӯзгор татбиқ нашуда истодааст.

Тамоми хусусиятҳои дар боло зикршудаи амсилаҳои таълимии педагогӣ ва андрагогиро метавон дар шакли ҷадвал ба тариқи зерин пешниҳод кард ҷадвали 10.

**Ҷадвали 10. – Амсилаи педагогии таълими калонсолон**

| Нишондодҳои ҷамъиятӣ-психологӣ | Ҷанбаи нишондод | Кор ва нақши хонанда | Кор ва нақши педагог | Ҷанбаи ташкили раванди таълим |
|---|---|---|---|---|
| **Худогоҳии хонандагон** | Тобеӣ, вазъи мувофиқ омадан, мустақил набудан | Нақши ғайрифаъол; кор оид ба идрок(ресептивӣ) | Нақши асосӣ; кор доир ба мушаххас кардани ҳамаи муносибатҳои таҳсилот | Тасвири (додан ва қабули) таҷрибаи иҷтимоӣ |
| **Таҷрибаи хонанда** | Мавҷуд набудан ѐ кам ба назар расидан | Камарзишии таҷрибаи таълимгирандагон | Таҷрибаи омӯзгор ба ҳайси пояи асосӣ, пайравӣ ва тақлидкорӣ | Мисолҳо, равишҳои иттилоотию иртиботии таълим |
| **Омодагӣ ба омӯзиш (ҳавасмандӣ) ва мақсади омӯзиш** | Бо омилҳои беруна муқаррар карда намешаванд (сабзиши физиологӣ, маҷбурсозии иҷтимоӣ), шавқмандии кам | Кам кардани ҳавасмандӣ ва тайини мақсадҳои омӯзиш; мушаххас намудани аҳдофи беруна, майлу хоҳиш ба таълим ва омӯзиш | Роҳандози ҳавасмандии ғайритабиӣ: фаъолият ҷиҳати мушаххас кардани ҳадафи таълим | Меъѐрикунонии ҷарайни омӯзиш марбути фанҳои умумӣ мебошад |
| **Истифодаи донишҳо, қобилияту малакаҳо** | Шароитҳои ба муҳлатҳои номаълум мавқуф монда | Азбаркунии дониш, малакаю маҳорат ва инчунин захираи онҳо | Интиқол додани теъдоди ҳангуфти ДҚМ-ҳо бидуни алоқаҳои конкрети амалӣ | Таълим бар пояи фунуни дар иртибот набуда, аммо бо мантиқи фанҳои ҷудогона |
| **Иштирок дар раванди таълим** | Ғайрифаъол | Дар ҷараѐни таълим иштироки ғайрифаъол доштан | Роҳандозии ҷараѐни таълим дар якҷоягӣ бо омӯзгор | Фаъолияти ҷудогонаи таълимгиранда бо омӯзгор оид ба умумри роҳандозӣ |

**Ҷадвали 11. – Амсилаи андрагогии таълим**

| Муносибатҳои ҷамъиятӣ-психологии хонандагон | Ҷанбаи нишондод бо фоиз | Кор ва нақши хонанда | Кор ва нақши педагог | Ҷанбаи ташкили раванди таълим |
|---|---|---|---|---|
| **Худогоҳии хонанда** | Ба роҳ мондани мустақилия, итоатнакунӣ ва худидоракунӣ | Нақши асосӣ, пешбар дар муайянкунии муносибатҳои таълим | Мусоидат ба муайянкунии муносибатҳои таълим ва ҷустуҷӯйи озоди маълумотҳо | Рафти муайянкунии озоди муносибатҳои таълим ва ҷустуҷӯйи ДҚМ-ҳо. |
| **Таҷрибаи хонанда** | Мавҷуд будани ҳаҷми калони таҷрибаи фаъолияти ҳаётӣ (маишӣ, ҷамъиятӣ ва касбӣ) | Нақши асосии таҷрибаи хонанда, истифодаи он ҳамчун яке аз манбаъҳои таҳсилот | Мусоидат дар муайянкунии таҷрибаи хонанда | Истифодаи таҷрибаи хонанда; Усулҳои таълими ҷустуҷӯйи таҷриба |
| **Омодагӣ ба таҳсил (шавқмандӣ) бо мақсади таҳсилот** | Мувофиқи мақсад будани ҳалли мушкилоти ҳаётан муҳим, мушаххас карда мешавад, ба мисоли ҳавасмандии зиёд | Нақши асосии хонанда дар ташаккули шавқмандӣ ва муқарраркунии ҳадафи омӯзиш | Мусоидат дар муайянкунии эктиёҷоти таълимӣ ва муқаррарсозии ҳадафи омӯзиш | Фардикунонии таҳсил, ки ба ҳадафҳои муайяни таҳсил нигаронида шудааст |
| **Истифодаи ДҚМ-ҳои азхудкарда** | Тасмимҳои фаврӣ ҷиҳати ҳаллу фасли масоили аслии ҳаёт | Аз бар кардани ДҚМ-ҳо ҷиҳати ҳаллу фасли масоили хеле муҳимми ҳаётӣ | Дар масъалаи интихоби мuҳтавои таҳсилот кумак расондан | Таҳсилот дар бастари амсилаҳои байнифаннӣ (блокҳо) |
| **Ширкат дар ҷараёни таълим** | Фаъол будан | Ширкат дар барномаезӣ, татбиқ, арзёбӣ ва ислоҳи ҷараёни таълим | Роҳандозии кори муштарак оид ба тарҳрезӣ ва татбиқу арзёбии ислоҳоти ҷараёни таълим | Фаъолияти якҷояги таълимгирандаго ну омӯзгор ҷиҳати роҳандозии ҷараёни омӯзиш |

Ҳамин тариқ, модели андрагогии омӯзиш кори самараноки ибратбахш, шавқу иштиёқи хеле зиёди ӯ ва, билохира, пурбории хеле зиёди чараёни омӯзишро таъмин менамояд. Ин чунин маъно дорад, ки принсипҳои асосии андрагогика асосҳои методологӣ ва педагогии таълиму омӯзиши калонсолонро танзим намуда, вазифаҳои асосии онро мушаххас мекунад. Аз ҷумла:

***1. Бартарӣ ва афзалияти таълими мустақилона.*** Афроди калонсол бештар аз ҳама ба таври мустақилона фаъолият мекунанд, чунки таҷриба ва дониши андӯхтаи онҳо ба ин кор кумак мекунад. Ҳангоме, ки калонсолон мустақилият нишон дода, ин ё он корро иҷро мекунад, дар илми андродогӣ ин намуди таълим чун азхудкунии дониши навин дарк мегардад.

***2. Равиши фаъолияти муштарак ва ё ҳамгиро.*** Ин равиш кори муштараки таълимгирандаро бо омӯзгор ва устод – андрагог бо таълимгирандагони дигар ҷиҳати баплангирии раванди омӯзиш ва ислоҳи он дар назар дорад.

***3. Равиши вобаста будан ба таҷрибаи таълимгиранда.*** Мутобиқ ба ин равиш таҷрибаи ҳаётии ҳамарӯзаи таълимгиранда ва зиндагии ӯ дар иҷтимоъ ба ҳайси яке аз сарчашмаҳои таълим барои таълимгирандагон ва дигар ҳамкорон мавриди истифода қарор мегирад.

***4. Фардикунонии омӯзиш.*** Бар пояи ин равиш ҳар як таълимгиранда дар ҳамроҳӣ бо омӯзгор ва гоҳан бо таълимгирандагони дигар барномаи таълимии индивидуалие мураттаб намоянд, ки ба талаботҳои конкретии омӯзиши равона шуда бошанд ва инчуни вижагиҳои физиологии таълимгирандагонро ба инобат бигирад.

***5. Омӯзиши муназам.*** Ин равиш ҳамоҳангии аҳдоф ва муҳтаво, шакл ва равишу василаҳои омӯзиш ва баҳодиҳии натоиҷи омӯзишро таъмин менамояд.

***6. Пойгоҳи омӯзиш.*** Нақша ва барномаҳои омӯзиши насли калонсол бояд ба пуррагӣ аз нақша ва барномаҳои меъёрӣ фарқ кунанд. Ҳатто

муҳасилин метавонанд дар таҳия ва муратабсозии онҳо иштирок дошта бошанд. Ва табиист, ки ҳар як дониши азхудкардашуда бояд ҷанбаи татбиқӣ дошта бошад ва муҳасил тавонад баъди фарогирии курси муаян самти фаъолияти худро дигаргун намуда барои самаранокии кораш имконият пайдо намояд.

***7. Усули таҷдиди натиҷаҳои омӯзиш.*** Ин усул истифодаи мустақими дониш, малака ва сифатҳои ҳосилшударо дар амал ифода мекунад.

***8. Усули интихобии таълим.*** Ин банд шомили он аст, таълимгиранда дар ин масир шомили озодии муайяне мебошад.

***9. Усули рушди талаботи таълим.*** Ин равиш баёнгари он аст, ки натиҷаҳои таълим мутобиқ ба пояҳои муайяншуда арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин ин равиш шомили он аст, ки ниёзҳои минбаъдаи таълимгирандагонро мушаххас намуда барои татбиқи онҳо тадобири дархӯр андешида шавад.

***10. Усули дарк кардани омӯзиш.*** Ин маънои онро дорад, ки хонанда ва мураббӣ-андрагог ҳама муносибатҳои ҷараёни таълим ва амалҳои раванди таълимро хуб дарк мекунанд.

Равишҳое, ки барои ТК ба таври фишурда баён шудаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ ба усулҳои таълим дар муғоират қарор надоранд. Яъне онҳо комилан ба ин усулҳои мувофиқат менамоянд. Дар зер мо якчанд усули марбут ба таълими калонсолонро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Ин принсипҳо аз принсиҳои педагогӣ бо чунин вижагиҳои хеш фарқ мекунанд. Яъне принсипҳои андрагогӣ фаъолияти таълимгиранда ва омӯзгорро танзим мекунанд ва принсипҳои педагогӣ бошад, дар навбати хеш дастрасӣ, илмият ва пайвастагиро танзим мекунанд. Бо ин ки ин принсипҳо ба ҳам хеле шабеҳанд, дар ҳамон ҳаммонандии хеле зиёд низ боз аз якдигар фарқ мекунанд.

Барои мисол, принсипи педагогӣ фаъолияти муаллимро дар таълим муайян мекунад, принсипи андрагогӣ, яъне дуюмӣ бошад, талаб мекунад, ки

коромӯзон ва хонандагон тамоми муносибатҳои ҷараѐни таълимро риоя кунанд. Аз ин рӯ, ин ду бахше мебошанд, ки дорои майдони фаъолияти хеш буда, корҳои марбут ба самту ҷониби худро ҳаллу фасл намуда, ба натоиҷи барои ин ду бахш мавриди ниѐз мерасанд мерасанд.

Ин ҷо саволе ба миѐн меояд, ки кай ҳолати ниѐз барои истифодаи амсилаи таълими андаргогӣ пеш меояд? Ин амсила бар ҳасби ниѐзҳои гуногну арзи ҳастӣ намудааст. Минҷумла:

а) вижагиҳои аслии таълимгирандагон;

б) вижагиҳои роҳандозии таълим;

в) вижагиҳои вазоифи таълимгирандагон ва омӯзгорон дар раванди таҳсил.

Асосҳои илми андрогогика ба калонсолон имкони бошуури дарки маводҳои таълимиро имконпазир мегардонад. Шахси калонсол бартариҳои зиѐдеро дар мавриди омӯхтан, хулоса ва ҷамъбаст кардан, шомили ташаббус ва худомӯзӣ будан дар заминаи таҷрибаи зиндагӣ дорад, зарурро аз нозарур фарқ мекунанд.

Хусусияти асосӣ дар тавсифи калонсолон таҷрибаи ҳаѐтӣ доштан, камолоти физиологӣ ва боз имконоти дигаре мебошад, ки онро он равонӣӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, кифояти иқтисодӣ ва мизони дарки хеш ва рафтори хеш рафтори масъулиятнок ва худидоракунӣ мебошад. Ин ҷост, ки принсипҳои методологии андаргогиро он замон ба роҳатӣ ва хотирҷамъӣ мавриди истифода қарор додан мақдур аст, ки яъне вақте маворид имконпазир аст, ки тараф масъулиятшинос ва масъулиятпазир бошад, ки ин хеле муҳим аст, дар ғайри ин сурат тир ба ҳадаф ва нишон нахоҳад расид ва барномаҳо лағву ботил мешаванд ва талошҳоро дар ин масир барбод медиҳанд. Танҳо чунин таҷрибаомӯз метавонад барои татбиқи амсилаи таълими андрагогӣ масъулиятро ба зиммаи худ бигирад.

Хусусияти асосии ташкили таълим дар амсилаи андрагогӣ фаъолияти муштараки хонанда ва педагог дар ҳама марҳилаҳои раванди таълим

мебошад: ташхиси равонӣ ва андрогенӣ, банақшагирӣ, амалисозӣ, арзёбӣ ва ислоҳкунӣ.

Амсилаи андрагогии омӯзиш фаъолияти муштараки хонандаи калонсол ва омӯзгорро мушаххас мекунад. Он ҳама дар заминаи ба инобат гирифта шудани хусусиятҳои руҳӣ, эмотсионалӣ, физиологӣ, психофизиологӣ, салоҳияти пажуҳишӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҷоруби ҳаёт ва зиндагии шахси фарогири таълим ба иҷро мерасад. Дар ин росто чунин масъалаҳо муҳим ва сареҳанд:

– пешниҳоди маводи зарурии таълим дар робита ба тахассус ва имконоти зеҳнии шахси калонсол, ниёз ва шавқмандӣ ба омӯзиш ва камоли касб;

– пешбинии эҳтиёҷ ва зарурат ба худомӯзӣ дар робита ба такмили дониш, ташаккули маҳорат ва малакаи касбӣ;

– эҷоди фазои ҳусни тафоҳум дар байни гуруҳҳои таълимгирандаи калонсол;

– тарроҳии раванди омӯзиш дар шакли нақшаи омӯзиш ва шаклҳои фаъоли таълим;

– равона сохтани раванди таълим бо дарназардошти салоҳиятмандии инфиродии шахси калонсол, бо такя ба майлу рағбат ва ҳусни суботу кӯшиш.

Дар навбати хеш таълимгирандагон дар ҷараёни машғулиятҳо даст ба ҳаллу фасли супоришҳои проблемавӣ, эҷодӣ ва ковишҳои амалӣ мезананд.

– арзёбии раванди омӯзиши калонсолон ба хотири дарёфти муваффақиятҳо ва норасоӣ ва камбудиҳои он;

– аз рӯйи имконот ва бо такя ба вазъияти кунунӣ ислоҳу тасҳеҳи баъзе аз бахшҳои он.

Аз гуфтаҳои боло метавон чунин натиҷа гирифт, ки калонсолон бо такя ба имконот ва зарфияти хеш ҳақ доранд ва метавонад барои пусамар ва пуробуранг гардидани раванди омӯзиши хеш ба таври фаъолона ширкат варзанд. Дар ин масир онҳо барои пурсамар ва пуробуранг гардидани он тамоми имконот ва тавоноиро доранд ва инчуни ниҳодҳои дастандаркор низ

ба онҳо кумак ва ѐрмандии хешро дареғ намедоранд ва мо ин ҷо як нуктаро набояд фаромӯш куенм, ки калонсолон барои ҷомеаи мо ва ҳар гуна ҷомеаи дигар захираи тиллоӣ мебошанд. Онҳо ганҷеро мемонанд, ки ба мо нуру сафо ва оромишу осоиш меоранд.

Дар ин баробар таълимгирандагони калонсол вазоифи зеринро ба сомон мерасонанд:

а) ширкати фаъол дар раванди роҳандозӣ, тарроҳӣ ва татбиқи омӯзиш;

б) ҳаммуаллифӣ дар баъзе барномаҳои инфиродии таълимӣ;

в) роҳандозӣ ва тадвини барномаҳои инфиродии омӯзишӣ.

Акнун ҷиҳати ба таври бояду шояд ба сомон расонидани ин вазоиф таълимгирандагонро лозим аст, ки аз технологияи ТК бархӯрдор бошанд.

Омилҳои муҳимтарини муайянкунандаи татбиқи амалҳои гуногуни технологӣ ҳадафҳо ва шартҳои таълим мебошанд. Мақсади омӯзиши ҳар як хонанда азхудкунии дониш, малака ва сифатҳое мебошад, ки барои расидан ба сатҳи зарурии соҳаи интихобкардааш ба ӯ кӯмак мекунанд.

Таҳсили ашхоси калонсолон дар алоқа бо асос доштани масоили асосии кору таркиби маърифатии фавқулзикр ба пешбиниву пешниҳоди бар тариҳои зерин равонааст:

а) соҳиб шудан ба дараҷаи нави азхзудкунии дониш, маълумот ва иттилооти касбӣ;

б) азбар кардани ахбори дар поя вазинаи чадид;

в) касби малакаҳои ҷадиди ҷиҳати истифодаи иттилооту ахбор;

г) инкишофи андешаҳо;

д) инкишофи хусусиятҳои ҷадид;

е) қаноатмандӣ аз манофеи маърифатӣ.

Равшан мегардад, ки ҳадафҳои таълими калонсолон дар пайдо кардани иттилооти наву тозаи касбӣ, ташаккули малака ва маҳорат дар касбият, парваридани тавоноӣ ва салоҳиятмандӣ, таъмини эҳтиѐҷу ниѐзҳои

хеш дар роҳи рушду инкишоф сарфи назар аз синнусолмақоми хос пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, мавриди истифода қарор додани амсилаи андрагогии таълим аз ҳар назар шароити мусоиди таълимро роҳандозӣ мекунад: хонанда ғоибона ё бегоҳ, дар рӯзҳои истироҳат курсҳои кӯтоҳмуддати интенсивии мустақилонаро берун аз вақту шароити таҳсил ё дур аз сарчашмаҳои таълимӣ дар шароити хона, ҷойи кор метавонад аз худ кунад.

Инҳо омилҳои асосие мебошанд, ки зарурати истифодаи амсилаи андрагогии таълим ва принсипҳои андрагогии таълимро муайян мекунанд. Ин омилҳо ба ташкили раванди таълим барои калонсолон ва ба одамоне, ки ба ин гурӯҳи хонандагон пурра дохил карда намешаванд, ба таври баробар таъсир мерасонанд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ин амсилаҳо ба якдигар зид набуда, балки якдигарро такмил мекунанд. Бояд гуфт, ки яке аз поягузорони андрагогика М.Ш. Ноулз барои тафкики он аз дигар улум ва дар бастари аслии хеш қарор додани он кӯшиш ба харҷ дод асари хешро чунин номгузорӣ намояд: «Андрагогика ва педагогика». Сипас номбурда дар чопҳои баъдии хеш номи асарашро тағйир дода онро чунин номгузорӣ кард: «Аз педагогика ба андрагогика».

Ин донишманди маъруфи амрикоӣ М.Ш. Ноулз педагогика ва андрагогикаро қисмати таркибии таълиму тарбия арзёбӣ намуда гуфта буд: «Ин ду бахш қисми таркибии раванди таълиму тарбия ба шумор рафта аз давраҳои мухталифи умри инсонӣ иборат мебошанд, ки ба муттасилии таълим дар ин раванди таълим асос меёбанд» [273, с. 67-69].

Хулласи калом вазифаи ҳар як омӯзгор балад будани ин ду равиши кор аст, то онҳоро барои таълими самаранок истифода барад.

### 1.4. Таълими калонсолон ва асосҳои ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикстон

Ҳадафҳои глобалӣ дар заминаи миллӣ, проблемаҳои сати миллӣ ва зарфиятҳои низоми таҳсили калонсолон дар мамлакат дар нишасту

окнфроснҳои мухталиф мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтанд, минҷумла иштирокдорони конфронси сеюми илмӣ-амалии «Рушди таҳсилоти калонсолон дар Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор – 2030» ин масъалаҳоро мавриди муҳокима қарор доданд. Чорабинии мазкур 2 декабри соли 2017 аз ҷониби Иттиҳодияи ҷамъиятии «Ассосиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон» бо дастгирии DVV International дар Тоҷикистон ташкил шуда буд.

Дар ин нишаст беш аз 100 нафар намояндагони тарафҳои манфиатдор минҷумла руасо ва намояндагони пусту мақомҳои ҳукуматӣ ва созмонҳои иҷтимоӣ ва муассисаҳои мухталифи таълимӣ ҳузур пайдо карданд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумотгириву сайқалдиҳии тахассуси хеш шавқу рағбат доранд. Дар давраи ба пеш бурдани корҳои педагогӣ ҳамаи ин дорои аҳмияти хосса ҳисоб меёбад, ки дорои дараҷаи дониши баланд, ҷаҳонбинии васеъ ва маҳорату малакаҳои мустақил бошад. Имконот ва захираҳои воқеии ба кор таъмин намудани шаҳрвандон дар ҷумҳурӣ кифоя мебошад. Дар робита ба ин, иштирокчиён ба масъалаҳои марбут ба омодагии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карданд.

Марбут ба масъалаи мазкур дар «Самти рушди сиёсати таҳсилоти калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҳадафҳои рушди устуворро барои соли 2030 муайян мекунад, аз ҷониби як қатор мутахассиону олимони соҳа, сохторҳои ҳукуматӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки бевосита ба ТК машғуланд, масъулаҳо ва корҳои зиеде анҷом дода истодаанд. Вобаста ба ин «Таълими калонсолон дар ҷумҳурӣ дар асоси дурнамои кишвар ба яке аз масъалаҳои хеле муҳим табдил ёфтааст. Таъсиси донишгоҳҳои махсус ё ташкили донишкадаҳо дар заминаи Муассисаҳои олӣ амалкунанда барои таълими калонсолон ба он дар назар дошта шудааст», «Масъалаҳои нигоҳдории сармояи инсонӣ – ҳамчун асоси рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низоми Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти фаррохро барои гирифтани маълумоти олӣ

нисбати шахсони имконияташон маҳдуд», «Таҳсили ғайрирасмии шахсони калонсол – роҳ ба сӯи дарозумрии босифат ва фаъол», «Чӣ гуна калонсолон таҳсил мекунанд ва чӣ тавр ба калонсолон таълим дод» ва амсоли инҳоро пешниҳод карданд.

Дар ҷараѐни конференсия ширкаткунандагон борҳо зарурати муҳокимаи тамоюлҳои рушди низоми таҳсилоти калонсолон, ҷалби таваҷҷуҳи мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия ва тамоми ҷомеаи касбии кормандони соҳаи таҳсилоти касбиро ба мушкилоти ҳавасмандкунии шаклҳо ва намудҳои гуногуни ТК дар Тоҷикистон ироа карданд. Махсусан фикру мулоҳизоти олимону муҳаққиқони андрогогика перомуни омӯзиш ва хулосаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар иртибот ба паҳлуҳои муҳимми таълими калонсолон, дар раванди таҳсил моҳирона истифода бурдани имкониятҳои технологӣ, ки имрӯзҳо ҷаҳони таълиму тадрис онро унсури ҷудонашавандаи таҳсилоти муосир меҳисобад, муҳиммияти таҳияи омор дар низоми маориф ва зарурати тайѐр кардани мутахассисон дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ барои тамоми зинаҳои таҳсилоти калонсолон қобили таваҷҷӯҳ ва боиси муҳокимаҳои ҷолиб гардиданд.

Иштирокчиѐни конференсия, бо дар назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва вазъи соҳаи ТК ва бо мақсади рушди минбаъдаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қароре қабул гардид, ки он ба иҷрои вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

– муаян намудани самтҳои асосии фаъолияти калонсолон ва ҷалби онҳо ба муссисаҳои таълимии махсус;

– дар самтҳҳои гуногун ба роҳ мондани масъалаи таълими калонсолон ва ҷалби сохторҳои мавҷуда барои самаракон ба роҳ мондани онҳо;

– ташкилӣ сифатан баланди омода намудани калонсолон ба раванди таълиму тадрис ва соҳиб шудан ба маълумотҳои наву тозаи касб ва тахассуси интихобкарда;

– таҳия ва татбиқи механизмҳои дастрасии озод ба маълумот барои калонсолони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла таъсис додани муҳити дастрас барои онҳо».

Ба созмонҳои ғайриҳукуматӣ пешниҳод карда шуд, ки бо мақсади пешбурди ташаббусҳо, истифодаи технологияҳои нав дар соҳаи ТК ҷиҳати баландбардории сатҳи огаҳӣ дар бораи мушкилоти дастрасӣ ба низоми таълими калонсолон, ҳуқуқ ва ҳангоми таҳсил дар муссисаҳои таълими калонсолон бояд имтиёзҳои шахсони дорои маҳдудиятҳои ҷисмонӣ ба инобат гирифта шавад. Инчунин, пешниҳод карда шуд, ки ба мутобиқсозӣ ва татбиқи «Curriculum Globale» - «Барномаи глобалии омӯзиш ва таълими калонсолон» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунанд.

Он масъалаҳе, ки дар Қонуни ҷадиди Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» (соли 2017) матраҳ шудаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Қобили зикр аст, ки татбиқи қонун баислоҳот ва рушди таълими калонсолон, баланд бардоштани сифати омӯзиш ва дарки масъулини соҳа дар мавриди ТК мақоми арзанда пайдо кардааст.

Дар Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷират (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007, №518; аз 5 марти соли 2008, № 115; аз 02.02.2009 № 77; аз 29 апрели соли 2009, № 276 дар соҳаи шуғли аҳолӣ) масъалаҳои зерин инъикос ёфтааст:

− танзими мураттаби таълими калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои баланд бардоштани савияи маърифатӣ-зеҳнии ин қабил субъектҳои таҳсилот дар асоси стандартҳои пешниҳодшуда бобати рушди таълими калонсолон таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад;

− зарурати таълими калонсолон аз нигоҳи стратегияи рушди миллии таҳсилот муайян гардида, бунёд ва тақвияти марказҳои омӯзишии ТК ба роҳ монда шуда, роҳу усулҳои инноватсионии таҳсил ҷорӣ карда шавад.

«Стратегияи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2012, №304), ҷиҳати барномаҳои татбиқшаванда дар бораи таҳсилоти иловагии касбӣ таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси сатҳи мувофиқи тахассус; ташаккули калонсолонро дар асоси дастовардҳои андрагогика пешбинӣ намудааст (с.23).

«Барномаи рушди таълими касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015». Омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои гуногуни дунѐ бобати низоми босамари таҳсили калонсолон, бозомӯзии касбии онҳо аз омилҳои пешбарандаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, рушди иқтисодиѐт қабл аз ҳама аз захираҳои зеҳнии инсонӣ, ки танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеавӣ мебошанд вобаста аст. Аз ин рӯ, болоравии сатҳи мафкураи ҷомеавӣ, ки он ба тамоми шаҳрвандон, бахусус калонсолон вобаста мебошад, олими пешбарандаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мебошад, вусъати вазъи дилхоҳи иҷтимоӣ ва имкониятҳои фарохи иқтисодӣ аз омилҳои ҳаѐтан зарур мебошад, ки боиси болоравӣ ва некӯаҳволии сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мегардад.

Ин нишондиҳандаи сатҳи омодагии касбӣ барои бозори меҳнати дархостӣ буда, барои қисми асосии аҳолӣ нисбатан дастрас ҳисобида мешавад ва яке аз манбаъҳои асосии даромад барои шахсоне мебошад, ки бори аввал ба бозори меҳнат ворид мешаванд ва ѐ шаҳрвандони бекоре, ки ба талаботи дараҷаи тахассус дар бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд.

Бинобар ин, дар давраи ҳозира  таълимӣ калонсолон дар ҳолати камбизоативу қашшоқии халқ нақш гузошта наметавонад, яъне таълими калонсолон чандон ташакуллу инкишоф наѐфтааст, то бубинем дар оянда чӣ кор карда метавонад: ба ин хотир феълан қабули барномаи мазкур посухгӯи дархостҳои ҷомеа ва давлат мебошад.

Муҳоҷирони меҳнатӣ ва ашхоси калонсол, ки имрӯзҳо ба марказҳои таълими калонсолон ҷалб карда мешаванд ба хотири аз бар кардани касбҳои ҷадид мебошад ва ин кор, аз ҷониби марказҳои таълимии «Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 72,5 фоизи дарсҳо дар заминаи ин марказҳо ва боқимонда 27,5 дарсад дар мактабҳои ибтидоӣ гузаронида мешаванд. Дар соли 2008 тақрибан 8,1 ҳазор шаҳрванди бекор аз таълими касбӣ ва бозомӯзӣ гузаштанд, ки 19,1 фоизашро онҳое ташкил карданд, ки ба омӯзиш ва бозомӯзӣ эҳтиёҷ доштанд. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда тақрибан 20 фоизро ташкил медиҳад, ки аз имконоти маҳдуди ин марказҳо шаҳодат медиҳад.

Агар мо эҳтиёҷоти муҳоҷирони меҳнатӣ ва шахсони дар хона ба кор машғулбударо баҳисоб гирем, шумораи шахсони калонсоле, ки ба ин намуди омодагии касбӣ ниёз доранд, 3-4 маротиба меафзояд.

Инро ба асос гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008, таҳти №15 дар низоми Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии давлатии таълими калонсолони Тоҷикистонро бо филиалҳо дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Конибодом ва ноҳияи Тоҷикобод таъсис дод.

Аммо, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки фарогирии шахсони ба омӯзиш эҳтиёҷдошта ҳанӯз ба талабот ҷавобгӯ нест:

**Ҷадвали 11. – Фарогирии калонсолон ба таҳсил дар вилояти Хатлон (то соли 2022)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи бекорон ба таълим фарогирифташудагон (одам)** | 6560 | 7174 | 8251 | 8080 | 8815 | 9012 |
| **2.** | **Ҷамъ (маблағ бо сомонӣ)** | 514103 | 717328 | 844531 | 852500 | 1850000 | 1970000 |

Алъон дар мамлакат низоми давлатии таҳсилоти калонсолон аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон», Муассисаи давлатии «Маркази таълими модулӣ дар шаҳри Душанбе», Муассисаи давлатии «Маркази таҳсилоти модулии шаҳри Душанбе» ва 14 маркази таълимӣ ба роҳ монда шудааст. Дар марказҳои таълимии

ишорагардида диққати асосӣ ба омодагии ибтидоии касбӣ ва бозомӯзии калонсолон, бахусус бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ дода мешавад.

Барои бозгашт намудани соҳаи иҷтимоӣ ва соҳаи иқтисодӣ аз ҷониби ходимони низомии қаблӣ баъд аз такмил додани тахассус аввалин маротиба дар кишвар «Маркази таълимию модулӣ» ва бахшҳои он дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Рашт таъсис дода шуданд, ки дар доираи он технологияҳои пешрафтаи таҳсилоти касбӣ барои таълиму бозомӯзии калонсолон аз рӯйи 48 ихтисос ва омӯзишҳо тадриҷан рушд меёбанд.

**Ҷадвали 12. – Марказҳои таълимии калонсолони назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Ном | Суроға | № | Ном | Суроға |
|---|---|---|---|---|---|
| **1** | Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон (МТКТ) | ш.Душанбекӯч. А. Навоӣ 5/1, 236 | 12 | Маркази иҷтимоӣ-корӣ (МИК) ш. Хоруғ | ш.Хоруғ, кӯч. Ленин |
| **2** | Шуъбаи МТКТ дар шаҳри Бохтар | ш.Бохтар кӯч. Кайхондон | 13 | МИК н. Ванҷ | Шаҳраки Ванҷ |
| **3** | Шуъбаи МИКТ дар шаҳри Кӯлоб | ш.Кӯлоб маҳ. Хати роҳ | 14 | МИК «Амал» ш. Панҷакент | кӯч. Б. Раҷабов 40а |
| **4** | Шуъбаи МИКТ дар шаҳри Конибодом | ш.Конибодом, кӯч.Х. Алиев, 1 | 15 | МИК «Эҳсон» ш.Конибодом | ш.Конибодом, кӯч.Х.Алиев, 1 |
| **5** | Шуъбаи МИКТ дар ноҳияи Тоҷикобод | н.Тоҷик-обод, кӯч. Рӯдакӣ, 10 | 16 | МИК ш. Истаравшан | ш.Истаравшан, кӯч. Гагарина 78 |
| **6** | Маркази таълимӣ дар ш. Душанбе» | ш.Душанбе, кӯч. Борбад 48/26 | 17 | МИК «Мадад» н. Б. Ғафуров | н.Ҷ. Расулов, кӯч. Хуҷанд, 62 |
| **7** | Маркази таълимии омӯзиши модулӣ (МТОМ) | ш.Душанбе, кӯч. А, Навоӣ 5/1 | 18 | МИК «Эҳтиром» н. Ҷ. Расулов | ш.Пролетар, кӯч. Нурматов 5 |
| **8** | МТОМ дар н. Рашт | н.Рашт, шаҳраки Ғарм | 19 | МИК «Ораш» ноҳияи Мастчоҳ | ш.Бӯстон, кӯч. Шарифов 5 |
| **9** | МТОМ дар ш. Кӯлоб | ш.Кӯлоб, кӯч. 1 май, 12 | 20 | МИК ноҳияи Ш.Шоҳин | ш. Шӯрообод |
| **10** | Маркази омӯзиши касбӣ ва соҳибкорӣ | ш.Душанбе, кӯч. А, Навоӣ 5/1 | 21 | МИК ноҳияи Ш.Шоҳин | деҳ. Мискинобод |
| **11** | Маркази таълимии ш. Хуҷанд | ш.Хуҷанд, кӯч. Хуҷандӣ 149 | 22 | МИК ноҳияи Ҳисор | ш.Ҳисор |

Тасдиқ ба ибораи дигар, эътирофи салоҳияти касбии калонсолон гузаронида мешавад. Дар оянда амсилаи арзёбӣ ва эътирофи тахассус аз таълими расмӣ, ғайрирасмӣ ва информалӣ таҳия карда мешавад. Коршиносони тоҷик қайд менамоянд, ки таълими расмӣ ҳамеша вуҷуд доштааст ва дорои меъёрҳои таълимӣ мебошад. Мақсади хонанда аз таълим дар муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё дар марказҳои таълимии касбӣ ин гирифтани донишу малака мебошад.

Дар ТҒ таҳсил ҳеҷ гоҳ ташкил карда намешавад ва барои ба даст овардани натиҷаҳои таълимӣ мақсад надорад ва аз нуқтаи назари хонанда пешбинӣ намешавад. Он, одатан, омӯзиш аз рӯйи таҷриба номида мешавад. Ин матлаб ба он маъност, ки далели равшани ҳолатҳое мавҷуданд, ки одамро маҷбур месозанд, ки дар ҷойи кор, хона ё вақти истироҳатӣ ба таҳсил бипардозад. Масалан, шахс ба ҳайси коргар дар сохтмон кор мекунад ва ба осонӣ аз уҳдаи иҷрои касби муайяни сохтмонӣ мебарояд, пас ӯ аз рӯйи дараҷаи кордонӣ муваффақ мегардад, ки ин дар натиҷаи таъсири бевоситаи омӯзиши касб дар марказҳои ТК амалӣ гардида буд.

Коршиносон чунин мепиндоранд, ки байни шаклҳои мухталифи таълим омӯзиши ғайрианъанавӣ пайдо мегардад ва ба дастрас гардидани ҳуҷҷати таҳсилоти расмӣ ва давлатӣ ниёз надорад. Чунин омӯзиш метавонад бо ташаббуси худи шахс сурат бигирад, масалан ҳамчун шогирд дар устохонаи касбомӯзӣ.

Соли 2008 Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва пайгирии ТК муассисаеро бо унвони «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» бо филиалҳо дар панҷ шаҳр таъсис дод. Ҳамзамон як қатор марказҳои дигари ТК фаъолият мекунад, ки 29 филиал ва зиёда аз 40 намояндагиро ташкил карда, дар онҳо 23 ҳазору 143 хонанда аз рӯйи 14 самт ва 96 ихтисос таҳсил мекунанд. Соли 2017 дар курсҳои кӯтоҳи бозомӯзӣ баҳри гирифтани тахассусҳои мухталиф 9715 нафар фаро гирифта шудаанд, ки ҳамаи ин шаклҳои таълим баробар эътироф карда мешаванд.

## Хулосаи боби якум

Он мавҷи дигаргуниҳое, ки дар қисмати аввали кор рӯйи он сухан гуфтем, дар соаи омӯзиш ва парвариш ва куллаи ҷави иҷтимоӣ – фарҳангӣ мамлакат ба вуқуъ пайваста дорои самараи хеш буда, ба низоми маориф таъсиргузор мебошад.

Мо хуб медонем, ки дунѐ дар як ҷо наистодааст, вай ҳамеша дар тағйиру таҳаввул мебошад, ин чиз ба касбҳо низ таъсиргузор мебошад, баъзе касбҳо аз байн меравад, касбҳои ҷадид ва бояд гуфт, ки мураккабтару илмитар ва аз назари технологӣ мушкилтар рӯйи кор меоянд.

Корҳои касбии педагогиву илмии ҳозира ин ѐ муносибатро талаб мекунад, бинобар ин бо мақсади омӯхтани навовариҳо дар техникаву илми ҳозира ихтисосмандоне лозиманд, ки онҳоро бозомӯзӣ кунанд ва тавозуни талабот ва амалиеро нигоҳ доранд, онҳое, ин касбҳоро хуб баладанд ва қодир ба роҳандозӣ ва омӯзонидани онҳо мебошанд лозим аст.

1. Тағйири сохтори такмили ихтисос шомили мавридҳои зерин мебошад:

– омезиши анъана ва суннатҳои миллӣ бо таваҷҷуҳ ба инноватсия дар риштаи маориф ва парвариш тағйир карданд;

– идораи маориф низ дар шароити феълӣ тағайир ѐфтааст;

– таълими муосир бо вижагиҳои худ фарқ мекунад ва он тамоми дигаргунӣ ва таҳаввулотҳои вақтҳои охирро дар бар мегирад.

2. тағйирот дар консепсияи мундариҷаи мафҳуми «таълими ғайрирасмӣ» аз муҳити иҷтимоию фарҳангӣ, инфиродӣ, нишондодҳои воқеӣ, муносибатҳои методологии омӯзиши асоси ин падида вобаста аст:

3. Таълими ғайрирасмӣ ва самтҳои ингкишофи он тоза бармало мегардад ва аз ин рӯ таносуби ин таълим бо консепсияи таълими расмӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода мешавад;

4. Ба ҷузъ таълими бидуни ба расмият шинохтаи калонсолон муассисаҳои иловагие низ ҳусни амал пайдо кардаанд, ки онро иддае аз омӯзгорон бо ибтикор ва ташаббуси хеш роҳандозӣ кардаанд. Онҳо на чун

курсҳои такмили ихтисос, балки ҳамчун кӯшиши хидмати таълимӣ-омӯзишӣ расонидан ба қишрҳои муайяни калонсол амал мекунанд;

5. Донишмандони соҳа ин равияи ҷадид, яъне таълими ғайрирасмиро ба риштаи таҳқиқ кашида муқоисаи таълими расмӣ ва ғайрирасмӣ дар асоси маҷмуи хусусиятҳоро муайян намудаанд. Ин хусусиятҳо дорои умумият ва фарқиятҳое мебошад, ки муқаррар намудани онҳо аз андрагогҳо маҳорат, малака ва донишҳои махсусро талаб мекунад. онҳо бояд маҳдуд будани муҳлати таҳсилро ба инобат гирифта, нақша ва барномаҳои фишурда ва айни замон пурғунҷоишро таҳия намуда, пешниҳод кунанд.

6. Ин намуди таълим, яъне таълими ғайрирасмии омӯзгоронро ба ҳайси як ҷараѐни ҷадид ва монанди инҳо барои ашхоси калонсол мавриди баррасӣ қарор дод.

Дар айни замон олимон ва донишмандони илми андрогогика чунин ақида доранд, ки ин роҳу равиши таълими калонсолон чун падидаи босамари маърифатӣ-зеҳнӣ пайомадҳои хубро дар назар дорад.

# БОБИ II. СТРАТЕГИЯИ ТАҲСИЛИ КАЛОНСОЛОН ДАР АСОСИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ ВА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

## 2.1. Тамоюлҳои муосири таълими калонсолон дар партави талаботи технологияи педагогикаи муосир дар самти андрагогика

Дар шароити таҳаввулоти босуръати низоми таҳсилоти касбӣ ва омӯзишӣ (ТКО) ва парадигмаҳои таҳсилот таҳқиқи масоили марбут ба ҳувияти таълимгирандагони калонсол, бо назардошти хусусиятҳо ва эҳтиѐҷоти психоиҷтимоии онҳо, бахусус, дар марҳилаи такмили салоҳиятҳои касбии мутахассисон аҳамияти муҳимми методологиро касб менамояд ва аҳамияти стратегӣ низ дорад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти масъалаи мазкур ба таҳлили назарияҳои бунѐдии таълими калонсолон ниѐз дошта, ҳамчун заминаи методологии татбиқи равишҳои андрагогӣ ва муайян намудани усулҳо ва мушкилоти мавҷудаи низоми ТКО дар чаҳорчӯби парадигмаи таълими калонсолон арзѐбӣ мегардад.

Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи  таълими калонсолон дар партави технологияи педагогӣ барои муайян намудани равишҳои нави таҳқиқи мавзуъ дар ин самт, таҷдиди назар намудани  барномаҳо ва сиѐсати давлат дар самти  таълими муназзами калонсолон заминаи мусоид фароҳам меорад. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавонад ҳамчун асоси методии таҳияи тавсияҳо оид ба ташкили курсҳои таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси таълими калонсолон, мушаххасгардонии талабот ба омӯзгорони ин соҳа ва стратегияҳои ҷалб ва нигоҳ доштани калонсолон дар низоми ТКО мавриди истифода қарор диҳад. Илова бар ин, таваҷҷуҳ ба асосноккунии назарии самтҳои рушди шуурнокии калонсолон ва  малакаҳои зеҳнӣ-маърифатии онҳо, қобилияти мутобиқшавӣ ба вазъияти нав ва  таҳлили рефлексивии

таҷрибаи амалӣ ба афзоиши эҳсоси қаноатмандии калонсолон аз натиҷаҳои омӯзиш мусоидат менамояд ва ба таври назаррас рушд меёбад.

Ҷанбаи амалии масъалаи мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар такмили сиёсати пешбурди таҳсилоти калонсолон дар Тоҷикистон, таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимӣ ва такмили ихтисос, инчунин дар коркард ва таҳияи механизмҳои инноватсионии ҷалби аҳолии калонсол ба низоми ТКО роҳи васеъ кушояд.

Табадуллоти босуръати бозори меҳнат, ки дар натиҷаи пешрафти технологӣ ва тағирёбии сохтори шуғли аҳолӣ амал менамояд, зарурати бознигарии талаботро ба тахассусмандӣ, шаклҳои таҳсилот ва истифодаи имкониятҳои нав тақозо менамояд. Ин дигаргуниҳо мутахассисони низоми ТКО-ро мувазззаф месозад, ки шаклҳои нави таҳсилоти касбиро тавсеа бахшида, аҳолии калонсолро ба таври фаъол ба он ҷалб намоянд. Дар ин раванд, ба эътибор гирифтани эҳтиёҷот ва хусусиятҳои ин гурӯҳи таълимгирандагон аҳамияти аввалиндараҷа касб менамояд.

Таҳсили муттасили калонсолон ҳамчун механизми муҳимми дастгирии қувваи кории фаъол, созанда ва мутобиқшаванда эътироф гардида, дар стратегияи ЮНЕСКО тахти унвони «Маориф барои асри XXI” инъикос ёфтааст, ки тибқи он зарурати фарогирии калонсолон ба низоми нави таҳсилот махсус таъкид ёфтааст.

Заминаи методологии таҳқиқоти мазкурро асарҳои илмии олимони ин соҳа ва маводи таҳлилии ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи рушди ТКО ва таълими калонсолон, таҳқиқотҳои форсайтӣ ва таҳлилҳо дар самти дурнамои рушди таҳсилот ва бозори байналмилалии меҳнат ташкил намудаанд. Дар раванди таҳқиқот маҷмӯи усулҳои назарӣ ва эмпирикӣ, аз ҷумла, усулҳои тафсир ва таҳлили мундариҷа, баҳодиҳии коршиносон, усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, инчунин амсиласозии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, равишҳои конструктивӣ, психологӣ ва байнифаннӣ мавриди амал ва истифода қарор гирифтанд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръат зарурати андешидани тадбирҳои муассир ҷиҳати омодасозии омӯзгорон барои таълими калонсолон, таҳияи барномаҳои инноватсионии таълимӣ ва технологияҳои муосири омӯзиш ба масъалаи муҳим табдил ѐфтааст. Ҳангоми таҳияи барномаҳои таълими калонсолон омилҳои зерин бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гиранд:

– шуурнокии ашхоси калонсол ва дарки муҳиммияти таҳсили минбаъда барои ҳосил намудани малака ва донишҳои нави ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат;

– махсусиятҳои робитаи мутақобили омӯзгор ва категорияи таълимгирандон ва таъмини нуфуз ва эътибори педагогӣ;

– эҳтиѐҷи калонсолон ба дониш ва малакаҳои нав, ки дар фаъолияти касбии онҳо мустақиман татбиқ мешаванд;

– майли калонсолон ба татбиқи амалии дониш ва малакаҳои бадастоварда дар вазъияти воқеӣ, сатҳи таҷрибаи зиндаги калонсолон ва ғ. [95].

Масъалаи таълими калонсолон дар доираҳои илмии педагогика ва таҳсилоти касбӣ мавзӯи баҳсҳои ҷолиб гардида, таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба ташаккули ҳувияти таълимгирандаи калонсол ва мақоми ӯ дар низоми таҳсилот ҷалб намудааст. Таҳлили вижагиҳои таълими калонсолон, рушди шахсияти ин категорияи таълимгирандагон аз нигоҳи ба инобат гирифтани ду ҷанбаи мантиқӣ муайян мегардад:

1) Ҷанбаи психологӣ-иҷтимоӣ, ки ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи омӯзгор ва таълимгирандаро дар назар дорад. Худбаҳодиҳӣ ва фардияти таълимгиранда вижагиҳои инфиродии таълимгиранда ва мавқеи ӯро дар раванди таълим мушаххас менамояд [96].

2. Эҳсоси хештаншиносӣ. Мантиқи «Ман кӣ ҳастам?» сохтори мураккаб ва бисѐрҷанба аст, ки аз як тараф, шахсияти куллро дар бар мегирад ва аз тарафи дигар, хусусиятҳои фардии ӯро равшан месозад, ки вобаста ба

мавридҳои гуногун ва мухталифи ҳаёти инсон ба амал меоянд, ташаккул мегирад.

Дар шароити кунунӣ баррасии масъалаи таҳсили ашхоси калонсол танҳо дар контексти таҳсил дар тӯли ҳаёт кофӣ нест. Аз ин рӯ, зарурати таҳлили вижагиҳои педагогии таълими калонсолон ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилот масъалаи муҳимми таҳсил маҳсуб меёбад. Чунин гузориши масъала имкон медиҳад, ки равиши ҳамаҷониба дар самти таълими самараноки калонсолон, ки барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии ҷомеа аҳамияти калидӣ дорад, муқаррар карда шавад [115, с. 344].

То ба ин рӯз дар адабиёти илмӣ таърифи ягона, ки шахсро ҳамчун насли калонсол бо назардошти фарқиятои байни гурӯҳҳои синнусолӣ муайян месохта бошад, мавҷуд нест. Ҳамчунин сарҳади мушаххас ва қатъии байни таълимгирандаи «калонсол» ва хонандагони «синнусоли анъанавӣ» низ вуҷуд надорад. Муайян намудани мафҳуми калонсолӣ на ба меъёри хронологии синну сол, балки ба мақоми иҷтимоии шахс вобастагии бештар дорад. Истилоҳи «калонсол» асосан ба марҳилаи муайяни давраи ҳаёти инсон ишора мекунад.

Бо такя ба фарзияҳои Ноулз дар доираи назарияи андрагогика нисбат ба таълимгирандагони калонсол як қатор хусусиятҳои ин гурӯҳро метавон қайд намуд [51, с. 366]. Таълимгирандагони калонсол бояд ҳадафи раванди таълимро ба таври возеҳ дарк намоянд ва аҳамияти онро дар рушди маърифати шахсӣ, татбиқи самараноки натиҷаҳои бадастомада ҷиҳати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ, иҷрои вазифаҳои касбӣ ва рушди минбаъда, ки дар шароити динамикии бозори меҳнат ниҳоят зарур аст, эҳсос намоянд. Омилҳои зерин хусусияти таълимгирандагони калонсолро муайян месозанд:

1. Таълимгирандагони калонсол дорои сатҳи баланди худбаҳодиҳӣ мебошанд, ки қабули масъулияти пурраро барои ҳаёти худ дар пай дорад.

2. Онҳо соҳиби таҷрибаи муайяни ҳаётӣ мебошанд ва омодагӣ ба таҳсил аксаран аз мавқеи онҳо дар ҷомеа ва оила, уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва касбии онҳо вобастааст (ҳамчун волидайн, корманд ва ғайра).

3. Таълимгирандагони калонсол ба ҳалли самараноки мушкилот майл доранд, ба азхудкунии дониш ва малакаҳои нав шавқманд буда, ба меҳнат муносибати ҷиддӣ доранд ва имкониятҳои худро воқеъбинона арзёбӣ менамоянд.

4. Раванди таҳсил барои ин гурӯҳ бояд муфид, самаранок ва дорои хусусияти эҷодкорӣ ва созандагӣ бошад.

5. Барои ин гурӯҳи таълимгирандагон муҳим аст, ки ақидаҳои худро озодона баён карда тавонанд.

6. Онҳо дорои масъулияти шаҳрвандӣ буда, дар раванди таҳсил вазифаҳои худро бо масъулияти том иҷро менамоянд. Бо назардошти ин омил, омӯзгорро зарур аст, ки ба ин гуна таълимгирандагон имконияти иштирок дар банақшагирии раванди таълимро фароҳам оранд.

7. Таълимгирандагони калонсол таҷрибаи худро ҳамчун манбаи муҳим ва боэътимод истифода мебаранд ва дар таҳсил бештар хусусияти прагматикиро (амалӣ) зоҳир менамоянд. Онҳо мутмаинанд, ки таҳсил барои ноил шудан ба ҳадафҳои шахсӣ ва касбӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ мусоидат хоҳад кард.

8. Нобоварӣ ба самаранокии таҳсил ва таҷрибаи манфӣ метавонад сабаби асосии қатъ намудани курсҳои таълимӣ аз ҷониби таълимгирандагони калонсол гардад. Ин ҳолат метавонад дар натиҷаи истифодаи усулҳои номувофиқи таълим, нокифоягӣ ва пасти сифати маводи таълимӣ-методӣ, сатҳи нокифояи қобилияти азхудкунии дониш дар худи калонсолон ва дигар омилҳо ба вуҷуд ояд.

9. Калонсолон нисбат ба тағйирот ва дигаргуниҳо то андозае муқовимат нишон дода, аксар вақт таҳсилро ҳамчун воситаи баланд бардоштани мақоми худ дарк менамоянд. Барои онҳо инфрасохтори рушдёфта ва муҳити дӯстона муҳим мебошад.

10. Калонсолон аз ҷиҳати шуғл, мавқеъ дар ҷомеа, арзишҳо ва ҳисси худшиносӣ аз зумраи пешравҳоанд. Фароҳам овардани фазои эҳтироми

мутақобил, таъмини баробарию бародарӣ ва набудани хислатҳои ҷудо кардани афроди ҷомеа хоси онҳо аст.

Азбаски ашхоси калонсолон аҳамияти таҳсил ва зарурати касби донишҳои навро хуб дарк мекунанд, омӯзгор дар ин раванд вазифаи нави педагогӣ ба дӯш мегирад, ки на танҳо дар таълими анъанавӣ, балки дар баланд бардоштани сатҳи касбият ва касби таҷрибаи нав зуҳур меёбад. Дар ин раванд истифодаи усулҳои муаммогузорӣ ва таъкид ба мубрамияти мавзуҳои омӯзиш аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад, зеро он ҳама шавқи таълимгирандагонро бедор намуда, онҳоро ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал ва татбиқи донишҳои нав водор месозад.

Дар ҷараёни ташаккули шахсияти ашхоси калонсол чунин хусусиятҳо равшан ба назар мерасад: онҳо,  қабл аз ҳама, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки имкониятҳои мавҷудаи рушди маърифатӣ-зеҳнии худро вусъат бахшанд ва дар такомули касбияти хеш роҳ гиранд. Ҳар қадар маром, рағбат ва азамати калонсолон дар таҳсил бештар гардад, ҳамон қадар «гузариш ба механизмҳои когнитивӣ» осонтар ва муваффақтар сурат мегирад.

Дар раванди таълими калонсолон ташаккули ҳувияти шахсӣ метавонад мушкилот низ пайдо кунад. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки муассисаҳои таълимӣ баъзан аз ҷониби калонсолон ҳамчун муҳити ноошно ё ҳатто монеа дарк мешаванд. Дар ин замина, масъалаҳое чун мутобиқшавии ҷомеа ба зуҳуроти нав дар соҳаи таълим, ташкили курсҳои озмоишӣ ва фарогирии марҳила ба марҳилаи ин гурӯҳи таълимгирандагон ба миён меоянд. Ин вазъият таҳияи равишҳои махсуси ҷалби калонсолонро ба омӯзиш бо назардошти омилҳои гуногуни психологӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ тақозо мекунад.

Барои ба даст овардани зуҳури шахсӣ, худшиносии комили афроди калонсол дар заминаи рушди маърифатӣ-зеҳнӣ аҳамияти калон дорад. Ин худшиносӣ дар натиҷаи ҳавасмандгардонӣ, қонеъ гардонидани ниёзҳо, тағйироти мусбат дар тарзи зиндагӣ ва баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Барои таълимгирандаи калонсол фароҳам овардани фазои

мусоид муҳим буда, нигаронии дилхоҳи ӯро аз сифати таълим ва натиҷаҳои он, бароҳатии раванди таълим таъмин месозад.

Дар партави таълими калонсолон алъон се назарияи меҳварӣ бартарӣ доранд:

- Андрагогика
- Таълими озмоишӣ
- Таълими трансформатсионӣ

Ин назарияҳо дар банақшагирии стратегияҳои таълим омили муҳим буда, ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки раванди таълимро ба хусусиятҳои хоси таълимгирандагони калонсол мутобиқ созанд. Назарияи андрагогика, ки аз ҷониби Малколм Ноулз таҳия шудааст, истифодаи таҷрибаи пешина ва хусусиятҳои асосии таълимгирандагони калонсолро дар ҷараѐни таълим дар бар мегирад. Ин назария ҳамгироии таҷрибаи таълимгирандагонро дар раванди таълим бо мақсади роҳнамоӣ намудани онҳо дар ҷараѐни омӯзиш фаро мегирад.

Таълимгирандагони калонсол афроди мустақил буда, қодиранд самтҳои рушди худро мутобиқ ба майл, завқ ва эҳтиѐҷоти шахсии худ интихоб намоянд. Пешниҳоди курсҳои таълимӣ, наворҳои видеоӣ аз рафти вебинарҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки тренингҳои барояшон муфидро интихоб кунанд. Барои онҳо муҳим аст, ки дар бобати самаранокии раванди таълим ва иттилооте, ки аз омӯзиш ба даст меоранд, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбият ва зиндагӣ маълумоти кофӣ дошта бошанд.

Маҳз таҷрибаи зиндагӣ ба калонсолон имкон медиҳад, ки дар интихоби худ озод бошанд. Истифодаи таҷрибаи пешин, инчунин ба назар гирифтани донишу малакаҳои калонсолон дар раванди таълим аҳамияти хоса дорад, зеро онҳо ҳар лаҳза метавонанд ба он муроҷиат намуда, зимни аз худ намудани стратегия ва усулҳои нав татбиқ намоянд.

Таълими трансформатсионӣ ба мушаххас намудани дурнамои таълими калонсолон, дарки арзиш ва муҳимияти он, ки боиси ташаккули муносибати нав ба воқеият ва тағйири тафаккур мегардад, нигаронида

шудааст. Назарияи трансформатсионӣ ба он асос меёбад, ки таълим дар заминаи маънои нав бахшидан ба таҷрибаи пешин ва қабули донишҳои нав бо дидгоҳи нав сурат мегирад.

Ҳамин тавр, андрагогика ба мустақилият, таҷриба ва ҳадафмандии таълимгирандагони калонсол, корбурди таҷрибаи амалии онҳо дар раванди таълим, бедор кардани ҳавасмандӣ, мутобиқат ба эҳтиёҷоти таълимгирандагони калонсол, фароҳам овардани имкониятҳо барои таълими мустақил ва худтанзимкунӣ, истифодаи усулҳои фаъоли таълим, ки ба рушди малакаҳои ҳалли мушкилот ва татбиқи амалии дониш нигаронида шудаанд, асос меёбад.

Дар назарияи таълими трансформатсионӣ се марҳила вуҷуд дорад:

1. Муайян кардани мушкилот ва камбудиҳо. Дарки мавҷудияти норасоиҳои дониш ё зарурати бознигарии рушди тафаккури касбии хеш. Бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи калонсолон ба раванди омӯзиш ба онҳо он чизҳое, ки намедонанд, нишон бояд дод.

2. Муқаррар намудани вусъати идроки шахсӣ ьобати омӯзиш ва дарки маводҳои таълимӣ, таъмини рағбати шахсӣ, ки ангезаи дохилии калонсолонро (мотиватсия) ба омӯзиш таҳрик дода, онҳоро илҳом мебахшад. Ин омил бояд дар марҳилаи гуногуни таълим мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, ба таври мунтазам тақвият дода шавад, то калонсолон бобати натиҷаҳои интизории фаъолияти хеш тасаввуроти возеҳ ва боварӣ пайдо намоянд.

3. Фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди тафаккури интиқодӣ. Дар ин марҳила калонсолон бояд ба мустақилона муайян намудани самтҳои инкишофи худ ҳавасманд гардонида шаванд.

Назарияи таълими эмпирикӣ пайванди воқеиятро бо раванди таълим ва омӯзиш баррасӣ менамояд. Мувофиқи ин назария моҳияти таълими калонсолон на дар азхудкунии сатҳии иттилоот, балки дар дарки амиқи таҷрибаҳои шахсӣ зуҳур меёбад. К. Колб соли 1997 силсилавӣ будани

модели таълими таҷрибавиро қайд намуда, алгоритми чормарҳилагии онро муфассал ва чунин шарҳ додааст:

1. Таҷрибаи мушаххас: афроди калонсол дар сурати корбурди таҷрибаҳои кинестетикӣ (ҳиссиётӣ) ва амсиласозӣ ба раванди таълим фаъолона ҷалб мешаванд, ки ин боиси таассуроти амиқ гардида, дарки алоқамандии сабабу натиҷаро осон мегардонад.

2. Мушоҳидаи рефлексивӣ: фароҳам овардани шароит барои мулоҳизаронӣ, гузаронидани «мушоҳидаҳо» аз болои амалҳо (намоишҳо) ва «таҳлил»-и равандҳо (таҳқиқоти мавзӯӣ), ки аҳамияти калидӣ дорад.

3. Консептуализатсияи абстрактӣ (амсилаи робитаи мафҳумҳо, усули ташкили раванди маърифатии таълим): рамзкушоии консепсияҳои абстрактӣ, ҷамъбасти афкор ва дарки аҳамияти онҳо, рушди маҳорати тафаккури интиқодӣ.

4. Гузаронидани озмоишҳо: нақшофаринӣ, таҷрибаомӯзӣ ва дигар супоришҳои амалӣ имкон медиҳанд, ки дониш ва малакаҳои ҳосилшуда дар амал татбиқ карда шаванд [201].

Усули таълими калонсолон аз дигар методҳои таълим куллан фарқ мекунад ва барои ташаккули раванди самараноки таълим дарки тафовутҳои мавҷуда хеле муҳим аст. Бо ин мақсад истифода аз модели пешниҳодкардаи Л. Давачи, AGES: *таваҷҷуҳ – генератсия – эҳсосот – фосилаҳо*, ки 4 унсури муҳими самаранокии таълими калонсолонро фаро мегирад, метавонад муфид бошад:

1) Самаранокӣ ва тақсими оптималии вақт барои иҷрои вазифаҳо. Қишри нимкураҳои мағзи сар қодир аст дар як вақт танҳо ба як объекти диққат тамаркуз намояд. Гузариши тези диққат боиси коҳиши самаранокии таълим мегардад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои нейрофизиологии фаъолияти мағзи сари инсон муҳим мебошад.

2) Усули такрори механикӣ барои омӯзиши дарозмуддат таъсири назаррас надорад. Калонсолон дар раванди омӯзиш интихобкор буда, бештар

ба дониш ва таҷрибаи мавҷудаи худ такя мекунанд. Омӯзиши мустақил ба онҳо имкон медиҳад, ки ҷараёни азхудкунӣ ва дарки иттилоотро мустақилона идора намоянд.

3) Аҳамияти омилҳои эмотсионалӣ дар таълими калонсолон. Ҳолати эмотсионалӣ бо раванди таълим ва азхудкунии иттилоот алоқамандии қавӣ дорад. Аз ин рӯ, дар таҳияи курсҳои таълимӣ ба фароҳам овардани эҳсосоти мусбат дар таълимгирандагон таваҷҷуҳи хосса бояд зоҳир кард.

4) Истифодаи усули такрори интервалӣ (фосилавӣ) ва таснифи иттилоот ба қисматҳои алоҳида мутобиқ ба давомнокии таҳсил ба таълимгирандагон барои нигоҳ доштани иттилоот дар ҳофизаи дарозмуддат мусоидат менамояд.

Ба сифати мисол метавон стратегияҳои ташаккули раванди таълимро дар заминаи омӯзиши технологияҳои муосири электронӣ баррасӣ намуд.

1. Стратегияи тақсими раванди таълими калонсолон бо бахшҳои хурд - тақсими маводи таълимиро ба қисматҳои ҳаҷман хурд дар назар дорад, ки ҳар яке ба дастоварди як натиҷаи мушаххаси омӯзишӣ нигаронида шудааст. Ҳар як «бахш» набояд аз 5-7 дақиқа зиёдтар давом кунад ва як хулосаи асосиро дар бар гирад. Бо ин мақсад, истифода аз видеоҳои интерактивӣ, инфографика, ёддоштҳо ва дигар форматҳои мултимедиявӣ имконпазир аст. Ин усул барои тақвияти таҳсилот ва таъмини пайванди раванди таълим бо муҳити касбӣ ниҳоят муфид мебошад.

**2.** Стратегияи таълими фардикунонидашудаи калонсолон дар самти омӯзиши технологияҳои муосири электронии таҳсил. Ин равиш мутобиқсозии курси таълимиро ба эҳтиёҷоти мушаххаси ҳар як таълимгиранда дар бар мегирад. Мисол, ба таълимгирандагон имкон дода мешавад, ки аватар (расм, сурат, шаклҳои графикӣ) интихоб намоянд, тарҳи интерфейсро (маҷмӯи воситаҳои таълим) тағйир диҳанд ва раванди омӯзишро бо истифода аз пурсишҳои пешакӣ ҷиҳати муайян намудани ниёзҳо фардӣ созанд. Дар ин росто барои ҳар як таълимгиранда менюи инфиродӣ таҳия карда мешавад. Илова ба он, имконияти эҷоди саҳифаҳои

омодашуда (вазифаҳо, пурсишҳо, видеоҳо, тавсияҳои коршиносон) ва муқаррар намудани қоидаҳо оид ба намоиши маводи мушаххас дар вақти зарурӣ (дастури омӯзгор - коршинос дар ҳолати зарурӣ) ба миѐн меояд.

3. Стратегияи дарѐфти иттилоот. Пешниҳоди саволҳо бо чанд варианти ҷавоб, ки таълими калонсолонро барои ба хотир овардани иттилооти азбаршуда водор месозад. Ин усул барои дар зеҳни онҳо нақш бастани иттилоот мусоидат намуда, дониши азбаршударо дар хотираи дарозмуддат таъмин менамояд.

4. Стратегияи омӯзиши фосилавӣ. Ин усул аз такрори мавод бо фосилаҳои муайяни замонӣ, на фавран баъди азхудкунӣ, иборат аст. Ба таълимгирандагони калонсол пешниҳод карда мешавад, ки хулосаи мухтасари иттилооти азхудшударо пас аз гузаштани вақти муайян аз дидгоҳи хеш баѐн кунанд.

5. Стратегияи робитаи мутақобилаи омӯзгор/раҳнамо ва таълимгиранда. Ин усул барои пешбурди раванди таълим ва ҳавасмандгардонии таълимгирандагони калонсол аҳамияти калон дорад ва барои фаҳмонидани сабабҳои роҳ додани хатогиҳо дар посуххо ва нишон додани оқибатҳои воқеии интихоби нодуруст муҳим арзѐбӣ мегардад.

Ин стратегияҳо метавонанд дар таҳияи курсҳои таълими самаранок оид ба маърифати технологияҳои электронӣ барои калонсолон истифода шаванд, зеро онҳо принсипҳои андрогогика ва нейродидактикаро ба назар мегиранд.

Дар низоми таълими калонсолон вазифаи нави педагогӣ зуҳур меѐбад, ки дар таъмини мувофиқати супоришҳои таълимӣ бо натиҷаҳои пешбинишуда ифода мегардад. Аз нигоҳи методологияи баҳогузорӣ вазифаҳо метавонанд ба бахшҳои хурд тақсим гардиданд ва онҳоро бояд ба гунае пайваст кард, ки яке дигареро комил созад. Ҳамчунин, арзѐбии динамикаи пешрафт бо истифода аз усулҳои санҷидашуда ва расонидани кӯмаки фаврӣ дар ҳолатҳои зарурӣ муҳии арзѐбӣ мегардад [62].

Ҳамин тавр, дар раванди таълими калонсолон омилҳои зерин аҳамияти назаррас доранд:

– ҳамгунсозии ҳадафҳои таълимӣ ва сатҳҳои гуногуни эҳтиёҷоти таълимгирандагон;

– татбиқи таълими дифференсиалӣ; роҳандозии баҳодиҳии ташхисӣ бо мақсади муайянсозии сатҳи дониши қаблии таълимгирандагон;

боварӣ ҳосил кардан ба он, ки ҳар як таълимгирандаи калонсол роҳнамоӣ мешавад ва машқҳоро дар асоси малакаҳои мувофиқ анҷом медиҳад.

Фароҳам овардани фазои мусоид барои муҳокимаи озодонаи ҳадафҳо, ниёзҳо ва дурнамои касбӣ; таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудан ба рушди малакаҳои нарм [178].

Яке аз равишҳои таълими фаъол дар муаррифии дониш аз ҷониби калонсолон ифода мегардад, ки имкон фароҳам меорад то «норавшанӣ»-ҳо дар фаҳмиши таълигирандагон, ё нокифоягии умқи дониш ошкор гардад. Чунин механизмҳо ба кор бурдани усулҳои визуализӣ (накшаҳои зеҳнӣ ё мафҳумӣ) ва таҳияи маводро дар назар дорад, ки тавассути он имкони муқоисаи донишҳои касбшуда бо натиҷаҳои матлуб фароҳам оварда мешавад.

Зарурати истифода аз донишҳои пешинаи калонсолон ҳамчун манбаи ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби онҳо ба фазои таълим низ як нуктаи муҳим ба шумор меравад. Дар ин бобат маҳорати омӯзгор дар омодасозии пешакии саволҳо ва пайгирии тағйироти муҳими илми педагогика ва андрагогика нақши калидӣ мебозад. Дар ин маврид хатаре низ метавонад рух диҳад, ки нокифоягӣ, нобоварӣ ё дур аз хотир мондани дониш ва малакаҳои пештараи калонсолонро нишон медиҳад. Омӯзгор бояд ин масъалаҳоро ба назар гирифта, роҳҳои мувофиқи ислоҳ ва вусъати донишҳои навро дар раванди таълим ба кор барад.

Барои таълимгирандаи калонсол масъалаи сохтори муташаккил ва муназзами раванди таълим дар мадди аввал қарор дорад. Фароҳамсозии

муҳити фасеҳ ва мусоиди таълимӣ аз вазифаҳои муҳими низоми ТКО ба шумор меравад. Дар рушди касбии омӯзгор ба инобат гирифтани омилҳои зерин ҳангоми таҳия ва корбурди курси таълимӣ аҳамияти хосро молик аст:

1. Таълимгирандаи калонсол бояд аҳамияти мундариҷаи таҳсилро барои фаъолияти минбаъдаи касбӣ ва рушди шахсии худ дарк намояд. Дарки амиқи зарурати омӯзиш ангезаи онҳоро тақвият мебахшад.

2. Низоми таълим бояд аз модулҳои мухтасар иборат бошад. Зеҳни калонсол таваҷҷӯҳи худро дар муддати кӯтоҳ нигоҳ медорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки калонсолони миёнасол дар як ҳафта ҳамагӣ тақрибан 24 дақиқаро ба омӯзиш ҷудо мекунанд ва наворҳои видеоиро на бештар аз чор дақиқа тамошо мекунанд; барои ҷалби таваҷҷӯҳи онҳо дар оғоз ҳамагӣ аз панҷ то даҳ сония вақт мавҷуд асту халос.

3. Бартарафсозии монеаҳои зеҳнӣ: Барои он ки ҳар маънӣ мураттаб, судманд ва аз нигоҳи таҳлилӣ қобили дарк гардад, бояд омилҳои парешонхотирӣ аз байн бурда шаванд. Зеҳни ором ва мутамарказ ба дарки амиқи мавод ва таҳлили босифати он мусоидат мекунад.

4. Дастрасии шабонарӯзӣ ва гуногунии манобеъ: Ба таълимгирандагони калонсол бояд имкони омӯзиш дар ҳама гуна вақти шабонарӯз фароҳам оварда шавад, зеро онҳо метавонанд ҷадвали кории зич ва ӯҳдадориҳои дигар дошта бошанд. Миқдори зиёди курсҳои онлайнӣ, видеонаворҳо, инфографика ва маводи дидактикӣ бо тавсияҳои амалӣ, инчунин фароҳам овардани имконият барои баёни андешаҳои шахсӣ басо зарур аст.

5. Истифодаи воситаҳои мобилӣ ва мухтасарии мундариҷа. Қисми муҳимми таълим бояд ба шакли мобилӣ гузаронида шавад, то таълимгирандагони калонсол дар вақти дилхоҳ ва аз дастгоҳҳои гуногун ба он дастрасӣ дошта бошанд. Слайдҳо бояд ба бахшҳои хурд тақсим карда шаванд; модулҳои таълимӣ бояд ҳаҷман компакт бошанд ва иҷрои онҳо на бештар аз 10 дақиқаро талаб намояд. Истифодаи унсурҳои визуалии фаровон,

аз қабили тасвирҳо, диаграммаҳо ва инфографика зарур аст, зеро онҳо чун воситаи аёният қабули иттилоотро осонтар мекунанд.

6. Фазои ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба: Фароҳам овардани имкониятҳои онлайнӣ барои ҳамкорӣ бо ҳамкасбон ва истифодаи таҷрибаи дигарон дар ҷомеаи онлайнӣ ниҳоят муҳим аст. Ин метавонад форумҳои муҳокима, гурӯҳҳои корӣ, вебинарҳои муштарак ва дигар шаклҳои омӯзиши онлайниро дар бар гирад

Ҳангоми бознигарии роҳу равиши таълими калонсолон мо эътимод ҳосил намудем, ки онҳо муҳиммияти ҳар як ҷузъи таълим ва ҳосил намудани дониш ё малакаи мушаххасро дарк мекунанд. ба силсилаи бузурги раванди омӯзиш пайваст мешаванд. Калонсолон метавонанд тарзи омӯзиши инфиродии худро муназзам созанд. Аз ин рӯ, таъмини чандирии усулҳои таълим низ зарур ҳисобида мешавад, зеро он ба табиати дарку фаҳмиши калонсолон хуб мусоидат мекунад. Муҳим аст, ки омӯзгор дар ҳамаи лаҳзао омӯзиш стратегияи мувофиқи таълимро пешбарӣ намояд. Муносибати хуб, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонӣ дар раванди таълим аҳамияти бузург дошта, фазои мусоиди омӯзишро фароҳам меорад ва ба муваффақияти таълимгирандагони калонсол мусоидат мекунад.

Муҳаққиқон бар ақидаанд, ки самаранокии барномаи таълимии пас аз хатм метавон аз рӯи нишондиҳандае чун «индекси арзишнокӣ», ё ки бевосита аз сифат ва арзиши барнома арзёбӣ гардад [8, с. 188].

Муҳаққиқон аз Коллеҷи Бостон ва донишгоҳҳои бонуфузи Амрико ба ин натиҷа расидаанд, ки фоидаи сармоягузорӣ дар омӯзиши малакаҳои «нарми» кормандон, ки бо сифоти шахсӣ ва рафтор алоқамананд, 250%-ро ташкил дода, пешрафти ширкатро 12% афзоиш медиҳад [116, с. 56-62].

Малакаҳои «нарм» барои муваффақона ворид шудан ба бозори меҳнат имкон медиҳад. Аз ин рӯ, зимни коркарди барномаҳои ТКО барои калонсолон ин омил бояд дар мадди назар бошад.

Ба малакаҳои «нарм» дохил мешаванд:

– қобилияти фаъолият дар шароити номуайянӣ ва фазои VUCA (ноустуворӣ, тағйироти доимӣ; номуайянӣ; мураккабӣ; норавшанӣ, духӯрагӣ, парешонӣ, бисѐрвариантӣ);

– қобилияти фард дар пешбинӣ ва банақшагирии оқилонаи ояндаи худ, ҳамзамон фаъолият ва фаъол будан дар лаҳзаи ҳозира, иҷрои вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои ҷорӣ, азхудкунии малакаҳои нав ва ҳамоҳангсозӣ ва пайваст намудани ҳадафҳо ва стратегияҳои фаъолияти дар мутобиқи нақшаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат;

– таҳлили воқеии маҷмӯи омилҳо, шароит ва муносибатҳои мавҷуда ва идоракунии эҳсосоти худ;

– қобилияти зуд қабул кардани қарорҳо ва ба дӯш гирифтани масъулият дар айни замон;

– тафаккури соҳибкорӣ;

– қобилияти барқарор кардани робитаҳо, мустақилона ва зуд сафарбар намудани тамоми имкониятҳо барои ҳалли мушкилот.

Дарки заминаи умумии психологӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди таълими калонсолон имкон медиҳад, ки як қатор микротрендҳоеро, ки чеҳраи таълимро шакл медиҳанд, муайян созем. Аз ҷумла:

1. Микротаълим**.** Ин равиш зарурати ташаккули фарҳанги омӯзиши пайвастаро ҳамчун ҷузъи муҳими худтакмилдиҳӣ ва ҳамчунин низоми муташаккили таълим аз нигоҳи дидактикӣ тақозо менамояд. Микротаълим имкон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ тағйироти сифатӣ дар салоҳият ва натиҷаҳои фаъолияти мутахассисон ба манфиати дастовардҳои пешбинишуда ба амал оварда шавад.

2. Гибридизатсияи фазои таълимӣ**.** Таҳаввулоти соҳаи таҳсилот ба он самт равона шудааст, ки дигар зарурати хатми курси пурра дар як муассисаи мушаххас вуҷуд надорад. Баръакс, имконияти гирифтани микрокурсҳо аз провайдерҳои гуногун, бахусус, дар шароити пайдоиши бозигарони нави хидматрасонии таълимӣ фароҳам мегардад.

3. Арзиши натиҷаҳои азхудкунии барнома. Ин ҷузъи калидӣ ва «арзиш» дар қабули қарори таълимӣ нақши муҳим мебозад, зеро он ба тағйири бозори таҳсилот аз нигоҳи пешниҳодҳо, нархгузорӣ ва форматҳо мусоидат мекунад.

4. Афзоиши таваҷҷӯҳ ба сифат ва таҳияи курсҳои онлайнӣ. Тағйири нақши омӯзгор ва хароҷоти меҳнати ӯ барои таъмини ҳадафҳои таълим, ҳамроҳӣ ва таълимгирандагони калонсол ба натиҷаҳои дилхоҳ. Зарурати истифодаи форматҳои гуногуни таҳсилот ба миён меояд, зеро мундариҷаи ҳамкорӣ дар силсилаи «таълимгиранда-омӯзгор-мураббӣ» дигаргун мешавад. Дар ин замина эҳтиёҷ ба механизмҳои нави ҳамкорӣ ва ҷалби таълимгирандагони калонсол ба миён меояд, ки, аз ҷумла, ҷорӣ намудани абзорҳои мунтазами нигоҳ доштани шавқу ҳавас ва ҷалби таълимгирандагон, яъне таъмини мувозинат байни ҷараёни таҳсил ва унсурҳои фароғатиро дар назар дорад.

5. Фардият ва чандирии рақамӣ дар майдони омӯзиш. Замони рақамикунонӣ имкониятҳои бесобиқаро барои ташкили раванди таълими фардикунонидашуда ва мутобиқшавандаи калонсолон фароҳам меорад. Рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки «симоҳо» ва «истеъдоди рақамии» таълимгирандагон зуҳур ёбанд. Алгоритмҳои зеҳни сунъӣ (AI) ҳамчун роҳнамо амал намуда, дар асоси таваҷҷӯҳ, хусусиятҳои инфиродӣ ва пешрафти донишҷӯён маводи иловагӣ ва курсҳоро пешниҳод менамоянд, ки ба ташаккули самтҳои инфиродии таҳсил ва пайдоиши мураббиёни рақамӣ мусоидат мекунад. Мундариҷаи минбаъдаи таълим дар асоси таҳлили дастовардҳо ва омори азхудкунии марҳилаи ҷорӣ ва маводи таълимӣ муайян карда мешавад. Таълими мутобиқшаванда, ки бо истифода аз алгоритмҳои гуногуни тавсияҳо амалӣ мегардад, метавонад ба шакли нави таҳсил ва ҳамгироии самаранок бо ҷаҳони микротаълим мубаддал гардад.

6. Захираҳои таълимӣ: аз пешниҳоди ҷавоб ба ташаккули салоҳияти ҳалли масъала. Дар парадигмаи муосири таълим, талабот ба манбаъҳои дониш аз пешниҳоди ҷавобҳои омода ба самти фароҳамсозии методологияи

ҳалли мушкилот ва тавсеаи фаҳмиши амиқи онҳо тамоюл дорад. Барои таълимгирандагони калонсол, таъмини механизми арзёбӣ ва мутобиқсозии равандҳои таълим ба ниёзҳои инфиродӣ муҳим аст. Таҳияи абзорҳои худшиносӣ тавассути маслиҳатҳои эвристикӣ, амсиласозии вазъиятҳои воқеӣ бо истифода аз воситаҳои визуалӣ ва фаъолиятҳои ҷолиби таълимӣ зарур аст, ки дар фазои таълимии интерактивӣ малакаҳои амалӣ сайқал дода шуда, салоҳияти қабули қарорҳо, фаҳмиши динамикаи рушди сенарияҳо ва тафаккури интиқодӣ ташаккул ёбанд.

7. Парадигмаи муосири таълими калонсолон**.** Дар шароити азнавсозии равишҳои таълим, омӯзиши калонсолон ба марҳилаи сифатан нав ворид мегардад. Дар ин раванд, ташаккули шуури фаъол дар ҷараёни таълим, пешниҳоди маҷмӯи гуногуни ҳолатҳои амалӣ барои таҳлили мустақил, таваҷҷӯҳ ба ҳамбастагии равонӣ ва ҷисмонӣ, ҳамчунин таҳкими чандирии когнитивӣ аҳамияти меҳварӣ пайдо мекунанд. Эътибор бояд ба эҳсоси қаноатмандӣ аз натиҷаҳои бадастоварда ва ҷараёни фаъолият, тавсеаи худшиносӣ ва инъикоси таҷрибаи шахсӣ, ҳамчунин зуҳури инсайтҳо дода шавад.Мураттабсозии фаъолиятҳои таълимӣ, истифодаи шаклҳои гуногуни ҷалбкунӣ ба азхудкунии фаъолонаи маълумотҳои нав ва татбиқи донишҳо, на ба азёдкунии механикӣ, аҳамияти методологӣ дорад.

8. Нақши устод дар фароҳамсозии фазои мусоид. Таълимгирандаи калонсол ба дарёфти фикру мулоҳизаҳои созанда, муайян намудани самтҳои рушди минбаъда ва дастгирии ҳавасмандкунанда эҳтиёҷ дорад. Устод дар ин раванд нақши муҳим дошта, ҳамчун роҳнамо ва ҳамоҳангсози фазои таълимӣ амал мекунад ва бояд ба эҳтиёҷоти гуногуни таълимгирандагон ҷавобгӯ бошад ва имкониятҳои мухталифро фароҳам оварад. Ҳангоми таҳияи курсҳои онлайнӣ, афзалият бояд ба ташкили муколамаи мутақобила бо устод ва таъмини чандирии рақамӣ дода шавад; дастгирии фазо ва фарҳанги ташаккули ҷомеаҳои ҳамфикр ва татбиқи принсипҳои «мастер-майнд», ки ба мубодилаи таҷриба ва дастгирии мутақобила асос ёфтаанд, аҳамияти калон дорад.

9. Назарияи таълими калонсолон дар оинаи технологияҳои пешрафтаи педагогӣ. Ҳадафи асосии ҳар як омӯзгори соҳаи андрагогика расонидани таъсири мусбат ба тарзи зиндагии таълимгирандагон  ва бедор кардани шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиш,  нерӯ бахшидан барои  ноил шудан ба муваффақият Бо вуҷуди ин, як ҷанбаи муҳимро бояд ба эътибор гирифт: таълимгирандагони калонсол шахсони дорои таҷрибаи ғанӣ ва тафаккури мустақил буда, дар мавриди манфиатнокӣ ва беманфиатии маводи таълимӣ мавқеи устувор доранд. Ҳадафи онҳо аз таҳсил ба даст овардани дастовардҳои назаррас дар самтҳои интихобкардаашон мебошад.. Аз ин рӯ, омили муҳимтарини таҳияи ҳар гуна курси андрагогӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои фарқкунандаи таълими афроди калонсол мебошад.

## 2.2. **Назарияи таълими калонсолон дар заминаи технологияи муосири педагогӣ**

Масъалаи асосҳои назариявии таълими калонсолон дар заминаи технологияи муосири педагогӣ аз масоили асосии илми андрогогика буда, мавзӯи муҳимми баҳс, арзѐбӣ ва дарѐфти роҳу равиши босамари таълим маҳсуб меѐбад. Зикр кардан ба маврид аст, ки то ҳол назарияи ягонаи аз ҷониба ҳамагон пазируфташуда оид ба  таълими калонсолон вуҷуд надорад Баръакс, як қатор моделҳои назариявии бартаридоштаи технологияи педагогӣ мавҷуданд, ки ҳар яке дидгоҳи хоси худро нисбат ба раванди таълими калонсолон пешниҳод менамояд.

Дар радифи равишҳои назариявии муҳимтарин метавон аз андрагогика, нейроилм, таълими эмпирикӣ (ѐ таҷрибавӣ), таълими мустақил ва таълими трансформатсионӣ ном бурд. Ҳамаи ин назарияҳо ҳадафи умумӣ доранд: баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷабахшии равандҳои таълими корпоративӣ барои калонсолон тавассути мутобиқгардонии онҳо.

Саволи асосӣ ин аст: чаро донистани назарияҳои таълими калонсолон барои кормандони педагогӣ зарур аст?

Назарияҳои таълими калонсолон танҳо бо маҷмӯи истилоҳот, консепсияҳо ва ғояҳо дар бораи тарзи омӯзиши афроди калонсол маҳдуд намешаванд. Онҳо ҳамчун чаҳорчӯбаи методологӣ барои таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ дар тамоми марҳилаҳо – аз консептуализатсия то имплементатсияи амалӣ – хизмат намуда, ба таъмини самаранокии раванди таълим мусоидат мекунанд.

Чаҳор асоси муҳиме, ки зарурати шиносоии педагогҳоро бо назарияҳои таълими калонсолон асоснок месозанд, аз инҳо иборатанд:

1. Тарҳрезии барномаҳои таълимӣ бо назардошти эҳтиёҷоти таълимгирандагон. Дониши назариявӣ имкон медиҳад, ки курсҳое таҳия карда шаванд, ки ба талабот ва интизориҳои таълимгирандагони калонсол мутобиқати дақиқ дошта бошанд.

2. Интихоби стратегияҳои оптималии таълим. Дониши равишҳои назариявӣ имкон медиҳад, ки стратегияҳои самараноки таълим бо назардошти контексти муҳити таълимӣ интихоб карда шаванд.

3. Ҳамгироии технологияҳои мувофиқи таълим. Заминаи назариявӣ дар интихоб ва татбиқи технологияҳое, ки ба стратегияҳои интихобшудаи таълим ҳадди аксар мувофиқат мекунанд, мусоидат менамояд

4. Мутобиқшавӣ ба тамоюлҳои муосири таълим: Дониши назариявӣ имкон фароҳам меорад, ки барномаҳои таълимӣ бо тамоюлҳои актуалӣ, аз ҷумла, технологияҳои рақамӣ ва мобилии таълим ҳамоҳанг карда шаванд.

Ҷанбаҳои иловагӣ:

**Андрагогика:** Ин назария ба хусусиятҳои фарқкунандаи таълими калонсолон, аз қабили мустақилияти онҳо дар интихоби равишҳои омӯзиш, таҷрибаи ғанӣ ва гуногуни ҳаётӣ, инчунин ҳавасмандии дохилӣ барои азхудкунии донишҳои нав тамаркуз менамояд.

**Нейроилм:** Ин назария механизмҳои нейробиологии раванди таълим ва фаъолияти хотираи калонсолонро мавриди таҳқиқ қарор дода, усулҳоеро барои беҳтарсозии ҷараёни омӯзиш ва мустаҳкамсозии дониш пешниҳод мекунад.

**Таълими эмпирикӣ (таҷрибавӣ):** Ин назария аҳамияти таҷрибаи мустақими амалӣ ва инъикоси онро дар раванди таълим таъкид менамояд. Таълимгирандагон тавассути фаъолиятҳои амалӣ дониш ва малакаҳоро азхуд мекунанд ва сипас таҷрибаи худро таҳлил намуда, аз он хулоса мебароранд.

**Таълими мустақил:** Ин назария ба нақши фаъоли таълимгиранда дар раванди омӯзиш тамаркуз мекунад. Таълимгиранда ҳамчун субъекти мустақил қодир аст, ки ҷараёни таълими худро мустақилона идора намояд, ҳадафҳо муқаррар созад ва роҳҳои ноил шудан ба онҳоро интихоб кунад.

**Таълими трансформатсионӣ:** Ин назария раванди таълимро ҳамчун тағйироти амиқи ҷаҳонбинӣ, эътиқодҳо ва арзишҳои таълимгиранда баррасӣ мекунад. Дар натиҷаи таълим, таълимгиранда на танҳо донишҳои нав мегирад, балки дарк ва фаҳмиши амиқтаре нисбат ба худ ва ҷаҳони атроф пайдо мекунад. Татбиқи ин равишҳои назариявӣ ба педагогҳо имкон медиҳад, ки барномаҳои таълимии босамар ва ба ниёзҳои таълими калонсолон мувофиқро таҳия намуда, ба рушди касбӣ ва шахсии онҳо мусоидат намояд.

Умқи назарияи андрагогика дар таваҷҷӯҳи амиқ ба таҷрибаи ғанӣ ва гуногуни фаъолияти таълимгирандагони калонсол нуҳуфтааст. Бар асоси ин назария, ки хусусиятҳои хоси омӯзиши афроди бузургсолро дар бар мегирад, ақидае мавҷуд аст, ки калонсолон дар раванди азхудкунии донишҳо ба он чизе, ки аз таҷрибаи зиндагии худ андӯхтаанд, бештар ва муваффақтар такя мекунанд.

Назарияи андрагогика, ки аз тарафи Малколм Ноулз дар солҳои 1970-ум таҳия шудааст, шаш хусусияти фарқкунандаи таълимгирандагони калонсолро пеши назар меорад:

1. **Зарурати донишандӯзӣ.** Калонсолон амиқан дарк менамоянд, ки зарурати рӯ овардан ба дониш афзалиятҳои фаровон дорад.

2. **Ҳавасмандӣ.** Ангезаи асосии омӯзиши калонсолон рағбати ботинии онҳост. Онҳо ба омӯзиши муттасил майлу хоҳиши зиёд доранд ва дар вуҷуду ботини худ ниёзи амикро эҳсос менамоянд. Ҷавоби қонеъкунанда

ба саволи «Ин дониш барои ман чӣ манфиат дорад?» дар онҳо ҳавасмандии қавӣ ба вуҷуд меорад.

3. **Майлу омодагӣ.** Дар калонсолон майл ва омодагии омӯхтан, донистан ва тавонистан ба тарзи равшан ба вуҷуд меояд, онҳо аҳаммияти азбар намудани донишро барои беҳтарсозии ҳаёти худ пурра ва барҷаста эҳсос менамоянд. Фаҳмиши он, ки чӣ гуна дониш метавонад ба баланд бардоштани сифати зиндагӣ мусоидат кунад, барои онҳо муҳим ва пурарзиш аст.

4. **Заминаи таҷриба:** Калонсолон дорои таҷрибаи бойи зиндагӣ мебошанд, ки ба раванди омӯзиши онҳо таъсири амиқ мерасонад. Онҳо қодиранд, ки иттилоотро таҳлил кунанд, шарҳ диҳанд, бо донишҳои қаблӣ пайваст намоянд ва ғояҳои навро дар асоси таҷрибаи шахсии худ ташаккул диҳанд. Омӯзгор ҳамчун тарроҳи раванди таълим аз ин таҷриба самаранок истифода мебарад, то ба онҳо дар эҷоди робитаҳо, афзалияти донишандӯзӣ ва ба вуҷуд овардани ҳавасмандӣ кӯмак расонад

5. **Мустақилият.** Калонсолон шахсони мустақил ва соҳибихтиёр мебошанд ва хоҳиши ба зимма гирифтани масъулияти пешравии худро доранд. Эҳсоси назорат бар ҷараёни таълим дар онҳо оромиш ва эътимод ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани имконият барои интихоби усулҳои омӯзиш ва идоракунии ҷараёни таълим аз ҷониби онҳо муҳим аст.

6. **Муносибат ба таҳсил:** Калонсолон самараноктар меомӯзанд, вақте дар раванди амалӣ фаъолона иштирок мекунанд. Барои онҳо таълими мушкилотгаро, ки имкони татбиқи донишҳои бадастовардаро дар муҳити корӣ фароҳам меорад, аҳамияти калидӣ дорад. Чунин равиш ба сайқал додани малакаҳои ҳалли мушкилот мусоидат намуда, эътимодро ба қобилияти истифодаи донишҳои нав дар иҷрои вазифаҳои гуногун тақвият мебахшад.

Назарияи дигар таълими трансформатсионӣ буда, ба муайян намудани нуқтаи назар ва ақидаҳои мавҷуда, дарёфти роҳу равиши муаммою масъалаҳо (инсайтҳо) асос ёфтааст. Ин падида бо мавҷудияти сатҳи тафаккур

ва сатҳи идроки инсон шарҳ дода мешавад. Ин лаҳзаи хоси афкори баландпарвоз аст ва имкон медиҳад, ки ба воқеият ва ин ё он рӯйдод аз нигоҳи нав назар карда шавад.

Ҳамаи ин равандҳо дорои хусусияти трансформатсионӣ (таҷаддудӣ) буда, шуури калонсолонро ба сатҳи нави дарк ва фаҳмиш омил месозад. Педагог бояд дар раванди таълим талош намояд ва лаҳзаҳоеро фароҳам орад, ки ақлро такон мебахшад, эҳсосоти амиқро ба вуҷуд меорад ва дар хотираи калонсолон таассуроти амиқи омӯзишӣ мегузорад. Чунин лаҳзаҳо аксар вақт метавонанд тарзи фикррониӣ, нуқтаи назар, муносибат ба ҳали масъалаҳо ва қолабҳои рафторро ба таври куллӣ тағйир диҳанд, ба таъбир «трансформатсияҳо»-ро ба амал оранд.

Назарияи таълими трансформатсионӣ механизмҳои омӯзиши калонсолонро тавассути фаҳмиши воқеӣ шарҳ медиҳад. Асоси ин назарияро ақидае ташкил медиҳад, ки омӯзиш мавриде сурат мегирад, ки дониши нав бо таҷрибаи қаблӣ пайваст мешавад ва тасаввуроти мавҷуда дар асоси иттилооти нав аз нав баррасӣ мегардад.

Дар назарияи таълими трансформатсионӣ се марҳилаи асосӣ муайян карда мешавад:

1. **Ошкорбаёнии мушкилот ё гирдоби андеша:** Ин марҳила лаҳзаеро ифода мекунад, ки дар он шахс дарк мекунад, ки дар тӯли ҳаёт дар андешаи нодуруст қарор доштааст ё аз як ҳақиқати муҳиме бехабар мондааст. Ин ҳолат монанди тӯфони ногаҳонӣ шахсро ба ҷустуҷӯи маълумоти нав ё бознигарии низоми тафаккур водор месозад. Дарк намудан аз ноогоҳӣ нисбат ба чизе ё содир намудани хато ҳамеша як вазъияти буҳронӣ аст, ки шахсро аз доираи одатҳои худ берун мебарад. Нишон додани он чизе, ки таълимгирандагон намедонанд, метавонад шароитаи шавқу ҳавасро дар онҳо афрӯхта, онҳоро ба сӯйи анҷоми муваффақонаи курс раҳнамун созад.

2. **Ҷустуҷӯи манфиати шахсӣ:** Манфиати шахсӣ ҳамчун омили муҳаррики омӯзиш амал мекунад ва ҷавоби аслии саволи «Ман аз ин чӣ манфиат мебинам?» мебошад. Аз оғози таҳсили калонсолон муҳим аст, ки

заминаи мувофиқи шахсӣ, касбӣ ѐ иҷтимоӣ фароҳам оварда шуда, устувор гардонида шавад, ки шавқи муҳассилинро бедор намуда, онҳоро ба омӯзиш ҷалб созад. Ба ҳавасмандгардонии калонсолон имкон бояд фароҳам овард, то манфиатҳои интизории заҳмати худро дар меҳвари зеҳни худ тасаввур карда тавонанд.

3. **Нерӯи тафаккури интиқодӣ:** Калонсолон афроди дорои ақл ва мантиқи мустаҳкам мебошанд. Аз ин рӯ, фароҳам овардани имкониятҳо барои мулоҳизаронӣ муҳим аст, то онҳо тавонанд эътиқод ва андешаҳои худро аз нав ва амиқ баррасӣ кунанд. Ба калонсолон иҷозат диҳем, ки эҳсосоти худро дарк намоянд ва муайян кунанд, ки дар кадом самт бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар ин ҳолат онҳо бо шавқи бештар ба ҷустуҷӯи дониш мепардозанд.

Барои дарки амиқи маводи иттилоотӣ назарияи таълими эмпирикиро мавриди таҳлил қарор бояд дод. Ҳакими бузурги Чин Конфуций фармудааст: «Агар бигӯед, фаромӯш мекунам; агар нишон диҳед, дар хотир нигоҳ медорам; агар иҷро кунам, мефаҳмам». Ҳеҷ китобе дониши возеҳ ва амиқро намедиҳад, мисли он ки инсон дар раванди мустақилона анҷом додани амал ба даст меорад. Назарияи таълими эмпирикӣ таъкид менамояд, ки моҳияти таълими калонсолон дар дарки таҷрибаи амалӣ таҷассум меѐбад.

Омӯзиши фаъол, ки тавассути амалия сурат мегирад, барои калонсолон нисбат ба азѐдкунии механикии матнҳо ва таърифҳо самарабахштар аст. Дар робита ба ин андешаи муҳим Дэвид А. Колб чор марҳилаи курси таълими эмпирикиро муайян менамояд:

**Таҷрибаи амалӣ.** Таълими афроди калонсол дар заминаи фаъолияти мустақими амалӣ нисбат ба муҳити таълими анъанавӣ, ки ба лексия ва муҳокима асос ѐфтааст, натиҷаҳои баландтар нишон медиҳад. Таълими амалӣ имкон медиҳад, ки ашхоси калонсол таҷрибаи шахсии фаъолро аз сар гузаронад, ки он дар таҳким ва вусъати донишу малакаҳо саҳми муассир мегузорад. Мисоли ин навъи таълим равиши кинестетикӣ мебошад, ки тавассути фаъолияти зеҳнӣ ва ҷисмонӣ амалҳои қавии эмотсионалиро ба

вуҷуд меорад (масалан, сенарияҳои воқеӣ, ки вобастагии сабабӣ-натиҷавиро равшан мекунад).

**Мушоҳидаи рефлексивӣ:** Ин марҳила ба фароҳам овардани фазои таҳлилӣ ва вусъати таҷрибаи амиқу тавлиди донишҳои нав нигаронида шудааст. Пас аз фаъолияти амалӣ калонсолон дар доираи вақти муайян барои мулоҳизаронӣ, назари объективӣ, инчунин таҳқиқи пайдарпайии амалҳо ва усулҳои кор ниёз доранд. Дар ин марҳила, истифодаи намоишҳо (демонстратсияҳо), таҳлили ҳолатҳои мушаххас ва машқҳо метавонад самаранок бошад.

Чанд сухан оид ба моҳияти консепсияи абстрактӣ дар партави таълими эмпирикӣ (таҷрибавӣ-амалӣ).

Дар таълими эмпирикӣ фаҳмиши консепсияҳои абстрактӣ аз ҷониби афроди калонсол на танҳо азхудкунии маълумоти тайёр, балки фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ дар асоси таҷрибаи андӯхташударо дар бар мегирад. Ин раванд бо мулоҳизаҳои амиқ оид ба моҳияти консепсияҳо, таҳлили робитаҳои дохилӣ ва берунии онҳо, инчунин дарки алоқамандии онҳо бо воқеияти объективӣ оварда мерасонад. Аз ин нуқтаи назар таҳияи машқҳои педагогӣ, ки фазои мусоидро барои тафаккури интиқодӣ фароҳам меорад ва имкони омӯзиши тарзи шаклгирӣ ва татбиқи консепсияҳо ва расмиётро фароҳам меоран, аҳамияти калидӣ пайдо мекунад.

**Нақши озмоиши фаъолона дар ташаккули таҷриба.** Озмоиши фаъолона, ки дар шаклҳои гуногун, амсоли бозиҳои нақшофарӣ ва стимулятсияҳо (ҳавасмандгардонӣ), таҷрибаомӯзӣ ва лоиҳаҳои амалӣ зоҳир мегардад, яке аз унсурҳои муҳими таълими эмпирикӣ ба шумор меравад. Ин фаъолиятҳо ба калонсолон имкон медиҳад, ки дониши назариявиро дар шароити воқеӣ ё ба он наздик татбиқ намуда, самаранокии онро арзёбӣ кунанд.

Воқеан ҳам, дар шароити кунунии Тоҷикистон, таълими касбии калонсолон ба як зарурати мубрам табдил ёфтааст. Ин амр на танҳо ба рушди устувори ҷомеа мусоидат мекунад, балки рақобатпазирии иқтисодиёти

миллиро дар арсаи ҷаҳонӣ таъмин месозад. Инкишофи босуръати иқтисодиёт ва бозори меҳнат, ҳамчунин пешрафти бесобиқаи илму техника ва технологияҳои нав, зарурати азхудкунии касбҳои иловагӣ баланд бардоштани малакаҳои мавҷударо дар байни аҳолии калонсол ба миён меорад.

Аҳамияти низоми пурсамари таълими касбии калонсолонро дар Тоҷикистон сохтори кунунии шуғли аҳолӣ тасдиқ мекунад, зеро қисмати зиёди аҳолии қобили меҳнат (беш аз 70 дарсад) ба ин гурӯҳ мансуб аст. Илова бар ин, таҳлили маълумоти омории солҳои охир нишон медиҳад, ки афзоиши солонаи аҳолӣ ба ҳисоби миёна 2,5 дарсадро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин тамоюл агар суръати афзоиш нигоҳ дошта шавад, шумораи аҳолии Тоҷикистон дар соли 2030 метавонад ба 12-13 миллион нафар бирасад. Ин ҳолат зарурати фароҳам овардани имкониятҳои муносиби таълими касбиро барои шумораи рӯзафзуни калонсолон ва аҳолии қобили меҳнат боз ҳам таъкид менамояд.

Таъмини соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар бо мутахассисони баландихтисос, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, аз пояи таҳсилоти калонсолон нерӯ мегирад. Дар зинаи таҳсилоти калонсолон саҳми арзишманди онҳо дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар равшан ба назар мерасад. Дар ин раванд ҷалби фаъолонаи аҳолии калонсол ба барномаҳои таълими касбӣ метавонад нақши муҳим ва таъсирбахшро ба иҷро расонад.

Таҳлили амиқи вазъият нишон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи таълими касбии калонсолон ҳалли як қатор масъалаҳои муҳимро тақозо мекунад. Аз ҷумла:

– ташаккули заминаи ҳуқуқии соҳа тавассути таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– муайян намудани самтҳои асосии рушди таълими касбии калонсолон дар маҷмӯъ барои давраи то соли 2030;

– ташаккули омори расмии соҳавӣ;

- ташаккули низоми баҳодиҳии сифати таълим;
- васеъ намудани шабакаи марказҳои таълими калонсолон бо фарогирии сохторҳои таҳсилоти кулли қаламрави Тоҷикистон, таъмини молиявии раванди таълиму омӯзиш;
- амалӣ намудани чорабиниҳои иттилоотӣ барои ҷалби калонсолон ба намудҳои гуногуни таълим, ҳамкории доимӣ бо воситаҳои ахбори омма;
- тақвият бахшидан ба таъминоти моддӣ ва техникии муассисаҳои таълимии калонсолон;
- вусъат бахшидан ба фаъолияти педагогҳо ва кадрҳои соҳаи таҳсилоти калонсолон, омода намудани мутахассисони баландпояи ин зинаи таълиму парвариш;
- рушди заминаи илмии таълими касбии калонсолон дар Тоҷикистон;
- таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таълими касбии калонсолон ва ҷалби шарикони рушд.

Дар самти рушди заминаҳои сохтории курсҳои кӯтоҳмуддати таълими калонсолон, ҳадафҳои зеринро метавон муайян намуд:

- таҳия ва ҷорӣ намудани низоми муассири ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба таълими касбии калонсолон ва ҷалби аҳолии калонсол ба ин раванд;
- тарҳрезии талаботи ягона барои эътирофи расмӣ (сертификатсия)-и малакаҳои касбии муҳоҷирони бозгашта бо дарназардошти Феҳристи касбҳои амалкунандаи Тоҷикистон;
- ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти мунтазам дар соҳаи таълими касбии калонсолон дар заминаи Институти илмӣ-тадқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар самти васеъ намудани дастрасии аҳолии калонсол ба таълими босифати касбӣ чораҳои зеринро метавон амалӣ намуд. Аз ҷумла, таъсис ва рушди  марказҳои муосири таълими калонсолон дар минтақаҳои гуногуни кишвар бо истифода аз технологияҳои пешқадам ва таъмини онҳо бо кадрҳои

баландихтисос, ҷорӣ намудани курсҳои кӯтоҳмуддати таълими касбии калонсолон дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

Таҷриба собит месозад, ки ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати доимамалкунандаи тайёр намудани мутахассисони соҳаи таълими касбии калонсолон дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон», амалӣ намудани чораҳои махсус ҷиҳати таъмини дастрасии баробар ба таҳсилот барои шахсони маъюб ва дигар гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар марказҳои таълими калонсолон, ворид намудани асосҳои соҳибкорӣ ба нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълими касбии калонсолон чи дар марказҳои таълими калонсолон ва чи дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз чораҳои муассир ва самарабахши низоми андрагогика мебошад.

Дар самти ҷалби шумораи бештари калонсолон ба шаклҳои гуногуни таълим, чораҳои зеринро метавон амалӣ намуд. Дар ин росто, махсусан, баргузории чорабиниҳои мунтазами иттилоотӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар байни ҷавонон ва калонсолони ҷӯяндаи кор, густариши ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма бо мақсади таблиғи муҳимияти таҳсил дар тӯли ҳаёт, пешниҳоди доираи васеи касбҳо дар муассисаҳои таълими калонсолон бо дарназардошти эҳтиёҷоти гурӯҳҳои гуногуни аҳолии калонсол, ҷалби муҳассилини ин тоифа барои иштирок дар конфронсҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои байналмилалӣ оид ба самти таълими касбии калонсолон ва ҷалби иқтидори шарикони рушд аз омилҳои таконбахш ва унсурҳои самараноки раванди ҷалби афроди калонсол ба таълиму такмили касб маҳсуб меёбад.

## 2.3. Вижагиҳои хоси фаъолияти омӯзгор-андрагог дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълими калонсолон

Фаъолияти омӯзгор-андрагог дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим дорои вижагиҳо ва бартариятҳои хос мебошад, ки аз фаъолияти

омӯзгори дабистонҳо ва ҷавонони муҳассил фарқ мекунад. Мутахассис-андрагог, ки дар низоми таҳсилоти пайваста фаъолият мебарад, бояд дорои маҷмӯи салоҳиятҳои андрагогӣ бошад. Он имкон медиҳад, ки раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти калонсолон ва дар низоми таҳсилоти касбии баъдидипломӣ самаранок роҳандозӣ гардад.

Вижагиҳои хос ва фарққунандаи фаъолияти касбии омӯзгор-андрагог дар он зоҳир мегардад, ки ҳадафҳои мушаххасро дар низоми таҳсили калонсолон, ҳавасмандии онҳоро ба раванди таълим дарбар мегирад. Он дар азхудкунии маводи нав, ҳалли мушкилоти раванди таълим аз лиҳози иҷтимоӣ ва психологӣ кӯмаки амалӣ расонида, барои рушди малакаҳои рефлексия - худбаҳодиҳӣ мусоидат мекунад, ниёзҳои маърифатӣ ва касбии афроди калонсол ва имкониятҳои онҳоро дуруст арзёбӣ менамояд.

Вазифаи асосии низоми таҳсилоти калонсолон тайёр намудани ашхоси босалоҳият мебошад, ки қодиранд дониш ва малакаҳои худро дар шароити зудтағйирёбанда самаранок татбиқ карда тавонанд. Салоҳияти асосии ин гуруҳи муҳассилини калонсол дар ҳавасмандии онҳо ба худомӯзии муттасил ва рушди касбӣ дар тӯли ҳаёт зоҳир мегардад.

Консепсияи таҳсилоти пайваста (ё таҳсил дар тӯли ҳаёт) ҳамчун асоси навсозии тамоми низоми таҳсилот пазируфта шудааст. Файласуфи маъруфи соҳаи таҳсилоти калонсолон П. Ҷарвис таъкид менамояд: «Таҳсил дар тӯли ҳаёт ягона воситаи мутобиқшавии инсон ба муҳити доимо тағйирёбанда ва ягона роҳи нигоҳ доштани фаъолияти босамари инсон дар ин раванд мебошад».

Таҳсил дар тӯли ҳаёт ё таҳсилоти пайваста як раванди ихтиёрӣ мебошад, ки бар хоҳиши ботинии инсон барои андӯхтани дониш бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ, иҷтимоӣ ё касбӣ асос меёбад.

Вазифаҳои таҳсилоти пайваста:

− Рушддиҳанда – қонеъ гардонидани талаботҳои маънавии шахс, эҳтиёҷот ба рушди малакаи эҷодӣ;

− Ҷубронкунӣ - пур кардани холигоҳҳо ва норасоиҳое, ки дар зинаҳои асосии таҳсилот вуҷуд доштанд;

− Мутобиқгардонӣ – тайёркунӣ ва бозомӯзии фаврии кадрҳо дар шароити тағйирёбии босуръати вазъи истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;

− Ҳамгироӣ– мутобиқ гардонидани шахс ба фарҳанги ношинос; Иҷтимоикунонии дубора– барқарорсозии робитаҳои иҷтимоӣ.

Профессор В.Г. Онушкин дуруст таъкид менамояд, ки дар низоми таҳсилоти пайваста калонсолон гурӯҳи сершумортарин ва аз ҷиҳати хусусиятҳо гуногунҷабҳатаринро ташкил медиҳанд. Эҳтиёҷоти онҳо ба донишҳои нав ва азхудкунии малакаҳои гуногун вобаста ба фарқиятҳои ҷинсӣ, синну сол, сатҳи саводнокӣ ва маълумот, рушди зеҳнӣ ва эҷодӣ, манфиатҳои касбӣ ва рӯзгор, таҷрибаи пештараи зиндагӣ ва нақшаҳои оянда хеле фарқ мекунад. Ин тафавутҳо ҳангоми ташкили раванди таълим барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолии калонсол ва шахсони алоҳида бояд ба назари эътибор гирифта шавад, то ки таълим самаранок ва ба ниёзҳои онҳо мувофиқ гардад.

Таҳсилоти калонсолон дар замони муосир воқеан ҳам як институт - ниҳоди нисбатан мустақили иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба шумор меравад, ки дорои самти рушди хоси худ буда, таъсири амиқ ва пешқадамро ба дигар соҳаҳои ҷомеа, аз қабили иқтисодиёт, сиёсат, илм ва идеология мерасонад. Ин низоми таҳсил дар шароити тағйироти динамикӣ ва мураккаби ҷаҳони имрӯза аҳамияти торафт бештарро ба худ касб мекунад.

Дар нимаи дуюми асри XX инсоният бо як қатор бӯҳронҳои глобалӣ ва маҷмӯи мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ шуд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, шикастани марзҳои иттилоотӣ-фарҳангии кишварҳо ва минтақаҳо, тамоюлҳои глобалӣ дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, пешрафти босуръати илмӣ-техникӣ, таҳаввулоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва гуманитарӣ, суръати баланди навсозии техника ва технологияҳо, раванди умумии иттилоотикунонӣ зарурати тағйир додани мундариҷа, хусусият ва самти фаъолияти касбиро ба миён овард. Тағйиротҳои зикршуда ба низоми

таҳсилоти калонсолон талаботи беш аз пешро пешниҳод намуд, махсусан, дар самти омодагии касбии кадрҳо ба шароити нави иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, азхудкунии технологияҳои муосир ва рушди салоҳиятҳои зарурӣ барои фаъолияти муваффақона дар ҷаҳони тағйирёбанда ва амсоли он.

Дар авохири қарни сипаришуда дар заминаи тағйироти азими иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ имкониятҳои бузурги таълими калонсолон, мутаассифона, ба таври бояду шояд дарк ва мавриди истифода қарор нагирифт. Беэътиноӣ ба нақши калидии таҳсилоти калонсолон, заифии рукни маърифатии сиёсати таҳсилот, заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии номуназзам ва ноустувори зинаҳои мухталифи таҳқиқотҳои илмӣ-педагогӣ боис гардид, ки рушди таълими калонсолон дар кишвар аз таҷрибаи кишварҳои аз ҷиҳати технологӣ пешрафта ба таври назаррас қафо монад [186, с. 46-52].

Дар замони муосир соҳаи таълими калонсолон ба мушкилоти зиёд, вале ҳалталаб рӯ ба рӯ мешавад, ки барои таъмини рушди устувор ва самараноки он чораву тадбирҳои фавриро тақозо мекунад. Сабабҳо гуногунанд. Аз ҷумла, афзоиши шумораи гурӯҳҳои аҳолӣ, ки эҳтиёҷ ба дастгирии иҷтимоӣ ва ташкили махсуси раванди таълим (шахсони дорои маълулият, бекорон, муҳоҷирон, занони танҳо, пиронсолон, маҳбусон ва ғайра) доранд; мавҷуд набудани низоми мукаммали таҳсилоти калонсолон, зуҳури шумораи зиёди муассисаҳо ва ташкилотҳои пароканда, ки ба таълими калонсолон ниёз доранд; ғайримкон гардидани таъмини талаботҳои мубрами категорияҳои алоҳидаи аҳолии калонсол ба таври ройгон, ки метавонад ба нобаробарии имкониятҳо дар соҳаи таҳсилот оварда расонад.

Дар ин росто то ҳол ҷой доштани ихтилофоти бунёдӣ байни дастовардҳои илми андрогогика ва татбиқи он дар раванди таълими гурӯҳҳои гуногуни аҳолии калонсол, набудани заминаи меъёрии мукаммал барои тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи андрогогика ва низоми таъмини соҳа бо кадрҳои баландихтисос ҷиҳати қонеъ гардонидани ниёзҳои гуногуни таълимгирандагони калонсол ва ғайра мисол шуда метавонад.

Бешубҳа, нақши марказӣ дар ташкили таълими гурӯҳҳои мухталифи калонсолон ба мутахассиси соҳиби босалоҳият - андрагог вогузор мегардад, ки бевосита ба раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти калонсолон (аз қабили донишкадаҳои такмили ихтисос ва курсҳо) ҷалб карда мешавад. Агар истилоҳи «андрагог» ба таври васеътар маънидод гардад, ҳар як мутахассисе, ки бо аудиторияи калонсолон фаъолият менамояд, метавонад ҳамчун андрагог эътироф карда шавад [62, 63].

Ба маънои васеъ андрагог мутахассиси соҳибтахассус дар соҳаҳои таълим, идоракунӣ, машваратдиҳӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва таҷаддуд дар соҳаи таълимии калонсолон ба шумор меравад [182, 183].

Барои таъмини босифати раванди таълим педагог-андрагог бояд дониш, маҳорат ва малакаҳои махсуси касбиро дошта бошад, ки зери он маҷмӯи донишҳо дар бораи инсони калонсол, низоми роҳу усул ва шаклҳои махсуси таълим фаҳмида мешавад, ки ҳар як мутахассиси таълимдиҳанда аз он бояд бархурдор бошад. Хусусияти хоси таълим барои ашхоси калонсол, пеш аз ҳама, дар фардият, муносибати инфиродии шахс ба муҳити атроф ва шаклҳои гуногуни таълим зуҳур меёбад.

Яке аз муҳимтарин принсипҳои андрагогика принсипи такя ба таҷрибаи ҳаётӣ ва касбии шахси калонсол мебошад [96, 97]. Дар шуури шахси болиғ ҳама гуна иттилооти нав (хоҳ огоҳона ва хоҳ ноогоҳона) бо таҷрибаи андухташуда муқоиса ва арзёбӣ мегардад. Азхудкунии дониш ҳамон вақт самаранок мегардад, ки агар ба вазъияти воқеӣ алоқаманд бошад. Таҷрибаи касбӣ ва ҳаётии инсон (ё ба ибораи дигар, тарзи зиндагии ӯ) метавонад манбаи муҳими дониш, омили рушд ва воситаи таъсирбахш дар раванди таълим гардад, бахусус дар партави таълим дар синни калонсолӣ [39].

Андрагог бояд соҳибтахассус ва дорои маҷмӯи мукаммали дониш, маҳорат ва малакаҳои махсуси андрагогӣ бошад, то ки раванди таълимро барои аҳолии калонсол бо дарназардошти эҳтиёҷоти таълимӣ ва хусусиятҳои

синнусолии онҳо дар сатҳи зарурӣ ва ҷавобгӯ ба талабот  ташкил карда тавонад.

Меъёри асосии арзёбии сифати раванди таълими калонсолон мутобиқати он ба хусусиятҳои таълимгирандагони калонсол мебошад. Аз ин ҷост, ки зарурати муайян намудани маҷмӯи меъёрҳои андрагогии сифати таълими калонсолон ба миён меояд, ки дар ин миён меъёри гуманитарӣ мавқеи меҳварӣ дорад.

Хусусияти таълими калонсолон аз вижагиҳои хоси онҳо ҳамчун ашхоси муҳассил бармеояд. Аз ҷумла:

– калонсолон дар давраи  камолоти  кору пайкор қарор ёфта, мундариҷа ва шаклҳои таълимро шуурона интихоб ва дарк менамоянд, оид ба  мушкилот, камбудиҳо ва ҳаҷми норасои таҳсили қаблӣ тасаввури амиқ доранд;

– категорияи ашхоси калонсол бо шавқу ҳаваси баланд ба омӯзиш машғул мешаванд ва дорои имкониятҳои бештари  азхудкунии донишҳои навро мебошанд;

– ба онҳо камолоти иҷтимоӣ, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, салоҳияти коммуникативӣ ва касбӣ, инчунин таҷрибаи бойи зиндагӣ ва касбӣ хос аст;

– калонсолон ба татбиқи амалии донишҳои бадастоварда майлу рағбат доранд.

– ба арзёбии дастовардҳои хеш ва тасдиқи (ё ислоҳи) худбаҳодиҳии касбии ташаккулёфта эҳтиёҷ доранд ва он ошкоро изҳор мегардад;

– талаботи  калонсолон ба низоми раванди  таълими инфиродӣ бештар ва қавитар майл дорад;

– аҳамияти таълимро барои рушди касбӣ ва шахсии худ амиқан дарк мекунанд;

– ба муоширати ғайрирасмӣ дар ҳалқаи ҷомеаи касбии ҳамфикр ва дарккунандаи мушкилот эҳтиёҷ доранд [19].

Вижагиҳои касбии андрагог ва мақому мавқеи вай дар раванди таълими калонсолон чунин зуҳур меёбад:

– дар самти назариявӣ-методологӣ - доштани фаҳмиши амиқ оид ба нақш ва мақоми андрагогика дар низоми илмҳои инсоншиносӣ, огоҳӣ аз принсипҳои андрагогии таҳсилот ва дарки нақши таҳсилоти пайваста ҳамчун омили рушди инсон;

– дар самти муносибат ба таълимгирандагон - муносибат бо таълимгирандагон ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ, ба назар гирифтани хусусиятҳо, ниёзҳо ва майлу ҳавасмандии онҳо;

– дар самти методӣ - истифодаи воситаҳо ва усулҳои муассири таълими калонсолон, аз қабили истифода аз усулҳои ташхис, риояи принсипҳои дидактикӣ, таҳияи лоиҳа ва истифодаи технологияҳои муосир барои таълими фосилавӣ;

– дар самти худбаҳодиҳӣ - арзёбии интиқодии сатҳи салоҳиятнокии касбӣ ва иштироки мунтазам дар намудҳои гуногуни таҳсилоти расмӣ, ғайрирасмӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати такмили дониш ва малакаҳо.

Салоҳияти андрагогии педагог - омӯзгор ҳамчун омили муҳимтарини таъмини сифати таҳсилоти калонсолон эътироф шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр кардани омӯзгорон аз фанни андрагогика дар кафедраҳои педагогикаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои таълимии низоми таҳсилоти иловагии касбӣ тавассути барномаҳои магистратура, таълими бозомӯзӣ ва курсҳои такмили ихтисос амалӣ мегардад.

Бо вуҷуди ин, дар шароити мавҷуд набудани стандартҳои ягонаи давлатӣ ҳар як муассисаи таълимӣ дар самти муқаррар кардани талабот нисбат ба тайёрии мутахассис-андрагог дар соҳаи фаъолияти касбӣ ва мувофиқати салоҳияти касбии ӯ ба натиҷаҳои таҳқиқоти мавҷуда дар илми психологӣ-педагогӣ ва тасаввуроти субъективӣ такя менамояд.

Салоҳияти андрогогии омӯзгоре, ки дар соҳаи таҳсилоти калонсолон фаъолият менамояд, дар таҳқиқоти як қатор олимон ва мутахассисон (Т.Г. Браже, С.Л. Братченко, С.Г. Вершловский, М.Т. Громкова, С.И. Змеев, И.А. Колесникова, М.Д. Матюшкина, В.Г. Онушкин, А.П. Ситник, Е.А.

Соколовская, Г.С.Сухобская, Е.П. Тонконогая, Т.В. Шадрина ва дигарон) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Мафҳуми «салоҳияти андрагогӣ», мафҳуми фарохи «салоҳияти касбӣ-педагогӣ» то ҳол дар доираҳои илмӣ мавриди мубоҳиса ва таърифҳои гуногунро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ омӯзгоре, ки дорои салоҳияти андрагогӣ мебошад, шахсест, ки қодир аст дар фаъолияти амалии худ мушкилот ва вазифаҳои воқеии марбут ба баланд бардоштани салоҳияти касбии мутахассисонро ба таври самарабахш ҳал намояд.

Салоҳияти андрагогии омӯзгор омили муҳимтарини сифати таҳсилоти калонсолон ба шумор меравад. Тайёр кардани мутахассисони соҳаи таълими фанҳои андрагогика дар кафедраҳои педагогикаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои таълимии низоми таҳсилоти иловагии касбии Тоҷикистон аз рӯйи барномаҳои магистратура ва таълимии бозомӯзӣ, дар курсҳои такмили ихтисос амалӣ карда мешавад.

Салоҳияти андрагогии омӯзгор дар маҳорати фароҳам овардани муҳити мусоид барои инкишофи шахсии калонсолон зоҳир мегардад. Ин салоҳият, аз ҷумла, малакаҳои инъикос, тафаккури интиқодӣ, таҳлили фаъолияти касбии хеш, майл ба эҷодкорӣ, малакаҳои худомӯзӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва гузаронидани тадқиқоти илмиро дарбар мегирад. Ҳамчунин, қобилияти муайянсозии мушкилот, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо, арзёбии мушкилот, пешгӯии натиҷаҳо ва арзёбии манбаҳо низ ҷузъи салоҳияти андрагогӣ мебошад.

Салоҳияти андрагогӣ аз доираи васеи масъалаҳои мазмунан мураккаб буда, ҷанбаҳои гуногунро дар бар мегирад:

– ҷанбаи фаннӣ дониши амиқи омӯзгорро дар бораи вижагиҳои синнусолӣ, шахсӣ, психофизиологӣ, иҷтимоӣ ва касбии калонсолон, инчунин қобилияти роҳбарии самараноки раванди таълим дар асоси принсипҳои андрагогии таҳсилотро тақозо мекунад;

– ҷанбаи методӣ дониши технологияҳои интерактивии муосир, корбурди таҷрибаи касбӣ ва ҳаётии таълимгирандагони калонсол ва истифодаи самараноки онро дар раванди таълим дар назар дорад;

– ҷанбаи рушди маҳорати педагогӣ аз омӯзгор қобилияти баҳодиҳии интиқодӣ нисбат ба фаъолияти худ, доштани зарофат ва пешбурди раванди таълимиро дар асоси муносибати баробарҳуқуқӣ тақозо мекунад;

Салоҳияти андрагогӣ ҳамчун маҷмӯи мукаммали арзишҳо, донишҳои бунёдӣ, малакаҳои гуногунҷанба, таҷрибаи психологӣ-андрагогӣ ва сифатҳои касбӣ-шахсии андрагог тасаввур мешавад ва он имкони таъмини ҳамкории пурсамари андрагогиро бо таълимгирандагони калонсол бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи шахсӣ ва касбии онҳо фароҳам меорад.

Маҳоратҳои асосии омӯзгор-андрагог дар ташкили муассири раванди таълим таҷассум меёбад, ки бо сифатҳо ва арзишҳои муҳими маърифатӣ-ахлоқӣ, аз қабили таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром, ҳамдардӣ ва муоширатпазирӣ, ҳассосият ва шавқу завқ, ростқавлӣ ва худтанқидӣ, қобилиятҳои ташкилотчигӣ, кӯшиш ба худтакмилдиҳии доимӣ ва эҳтироми амиқ ба шахсияти калонсолон таҳким меёбад.

Дарки амиқи инсон ҳамчун шахси соҳибиззат, мустақил ва худтанзимкунанда, эътирофи мавқеи иҷтимоии калонсолон, фаҳмиши таълим ҳамчун ҷузъи муҳими фаъолияти ҳаётии инсон, дарк ва эътирофи нақши баробарҳуқуқи таълимгирандагон дар раванди таълим ҳамчун раҳнамо, ки таълими самарабахши таълимгирандагони калонсолро таъмин месозад, намоён мегардад.

Салоҳияти андрагогии омӯзгор дар фаҳмиши амиқи нақши таҳсилоти пайваста ҳамчун омили муҳими рушди шахсӣ ва касбии инсон ва қабули принсипҳои андрагогии таҳсилот инъикос меёбад. Ин нукта махсусан дар муносибат бо ашхоси калонсол ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ зоҳир мегардад, ки ба эътибори мақом, хусусияти синнусолӣ ва инфиродӣ, эҳтиёҷоти касбӣ ва ҳавасмандии онҳо ба низоими таълим асос меёбад .

Фаъолияти омӯзгор-андрагог дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. С.И. Змеев фаъолияти омӯзгор-андрагогро дар ҷараёни ташкили раванди таълим чунин арзёбӣ менамояд:

1. Мушоҳида, гузаронидани тестҳои санҷишӣ, пурсишҳо ва мусоҳибаҳо бо мақсади муайян намудани эҳтиёҷот ва хусусиятҳои таълимии ҳар як фард.

2. Таҳияи барномаи таълимии инфиродӣ барои ҳар як таълимгиранда бо назардошти натиҷаҳои ташхис ва ҳадафҳои таълимии ӯ.

3. Фароҳам овардани шароити бароҳати ҷисмонӣ ва фазои мусоиди психологии таълим, инчунин таъминоти илмӣ-методӣ бо сарчашмаҳо ва воситаҳои таълимие, ки барномаи тасдиқшуда пешбинӣ менамояд.

4. Гузаронидани пурсишҳои даврӣ, назорати раванди таълими муҳассили калонсол, аз ҷумла, истифодаи воситаҳое, ки ба ҳадафҳои гузошташудаи таълим мувофиқ буда, мундариҷа, сарчашмаҳо, воситаҳо, шаклҳо ва усулҳои таълимро ба назар мегирад.

5. Истифодаи меъёрҳо, шаклҳо, методҳо ва воситаҳои гуногуни назорат ва баҳодиҳии арзишҳои таълим бо мақсади муайян намудани пешрафт ва муваффақиятҳои муҳассилини калонсол.

Ворид намудани тағйиротҳои зарурӣ ба нақшаҳо, мундариҷа, шаклҳо, усулҳо, воситаҳои таълим ва баҳодиҳӣ дар асоси натиҷаҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ [84].

С.И. Змеев таъкид менамояд, ки омӯзгор-андрагог дар ташкили раванди таълими калонсолон вазифаҳои мухталифро ба уҳда дорад. Аз ҷумла, ҳамчун коршинос оид ба технологияи таълими омӯзгорон; ташкилотчии фаъолияти муштараки ҳамаи иштирокчиён (унсурҳо)-и раванди таълим; ҳаммуаллиф (якҷоя бо таълимгирандагони калонсол)-и барномаи инфиродии таълим; мураббӣ, мушовир, илҳомбахши таълимгирандагони калонсол; таъминкунандаи шароити мусоиди ҷисмонӣ ва психологии таълим; интиқолдиҳандаи дониш, маҳорат, малакаҳо ва сифатҳои барои таълимгирандагони калонсол зарурӣ.

Бино бар ақидаи С.Г.Вершловский, омӯзгоре, ки дорои салоҳияти андрагогӣ мебошад, пеш аз ҳама, ташкилкунандаи раванди таълими калонсолон аст ва дар фаъолияти касбии худ қодир аст маҷмӯи вазифаҳо ва «нақшҳои» гуногунро ба таври муассир иҷро намояд:

1. Нақши «табиб», ки омодагии психотерапевтии омӯзгорро ҷиҳати расонидани кӯмак ҳангоми барқарор кардани ҳавасмандии калонсолон ба фаъолияти таълимӣ ва коҳиш додани сатҳи изтироби таълимгирандагон дар назар дорад.

2. Нақши «коршинос», ки соҳиби донишҳои амиқ ҳам дар ҷодаи мундариҷаи андрагогика ва ҳам дар фаъолияти касбии таълимгирандагон мебошад.

Нақши «мушовир», ки мусаллаҳ будани омӯзгоро бо методологияи андрагогии пешбурди раванди худомӯзии калонсолон (баланд бардоштани ихтисоси мақсаднок, азхудкунии асосҳои кори илмӣ-тадқиқотӣ, мусоидат дар таҳияи лоиҳаҳои рушди касбӣ ва шахсӣ ва ғайра) пешбинӣ менамояд [39]

Дар навбати худ Н.Н. Кузина таъкид менамояд, ки салоҳияти андрагогии омӯзгор дар шароити муосир азхудкунии нақшҳои нави касбиро аз ҷониби ӯ тақозо мекунад, ки он ба эҷоди муносибатҳои хос бо шунавандагони курсҳо (ҳамчун куратори барномаи таълимӣ, тьютор, фасилитатор, модератори кори гурӯҳӣ ва ғайра), истифодаи моҳиронаи усулҳои фаъоли таълим, ки ба рушди ташаббус ва масъулияти таълимгирандагон, фароҳам овардани имкониятҳо барои худмуайянкунӣ ва худреализатсияи эҷодӣ, инчунин рушди малакаҳои худтаълимдиҳӣ нигаронида шудаанд, роҳ мекушояд [120].

Дар шароити муосир доираи нақшҳои омӯзгор-андрагог ба таври назаррас васеъ мегардад. Андрагог метавонад ба сифати:

- ✓ Тьютор (лотинӣ *tutor* - муҳофизаткунанда, сарпараст, мураббӣ, омӯзонанда);
- ✓ Тренер - инструктор;
- ✓ Монитор (лотинӣ monitor - огоҳкунанда, нозир);

- ✓ Ментор (мураббӣ);
- ✓ Мушовир; мураббӣ, раҳнамо, маслаҳатчӣ;
- ✓ Аниматор (лотинӣ anima - руҳ);
- ✓ Медиатор (лотинӣ mediator - миѐнарав);
- ✓ Фасилитатор (лотинӣ facile - содда);
- ✓ Ҳамоҳангсоз;
- ✓ Коршинос;
- ✓ Устод баромад кунад.

Дар нақши тьютор, тренер ѐ монитор андрагог хусусияти мундариҷаи таълимро муайян намуда, интиқоли дақиқи онро тавассути дастурдиҳӣ, алгоритмизатсия ва азхудкунии барномавии амалҳо ва рафтори аз лиҳози меъѐрҳои иҷтимоӣ қабулшуда таъмин менамояд. Дар ин раванд пешниҳоди фикру мулоҳизаҳо, баҳодиҳӣ ва ислоҳи натиҷаҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ низ ба танзим дароварда мешавад. Ин нақша ба таври анъанавӣ дар омӯзиши калонсолон дар соҳаҳое, аз қабили забонҳои хориҷӣ, рондани воситаҳои нақлиѐт, истифодаи дастгоҳҳои техникӣ ва намудҳои гуногуни варзиш мавриди истифода қарор мегирад.

Дар нақши ментор, мушовир, мураббӣ ѐ маслаҳатчӣ андрагог бояд нисбат ба таълимгирандаи калонсоли худ дорои дониши кофӣ ва таҷрибаи назаррас дар соҳаи фаъолияти ҳаѐтии мавриди назар бошад. Салоҳият дар ин чаҳорчӯба маънои онро дорад, ки омӯзгор методологияи андрагогии раванди худтаълимдиҳии калонсолонро азхуд намудааст. Шаклҳои ин муносибат метавонад дар баланд бардоштани сатҳи тахассуси калонсолон, омӯзиши асосҳои кори илмӣ-тадқиқотӣ, мусоидат дар таҳияи барномаҳо (лоиҳаҳо)-и рушди касбӣ ва шахсӣ (худтакмилдиҳӣ) ва ғайра намоѐн гардад.

Дар нақши аниматор андрагог ба фаъолсозӣ ва рӯҳбаландкунии таълимгирандагон мусоидат намуда, ҳамчун индуктор – механизми «ба кор андохтан»-и татбиқи ғояҳо ва нақшаҳои маърифатӣ ѐ таълимӣ амал менамояд.

Ҳамчун медиатор андрагог василаи иртиботи байни таълимгирандаи калонсол ва мундариҷаи таълимӣ гардида, барои таъмини мулоқот бо манбаъҳои зарурии иттилоотӣ мусоидат мекунад.

Дар нақши фасилитатор вазифаи асосии андрагог дастгирии психологии таълимгирандаи калонсол дар кӯшишҳои омӯзишии ӯ мебошад. Ӯ мушкилот ва зиддиятҳоеро, ки дар ҷараѐни таълим ба миѐн меояд, пешгирӣ, нарм ва осон мегардонад..

Дар нақши муаммогузор андрагог зимни ҳамкорӣ дар зеҳни таълимгирандагон талаботро ба гирифтани иттилоот бедор мекунад, ва барои пешбинии муаммо ба онҳо кӯмак мерасонад.

Ҳамчун тафсиргар, андрагог ба таълимгирандагони калонсол дар равшан сохтани масъалаҳои мураккаб ѐрӣ мерасонад. Одатан, ин мутахассиси соҳибкасби соҳаи худ аст, ки ба сатҳи баланди методологияи андрогогӣ ноил гардидааст.

Андрагог ҳамчун таблиғгар ва интиқолдиҳандаи дониш ва таҷриба қодир аст иттилооти муҳими таълимиро ба забони содда ва барои доираи васеи шунавандагон фаҳмо пеҳниҳод намояд. Вазифаи андрагог - ҳамоҳангсоз муттаҳид сохтан ва ҳамоҳанг намудани кӯшишҳо ва таҷрибаи иштирокчиѐни равандҳои маърифатӣ-коммуникативӣ мебошад, бахусус, вақте ки дар байни ашхоси муҳассил шумораи зиѐди афроди дорои маълумоти олӣ ва сатҳи баланди салоҳиятнокӣ мавҷуданд.

Барои иҷрои нақши коршинос андрагог бояд салоҳияти омӯзгориро дар сатҳи меъѐрӣ соҳиб бошад, яъне ҳам аз мундариҷаи фаъолияти андрагогӣ ва ҳам аз хусусиятҳои фаъолияти касбии таълимгирандагон огоҳӣ дошта бошад. Мавқеи ӯ ҳамеша дорои ҷанбаи андрагогӣ мебошад, зеро андрагог-устод шахсест, ки дар фаъолияти касбии худ ба қуллаи маҳорат расида, ҳамзамон дорои эътибори бечунучаро дар ҷомеаи касбӣ мебошад.

Дар баробари вазифаҳои дар боло зикршуда мо метавонем вазифаҳои дигари муҳимми андрагогро номбар намоем, ки чунин бартариятҳро соҳиб аст:

– Омӯзгори фанҳои педагогӣ ва андрагогика;

– Омӯзгори ихтисосиҳои алоҳидаи махсус (масалан, фанни этика, психология, иқтисодиёт), ки дониш ва маҳорати андрагогиро дорад;

– Мутахассис - муҳаққиқ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон;

– Корманди иҷтимоӣ, корманди дастгоҳи идоракунӣ (дар муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳои соҳаи истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ).

Хусусияти фаъолияти андрагог дар муайян намудани мундариҷаи таҳсилот барои гурӯҳҳои мухталифи калонсолон татбиқи равиши байнифаннии мушаххас, инчунин истифодаи низоми мувофиқи шаклҳо ва усулҳои таълимро тақозо менамояд, ки он имкон медиҳад хусусиятҳои синнусолӣ, касбӣ, шахсӣ ва дигар вижагиҳои ашхоси калонсолро ба назар гирифта шавад.

Ба қатори вазифаҳои асосие, ки мутахассис-андрагог дар низоми таҳсилоти иловагии касбӣ бо назардошти хусусиятҳои зикршуда бояд ҳал намояд, инҳо дохил мешаванд:

– пешниҳоди маҷмӯи донишҳои махсус ва мафҳумҳои умумӣ ба таълимгирандагони калонсол мутобиқи дархостҳои маърифатии онҳо;

– мусаллаҳ намудани таълимгирандагон бо методологияи фаъолияти касбӣ дар асоси рушди марҳилавии салоҳиятнокии онҳо;

– таъмини раванди таълим бо маводи зарурии таълимӣ вобаста ба сатҳи дониш ва таҷрибаи таълимии ҳар як таълимгиранда;

– дастгирии иҷтимоӣ ва психологии шунавандагон дар ҷараёни таълим;

– ба роҳ мондани раванди таълим ва арзиёбии маҷмуи донишҳои таълимгирандагон, истифодаи самараноки дониш ва малакаҳо онҳо дар ҷараёни таълим ва рушди минбаъда;

– тақвият бахшидан ба нерӯи эҷодии таълимгиранда бо назардошти мақсадҳои онҳо барои гирифтани таҳсилот;

– ҷалби таълимгирандагон ба раванди банақшагирӣ, амалисозӣ, таҷдид ва арзёбии натиҷаҳои раванди таълим;

– гузаронидани машварат ва кори барқарорсозӣ бо назардошти мушкилоти таълимӣ, иҷтимоӣ ва шахсии таълимгирандагон.

Салоҳияти касбии андрагог дар низоми ТИК-ро метавон аз рӯи параметрҳои асосии зерин муаррифӣ кард:

1. Аз рӯи сатҳи баланди донишҳои ба шунавандагон пешниҳодшуда ва дараҷаи навгонии он.

2. Ҷавобгӯ будани донишҳои ба таълимгирандагон пешниҳодшуда бо эҳтиёҷоти таълимии онҳо.

3. Аҳамияти амалии донишҳои барои шунавандагон пешниҳодшаванда.

4. Истифодаи самараноки технологияҳои таълимӣ зимни тадриси фанҳои алоҳида.

5. Мусаллаҳ будан бо методологияи андрагогии пешбурди раванди таълим.

6. Қобилияти ҳалли бонизоми масъалаҳое, ки ҳамзамон бо таълим ва рушди шахсияти калонсол алоқаманд аст.

7. Мувофиқати натиҷаҳои таълим бо ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда.

Хулоса, омӯзгоре, ки бо таълимгирандагони калонсол фаъолият менамояд, бояд дорои салоҳиятҳои зерин бошад:

– дарки ҳадафҳои мушаххаси таълимии гурӯҳҳои гуногуни таълимгирандагон ва ҳавасмандии онҳо;

– расонидани кумаки амалӣ ва дастгирии психологии таълимгирандагон ҷиҳати таҳкими эътимод ба худ;

– маҳорати рушди тафаккури рефлексивии калонсолон ва мусоидат дар коҳиш додани таъсири таҷрибаи гузашта ҳамчун омили маҳдудкунанда;

– қобилияти муайян намудани ниёзҳо ва имкониятҳои омӯзишии калонсолон ва дар асоси он муайян намудани самтҳои фаъолсозии раванди таълим.

**Хулосаи боби дуюм**

Дар боби дуюм таҳқиқи масоили марбут ба рушди таълими калонсолон бо назардошти хусусиятҳо ва эҳтиёҷоти психоиҷтимоии онҳо, бахусус, дар марҳилаи такмили салоҳиятҳои касбии мутахассисон таваҷҷӯҳ намуда, аҳамияти муҳимми методологиро касб менамояд ва аҳамияти стратегӣ низ дорад.

Дар рафти таҳқиқ аён гашт, ки омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи таълими калонсолон дар партави технологияи педагогӣ барои муайян намудани равишҳои нави таҳқиқи мавзуъ дар ин самт, таҷдиди назар намудани барномаҳо ва сиёсати давлат дар самти таълими муназзами калонсолон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таваҷҷуҳ ба асосноккунии назарии самтҳои рушди шуурнокии калонсолон ва малакаҳои зеҳнӣ-маърифатии онҳо, қобилияти мутобиқшавӣ ба вазъияти нав ва таҳлили рефлексивии таҷрибаи амалӣ ба афзоиши эҳсоси қаноатмандии калонсолон аз натиҷаҳои омӯзиш мусоидат менамояд ва ба таври назаррас рушд меёбад.

Таҳқиқот собит кард, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръат зарурати андешидани тадбирҳои муассир ҷиҳати омодасозии омӯзгорон барои таълими калонсолон, таҳияи барномаҳои инноватсионии таълимӣ ва технологияҳои муосири омӯзиш ба масъалаи муҳим табдил ёфтааст. Ҳангоми таҳияи барномаҳои таълими калонсолон омилҳои зерин бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гиранд:

– шуурнокии ашхоси калонсол ва дарки муҳиммияти таҳсили минбаъда барои ҳосил намудани малака ва донишҳои нави ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат;

– махсусиятҳои робитаи мутақобили омӯзгор ва категорияи таълимгирандон ва таъмини нуфуз ва эътибори педагогӣ;

– эҳтиёҷи калонсолон ба дониш ва малакаҳои нав, ки дар фаъолияти касбии онҳо мустақиман татбиқ мешаванд;

– майли калонсолон ба татбиқи амалии дониш ва малакаҳои бадастоварда дар вазъияти воқеӣ, сатҳи таҷрибаи зиндаги калонсолон ва ҳоказо.

Масъалаи дигар - зарурати таҳлили вижагиҳои педагогии таълим ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда аз масъалаҳои муҳимми низоми таҳсилоти калонсолон маҳсуб меёбад. Чунин гузориши масъала ба мо имкон дод, ки равиши ҳамаҷонибаи самти таълими самараноки калонсолонро, ки барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии ҷомеа аҳамияти калидӣ дорад, муқаррар намояд.

Тазаккур медиҳем, ки ашхоси калонсол аҳамияти таҳсил ва зарурати касби донишҳои навро хуб дарк мекунанд. Омӯзгор дар ин раванд масъулияти нави педагогиро ба дӯш мегирад, ки дар баланд бардоштани сатҳи касбият ва фаъолияти ҷадиди касбӣ зуҳур меёбад. Дар ин раванд истифодаи усулҳои муаммогузорӣ ва таъкид ба мубрамияти мавзуҳои омӯзиш аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад, зеро он ҳама шавқи таълимгирандагонро бедор намуда, онҳоро ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал ва татбиқи донишҳои нав водор месозад.

Дар партави таълими калонсолон алъон се назарияи меҳварӣ бартарӣ дорад:

1. Андрогогика.

2. Таълими озмоишӣ.

3. Таълими трасформатсионӣ

Ин назарияҳо дар банақшагирии стратегияҳои таълим аз омилҳои муҳим буда, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки раванди таълимро ба хусусиятҳои хоси таълимгирандагони калонсол мутобиқ созанд.

Муҳассилини калонсол афроди мустақил буда, қодиранд самтҳои рушди худро мутобиқ ба майл, завқ ва эҳтиёҷоти шахсии худ интихоб намоянд. Пешниҳоди курсҳои таълимӣ, наворҳои видеоӣ аз рафти вебинарҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки тренингҳои барояшон муфидро интихоб кунанд. Барои онҳо муҳим аст, ки дар бобати самаранокии раванди таълим ва

иттилооте, ки аз омӯзиш ба даст меоранд, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбият ва зиндагӣ маълумоти кофӣ дошта бошанд.

Аз ҷумла, таълими трансформатсионӣ ба мушаххас намудани дурнамои таълими калонсолон, дарки арзиш ва муҳимияти он, ки боиси ташаккули муносибати нав ба воқеият ва тағйири тафаккур мегардад, нигаронида шудааст. Назарияи трансформатсионӣ ба он асос меёбад, ки таълим дар заминаи маънои нав бахшидан ба таҷрибаи пешин ва қабули донишҳои нав бо дидгоҳи нав сурат мегирад.

Аз ин лиҳоз андрагогика ба мустақилият, таҷриба ва ҳадафмандии таълимгирандагони калонсол, корбурди таҷрибаи амалии онҳо дар раванди таълим, бедор кардани ҳавасмандӣ, мутобиқат ба эҳтиёҷоти ашхоси калонсол, фароҳам овардани имкониятҳо барои омӯзиши мустақил ва худтанзимкунӣ, истифодаи усулҳои фаъоли таълим, ки ба рушди малакаҳои ҳалли мушкилот ва татбиқи амалии дониш нигаронида шудаанд, асос меёбад.

Дар низоми таълими калонсолон вазифаи нави педагогӣ зуҳур меёбад, ки дар таъмини мувофиқати супоришҳои таълимӣ бо натиҷаҳои пешбинишуда ифода мегардад. Аз нигоҳи методологияи арзёбӣ вазифаҳо метавонанд ба бахшҳои хурд тақсим гарданд ва онҳоро бояд ба гунае пайваст кард, ки яке дигареро комил созад. Ҳамчунин, арзёбии динамикаи пешрафт бо истифода аз усулҳои санҷидашуда ва расонидани кӯмаки фаврӣ дар ҳолатҳои зарурӣ муҳии арзёбӣ мегардад.

Ҳангоми бознигарии роҳу равиши таълими калонсолон мо эътимод ҳосил намудем, ки онҳо муҳиммияти ҳар як ҷузъи таълим ва ҳосил намудани дониш ё малакаи мушаххасро дарк мекунанд. ба силсилаи бузурги раванди омӯзиш пайваст мешаванд. Калонсолон метавонанд тарзи омӯзиши инфиродии худро муназзам созанд. Аз ин рӯ, таъмини чандирии усулҳои таълим низ зарур ҳисобида мешавад, зеро он ба табиати дарку фаҳмиши калонсолон хуб мусоидат мекунад. Муҳим аст, ки омӯзгор дар ҳамаи лаҳзао омӯзиш стратегияи мувофиқи таълимро пешбарӣ намояд.

Масъалаи асосҳои назариявии таълими калонсолон дар заминаи технологияи муосири педагогӣ аз масоили асосии илми андрогогика буда, мавзӯи муҳимми баҳс, арзёбӣ ва дарёфти роҳу равиши босамари таълим маҳсуб меёбад. Зикр кардан ба маврид аст, ки то ҳол назарияи ягонаи аз ҷониба ҳамагон пазируфташуда оид ба таълими калонсолон вуҷуд надорад. Баръакс, як қатор моделҳои назариявии бартаридоштаи технологияи педагогӣ мавҷуданд, ки ҳар яке дидгоҳи хоси худро нисбат ба раванди таълими калонсолон пешниҳод менамояд.

Дар боби дуюм ба саволи «Чаро донистани назарияҳои таълими калонсолон барои кормандони педагогӣ зарур аст?» ҷавоби мушаххас додла шудааст. Аз ҷумла зикр ммегардад, ки назарияҳои мавҷудаи таълими калонсолон танҳо бо маҷмӯи истилоҳот, консепсияҳо ва ғояҳо дар бораи тарзи омӯзиши афроди калонсол маҳдуд намешавад. Он ҳамчун чаҳорчӯбаи методологӣ барои таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ дар тамоми марҳилаҳо аз консептуализатсия то имплементатсияи амалӣ хизмат намуда, ба таъмини самаранокии раванди таълим мусоидат мекунад.

Дар боби дуюм вижагиҳои хоси фаъолияти омӯзгор-андрагог дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълими калонсолон мавриди баррасии комил қарор гирифтааст. Вижагиҳои хос ва фарққунандаи фаъолияти касбии омӯзгор-андрагог дар он зоҳир мегардад, ки ҳадафҳои мушаххасро дар низоми таҳсили калонсолон, ҳавасмандии онҳоро ба раванди таълим дарбар мегирад. Он дар азхудкунии маводи нав, ҳалли мушкилоти раванди таълим аз лиҳози иҷтимоӣ ва психологӣ кӯмаки амалӣ расонида, барои рушди малакаҳои рефлексия - худбаҳодиҳӣ мусоидат мекунад, ниёзҳои маърифатӣ ва касбии афроди калонсол ва имкониятҳои онҳоро дуруст арзёбӣ менамояд.

Барои таъмини босифати раванди таълим педагог-андрагог бояд дониш, маҳорат ва малакаҳои махсуси касбиро дошта бошад, ки зери он маҷмӯи донишҳо дар бораи инсони калонсол, низоми роҳу усул ва шаклҳои махсуси таълим фаҳмида мешавад, ки ҳар як мутахассиси таълимдиҳанда аз он бояд бархурдор бошад. Хусусияти хоси таълим барои ашхоси калонсол,

пеш аз ҳама, дар фардият, муносибати инфиродии шахс ба муҳити атроф ва шаклҳои гуногуни таълим зуҳур меёбад.

Дар боби мазкур салоҳияти андрагогии педагог - омӯзгор ҳамчун омили муҳимтарини таъмини сифати таҳсилоти калонсолон васеъ матраҳ ва арзёбӣ шудааст. Зикр мегардад, ки салоҳияти омӯзгор-андрагог ҳамчун маҷмӯи мукаммали арзишҳо, донишҳои бунёдӣ, малакаҳои гуногунҷанба, таҷрибаи психологӣ-андрагогӣ ва сифатҳои касбӣ-шахсии ӯ дарк гардида, он имкони таъмини ҳамкории пурсамари устодро бо ашхоси калонсол бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи шахсӣ ва касбӣ фароҳам меорад.

# БОБИ III. АСОСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОН

## 3.1. Амсилаи ташкилӣ - фаъолияти раванди таълим

Усулҳои дар боло зикршудаи таълими андрагогӣ дар фаъолияти амалии омӯзандагон ва устодон амалӣ карда мешаванд, ки таркиби онҳоро технологияи ТК муайян менамояд. Технологияи ТК ба ғояи раванди таълим ҳамчун як фаъолияти мураккаби омӯзанда дар таълим додан ва таҳсил дар омӯзиш асос ѐфтааст.

***Тренинг*** – як раванди мураккаби иҷтимоию психологие мебошад, ки онро шахс анҷом медиҳад. Тренинг ба хотири басиҷ намудани неруҳои бадан ва дар бастари ҳамгирову якҷоя ҳидоят намудани онҳо роҳандозӣ карда мешавад, вақте шахс вориди тренинг мешавад, ӯ қабл аз ҳама дар иҷтимоъ қарор мегирад. Бо ҳамандешагони хеш вориди баҳсу ҷадал қарор гирифта, масоили мухталифи марбут ба хеш ва ҷомеаро мавриди баҳс қарор медиҳад. Мо хуб медонем, ки улуми мухталиф перомуни ҳаѐт ва зиндагии инсонҳо омӯзиш анҷом медиҳанд ва паҳлуҳои мухталифи онро ба риштаи таҳқиқ мекашанд. Омӯзиш ва таълим марбут ба илми педагогика мебошанд, ки ин илм тамоми раванди омӯзишу парвариш дар шакли пурра фаро мегирад. Агар дар ҳамин ҷо таваққуфи иҷмолӣ намуда, ба таърихчаи илми педагогики тоҷик дар аҳди шуравӣ ва солҳои истиқлол назар андозем, мебинем, ки дар ин ришта мо дастовардҳои хеле назаррас ва ҷолибе доштаем, ки онҳо мартаба ва мақоми ин илмро дар ватани мо ба мақоми арзандае бардоштаанд. Дар аввоили аҳди шуравӣ маъракафи маҳви бесаводӣ, роҳандозии таълими ҳамагонӣ, чопи китобу дастурҳои таълимӣ, бунѐди мактабу синфхонаҳо ва боз корҳои хеле назаррасе аз шоҳкориҳои ин масир будаанд. Мо дар Аморати Бухоро мадраса доштем, аммо толибилмони он мадорис чи қадар буданд, медонед на болотар аз 2000 нафар, дар сурате, ки имрӯзҳо баъзе аз факултетҳои донишгоҳҳои Тоҷикистон то ду ҳазор донишҷӯ доранд, на донишгоҳ балки як факултети ин ѐ он донишгоҳ. Раванди таълим ин қадар муназаму мураттаб аст, ки ҳеҷ собиқа надорад. Ихтисосҳои стандартҳои

таълим барномаҳои таълим ва билохира ҷадвалҳои дарсӣ ҷузъҳои танзимкунандаи ин раванд мебошанд, ки онро назорат ва танзим менамоянд. Ин як гурези иҷмолӣ барои нишон додани вазъу ҳоли улуми педагогӣ дар шароити феълӣ буд, пас аз он ба асли матлаб баргашта масъалаи аслии хешро пайгирӣ хоҳем кард.

Бар замми ин аксаран перомуни таълиму омӯзиш сухан гуфта, масъулин ҷараёнҳои мухталифро дар назар доранд, худи ҳамон масъулин ҳам медонанд ва дарк мекунанд, ки ҳаводиси гуногун бо шева ва равишҳои мухталиф ба риштаи омӯзиш кашида мешавад. Охир тарзи дигар буда наметавонад, мо хуб медонем, ки ҳар як бахш ва ҳар як мазуъ ё фан шомили равишҳои вижаи омӯзиши хеш мебошад, ки он фанро аз паҳлуҳои гуногунаш фаро мегирад. Гоҳан омӯзишро фаъолияти муштарак ва гоҳан фаъолияти таълимгиранда ва ё танҳо фаъолияти омӯзгор медонанд.

***Омӯзиш (таълим) чӣ маъно дора?*** Дар аҳди шуравӣ омӯзишро ҷараёни аз худ кардани ҷамъе аз дониш, малака ва маҳоратҳо мепиндоштанд, ки дар маҷмуъ шахсро барои пешбурди ҳаёт ва иҷрои супоришҳо ва вазифаҳои муайяне омода мекард. Агар мо имрӯзҳо ба ин масъала аз ин зовия нигоҳ кунем, ба андешаи мо он басанда нест, чунки вазъ ба кулли тағйир кардааст ва  имрӯзҳо дар канори он масоили дар боло зикршуда боз масъалаҳое илова шудаанд, ки аз бар кардан ва ҳаллу фасли онҳо донишҳо ва малакаҳои иловагӣ талаб мекунанд ва ин аст, ки мо калонсолонро ба ин кор омода мекунем ва дар ин масир онҳоро меомӯзонем ва ё худи онҳо тавассути васила ва сакуҳои омӯзишӣ ин ё он салоҳиятҳоро фаро мегиранд.

Ҳангомии ихтисори мазмуни таҳсилот бо коркарду азхуднамои муаянсозии паҳлуҳои аҳмиятдори он дар раванди таълиму ҳар як шарти бараҳмонии он аз доираи муаян мебароянд, донишмандони дигар таҳсилотро васеъ баррасӣ менамоянд ва ин истилоҳро барои ифодаи ҷараёнҳои маҷмуии ташаккули фард истифода мебаранд.

Таҳсилот хоҳ расмӣ ва хоҳ ғайрирасми бошад, он бояд низомеро ташкил намояд, ки ҳадафҳои дарпешгузоштаи барномаҳои таълимиро иҷро

намуда, барои муссилин маҷмӯъ ва системаи донишҳои муқарраршударо таъмин намоянд. Барои таҳсил ва иҷрои чорабиниҳое, ки тавассути онҳо омӯзишҳо баргузор мегардад, рӯз то рӯз шароитҳо фароҳам оварда шуда истодааст. Ин аст, ки *«таҳсилот раванди мақсаднок (пешакӣ муайяншуда), муташаккил, пайгирона ва тӯлонӣ (дастгирӣ)»* ташкилшуда аст.

Таърифҳои мазкур шомили равандҳои бисёрҷанба буда, ҷараёни онро созмон дода таъмин мекунанд, ҳамчунин иштирокдоронро ба инобат мегиранд. Ин таърифҳо як чизро барои мо ба таври қатъӣ баён медоранд, ки таълим ва омӯзиш ғайрирасмӣ буда, дар маҷро омӯзгор ва муассисаи таълимӣ нақши пешбаранда дошта наметавонанд.

Донишмандони риштаи улуми педагогӣ дар аҳди Шуравӣ омӯзишро василаи тарбия ва аз бар кардани дониш, маҳорат, малака ва усулҳои фаъолияти маърифатӣ барои амалисозии таълими муттасили инсон меҳисобиданд. Раванди таълим ду тарафи боҳамалоқамандро дар бар гирифта, дар он омӯзгор функсияи маълумотдиҳанда ва муссил функсияи маълумотгирандаро адо намояд.

Мо медонем, ки таълиму омӯзиш ҷараён ва ба таври дигар карда гӯем раванде мебошад, ки шомил ҳамаи атрибутҳои омӯзиш мебошад. Мо ин ҷо кӯшиш хоҳем кард, назароти хешро перомуни таълиму омӯзиш баён намоем.

Тибқи гуфтаҳои донишмандон Даркенвалд ва Меррӣ: *«омӯзишу таълим метавонад бешуурона ё тасодуфӣ, номуташаккил ва хеле кӯтоҳ бошад»* [291, с. 8-11]. Илмомӯзӣ ва аз бар кардани салоҳиятҳои нав ба тариқу равишҳои мухталиф ва ҳадафҳои гуногун метавонад сурат гирад. Шахси таълимгиранда худ тасмим мегирад, ки кай ва дар чи шароите таҳсили иловагӣ оғоз кунад ва кадом корро барои худ ёд бигирад. Чунки ӯ шахси мустақил аст ва таҷриба ва малакаи шахсиаш ба ӯ кумак мекунад, ки кадом тасмимро дар мақтаи ҳаётии хеш ба хотири чӣ қабул кунад. Ин ҷо таҷрибаи ҳаётӣ ва донишҳое, ки шахс қаблан омӯхтааст ва малакаю маҳорате, ки дар ҷараёни зиндагиаш касб намудааст, ба ӯ кумак мерасонанд, ин ҷо ҳеҷ баҳси иловагие буда наметавонад.

Ҳуллас, зери мафҳуми омӯхтан, пеш аз ӣҳамма корҳои азхудкунии таълимгиранда  дарк мегардад, ки дорои ашеоли мухталиф мебошаду ба интиқолёби ба воситаи ТҒ ва ТР равонааст. Муҳақиқони хориҷӣ ҷараёни омӯзишро то ҷараёни таълим коҳиш медиҳанд. Муҳақиқони тоҷик дар пажуҳишҳои хеш таълимро дар навбати аввал ба ҷараёни омӯхтан равонагардида дида мебароянд. Аммо дар адабиёти илмии хориҷӣ онро кори таълимгирандагон медонанд.

Шаш ҷанбаи ТК-ро муайян кардан мумкин аст:

1. Омӯзиш дар тӯли ҳаёти Шумо сурат мегирад;

2. Таълим раванди табиӣ мебошад;

3. Таълим омӯзандаро тағйир медиҳад;

4. Таҳсилот мустақиман дар иртибот тараққии фард алоқаманд аст;

5. Таълим ба таҷрибаи фард кори мибаъдаи ӯ муртабит мебошад;

Ин шакли таҳсил имкон дорад беихтиёрона сурат гирифта, шомили мавридҳое бошад бо доройӣ ба вижагиҳои фарққунандаи омӯзандагӣ, дарку тафаҳҳум, коркард, татбиқ сохтани амалҳои матлуби дастурдиҳанда, ки ин маълумотро дар ин ё он шакл мунтақил мекунад.

Вақте мо перомуни таълими ғайрирасмӣ суҳбат мекунем, пеши назари мо ҳатман ҳамон таълимӣ анъанавӣ ва маъмулие, ки ҳамаи мо аз васати он рад шуда, сипас ба самти барои хеш лозим раҳсипор гардидаем меоянд. Хонандаи азиз ин фаҳму дарки шумо иштибоҳ нест, аммо он ҷавобгӯи вазъияти феълӣ намебошад. Таълими ғайрирасмӣ ҳузури ҳатмии муаллимро тақозо намекунад. Дар дунёи феълӣ, ки аносири таълимдиҳанда ба маротиб зиёд шудааст ва теъдоди он ба садҳо ҳазор расидааст метавонад воҳидҳои гуногун бошад. Ҳоло мо ин ҷо якчандтои онро ном мебарем: филм, видеофил, китоб, нома паёмак, ва билохира сомонаҳоии интернетӣ, ки дигар имрӯзҳо теъдоди онҳо бешуморанд ҳамаи ин воҳидҳо ва воситаҳо моро меомӯзанд ва имрӯзҳо метавон гуфт, ки дар омӯзиши муттасили бидуни таътил қарор дорем. Магар телефонҳои мобилии иттисол бо шабакаи

умумиҷаҳонии интернет ин васили омӯзиши муттасил нест, бале ҳаст ва ҳатто мо дар ин омӯзиши хеш як дақиқа ҳам дар канор нестем ва доимио дар тамоси бевосита қарор дорем. Онҳо дониш, малака, сифат ва арзишҳои ахлоқиро дар бар мегиранд.

Чунонки дида мешавад, аз як сӯ омӯзгор қарор дорад ва ӯ тасмим бар он дорад, ки дониш ва малакаю маҳорати хеш, ки дар ин самт аз бар намудааст барои таълимгирандагон мунтақил намояд, аз сӯйи дигар таълимгиранда қарор дорад, ки ӯ мехоҳад донишу малка ва маҳорати доштаи худро такмил кунад ва ѐ он салоҳияту масъулият дар фаъолият яке аз омилҳои муайянкунандаи меъѐрӣ корӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳсилоти калонсолон бояд ба мафкура ва қобилиятҳои онҳо таҳаввулоти ҷиддиро ба амал оранд, то онҳо дар анҷоми корҳои ба зимаашон вогузошта ба хубӣ бароянд.

Дар маҷмуъ, дар дунѐ феълӣ тамоми давлатмардон ва сиѐсатмадорону ҳукмроно болоравии синни аҳолии мамлакати хешро дастовард мепиндоранд ва онро дар ин ѐ он гузориш баѐн медоранд. Аз ин рӯ, мо бояд фикр кунем, вақте мо барои фарз чанд соли ҳаѐти мардумро боло бибарем, оѐ онро машғул дошта метавонем ѐ ӯро ба ҳоли худ мегузорем ва дигар дар борааш фикр намекунем. Ин аст, ки боло бурдани синну соли аҳолии мамлакат мунҷар ба он мешавад, ки саршумори аҳолӣ боло рафта теъдоди онҳое, ки ниѐз ба кору фаъолият пайдо мекунанд зиѐд мешаванд. Пас моро лозим аст, ки онҳоро ба таълим фаро гирифта ҳаѐти онҳоро рангин намоем.

Хулоса ин ҷараѐни таълим шомили панҷ унсур мебошад: таълимгиранда, омӯзгор, муҳтавои таълим, сарчашмаҳои таълим, шаклу равишҳои омӯзиш. Барои ба роҳ мондани ҷараѐни таълим мо аз васила ва унсурҳои гуногун мавриди истифода қарор медиҳем, албатта бо такя ба он ки ин аносире дар иртибот ба якдигар мунҷар ба кадом ваҷҳ мешаванд. Дар

робита ба ин масъала метавонем амсилаи фаъолияти ташкилиро ба таври схема пешниҳод намоем.




**Расми 15 – Амсилаи ташкилию фаъолияти ҷараѐни таълим**

***Робитаи мутақобила.*** Дар робита ба ин шакли робита амсила инъикоскунандаи мазмуну мундариҷа, манбаи таълим, шакл ва роҳу усули тадрис маҳсуб меѐбад. Агар ҳамаи ин муносибатҳо ба таълим (тирҳои зичи хаттӣ) муайян карда шуда бошад, ин амсилаи педагогӣ аст. Агар дар баробари педагог хонанда онҳоро муайян кунад, ин амсилаи андрагогии таълим аст (тирҳо нуқта гузошта шудаанд).

Мақсади таълим маълумотрасонӣ, инкишофдиҳии сатҳи ҷаҳонбинӣ, рушди қобилияту истеъдод ва малакаю маҳоратҳои амалӣ мебошад. муҳассил бояд дар ҷараѐни таълим аз ин омилҳо бояд ба пуррагӣ бархурдор бошад, ки он барои иҷрои корҳои махсусе омода мегардад. Инсон машқ мекунад ва бадани худро обутоб медиҳад медиҳад. Машқу тамрин кардан низ кору фаъолиятест, ки оғоз дораду анҷом не. Инсонҳо ба наҳваи гуногун машқу тамринро анҷом медиҳанд ва бо тарзу шеваҳои муназаму мураттаб ва гоҳан бе назму тартиб анҷом мепазирад.

Сарфи назар аз он ки омӯзиш чӣ гуна аст, бояд унсурҳои асосии он амалӣ карда шаванд.

Роҷеъ ба низоми омӯзишу парвариш сухан гуфта, мо перомуни амсилаҳои андрагогӣ ва педагогӣ бо далелу бурҳонҳо суҳбат доир кардем.

Таҳсил маъмулан дар чаҳорчӯби муайяне сурат мегирад. Таҳсил дар ҷомеа ба хотири интиқоли донишҳо ва иттилоот ва коркарди иттилоот сурат мегирад. Таҳсил дар ташаккули инсон ҳамчун шахсият нақши ниҳоиро низ набозад ҳам нақши назаррас дорад.

Одамон ба воситаи омӯзишу таҳсилот ин ё он дониши навро ҳосилу онро такмил медиҳанд, дар умум ба ҳаёти мустақил тайёри мебинанд. Албатта дар ҷараёни таҳсил тамоми малакаҳои ҳаёту зиндагӣ аз бар карда намешавад, аммо таҳсил шахсро дар масир ва бастари дуруст қарор дода, ба корҳои бузургу ҳангуфт ва неку инсонгароёна ҳидоят мекунад. Инсон дар тули зиндагии минбаъдаи хеш то нафаси вопасин меомӯзад ва худро барои зиндагӣ ва рафъи мушкилот омода мекунанд.

Таҳсилот – ин ҷараёни печидаи фароҳам овардани шароит ва амалӣ сохтани раванди таълим мебошад. дар ин ҷараён ашхоси зиёде ширкат варзида, ба андозаи донишу тавоноии худ дар он саҳми худро мегузоранд, то ин ба сарманзили худ бирасем.

Дар таҳқиқоти мазкур мо тасмим гирифтем, ки таҳсили калонсолонро дар доираи ду самт аниқ ва равшан намоем:

– тариқи мураттаб гардонидани ҳадафҳои босамари интиқоли дониш дониш дар самти ташаккули маҳорату малакаи омӯзандагони калонсол, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва арзишҳои маърифатӣ-зеҳнӣ;

– ба даст овардани натиҷаҳои интизорӣ ва ниҳоии таҳсил ва омӯзиш.

Раванди таълимӣ аз фаъолиятҳои азхудкунии донишҳо ва малакаҳо ва интиколдиҳии донишу малакаҳои азхудшуда таркиб меёбад. Бинобар ин, муносибатҳои фаъолу ташкилиро доир ба дида баромадани технологияву ҷараёни таълимӣ мепазирем.

Имрӯзҳо бо таваҷҷуҳ ба дигаргун шудани вазъи сиёсӣ ва иқтсиодию иҷтимоӣ дар тамоми давлатҳои дунё ва дар тамоми низомҳо ва аз он ҷумла дар низоми омӯзишу парвариш низ таҳаввулотҳои ҳангуфте ба амал омаданд. Ба ҷараёни таълим технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба таври хеле васеъ ворид шудааст. Ва ин технология дар ҷараёни таълим ва тарбия дар

муассисаҳои таълимӣ ва куллан дар низоми маориф бо ибора ва истилоҳҳои мухталиф ёдовар мешавад, аз қабили «технологияи иттилоотӣ», «технологияи таълимӣ», «технологияи аудиовизуалӣ», «технологияи инноватсионӣ» ва амсоли инҳо.

Донишмандони соҳа тибқи маъмул вақте перомуни технология сухан меронанд, онҳо усулу равиши кори таълимро дар назар доштанд ва онҳое, ки дар ҷараёни маъмулӣ ва шеваҳои қабулшудаи таълим дигаргунӣ ворид мекарданд, онҳоро навовар ва ё технологияи нав мегуфтанд. Албатта, инро дар ин шакл низ фаҳмидан дуруст аст, дар шакли дигар низ бипазирем шояд дуруст бошад. Вале тағирёбии фардиро дар аксари мавридҳо дар яке аз ашколу методи бароҳмонии машғулиятҳо чун ҷорисозии технологияҳои навтарини таълимӣ дида мебароянд. Ба андешаи миуқобилони истилоҳи «Технологияҳои Таълимӣ» ин як мафҳуми нав буда, дар қафои он методи анъанавиро таълиӣ қарор наёфтаас.

Имрӯзҳо низоми омӯзишу парвариш, яъне маориф доираи васеи корҳоро фаро мегирад ва дар қиё бо солҳои аввали ташкили ин низом имрӯзҳо шеваи бархӯрди низом ба шахс, муҳассил ва донишҷӯ хеле тағйир кардааст, имрӯзҳо низоми маориф мошинаи маҷбуркунӣ нест, баклки вай ҳидоятгари инсон, роҳнамои ӯ дар ҷода, бештар ба низоми хидматгузор ба инсонҳо, одамон мубаддал гаштааст.

Дар маҷмуъ, агар мо талош кунем, ки масири рушду тараққии маорифро муайян намоем, метавон гуфт, ки он дар масири пештар ва бештар озод кардани шахсияти таълимгиранда тараққӣ ёфта, онро аз қонунҳо ва сохторҳои таълими расмӣ озод карда, ба мавзуи воқеии раванди таълим табдил медиҳад. Ҳадди ақал баробар ба субъекти дигар, яъне ба муаллим. Масири ҳаракат бар асари таъсири ҳамаҷонибаи шаклҳои имконпазири таълими ашхоси калонсол ба як воҳиди инкишофёфтаи риштаи хизматрасонӣ табдил ёфтааст.

Ҳамин тавр, рушди ҷараёни омӯзишӣ сабаби он мегардад, ки мавқеи донишҷӯ дар ин ҷараён зиёд мешавад. Ҳамаи ин ба вазъи таълимии

донишҷӯён таъсир мерасонад. Аммо падидаи мазкур аз тарафи илми педагогика ба таври бояду шояд омӯхтаву мавриди пажуҳиш қарор наёфтааст. Дар педагогикаи анъанавӣ таълимгиранда шахсест, ки ӯ ба донишҳо пешниҳод мегарданд ва ӯ онҳоро мепазирад. Донишмандон мафҳуми «технологияи омӯзиш»-ро ироа кардаанд, ки он тамоми паҳлулҳои ҷараёни таълимро фаро мегирад. Тамоми паҳлуҳои таълим дар иртиботи қавӣ мебошанд, ки дар якҷоягӣ технология номида мешавад.




**Расми 16. – Амсилаи такиди мавриди ду нуқта**

Акнун метавон натиҷагирӣ кард, ки технологияи таълим ин худ раванди таълим буда, низоми муайяни амалҳоро дар бар мегирад, яъне унсурҳои фаъоли ҷараёни таълимро дар бар мегирад (расми16).

Тарзу усулҳои ба роҳ монданинизоми таҳсил ба омӯзиш таъсири бевосита мерасонад. Агар низоми таҳсил ва воситаҳои таҳсилотӣ муассир бошанд, муҳассил метавонад ба он муътакид гардад ва барои пешбурди фаъолияти ояндаи хеш аз онҳо бархурдор бошад, мусоидат мекунад. Азбаски технологияҳои таълимӣ ба мушаххасгардонии алоқаи мутақобилаи аносири муҳимтарини фаъолноки ҷараёни омӯзиши равонааст, мундариҷаву муносибати он тибқи вижагиҳову навъҳои иштирокчиёни миазкури раванди омӯзиши муқаррар мегардад. Фарқи асосӣ дар вижагиҳои муносибатҳои мазкур дар амсилаи андрагогию силсилаи педагоги таълим вуҷуд доранд.

Бинобар ин, мо фақат дар атрофи техналогяҳои педагогиву андрагоги таълим мулоҳизаронӣ менамоем. Вале дар қиёс бо ТК корбурди мафҳуми техналогияи омузишӣ бештар мувофиқат мекунад чунки танҳои ашхоси калонсол дар раванди таълими худ объкт шуда метавонад.




**Расми 17. – Амсилаи ташхисии марҳилаҳои навъи психологии андрагогика**

Системаи амалҳои техникиву мушахас вазоифи таълимдиҳандаву таълимгирандагон техналогияҳои ТК ҳисоб меёбанд , ки ба ҷунин давраҳои таълими тасниф гардидаанд (расми 17).

Муайянкунии технологияи омӯзиши калонсолон аз ташхиси психологӣ ва педагогии омӯзандагон оғоз мегардад. Дар ин маврид амалиети ҳамгиро доир ба муаянсозии авомили муҳими ҳаёту сифати инфиродии омӯзгорон ки дар доираи корҳои таълими сурат мегирад, ба роҳ монда мешавад. Вазоифи даври мазкур муаянсозии давраи мазкур муаянсозии муносибати инфиродии шаҳси мушаххасу рушди мативатсияи илмомузи ҳисоб меёбад.

Натоиҷи ниҳоӣ ин амалиёт амсилаи пешгӯии салоҳият хоҳад буд, то ин ки шахс тавонад вазъи мушкили худро тағйир диҳад. Зимни муқоиса

намудани дараҷаи вуҷуддоштаи салоҳиятнокӣ бо талаботҳои амсилаҳои пешгӯисозанда коркарду вориднамоии донишу малакаҳо ва сифати мавҷуднабуда мақбул мебошад.

Марҳилаи навбатии ташхис муайян кардани ҳаҷм ва хусусияти таҷрибаи ҳаётии омӯзанда дар самти рӯзмарра, касбӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ҳамзамон, кулли муносибатҳои фаъолияти касбӣ ва иҷтимоии шахси калонсол, ки дар он омӯзиш ҷараён мегирад, ба самаранокии таҳсил таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ин росто пешқадам боястӣ, то вижагиҳои физиологӣ ва равонии таълимгиранда омили ёрирасон гардида, рушди маърифатӣ – зеҳнӣ ва донишандӯзии калонсолон рӯйи амал ояд.

Тарҳрезии ҷараёни омӯзиш марҳилаи муҳимтарин дар ташкили ТК маҳсуб меёбад. Тафовути асосии он аз амсилаи педагогӣ дар он аст, ки таълимгиранда дар тамоми ҷараёни омӯзиш фаъолона иштирок мекунад. Тарҳрезии воқеӣ ба таълимгиранда имкон медиҳад, ки ҷараёни омӯзишро омӯхта, онро дар кулл дар мароҳили фардӣ муаррифӣ мекунад. Ҳамаи ин боиси ҳавасмандии бештар барои таҳсилоти калонсолон мегардад. Инчунин, амалӣ намудани тарҳрезии воқеӣ ба омӯзгор имкон фароҳам мекунад, ки ба вижагиҳои ҳар як таълимгиранда ба таври ҳамаҷониба шинос шуда, ҷараёни таълимро ба тарви бояду шояд ба план дарорад.

Вазифаҳои дарс бояд мувофиқи мақсад интихоб карда шаванд. Амсилаи андрагогӣ имкони фароҳам овардани муҳтавои ғайримуқаррарии омӯзиши фардиро бо дар назардошти сатҳи донишҳои қаблии омӯзандагон дар назар дорад.

Муҳтавои интихобшуда бояд дастабандӣ карда шавад (дар бахшҳои мушкилот, роҳнамо (модул)-ҳои салоҳият, воҳиди кредитӣ ва ғайра), то ин ки дастовардҳои тадриҷӣ ва визуалӣ, малака ва сифатҳои муайяни омӯзандаро осон гардонад.

Ба ҷузъ аз ин, ба нақша бояд гирифт, ки кадоме аз маълумотҳо ва иттилооти таълимӣ дар робита бо адабиёти тахассусӣ ва илмӣ, роҳу усули таълим, дастуру воситаҳо барои ноил шудан ба мақсаду ҳадафҳои омӯзишӣ

бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродӣ, руҳӣ, ҷисмонӣ, маърифатӣ, таърихӣ роҳандозӣ шуда бошад.

Ба ғайр аз ин, муайян кардани меъёрҳо, шаклҳо, равишҳо ва тартиби арзёбии дастовардҳои таълимгирандагон баҳри азхудкунии маводи таълимӣ зарур аст. Ин ҷо якчанд нуктаро таъкид кардан муҳим аст. Ҳангоми таълим ҳама захираҳои зеҳнӣ: донишҳои захирашуда, маҳорати касбӣ, шавқу ҳавас ба иҷрои кори муайян , дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошанд. Баррасии натиҷаҳои аз таҳсили калонсолон бадастомадаро метавон бо усулҳои гуногун анҷом дод. Агар таълим дуруст ташкил карда шуда бошад, натиҷа ҳатман мусбат хоҳад муд.

Ба ҷузъ аз ин ашхоси калонсол низоми анъанавии маъмулиро ба сабаи мустақилият ва таҷрибае, дорад зиёд қабул надорад. Ба ин хотир, амсилаҳои омӯзишӣ дар андрагогика баҳодиҳӣ ба дастовардҳои омӯзандагон буда аз азхудкуни аводҳои таълим, дархост, эҳтиёчоти минбаъдаи омӯзишии ва аз муқараркунии мақсадҳои баъд аз омӯзиши таркиб меёбанд. Дар заминаи интихоби фавқулзикр баҳодиҳи ба мундариҷаву ҳадафҳои назорати бояд мувофиқ бошад, донишу малакаҳои гирифтаи омӯзандагонро арзёби намоянд.

Меъёрҳои дуруст муайяншуда барои мушаххас кардани шаклҳо, усулҳо ва тартиботи баҳодиҳии дастовардҳои омӯзандагон кӯмак мерасонанд. Ба расмият даровардани таълим кори асосӣ мебошад. Он бояд тибқи қонун ва санадҳои муайян ба роҳ монда шуда, дар асоси шартномаи тарафайн амалӣ гардад. Дар як шунаванда бояд ба ҳуҷҷати тасдиқкардашудаи курси омӯзиши таъмин гардад ва муҳимтар он ки баъди анҷоми он тавоноии хешро бештар дар иҷрои фаъолияти амалиаш эҳсос намояд.

Вазифа ва уҳдадориҳои педагог бошад, расонидани кӯмак ба хонанда дар иҷрои талаботи ин ҳуҷҷат аст. Ба функсияҳои дар боло зикргардидаи таълим ва таҳсил дар ин марҳила боз як вазифа илова мешавад, ки эшон шомоли барномаи индивидуалии ҳамгиро мебошанд. Ҷиҳати дар ин марҳила

муҳайё кардани шароит доир ба татбиқи ҷараёни омӯзиш, он тахминан ба таври комил аз дастурдиҳанда амалӣ мегардад. Вай вазифадор аст, тамоми шароити лозимаро ҷиҳати омӯзиши пурсамари таълимгирандагон муҳайё созад, зеро макони кору фаъолияти таълимгирандагон дорои аҳаммияти бузург мебошад.

Дастурдиҳанда бобати ҷараёни дурусти корҳо масъул мебошад. Дар ниҳояти кор омӯзгор ҷиҳати таҳияи шароити мусоиди равонии фазои омӯзиш масъул мебошад. Равишҳои андрагогии омӯзиш шомили мавридҳои зерин мебошад: нисбат ба якдигар хайрхоҳ будан; ҳисси таҳаммулпазириро доро будан; ҳусни баён ва муоширати хубро риоя кардан, ба фикру андешаҳои шахси ҳамсуҳбат гӯш андохтан ва дар ҳолатҳои мувофиқ қабул кардан ва розӣ шудан, мавқеи худро дифоъ карда тавонистан ва ҳоказо. Ин нуктаҳо дар маҷмуъ, барои ҳар як фард дар ҳаёт хеле муҳиманд, яъне шахс эҳсос мекунад, ки ӯ дар ҷомеа раъйи худро дорад ва баёни раъйи ӯ боиси малоли хотири дигарон нашуда, ҳамчун садои як фард ва индивид пазируфта пешавад.

Амалӣ шудани ҷараёни омӯзиш дар амсилаи андрагогӣ шомили вижагиҳои хеш мебошад.

Амалӣ шудани ҷараёни омӯзиш, ки якҷо бо барномаи таълимӣ мураттаб гардидааст, асоси кори омӯзанда мебошад. дастурдиҳанда дар ин марҳила ҳамкории ҳамаи иштирокчиёни раванди таълимро ташкил мекунад ва ташхиси фаврии психофизиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва функсионалии хонандагонро мегузаронад, то ин ки тайёрии эшонро ба вуруд ба ҷараёни омӯзиш вобаста ба натоиҷи он мушаххас менамояд. Дастурдиҳанда тафтиши ташхисӣ мегузаронад ва дар ин замина кору умури марбут ба ҷараёни омӯзишро бо дарназардошти вижагиҳои таълимгирандагон ба иҷро мерасонад.

Баҳодиҳии ҷараёнҳо ва натоиҷи омӯзиш дар муқобили амсилаи педагогӣ дар технологияи таълими калонсолон, иштироки фаъоли таълимгирандагон дар ҷараёни баҳодиҳии натиҷаҳо ва худи ҷараёни омӯзиш онро дар назар дорад.

Бо кумаки меъёрҳо, шаклҳо, роҳу равиш ва тартиби баҳодиҳии тарроҳишуда таълимгирандагон дар якҷоягӣ бо шахси масъул сатҳи воқеии донишҳои азбарнамудаи худро муайян мекунанд, ки ниёзҳои таълимии онҳоро қонеъ мекунад ва аҳдофи гузоштаи шудаи таълим ба даст меояд. Сониян, ниёзҳои минбаъдаи таълимгиранда муайян карда мешаванд.

Дар ин марҳила ташкили мониторинг ва ташхиси сатҳу дараҷаи донишандӯзӣ, таҳаввул дар рафтору кирдори калонсол, ҳавасмандӣ ва дастурҳои арзишии ин субъекти таҳсилро ба маротиб рӯйнамо мегардонад. Дар раванди мониторинг кулли дастовардҳо, камбудиҳо ва норасоиҳои калонсолол дар бобати расидан ба ҳадафҳои таҳсил муқаррар мегардад.

Ворид намудани тағйирот ба раванди таълими калонсолон амри зарур маҳсуб меёбад, зеро вобаста ба шароит ва талаботи ҷараёни таҳсил ислоху унсурҳои нав ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад. Аслан агар гӯем, тағйиротҳо корҳоро сифатан тағйир дода, ба марҳалаи нав ираҳнамун месозанд.

Коромӯзон дар ин масир тавсияҳоро роҷеъ ба ислоҳот ба ҷараёни таълим мураттаб месозанд, то андозае ки имкон дорад, дар ҷараёниислоҳдарорӣ бо барномаҳои таълимӣ иштирок мекунанд ва ба сифати иштирокчиёни фаъоли фаъолияти муштараки омӯзишӣ баромад мекунанд.

Кулли тағйирот ва иловаҳои зарур ба манфиати рушди маърифатии калонсолон нигаронида шуда, ногузирии он ба ҳали ҳадафҳои таълим ва омӯзандагон мусоидат мекунад.

## 3.2. Хусусияти фаъолияти андрагогӣ

Дар таълим чизи аз ҳама муҳим роҳандозии фаъолияти педагог – андрагог мебошад. Кору салоҳияти андрагог аз коур салоҳияти омӯзгор – педагог тафовут дорад. Амсилаи кори андрагогро ба тариқи зайл баҳо додан мумкин аст.

***Омӯзгор-андрагог***, коршиносе мебошад, ки ҷиҳати ироаи ёрӣ ва кумак ба калонсолон дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ҷалб карда мешавад. Калонсолон, чи чи тавре, ки ҳаёт гувоҳ аст, дар намуди гуногуни истеҳсолоти моддӣ шуғл меварзанд ва ба боло бурдани кордониву салоҳиятноки хеш эҳтиёҷ дорад.

Ана, дар чунин ҳолатҳо ҳузур ва дастгирии омӯзгор-андрагог лозим мешавад.

Андрагог, қабл аз ҳама, коршиноси соҳаи ТК маҳсуб меёбад. Вале коршиносони андрагогиро метавон дар дигар соҳаҳо низ ҷалб карда аз таҷриба ва кори онҳо метавон кумак гирифт.

Ин мавридҳо ба ҳайси вазифаҳои асосии мутахассиси андрагог пазируфта шудааст:

– доир кардани машваратҳои илмӣ роҷеъ ба проблемаи таълими калонсолон;

– ташкили умури машваратӣ, иҷтимоӣ ва монанди инҳо барои калонсолон оид ба проблемаи омӯзиши иҷтимоӣ, ҳаёти шахсӣ ва ғайра;

– роҳандозии корҳои ташкилию мудирият дар муассисаҳои таълимӣ, корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, зеро андрагог бояд ба таълим ва маърифатомӯзии калонсолон машғул бошад.

***Инструктор – андрагог*** коршиноси аршад дар риштаи кор бо ашхоси калонсол маҳсуб меёбад. Ин коршинос боястӣ ба омода кардани омӯзгорон ҷиҳати таълими андрагогӣ ва доир кардани таҳқиқот дар риштаи ашхоси калонсол машғул бошад.

Кори омӯзгор-андрагог ба амалӣ намудани корҳои ҳамгиро бо таълимгирандагон баҳри тарроҳӣ, татбиқ ва арзёбии ҷараёни таълими калонсолон равона карда шудааст. Аз ҷумла, ба татбиқи фаъолияти таълимии калонсолон дар ҷараёни ҳалли дарку фаҳмиши масъалаҳои проблемавӣ, рукни эҷодии шахсияти калонсол, ҷустуҷӯӣ – озмоишӣ арзёби намудани дастовардҳои натиҷаи таҳсилоти калонсолон ҳосил гардида, метавонад омили муҳими ниёзмандии бештари онҳо ба таълим гардад.

Корҳои анҷомдодаи мутаххасиси вазифа – андрагог – педагог оид ба ТК дар марҳилаҳои гуногуни раванди таълим бо технологияи таҳсилоти калонсолон муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, вазифаву амалҳои педагог – андрагог дар чаҳорчӯбаи амсилаи андрагогии таълим ва истифода аз технологияи муосири ТК чунинанд:

1. Яке аз вазифаҳои асосӣ мушаххас кандани имкониятҳои инфиродии калонсолони ба омӯзиш фарогирифташуда, вусъати сатҳу дараҷаи дониши тахассусии онҳо, ташаккули рағбат ва ҳавсмандӣ дар роҳи таҷдиди соҳаи интихобкарда ва салоҳиятҳои касбӣ мебошад. Албатта ба назари эътибор гирифт, ки ашхоси калонсол шояд мушкилоти моддӣ ва маънавӣ доранд ва дар роҳи кумак ва бартараф кардани душвориҳо ба онҳо мусоидат бояд намуд.

2. Дар раванди донишандӯзӣ ва парвариши зеҳну маърифати калонсолон дараҷаи воқеии тавоноии касбӣ ва салоҳияти инфиродии онҳо ба маърази омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, дар робита ба маълумотҳои ҳосилшуда роҳу равиши таҳсили босамарро роҳандозӣ бояд кард.

3. Салоҳияти касбии калонсолон вобаста ба тақозои навгониҳои давру замон, пншрафти илму техника, рӯ ба рушду тараққӣ ниҳодани талабот ва ниѐзҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ ва маърифатӣ-зеҳнии онҳо такмил мехоҳад. Аз ин лиҳоз, калонсолони ба омӯзиш фаро гирифташуда дониш, маҳорат, малака, қобилият ва сифатҳои касбии худро ба фаъолияти ҳаррӯзаи худ бояд мувофиқ ва мутобиқ гардонанд. Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ҷанбаи ҳавасмандӣ ва вусъати рағбату майли калонсолон ба таълими пайваста беш аз пеш меафзояд, зеро ҳамқадами замон будан аз омилҳои пешбарандаи хам шахс ва ҳам ҷамъият мебошад.

4. Дар низоми ташкил ва амалӣ гардонидани таълими калонсолон на танҳо ташхиси сифат ва камоли касбияти онҳо, балки таҷрибаи ҳаѐтӣ муҳим арзѐбӣ мегардад. Маҳз ҳамин афзалияти соҳиби таҷоруби касбу кор ва зиндагӣ будани калонсолон онҳоро аз хонандагони дигари муқаррарӣ фарқ

мекунад. Таҷрибаи зиндагиро бузургони ақлу хирад мояи ифтихор ва пешрафти маънавии ҳар як инсони рӯйи замин шумурдаанд. Рудакии бузургвор низ бесабаб нагуфтааст:

Бирав зитаҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Ба муаянсозии виҷагиҳои кору сабки таълимӣ маърифати муҳассилин технологияҳои таълими калонсолон равонаанд. Онҳо дар асоси таҳияву барҳамонии давраҳои мухталифи ташхискуни педагогиву равонӣ татбиқ ѐфтааст, унсурҳои технологии муқаррар кардани вазъи омӯзиш ва рушду инкишофи калонсолонро дар заминаи санҷишу озмоиш, саволу ҷавоб, мусоҳиба ва амсоли он дар бар мегирад.

Дар ҳамаи марҳилаҳои ташхису санҷиш ва рафти муқаррар кардани вазъи омӯзишӣ ва пешравии шахси калонсол мақоми пешбарандаро педагог – андрагог мебозад. Вай дар самти фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму таҳсил, муайян намудани сарчашмаҳои иловагии таълим, пешниҳоди адабиѐти илмӣ баҳри вусъати фаъолияти мустақилонаи омӯзандаи калонсол хидмат ва азамат зоҳир мекунад.

Фаъолият ва масъулияти педагог дар самти ташкили натиҷабахши таълими калонсолон, хоса, бо дарназардошти хусусиятҳои психологӣ – равонии калонсолон дар ҷойи аввал меистад. Дар ниҳоди ҳар як шахс, бахуссус, калонсолон нерӯи ниҳоние мавҷуд аст, ки дар тамоми давраи ҳаѐтӣ онро бояд пойдор нигоҳ дошт ва тарики мудовоми он боиси ҳифзи он мегардад. Танҳо мутахасиси ботаҷриба метавонад ин офезиҳоро рӯи кор оварда, барои барангехтани онҳо чораҳои зарурирo андешад. Эҳтироми синну сол, муносибати ҳасана ба хотири бунѐди муҳити созгори таҳсил ва робитаҳои хуби тарафайнро тақозо мекунад.

Гуфтаҳои боло ишорат бар он дорад, ки омӯзгор ва муассисаи таълимӣ чунин вазъи таҳсилу тадрисро ба амал меорад, ки дар он калонсолон бо ҳисси

фаъолият ва ҳавасмандии зиёд барномаҳои таълимиро аз худ менамоянд. Зиёда аз ин, раванди таълим назорат аз болои тарз ва роҳу усули босамари ташкили ҷараёни омӯзишро тақозо карда, сифати баланди таълиму тадрисро ба миён мегузорад.

Омӯзгор, бешубҳа, қабл аз ҳама кори худро бояд хуб донад, дорои маҳорат ва малакаҳои баланди дарсдиҳӣ бошад, методҳои таълими замонавиро азбар карда бошад, ҳар як маводди нави омӯзишӣ дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим роҳандозӣ гардад. Дар ин росто омӯзгор инчунин аз унсурҳои нави технологияи таълими калонсолон бохабар бошад, ҳангоми дарс завқу шавқ ва рағбати калонсолонро ба омӯзиши фанҳои асосӣ ва тахассусӣ бедор карда тавонад, иттилооти муҳимми таълимиро дар раванди тарбияи сифатҳои шахсии омӯзандагон дар вазъи ором ва арзишҳои маърифатӣ-ахлоқӣ омода намояд. Аз ин лиҳоз омӯзгори самти андрогогика ҳамқадами даврон ва замони таълими гуногуншакл, мутаваҷҷеҳи навгониҳои таълими калонсолон бояд бошад.

**Ҷадвали 13. Амсилаи фаъолияти педагог-андрагог**

| Амалҳо | Вазифаҳо |
|---|---|
| – гузаронидани тестҳои ташхисӣ, такмили саволномаҳо, мушоҳида, мусоҳиба;<br>– таҳияи барномаи таълими инфиродии хонандагон;<br>– роҳандозии шароити мусоиди чисмонӣ ва муҳити равонии ороми таълимӣ, ҳамроҳии таълимӣ-методии ҷараёни омӯзиш, ки барнома, манбаъ ва усулҳои таълимӣ пешбинӣ кардаанд;<br>– ташкили пурсишҳои ташхисӣ, назорати иҷроиши раванди таълими хонандагон, татбиқи мундарича, манбаъ, усулу шаклҳои омӯзиш, ки ба ҳадафҳои таълим мувофиқ ва хусусиятҳои хоси хонандагони муайянро ба инобат мегиранд;<br>– усул, шакл равишҳои пайгирӣ ва арзёбии дастовардҳо дар таълим;<br>– ислоҳдарориҳои зарурӣ ба мундарича, шакл, нақша, усулу равишҳои таълим ва арзёбӣ. | – коршиноси методологияи таҳсили калонсолон;<br>– ташкилотчигии ҳамкориҳои унсурҳои раванди таълим;<br>– ҳаммуаллиф (якҷоя бо хонандагон) ва барномаи шахсии таҳсил;<br>– тютор, илҳомбахш, мушовири хонандагони калонсол;<br>– ташкилкунандаи шароити мусоиди ҷисмонӣ ва психологии таҳсил;<br>– манбаи маҳорату дониш ва малака, барои хонандагон. |

Махсусан фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳқиқ ва омӯзиши хусусиятҳои ҷисмонӣ ва равонии калонсолон бояд дар манзари эътибор ва назаргоҳи омӯзгор бояд қарор гирад. Аз ҷумлаи чораҷӯиҳои зарур ташкили фаъолияти муштараки ҳамаи иштирокчиѐни ҷараѐни таълим, таҳия ва муайян намудани дурнамои ниѐзи калонсолон барои расидан ба ҳадафҳои таҳсил.

Малакаҳои номабаршудаи педагог – Педагоги соҳаи андрагогика дар асоси системаи донишҳои мушаххас ба иҷроиши кори баъдинаи ӯ ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон андрагог сисистемаи донишҳои мавҷударо дар бораи назариѐти таълими ашхоси калонсол аз худ кунанд, зеро дониши азхуднамуда метавонад дар тули тамоми фаъолияти ӯ дар самти такмили ихтисос ва дар фаъолияти касбӣ ҳамчун асос хизмат намояд.

Бо вуҷуди он, ки дар самти тарбияи калонсолон баъзе корҳои алоҳида анҷом дода шудаанд, аммо дар маҷмӯъ системаи корҳоеро ба сомон расонидан лозим аст, ки тавассути он тавонем масъулияти ҷомеаро ба зиммаи ҳар як шаҳрванд гузорем. Дар ин самт кадрҳои андрагогӣ лозиманд. Аммо омода намудани онҳо ва бо воситаҳоои муқтадир таъмин намудани онҳо яке аз мушкилотҳот ҳалталаби ҷомеа мебошад. Аслан, дар шароити муосир мо ин кадрҳоро аз ҳисоби омӯзгорон мегирем, ки ин наметавонад масъулияти пкрраи фаъолияти мутахассисонро иваз намояд.

Воҳиди фаолиятии педагогӣ- психологӣ аз омӯзиши фанҳое таркиб меѐбанд, ки ба азбарнамои маданияти педагогву психологӣ, технологияҳои мухталифи муошират ва ахбороти, идоранамоиву худтанзимкунӣ равонаанд.

Воҳиди фаолиятии психолог- педагог аз фанҳои таркиб меѐбанд, ки ба аз барнамои маданияти психологиву педагогиу муосир техналогияҳои мухталиф дар муоширати ахбороти, идоранамоиву худтанзимкунӣ равонаанд. Маҷмуи фанҳои таълими барои инкишоф додани дараҷаи ҷуқури ҳосилкуни донишҳову корҳои таҷрибавӣ мувофиқи интихобкунӣ калонсолон ҷараѐн гирифта метавонад.

Андрагогикаи муосир аз пайдоишу инкишофи ҳар як кансепсияи ин фан иттилоот медиҳад.Мақсади ин курс шинос намудани таълимгирандагон бо ҷаҳони муосир оид ба ҳар як кансепсия ва ақидаи таълимиву илмӣ ҳисоб меёбад.

Курси «Психологияи рушди калонсолон» ба дида баромадани ҷанбаҳои муҳими инкишофи манавию психорлоги ашхоси калонсол, вижагиҳои бараълои инкишофи онҳо дар асоси корҳои ақлониву равонӣ мусоидат менамояд. Кулли маълумотҳо бо дарназардошти робитаҳои мутақобилаи илмӣ дар самти таълим ва омӯзиши калонсолон ҳамчун асоси илми андрагогика хизмат мерасонад.

Курси *«Асосҳои психологии калонсолон»* хусусиятҳои иҷтимоиву психологии таълими калонсолон, коршоямӣ ва қобилияти калонсолон баҳри омӯзишу муайянсозии неруи эҷодии шахс, хусусиятҳои худтатбиқкунии шахсро дар ҳаёти калонсолон, муносибат ба назарияҳои гуногуни психологӣ оид ба таҳсилотро ошкор мекунад: психологияи гешталтӣ, назарияҳои психоаналитикӣ, маърифатӣ, назарияи таълими фаъол ва ғайра. Дар ин ҷараён системаи МТОК-ҳо тамоми вижагиҳои калонсолонро барои омузонидани омӯзгорон ба ҳисоб мегирад.

Курси «Асосҳои андрагогика»дар асоси назаряҳову консепсияҳо двр бораи ТК, ҳар як амсилаи таълимӣ андрагогиву педагогӣ муоси, ҳар як присипи муҳимтарини ТК, амсилаҳои роҳандозии ҷараёни таълими калонсолон мушкилҳои инкишофи таълимӣ андрагогӣ ба сифати таълимдиҳи ашхоси калонсолон, талаботи нав ба илми пндрагогӣ амсилаҳои кории андрагогӣ, муҳтавои муҳимими тарбиякунӣ андрагогӣ роҳандози мегардад.

Омӯзиши ин фан ба таълимгирандагон имкон медиҳад, ки асосҳои бунёдии назарияҳои касбии ояндаи худро андрагогҳо аз худ намоянд.

Дар раванди омодагии калонсолон ба такмили илму дониш яке аз фанҳои хеле зарур «Фалсафа ва сотсиологияи таълими калонсолон» мебошад, ки ҳини шиносоӣ бо он масъалаҳои рушди инсон ва ҷомеъа, вижагиҳои фалсафӣ – иҷтимоии калонсолон, нақши фалсафа ва мантиқу ҳикмат дар

рушди фарҳанги миллӣ, ҷомеашиносӣ, инсон ва мактабу маориф матраҳ ва мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ин донишҳо ба андрагогҳо имкон медиҳад, ки дар барои хусусиятҳои бунёдии ТК ва нақши он дар пешрафти инсон тасаввуроти аниқ дошта бошанд.

Як силсила курсҳои махсус, Тақсимбандии таълими калонсолон вобаста ба соҳаҳои фаъолияташон яке аз масъалаҳои асосии таълими калонсолон ба шумор меравад. Фарогирии калонсолон ба таҳсил дар самтҳои кориашон дар навбати аввал ба худи онҳо манфиатбахш аст. Дар мавриди кифоя будани маҷмуи донишҳои мутахассис ӯ бо чизе бо касе эҳтиёҷ пайдо намекунад. Дар вақти муайянгардида кори таъинотиро бо сифати баланд иҷро намуда, саҳми худро мустақим ба ҷомеа мерасонад.

Онҳо дар роҳи баррасии шаклу усулҳои ташаккули таълими калонсолон, рушди фаъолияти омӯзгорои соҳаи андрагогика имкониятҳои фарохи иттилоотӣ фароҳам меоранд.

Зимни омӯзишии фанни «Технологияи худомӯзӣ» андрагог имкон дорад, ки тавасути мақолаву истеъдоди педагогӣ корҳои хешро амалӣ мегардонаду дар пажуҳишҳои хеш мувофиқ мешавад,ки ҳатман барои пешравии фаъолияти андрагогӣ шарт мебошад.

Имрӯзҳо барои фарогирии донишҳо имкониятҳои васеъ мавҷуданд. Воситаҳои муосири бевоситаи таълим ба ҳар як шахс имкон медиҳад, ки аз касбу кор ва муҳити зиндагии хеш ҷудо намуда, дорои маълумот ва ихтисосҳои гуногун гардад. Яке аз чунин роҳҳои маълумотгирӣ таҳсилоти фосилавӣ мебошад, ки характери оммавиро пайдо кардааст. Имкониятҳо бениҳоят зиёданд, фақат истифодаи самараноки онҳо омили болоравии сатҳи маърифати аҳли ҷомеа мегардад.

Донишмандони соҳаи андрогогика, аз ҷумла, В.А. Ядров чунин изҳори ақида доранд, ки аз нигоҳи методологӣ моҳияти донишомӯзӣ бо ҷаҳони воқеъӣ зич алоқаманд аст, балки зиёда аз ин амалиётест, ки тавассути он сатҳи донишу маълумот инсон пайваста такмил меёбад. Худи истилоҳи

«методология» ифодагари маҷмӯи қоидаю қонунҳои таҳқиқ, роҳу усули гирд овардан ва коркард намудани донишу маълумот мебошад.

Рушди назарияи таълими ғайрирасмӣ, аз ҷумла андрогогикаро ба назар гирифта, В.Г. Онушкин [179, с. 89-90], Ю. Н. Кулюткин [179, с.90-91] ва И.В. Круппин оид ба робитаи ногусастаи назария ва амалия, методологияи илмӣ, сохтори таҳсил, ташкили намунавӣ, интихоби роҳу усул ва воситаҳои фаъолиятро дар самти таълими калонсолон арзёбӣ кардаанд [168, с. 56-58].

Дар робита ба гуфтаҳои боло андешаи мо перомуни боби мазкур чунин аст: Равишҳои методологӣ ва асоснокии мазмуни консепсияи таҳсилоти калонсолон ҳайати педагогии омодаро ба ин навъи таҳсил, барои фарогирии калонсолон ба таҳсилоти бардавом ҷомеа манфиатдор аст. Дар навбати хад омилҳои таблиғкунанда метавонанд ҷалби онҳоро ба таҳсилот зиёд кунанд. Дар ин самт бояд тамоми олимони соҳаи фалсафа, педагогика, равоншиносон ва ҷомеашиносон ҳамкорӣ намуда, ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии масъаларо пайдо намоянд.

Ҳамкории расмӣ, ғайрирасмӣ ва иттилоотии кормандони маориф ҳамчун самти муосири рушди инсон эътироф карда мешавад. Вазифаҳои глобалии дар назди ҷамъият истода, ба васеъшавии худи консепсияи *«таҳсилот»* меоранд, ки дар ҳаллу фасл боиси тавсеаи худи консепсияи *«таҳсилот»* мешавад, ки асосноксозии таърихию фалсафии намудҳои асосии раванди таълимиро дар зерхати консепсияи таҳсилоти расмӣ, ғайрирасмӣ ва иттилоотӣ муҳим арзёбӣ менамояд.

Дар ҷамъияти ҳозира мушкилиҳои ҷаҳонӣ вазоифи инкишофи инсониро ба сифати эҷодкору иштирокчии соҳаи иҷтимоӣ,инсони дараҷаи волои зеҳни дошта муҳим мешуморанд. Чунин ихтилофот дар системаи маорифи кишвар миёни инкишофи бемайлони ҳаёти ҷомеа ва системаи маорифи мамлакат ба вуҷуд омад.ки ба шарти тағирёбии вазъи иҷтимои ҷумҳурӣ мувофиқат намекард. Дар хусуси буҳрон дар низоми маорифи кишвар педагогиву муҳақиқон зимни пажуҳиши роҳу воситаҳои навтарини

ин масъала,ки ба рақобатпазириву ташвббускорӣ ва омодагӣ ба хониши доимӣ мусоидат менамояд. Ақоиди хешро баён кардаанд.

Дар ҷаҳони муосир худи консепсияи *«маориф»* тағйир ёфтааст. Барои фарогирии калонсолон ба таҳсилоти бардавом ҷрмеа манфиатдор аст. Дар навбати худ омилҳои таблиғкунанда метаваонанд ҷалби онҳоро ба таҳсилот зиёд кунанд. Дар ин самт бояд тамоми олимони соҳаи фалсафа, педагогика, равоншиносон ва ҷомеашиносон ҳамкорӣ намуда, ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии масъаларо пайдо намоянд.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии маориф ТК ҳамчун раванд ва натиҷаи азхудкунии дониш, малака ва қобилияти мураттаб кардашуда мебошад, аммо ин мафҳумҳо, ки дар фаҳмиши онҳо маҳдуданд, ба парадигми дониш нигаронида шудаанд. Дар робита бо васеъ гардидани консепсияи таълим се намуди асосии равандҳои таълимӣ ҷудо карда шудааст: расмӣ, ғайрирасмӣ ва иттилоотӣ. Рушди назарияи таълими расмӣ аз Ҷ. Локк (асри XVII), И.Г. Песталотсӣ [189, с. 34-36], И. Кант [95, с. 79-81] ва дигарон) оғоз мегардад (асрҳои XVIII-XIX), И.Г. Песталотсӣ [189, с. 35] консепсияи таълими расмиро дастгирӣ намуд, шакл ва рақамро муайян кард. Баъдтар, консепсияи таълими расмии вайро дар дидактикаи рус М.А. Данилов [64, с. 13-15], Б.П. Есипов [75, с. 342-347] ва А.Г. Ободовский [173, с. 9] дастгирӣ намуданд. Дар асарҳои А. Дистервег [66, с. 167-168] ғояи таълими расмӣ мушоҳида мешавад, аз ҷумла, ду шакли таълим: васеи моддӣ ва интенсивии расмӣ. Тарафдорони омӯзиши васеи моддӣ бо такя ба ғояҳои Ҷ. Милтон [250, с. 10-11], Я.А. Коменский [106, с. 180-183] ва И.А. Липский [132, с. 283-285] ҳадафи асосии муассисаи таълимиро дар интиқол додани донишҳои зиёде аз соҳаҳои гуногуни илм ба хонандагон медонистанд.

Онҳо андеша доштанд, ки инкишофи қобилиятро дар ҷараёни азхудкунии мунтазами донишҳо ба амал оварда, зиёдшавии мундариҷаи маводи таълимиро бо зиёд кардани давомнокии дарс талаб кардан мумкин аст. Ба ақидаи тарафдорони ТР таваҷуҳ дар донишкада на ба азхудкунӣ теъдоди сершумори маводи таълимӣ, балки ба инкишоф додани қобилияту

истеъдод тафакури интиқодӣ ҳаёту идораву хотираи таълимгирандагон бояд равона гардад.

Муҳим нест, ки донишомӯз асосҳои илмро донад, балки таъсири рушдёбандаро баҳри омӯзиши илм, барои баланд бардоштани қобилияти ақлонии калонсолон муҳим арзёбӣ карда бошад. Аҳаммияти хоси мусбият дар фанҳои *«инструменталӣ»*, яъне дар забонҳои классикӣ ва математикӣ, қайд карда шудааст. Дар асрҳои XIX ва XX назарияи таълими расмӣ бинобар он ки натиҷаи омӯхтаи аз соҳаие ба соҳаи дигар намегузарад, инкор гардид.

Истилоҳи ТҒ ва ТИ дар мамолики хориҷи дар нимаи дуюми асри 19 чун мафҳумҳои амрикову аврупоӣ дида баромада мешуд. Кансепсияи амрикоиро психолог ва файласуф Ҷон Дюи таҳия ва идеяҳои таҳсилоти ғайрирасмиро дар китоби хеш зери унвони «Масъалаҳои мубрами таҳсилот дар замони ҳозира баён кардааст».

Доир ба ТҒ оид ба корҳои аввалин дар давраи солҳои 1970-уми асри XX пайдо шуданд. Шиносоӣ бо ғояҳои асосии таҳсилоти ғайрирасмӣ дар олами Ғарб рушди ин самти таълиму омӯзиш ро бараъло мушоҳида намуд. Инсоният дар тамои давраҳои маҷудияташ ба илму dониш ниёз дошт, зеро бе истифодаи имкониятҳои он пешравии ҷомеа номумкин аст. Албатта илм гирифтан аз муҳити муқаррарӣ оғоз меёбад ва он метавонад дар шарҳи минбаъда рушд ёфта, ба талаботи доимии инсон мубаддал мешавад. Хулас ТҒ гуманисти буда, талаботу манфиатҳои шахсро ба назар мегирад.

Дар нимаи дуюми қарни 20 дар таълим консепсияи иттилооти ҷорӣ гардид. Дар ибтидои асри 21 дар ИМА инфрасохтори ТҒ ва ТР ба вуҷуд омад ва дар он созмоне ҷой дорад, ки дар навъи мазкури таълим тиҷораташ бобарор мебошад.

Парадигмаи таҳсилот дар консепсияи аврупоии муосир на тавассути зиндагӣ, балки дар давоми он дида баромада мешавад. ИА бояд аз самимияти лиссабон (2000) , «Ёддошт оид ба ТИ дар ИА-ро интишор намуд: «Пайдарпайи будани ТМ барои субъектони ҷараёни таълими баробар медонад» - «Коркарди системаи волосифат» - *«Аккредитатсияи таҳсилоти*

*пешина ва ғайрирасмӣ»* (APEL). Дар ҳуҷҷатҳои минбаъда, ки муносибатҳои асосии низоми таълимии Аврупоро муайян мекунад, таҳияи меъёрҳои умумӣ барои муқоисаи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва иттилоотӣ зарур аст. Соли 2004 Шуро оид ба маорифи Иттиҳоди Аврупо таърифи таҳсилоти расмию ғайрирасмиро барои эътирофи онҳо тасдиқ кард. Ашколи навтарини ҷараёни таълим дар мамлакати мо амсоли таълимоти ғайрирасмиву таҳсилоти иттилоотӣ аз консепсияи аврупоӣ ҳосил гардидааст. Дар ин консепсия таваҷҷуҳ пеш аз ҳама ба ТИ равонааст. Ҷорисозии консепсияи мазкур аз ақоиди коршиносони мухталиф вобастагӣ дорад, ки дар палатаи ҷамъиятиву Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ бо номи «Мактаби олии иқтисодӣ» (2007) дарҷи худро ёфтаанд. Тибқи ин консепсия ТҒ ва ТИ яке аз авомили рақобатноки мамлакат яке аз аносири ҳозираи системаи таълим муқаррар карда шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маориф дар ҷомеаи мутамаддун ҳамчун як ниҳоди иҷтимоиву фарҳангӣ нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, таълими расмӣ дар раванди доимии сохтори иҷтимоии ҷомеа нақши ҳалкунанда дорад. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар баробари он ки одамонро барои зиндагии мустақилона омода мекунад ва онҳоро таълим дода роҳҳои ҳалли мушкилотро ба онҳо момӯзонад, худ низ дар навбати хеш ба сохтори қавие табдил ёфтааст, ки дар баробари таълим додан боз мисоли дигареро низ ҳаллу фасл менамояд, чунки дастгоҳи пуркудрати он ба ин кор имконият медиҳад. Бузргтарин кор дар ин дастгоҳҳо ин таҷрибаи андӯхта ва потенсиали илмие мебошад, ки дар ин маконҳо гирдоварӣ шудааст. Пажӯҳиши пайваста ва мақсаднок дар масирҳои мушаххас коршиносони бисёр варзидаи ин ё он соҳаро тарбият мекунад, ки онҳо дар ин роҳ ихтирооте низ ба роҳ мемонанд. Донишкадаи таълимӣ ин ё он тартиботи ҷамъиятии таърихан муайяншударо таъмин мекунад. Аммо аз як тараф, ТР тавассути ТҒ ва ТИ дасгири гардад, аз дигар тараф робитаи мазкур дар таҷриба пурра инъикос намеёбад.

Ба ақидаи В.М. Розин: «Имрӯз фаҳмидан мушкил аст, ки кадом чиз дар асл вуҷуд дорад, чӣ гуна олами мо дар муҳити корӣ қарор дорад, чиҳо ба қонунҳои ӯ тобеъ аст ва дар ин асос воқеияти иҷтимоӣ гуногун шарҳ дода мешавад. Вай тамоюлҳои гуногуни зуд-зуд тағйирёбада, аксар вақт мухолифро баррасӣ менамояд: фалсафа ва илм дигар шарҳи ягонаи ҳодисаҳои руйдиҳандаро намедиҳад» [206, с. 54-55].

Пажуҳиши фаъолонаи методҳои интерактивии таълим дар илми педагогика ба ТР мансуб аст. ТҒ бештар дар иҷтимоиёту иқтисодиёт инкишоф меёбад. Бинобар ин, дар системаи таълим тамоми навъҳои ҳамкориҳои таълимӣ бояд роҳандозӣ гардад. Дар асоси ягонагиву илмиву равонӣ, тамоюлоти иҷтимоиву иқтисодӣ технологияҳои навтарин ба вуҷуд овардани роҳу воситаҳои бунёди ин ё он амсила дар таълим вуҷуд дорад. Дар таълим ҳар як муносибати расмиву ахбороти қисмҳои сершумори онро пайваст менамояд.

Омӯзиши дар муошрати байниҳамдигарӣ, дар оилаву МТТ ва МТМУ ҷараён мегирад, чунки дар ин ҳолат реклаи, сиёсату тиҷорат, истеҳсоли моддиву маънавӣ, системаи судӣ ва ғайраро рушд дода, китобхони карда, телевизор тамошо намуда, бозӣ ташкил карда, ба омӯхтан шуғл меварзем. Бинобар ин, қувваи таълим бузург буда, барпокунандаи ҷомеа мебошад.

## Хулосаи боби сеюм

Баррасии проблемаҳои таълими расмӣ, ТҒ, ТИ ба муайянсозии зерин мусоидат менамояд: калонсолон ба таври расмӣ иттилоотро дар ин ё он муассиса пайдо карда метавонанд. Барои мисол, таълими расмӣ дар гузашта дар муассисаҳои таълимии хусусӣ, дар қарнҳои миёна дар муассисаҳои таълимии калисо, дар замони муосир дар муассисаҳои таълимӣ, донишгоҳҳо ва амсоли инҳо мегирад.

Дар шароити кунунии рушди ҷомеа ва мавҷудияти зиёди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба таҳсили ғайрирасмӣ таваҷҷӯҳ ва мароқ бештар зоҳир шуда

истодааст, ки он натиҷаи ба таҳсили муттасил рӯй овардани муҳассилин маҳсуб меёбад. Калонсолон сарфи назар аз синну сол аз воқеоту рӯйдоди олам, аз навгониҳои илму маърифат, техника ва технологияяи замони муосир қафо мондан намехоҳанд. Онҳо дар муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳо фаъолона ширкат меварзанд, ҳамқадаму ҳамнавои замон мегарданд. Алъон мавҷудият ва рушди курсҳои мухталифи кӯтоҳ имкон медиҳад, ки калонсолон ниёзҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва маърифатии хешро бо истифода аз роҳу усулҳои гуногуни омӯзишу парвариш пиёда гардонанд.

Дар шароити кунунии рушди ҷомеа инсон маълумоти олиро, асосан, тавассути пайваста худомӯзӣ, худрушдкунӣ, бо роҳи гирифтани маълумоти олии иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ниҳоят ба василаи таҷрибаи бои зиндагӣ ва ҳаёт ба даст меорад. Ӯ ба ҷузъ фаро гирифта шудан ба таҳсилоти иловагӣ дар коргоҳи меҳнат ва сабқат ширкат меварзад, бо роҳи иштирок дар идҳои гуногуни миллӣ ва давлатӣ, тамошои филму асарҳои саҳнавӣ, сафарҳо ва саёҳатҳо мунтазам ҷаҳонбинии хешро инкишоф медиҳад. Дар низоми муосири ТҒ ВАО (телевизион, интернет, радио, кино, мусиқӣ ва ғайра) ҷои махсусро ишғол менамоянд.

Ҳамин тавр, ҳамкории мутақобилаи таълими расмӣ, ғайрирасмӣ ва иттилоотӣ барои ворид кардани замина барои таҷдиди таҳқиқот ва рушди таълими инсони муосир зарур аст.

1. Ҷанбаҳои муҳимтарини ТК ҳамчун асосҳои технологияи ин соҳа ба таври тасниф карда шуд;

2. Амсилаи ташклию фаъолиятии ҷараёни таълим ҳамчун василаи алоқаи мутақобила пешниҳод гардид;

3. Роҳҳои муқаррар сохтани ТК нишон дода шуда, тазеҳ ёфтаанд;

4. Марҳилаҳои ба роҳ мондани ТК гурӯҳбандӣ шуда, таснифоти онҳо муфассал арзёбӣ шудаанд;

5. Ӯҳдадориҳои вазифавии расмии педагог-андрагог мушаххас гурӯҳбандӣ шуда, шарҳу тавзеҳоти онҳо баён ёфтаанд;

6. Омилҳои тақозошаванда дар ТК пурра муайн гардида, ҳамбастагии онҳо бо усулҳои таълими анлрагогӣ нишон дода шуданд;

7. Амалиѐти иҷрошудаи педагог – андрагог тасниф ѐфта, иҷрои онҳо мушаххасан арзѐбӣ гардидаанд;

8. Амсилаи фаъолияти андрагог ба шакли ҷадвал пешниҳод шуда, дар он амалҳу вазифаҳо дар ҳамбастагӣ муодил шудаанд;

9. Малакаҳои асосии педагог-андрагог ҷудо карда шуда, муназзамии онҳо тавсиф ѐфтаанд.

# БОБИ IV. НАЗАРИЯ, МЕТОДИКА ВА РОҲАНДОЗИИ ШАКЛҲОИ МУХТАЛИФИ ТАЪЛИМ: РАСМӢ, ҒАЙРИРАСМӢ ВА ИНФОРМАЛӢ

## 4.1. Моҳият ва асолати «таҳсилоти ғайрирасмӣ» аз назаргоҳи методология ва мақоми он дар низоми такмили ихтисоси омӯзгор

Инкишофи ақоиди илмӣ дар зербоби мазкур ба муҳтавои ТҒ нуқтаи назари донишмандон дар мавриди истифода аз гунаҳои методологӣ баррасӣ мегардад. Дар марҳилаи кунунӣ вобаста ба андешаю ормонҳои методологӣ тағйиротҳо чашмрас ва гуногунпешаанд. Азҷумла оид ба ин масъалаҳо В.Ю. Новожилов чунин андеша меронад: «Хусусияти хоси ин марҳилаи педагогӣ тағйирот дар ҳолатҳои эпистемологӣ мебошад. Таҳияи муносибатҳои нави консептуалӣ ба таҳлил ва тафсири воқеии усулҳо, маводи нави ақидаҳои маърифатӣ ва назари нав ба ақидаҳои таҳқиқотӣ боиси пайдоиши ғояҳои нав дар бораи асосҳо ва методологияи гирифтани донишҳои нав шуданд» [171, с. 36].

Методологияи таҳқиқоти педагогӣ беш аз пеш хусусиятҳои барҷастаи худро ба манзари омӯзиш ва муҳокима гузошта, роҳу усулҳои гуногуни таълиму тадрисро дар мавриди таҳсили калонсолон чун унсури ғайрирасмии маълумот ба пеш гузоштааст. Дар адабиѐти илмӣ андешаи педагогии олими шинохтаи рус В.А. Сластинин чунин садо медиҳад: «мутобиқи методологияи нав, мо, пеш аз ҳама, принсипҳои сохтани шаклу усулҳои илмӣ ва маърифатии фаъолиятро дарк мекунем» [221, с. 122-126].

Дар пешниҳоди методологияи П.И. Пидкасистий андешаҳо низ ҷолиби таваҷҷӯҳ буда, аз ҷониби ӯ ин таълимот ҳамчун принсипҳои корбаст дар шаклу усулҳои муайяни таҳқиқоти илмӣ арзѐбӣ шудааст. Муҳаққиқон дар чунин назар мебошанд, ки ҷанбаҳои назариявии роҳу воситаҳои дониши илмӣ дар заминаи эҷод ва эҷодкорӣ бояд мввриди назар қарор гиранд.

Донишмандони рус В.В. Краевский чунин андеша меронад: «Вобаста ба сатҳи баррасӣ методология ба таври гуногун фаҳмида мешавад. Ба маънои

васеъ он чун низоми принсипу усулҳои фаъолияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин, омӯзиши ин низом шарҳ дода мешавад ва дар шакли васеътар таълимот дар бораи усули илмии маърифатии тағйироти олам муайян карда мешавад» [114, с. 311-313].

Танҳо тавассути асосноккунии раванди методологии муосир рушди донишҳо, малакаву маҳоратҳои илмӣ имкон пайдо мекунад. Педагогҳои муосир ҳоло дар корҳои илмии хеш методологияи ҳозира истифода мебаранд: муносибати низомиву маърифатӣ, фаъолу аксиологӣ, антропологӣ ва салоҳиятнок Н.Н. Суртаева [148, с. 129-130], қайд менамояд, ки истифодаи усулҳои гуногунро барои асосноккунӣ дар марҳилаи муосир дар адабиѐти педагогӣ падидаи маъмулӣ аст. Ҳамчунин муаллиф чунин мешуморад, дар методология бесарусомонии иловагӣ ба вуҷуд меояд ва омилҳои он, ба ақидаи Н.Н. Суртаева, мухталиф мебошад. Пажуҳишгарон доир ба ин консепсия (муносибат) ҳамфикр нестанд [148, с. 67-69].

Мафҳуми «муносибат» дар луғатҳои забони русии Н.Ю. Ожегов [176, с. 544-545] ва Н.Ю. Шведов [177, с. 304-307] маънои «ҷамъи методҳо (ба ягона шахс ягон чиз дахл мекунанд, пешбарии савдо)-ро доранд». Дар маъхазҳои методию илмӣ муносибати мазкур консепсияи мушкили хосиятҳои байнифанниро ифода мекунад. ба ақидаи Т.А. Томм «Объекти муайяну тартиботи хоси бунѐди таҳқиқоти давриро, муносибат ташкил медиҳад» [210, с. 135-140].

Муносибатҳои мазкур дар таҷрибаву назарияи педагогикаи муосир дар асоси категорияҳои умумии ҳолатҳои антропологии мафҳумот дар робита бо вазифаҳову система, фаъолияту амсилаҳо ва ғайра тартиб дода шудаанд. Н.Е. Суртаев [150, с. 20-25], А.А. Макареня [149, с. 60-62], С.В. Кривие [116, с. 34] онро «ба сифати ҷамъи аносири конфепсиявии алоқаманди зичдор, яъне ғояву методҳо ва амсилаи мухталиф дар пойгоҳи интихобкунии доминанти органикии сохташуда ва ташаккулдиҳии донишу малакаҳои илми педагогика» тавсиф медиҳанд.

Н.В. Бардовская чунин мешуморад, ки гурӯҳҳои зерини равиши педагогӣ вуҷуд дорад:

– дар дараҷаи соҳаҳо қабулгардида чун иттилооти илмиву методӣ дар фаъолияти омӯзгорон амалӣ мегардад;

– муносибати талабкунандаи аниқ сохтани потенсиали методологии эвристикӣ ва татбиқи он ҳангоми ҳал кардани ин ё он масъалаи илмии муосир;

– муносибатҳои якрӯзагӣ;

Мо ба ақидаи муҳаққиқи мазкур дар бораи он ки муносибатҳои пешниҳоднамудаи фавқулзикр вижагиҳои методии пажуҳиши педагогиву психологиро бартараф месозад, ҳамфикрем. Н.В. Бордовская баъд аз таҳлили комили маъхазҳои илмӣ оид ба вижагиҳо хулосаи хешро баровардааст.

– тамоюлоти методологии муосир ба сифати ақидае, ки ба баррасисозии объектҳои пажуҳиш равонаанд;

– принсипҳое, ки ба муайянсозии стратегияҳои ашёву ин ё он роҳи коркарди дигаргуниҳои ашё мусоидат менамоянд;

– самтҳои методии пажуҳиши хоссаи илмиву методӣ, таҳияи амалиёти наву хусусияти иҷтимоидошта [28, с. 190-206].

– «таълими мантиқӣ ва ё эпистемологии самти таҳқиқоти илмиро қатъиян ифода мекунад ё ашёро тағйир медиҳад, аммо баръакси усул, моҳиятан ҳеҷ гуна маҳдудият надорад ва ҳатто қайдкунии дақиқ барои ин восита истифодашаванда нест» [28, с. 33].

*Пажуҳишгар Н.В. Бардовская ин равишро чун «маҷмуи мафҳумҳои илмӣ дар бораи тавсиф, омӯзиш, банақшагирӣ, пешбинӣ ё табдилдиҳии объекти дониш ҳамчун ғояҳои пешрафтаи илмӣ, ки дар асоси раванди омӯзиши объекти мушаххасе истодааст, ки воқеиятро таълим медиҳад, роҳҳои имконпазири татбиқи онро дар амал шарҳ медиҳад» [28, с. 133-134].*

Ин муносибат дар педагогикаи муосир аз мақсадҳои зерин таркиб меёбад:

– муқаррар сохтани фаҳмиши чизҳо паҳлуҳои мухталифи баррасиву таҳлили раванду падидаҳои гуногуни педагогӣ;

– муайянкунии мақеи аввалин методиву илмӣ дар инѐ он амсилаи педагогӣ;

– «Соҳиб шудани ва истифодаи маблағҳо барои анҷом додани ҳама гуна фаъолият дар соҳаи илмҳои педагогӣ ва таҷриба» [28, с. 18].

Ба андешаи Е.В. Титов, истифодаи муносибатҳои педагогӣ бо интихоби воситаҳои методии таъсиррасонанда дар алоқаи зич қарор дошта метавонад [236, с. 17-19]:

– рушди назариѐт ва консепсияҳои соҳаи педагогика;

– тағйирдиҳии дастгоҳҳои илмиву таҳқиқотии пажуҳишгарон;

– муайян сохтани ҷараѐни назариявӣ ва амалӣ, ки аз онҳо устодон дар фаъолияти педагогии худ истифода мебаранд [236, с. 32].

Аз ҷониби Н.В. Бардовская ҷойгоҳҳои зерини мувофиқи муносибатҳоро барраси намудааст:

а) мувофиқат бо мафҳумоти принсип, ғояву ҷойгоҳ; б) мувофиқат бо истилоҳоту мафҳумҳои техникиву технологӣ ва методӣ; в) мувофиқат бо истилоҳоту мафҳумҳои сарҳадиву иқтидорӣ [236, с. 69-71].

Баъд аз баррасии назарияи таълими ғайрирасмӣ мо чунин хулосабарорӣ кардем: назарияи педагогӣ дар пояи ғояву принсипҳои интихобгардида бо назардошти омилу тамоюлот сохта мешаванд. зимни омӯхтани маъхазҳои илмии мавҷуда дар бораи таълими ғайрирасмӣ дар системаи такмилдиҳии тахассуси омӯзгорӣ бо дарки хоссагиҳои таълими ғайрирасмӣ ба воситаи ин ѐ он равиши методӣ ноил гардидем. Омӯхтани консепсияи ТҒ ба хулосабарории зерин ва дар намуд: мафҳуми ТҒ дар инкишофи донишу маҳоратҳои илмии омӯзгорӣ ба тағйирот вохӯрда, дар асоси ҳар як муносибат мавриди пажуҳиш қарор меѐбад: муколамаву корҳои инфиродии консептуалӣ, салоҳиятнокиву функсионалӣ, фарҳангию иҷтимоӣ, андрагогию системанокӣ, гуманистиву қиѐсӣ, технократию ахборотӣ, психологи ва фаъолиятӣ. Муносибатҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ба

дигаргуншавии ҷаҳонбинии илмии ҳозира дар хусуси консепсияҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳангоми гузаштан ба ҳадафҳои сиёсиву иқтисодии кишвар таъсиррасон мешавад.

Зимни дида баромадани консепсияи ТҒ дар асоси муносибатҳои методологии муосир ба самтҳои махсуси мафҳуми мазкур диққати асосӣ дода шуда. Аз ин лиҳоз дар асоси муносибатҳои инфиродӣ диққат ба роҳандозии ин таълим мавқеи мавҷудияти таълиму тадрис дар асоси муносибатҳои консептуалӣ ба доираи хоси ТҒ нигаронида мешавад.

Имконияти таълими ғайрирасмӣ аз мавқеи ташаккул ва инкишофи ҳар як салоҳияти иштирокчиёни раванди таълим дар пойгоҳи муносибати салоҳиятнокии таълимӣ муайян карда мешавад. Нисбати муносибати муколамавӣ гуфтан мумкин аст, ки таваҷҷуҳи асосӣ бо мақсади дида баромадани нуқтаи назари иштирокчиёни раванди таълим дар пойгоҳи муоширати онҳо ба муқаррарсозии хосагиҳои ҳамкориҳо дар ТҒ равона мегардад.

Дар асоси муносибати иҷтимоӣ фарҳангӣ диққати асосӣ ба нақшу мақоми таълими ғайрирасмӣ дар замони муосир равона карда шудааст. Дар пойгоҳи муносибати гуманистии таълим таваҷҷуҳ ба ТҒ ба сифати як қисми таълими замонавӣ равона гардидааст. Он ба субъекти таълим бо баҳисобгирии вижагиҳои шахсию фардии муҳассислин барои ба дастрасии ҳа як мақсади шахсиву манфиати касбии онҳо ёрӣ мерасонад. Муайянсозии вижагиҳои ТҒ ва таълими расмӣ (ТР) дар пойгоҳи муносибати қиёсӣ дар маъхазҳои илмию методӣ вомехӯранд. Дар пойгоҳи муносибати технократию ахборотӣ таваҷҷуҳ ба дида баромадани иттилооти касбии муҳити атроф ҳангоми таъсиррасониҳо ва дигаргуниҳои техноголиву технократӣ ба шахсият ва тағйирёбии зарурат ба таълими ғайрирасмӣ меафзояд. Дар муносибати функсионалии таълим вазифаи ТҒ дар замони ҳозира дар систеами маҷмуи таҳсилот мавриди баррасӣ қарор меёбад. Аз мавқеи муносибати психологии таълим таваҷҷуҳ ба вижагиҳои психологии муҳассилин ба намуди ТҒ равона мегардад. Муносибат ба фаъолияти ТҒ

нигаронида шуда намуди хоси фаъолият мебошад. дар асоси муносибати системаноки мавқеи ТҒ дар системаи таълими умумӣ чун системаи самаранок, ки ҳар як унсур бо унсури дигар алоқаи зич дорад, муқаррар мегардад. Зимни корбурди муносибати андрагогии таълим вижагиҳои синусолии ашхоси калонсол, вижагиҳои фаъолияти педагогӣ дар назар дошта шуда, дар охир дар пойгоҳи муносибатҳои доимии муосир таълими ғайрирасмӣ аз ҷойгоҳи худомӯзии таълимгирандагон дар инкишофи донишу маҳоратҳои касбии педагогӣ салоҳиятро барои омода кардани кадрҳои педагогӣ пешбинӣ мекунад. Барои возеҳӣ нишон додани масъалаи баррасишаванда муносибатҳои методологиро дар асоси баррасии падидаи ТҒ-ро ба намуди умум дар ҷадвали 14 пешкаш менамоем.

**Ҷадвали 14. – ТҒ ва муносибатҳои методологӣ ба онҳо**

| № | Равандҳои муносибати методологӣ, ки баррасии мундариҷаи мафҳуми «таҳсилоти ғайрирасмӣ» ба он асос ёфтааст | Диққат ба баррасии ҷанбаҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ |
|---|---|---|
| **1** | Муносибати шахсӣ-фаъолиятӣ | Тарзи ташкили кадрҳои педагогӣ дар муҳити таҳсилоти ғайрирасмӣ |
| **2** | Муносибати контекстуалӣ | Заминаи мушаххас ё муҳити ташкилӣ |
| **3** | Муносибати салоҳиятнокӣ | Имконот ба ташаккул ва рушди салоҳиятҳо |
| **4** | Муносибати мукуламавӣ | Хусусияти ҳамкорӣ ва муошират |
| **5** | Муносибати иҷтимоию фарҳангӣ | Тамоюл ба аҳаммияти таҳсилоти ғайрирасмӣ дар давраи таърихӣ |
| **6** | Муносибати гуманистӣ | Имкони расонидани кӯмак ба субъект баҳри ноил шудани ҳадафҳои фардию шахсӣ ва манфиатҳои касбӣ бо назардошти хусусиятҳои фардию шахсии таълимгиранда |
| **7** | Муносибати иттилоотӣ-технократӣ | Баррасии дигаргуниҳои муҳити иттилоотӣ - касбӣ ва имконияти азхудкунии он аз ҷониби субъект |
| **8** | Муносибати муқоисавӣ | Ошкор кардани хусусиятҳои таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ |
| **9** | Муносибати функсионалӣ | Имкон медиҳад функсияҳое, ки метавонад таҳсилоти ғайрирасмиро амалӣ созад ва дарк кард |
| **10** | Муносибати психологӣ | Хусусиятҳои психологии рафтори таълимгирандаро дар шакли таҳсилоти ғайрирасмӣ таъкид мекунад |

Идомаи ҷадвали 14.

| | | |
|---|---|---|
| **11** | Муносибати фаъолиятӣ | Хусусияти фаъолияти субъектро дар муҳити таҳсилоти ғайрирасмӣ таъкид мекунад |
| **12** | Муносибати эвтологӣ | Мақоми худомӯзиро дар сохтори муттасили такмили донишҳо ва салоҳиятҳои ихтисос таъкид мекунад |
| **13** | Муносибати низомӣ | Имкон медиҳад, ки ба таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми таҳсилот ба таври умумӣ муносибат намоем |
| **14** | Муносибати андрагогӣ | Имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумии хонандаи калонсол муайян карда шавад |

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки самтҳои консепсияи мазкур дар ТҒ инкишоф карда, паҳлӯи қиёсии он ба таври мушаххаси бештар (муқаррар намудани аломатҳо дар асоси муқоиса кардани таълими ғайрирасмӣ бо таълими расмӣ).

Бо дарназардошти назарияи ТҒ барои ашхоси калонсол омӯзгорон аз илми андрагогика дур буда наметавонанд, бинобар ин, муайянсозии вижагиҳои умумии таълими ашхоси калонсол шуруъ менамоем. Дар асоси принсипҳои андрагогию эвталогӣ ва инноватсионӣ дар педагогика ашхоси калонсол таълими ғайрирасмӣ ба роҳ монда мешавад. Принсипи андаргогӣ дар асоси назарияи таҳлили ғайрирасмӣ ба таълими калонсолон мувофиқ аст ва вижагиҳои таълими калонсолонро ба ҳисоб гирифта метавонад, ҳамзамон хосагиҳои иҷтимоиву ақлонӣ ва ҷисмонии ашхоси калонсолро дар бар мегирад.

Ҳар яке аз онҳо мавқеи педагогиро соҳибанд, чунки вижагиҳои хоси онҳо доро будан ба маълумотҳои мушаххаси омӯзгорӣ ҳисоб меёбанд. Ба андешаи олими рус Е.А. Григорева ашхоси калонсол дорои вижагиҳои худ буда, аз харҷи касбӣ вобастагӣ доранд [57, с. 70-77].

**Ҷадвали 15. – Калонсолон ва хусусиятҳои дараҷагии онҳо**

| Ҷузъҳо | Муайянкунии ҷузъҳо |
|---|---|
| **Принсипҳо** | Анализ ва синтези гурӯҳи принсипҳо (се): андрагогӣ, эвталогӣ ва таълими муттасил – инноватсионии таҳсилот (маҷмуи принсипҳо) |
| **Муносибатҳои методологӣ** | Шахсӣ – фаъолиятӣ, контекстуалӣ, салоҳиятнокӣ, муколамавӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, функсионалӣ, муқоисавӣ, эвталогӣ, гуманистӣ, психологӣ, фаъолиятӣ ва иттилоотӣ- технократӣ |
| **Омилу тамоюлҳо** | Касбӣ – педагогӣ ва иҷтимоӣ |

Ашхоси калонсол мавқеи омӯзандагии хешро дарк намекунад. Барои онҳо эътироф кардани афкори шахси дигар мушкил аст. Ба гуфтугӯӣ ва маърузахонӣ одат кардаанд, аммо аз фаъолияти омӯзандагии хеш рӯҳафтода мегарданд, шуҳратпарастанд, ки он расмию шахсӣ мебошад, зимни қиёси интиқодии таҷрибаи шахсии худ бо маводҳои таълимӣ аз танқидкунӣ ба тарсу ҳарос меоянд, ба навгониҳо бепарвоянд, аз инноватсияҳо тарс доранд. Дар пойгоҳи муайянсозии қисмҳои назарияи таълим, амсоли муносибатҳои методологию методҳо, функсияву далелҳо, тамоюлоти аввалия ва ғайра. Мо инкишофи назарияи ТҒ-ро дида баромадем ва дар ҷадвали 16 онро пешкаш намудем.

Дар раванди пажуҳиши кори илмии мо муқарар гардид, ки ҳар як ҷанбаи назарияи пешкашгардидаи педагогика алоқаи назарияи таълими ғайрирасмиро ба андрагогика дар таълими ашхоси калонсол инкишоф медиҳад. Бадастории доимӣ ва пурраи донишҳои назариявии навтарин оид ба таълими ғайрирасмӣ дар пойгоҳи таҳлили принсипҳои андрагогӣ, эвталогӣ ва таълими муттасил – инноватсионии таълим ба омӯхтани ин падида мусоидат менамояд.

**Ҷадвали 16. – Унсурҳо дар заминаи рушди назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ**

| Унсурҳо | Мушаххаскунии унсурҳо |
|---|---|
| | Глобалӣ, методологӣ ва антропологӣ |
| Майдони мафҳумӣ | Таҳсилоти ғайрирасмӣ ва унсурҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ |
| | Инструменталӣ; Синдикативӣ; Хештангароӣ; Интиқолӣ; Интегратсионӣ; Иҷтимоикунонии таълимии назорати иҷтимоӣ; Иртиботи мутақобилаи иҷтимоӣ; Оташинӣ; Ҷубронӣ; Таълимӣ ва Дастгирӣ кардан. |

Масъалаҳо ва принсипҳо дар рӯҳияи муносибати андрагогӣ аз ҷониби Н.Ю. Андреева [20, с. 20-21], Н.Н. Букина [29, с. 152-153], С.П. Вершловский [38, с. 160-161], Т.Л. Ильинм [89, с. 32-33], А.А. Макарена [147, с. 45-48], А.Е. Maron [134, с. 53-55], В.Г. Онушкин [179, с. 89-91], М.И. Подобед [195, с. 67-68], А.С. Саргсян [213, с. 114-115], Н.В. Трусова [20, с. 20-22], М.С. Якушкина [245, с. 76-79] ва дигарон омӯхта шудаанд. Баъд аз ҷамъхбасти нуқтаи назари муҳаққион мо принсипҳои фавқулзикрро ба сифати қисмҳои инкишофи ҳар як ғояи назариявии таълими ғайрирасмӣ ба намуди ҷадвал тасниф кардем. Ба ҷадвали 17 нигаред:

**Ҷадвали 17. – Гурӯҳи принсипҳо дар заминаи назарияи таълими ғайрирасмӣ**

| № | Принсипҳои андрагогӣ | Принсипҳои инноватсионии таълими мутассили педагогӣ | Принсипҳои эвтагогӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Принсипи фаъолияти тарафайн ҳамкории хонандагонро бо педагогон ва хонандагони дигар фаро мегирад | Приниипи континуалӣ, ки ҷанбаи муттасили таълимро муқаррар карда, аз ҷиҳати низом ва иштироки субъект дар раванди муттасил, инчунин, ҳамаи низоми таҳсилоти ғайрирасмӣ ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад | Принсипи эвристикӣ ба сифати алтернативии проблемавӣ ҳамчун усули ошкор кардани малакаҳои ниҳонӣ дар инсон дониста мешавад |

Идомаи ҷадвали 17.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **2.** | Принсипи фардияти таълим ба коркарди барномаи шахсии таҳсилот равона шуда, ниёзҳои алоҳидаи таълимӣ ва ҳадафҳои таҳсилотро бо дарназардошти таҷриба, сатҳи омодагӣ, хусусиятҳои психофизиологӣ, маърифатии хонандаи калонсол ба ҳадаф мегирад | Принсипи мундариҷавию сохтории таркиби маҷмуи таълими инноватсионии муттасили педагогиро дар шаклҳо ва намудҳое (расмӣ, ғайрирасмӣ ва информалӣ), ки афзалияти ташаккули моҳияти таҳсилоти касбиро муайян мекунад | Принсипи метамаърифатӣ якҷоя кардани парадигмаҳои таҳлилӣ - маърифатӣ ва танзими синтетикиро фаро мегирад. Иштирок дар таҳлили консептуализатсия ва синтези донишҳои ҷамъовардаи таҷрибаро мегузаронад, то ин ки ба таври фаъол бо пайдо кунонидани фаъолияти инноватсионӣ ва усулҳоро ба сифати натиҷаи ташаккулидонишҳои нав машғул мешавад |
| **3.** | Принсипи маҷмуи таҳсилот, инчунин, риояи пайдарҳамии мақсадҳо, мундариҷа, шаклҳо, усулҳо ва технологияҳои услубҳои таълимро фаро мегирад. | Принсипи бисёрдараҷавии иловагии барномаҳои таълимии касбӣ, ки сатҳҳо ва зинаҳои бисёрро бо сифати таълими касбӣ ва таълими иловагии касбӣ муқаррар мекунад | Принсипи эҷодкорӣ амалисозии раванди фаъолияти эҷодии шахсиро дар раванди дарёфти дастовардҳои таълимӣ ба нақша мегирад |
| **4.** | Принсипи дарк кардани таҳсил, фаҳмиш, фаҳмиши ҳамаи муносибатҳои раванд ё ҷараёни таълим ва амалҳои онро дар сохтори ТҒ мефаҳмонад | Принсипи зудҳаракатии барномаҳои кабии таҳсилот, ки дигаргунии имконпазири фанро дар ин ё он марҳилаи ҳаётӣ дар соҳаи фаъолияти касбӣ ё азхудкунии мувозинати таҳсилоти касбиро дар назар дорад | Принсипии беҳамтоии маҷмуи таҳсилоти инфиродӣ, инчунин, интихоби андрагогӣ дар назар дорад, ки худи педагог ҷузъҳои асосии таҳсили худро интихоб мекунад. |

Идомаи ҷадвали 17.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **5.** | Принсипи мустақилият дар таҳсил. Фаъолияти мустақили омӯзандагон навъи асосис кори тарбиявии педагогон дар ташкили ТҒ мебошад | Принсипи фардикунонии ҳадафҳои таҳсилот ва барномаҳо барои ҳар як педагоги ба ТҒ омада, имкони таркибсозии барномаи таълимии мустақилро дар назар дорад | Дар назар дошта мешавад, ки принсипи «хонед - хонед» ба таълимгиранда таҳсили ӯро медиҳад, ки на танҳо донишҳо, балки ҳадафҳои шахсии синфҳо, барномаи таълими он, роҳҳои азхудкунии таҷрибаи шахсиро месозад, ки қисми таҳсилоти ӯ мешавад |
| **6.** | Принсипи такя ба таҷрибаи коромӯз ва педагог ба ҳайси яке аз манбаъҳои дарсдиҳии ҳайати педагогӣ истифода мешавад | Принсипи муттасили барномаҳои таълимии касбӣ, ки таълими ройгони муттахасисро ба фазои таълими касбӣ таъмин мекунад | Принсипи самараноки таълим, ин рӯоварӣ ба таълим, инчунин, сабзиши шахсии иборат аз малакаҳо ва қобилиятҳо мебошад |
| **7.** | Принсипи контекстии таълим (истилоҳи А.А. Вербитский) педагог ҳадафҳои мушаххаси муҳимро пайгирӣ мекунад, ба мукаммалсозии шахсият нигаронида шудааст, бо дарназардошти омилҳои касбӣ, маишӣ, иҷтимоии фаъолияти хонанда ва фазоӣ | Принсипи низомаи гуногунии мундариҷа ва банақшагирии рушди он дар низоми такмили касбӣ | Принсипи гузоштани ҳадафҳои шахсӣ, таҳсилот бо дарназардошти ҳадафҳои шахсии таълимии омӯзанда сохта мешавад |
| **8.** | Принсипи актуаликунонии натиҷаҳои таҳсилот татбиқи бевоситаи донишҳо, малакаҳо, маҳорату сифатҳои азхудкардаи хонандагонро дар амал дар назар дорад | Принсипи модулӣ – имкон медиҳад, ки рушди мундариҷаи таҳсилоти касбиро ба таълим муносиб гардонад | Принсипи ҳалқаи дугона ҳангоми ошкор кардани душвориҳо дар таълим (ислоҳ кардани ҳадафи омӯзишро дар назар дорад) |

Идомаи чадвали 17.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **9.** | Принсипи интихобӣ ба педагог маънои интихоби озоди ҳадафҳо, мундарича, усулҳо, технологияҳо, манбаъҳо, воситаҳо, вакт, макони таълимро дорад | Принсипи ташкили шабакавии раванди таҳсилот истифодаи захираҳои дидактикии шабакаҳои касбиро дар бар мегирад | Принсипи универсалии имкониятҳои таҳсилот - ин истифодаи технологияҳои телекоммуникатсионӣ, ошкор ва дастрасӣ ба ҳама намуди захираҳои омӯзишӣ мебошад |
| **10.** | Принсипи рушди ниѐзҳои омӯзишӣ, ки дар худ арзѐбии натиҷаҳои таҳсилотро бо роҳи муайянкунии дараҷаи ҳақиқии азхудкунии маводи таълимӣ ва муайянкунии он маводҳое, ки бевосита ба азкунии онҳо ноил шуда ба ҳадафҳои баѐншудаи омӯзиш номумкин аст. Таҳсил бо мақсади сохтани ниѐзҳои нави омӯзишӣ барои педагогон ба роҳ монда мешавад | | Принсипи ғайрихаттии раванди таълим зарурат ба омӯзиши ҳадафҳо, мундарича, воситаҳои таълим, набудани хатҳои муттасил, вале халал нарасонидани хусусияти бонизомро дар назар дорад |
| **11.** | Принсипи ниѐзҳои иттилоотӣ ин таҳсилоти ғайрирасмӣ барои таълим дар соҳаи ниѐзҳои касбӣ ҳайати педагогӣ дар чараѐни иттилоот, ки ба шунавандагон зарур аст, таъйин гаштааст | | Принсипи аввалияи объекти омӯзиши интизории дастовардҳои фарҳангӣ ва таърихии умумиқабулшударо дар фаъолияти касбӣ дар назар дорад |
| **12.** | | | Принсипи вазъиятии таҳсил ба вазъиятҳои ташкилкарда, аз ҷумла, ба таҷрибаи шахсии педагогӣ асос ѐфтааст |
| **13.** | | | Принсипи футуристии низомҳои иҷтимоию техникӣ, ин салоҳиятҳои ташаккулѐфта ба коркарди қарорҳои фаъолияти муносиб дар оянда равона шудааст |

– ин консепсия зимни дилхоҳ ҳолати омӯзишӣ аз чунин категорияҳои асосӣ таркиб меёбад;

– ТР-и ҳозира чун як низоми ҷудонашавандаи МТ, ки дар ҷараёни иҷрои ин ё он таҳқиқи академию стандартӣ ба гузаронидани чораҳои хоси таълим машғул аст;

– МТ-ҳои расмии муосир барои таълими ашхоси калонсол низ дарҳои худро мекушоянд;

– таълими ғайрирасмии муосир ба сифати ин ё он самте, ки берун аз ситеами расмии қабулшуда ташкил карда шудааст ва муштариву мақсадҳои хоси таълими худро дорад;

– таълими иттилоотӣ ҷараёни муттасили таълимӣ буда, тибқи он ҳар як шахс аз таҷрибаи рӯзгор арзишу донишҳо, малакаю маҳоратҳоро касб менамояд.

Дар раванди таҳаввули ҷаҳонию консепсияи таҳсилоти муосир дар асоси консепсияи таълими муттасил амсилаи беҳтарини таълимии шахсиятро пешкаш менамоем. Дар амсилаи мазкур ҳар як шахс раванди таълимгириашро дар ҳаёти хеш ба таври расмиву (дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи махсус, дар муассисаи таҳсилоти олии касбии мухталиф), ҳам ғайрирасмӣ (барномаҳои дар ин ё он муассисаи ТР амалишаванда), ҳам ТИ ба роҳ монда метавонад.

Аз худ намудану ташкил додани донишҳо, малакаю қобилиятҳои ба ҳавасмандии шахсият равндашуда, мақсади аввалиндараҷаи таълими муттасил мебошад. илова бар ин, системаи таълими муттасил инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаро бо мутобиқсозии онҳо ба пеш мебарад. Ин ТҒ мебошад ва яке аз воситаҳои беҳтарини дидактикии таълим ба ҳисоб меравад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҳоло ТҒ, ТР ва таълими иттилоотӣ (ТИ) қодиранд, ки ҳамаи ҷараёни таълими муосирро, ки ҳамдигарро пурра мезосанд, ҳосил намоянд. Масалан, онҳое, ки барномаҳои пешрафтаро оид ба ҳама гуна масъалаҳои маҳдуд нигаронидашуда таъмин мекунанд, ки ҳадаи

онҳо баҳри ба даст овардани ҳуҷҷати давлатӣ аст, шароити таҳсилро барои калонсолон фароҳам меоранд, ҷалб менамояд.

Баъд аз ҷамъбасти ҳар як консепсияи байналмилалӣ, нуқтаи назари муҳаққиқон вижагиҳои махсусро, ки ба танзими ТК ва тамоми ашхоси ҷараѐни ТҒ, ТР ва ТИ равонаанд, ашкор кардем:

1) муҳиммияти салоҳиятҳои пойгоҳӣ – ѐд гирифтани забонҳои мухталиф, таъмин намудани нуқтаи назарӣ ва даҳонӣ (шифоҳӣ);

2) вижагиҳои иҷтимоии муосир: дарки масъулият, иштирок, қарорҳои зарурӣ ҳал кардани низову мунокишаҳо ба таври осоиштагӣ;

3) зиндагӣ дар ҷамъияти фарҳангу маданияташ инкишофѐфтаву салоҳиятҳои фарҳангидошта;

4) салоҳияти ахборотиву ҷомеавӣ: азхуднамоии техника ва технологияи навин, қобилият ба фикронии мантиқӣ;

3) майлу хоҳиш ва қобилият ба омӯзиши ҳаѐт, такмилѐбӣ дар саҳаи иҷтимоию касбӣ ва шахсии ҳаѐт.

Ҳарчанде, ТҒ дар садаи 19 ташаккул ѐфтааст, вале то ҳол ба таври илмӣ фаҳмида нашудааст ва пажуҳишгарон ба он таваҷҷуҳи нокифоя зоҳир мекунанд. Аз ин лиҳоз ин ѐ он таҳқиқоти асоснокгардидаи илми нокифоя ба назар мерасад. Дар интиҳои қарни XX ва оғози қарни XXI майлу хоҳиши муҳаққиқон ба ТР-и иловагӣ, ТҒ ва ТИ пайдо шудааст. Дар дурнамои наздик эҳтимоли ашкори ҳамкориҳо миѐни онҳо мавҷуд аст.

Хуллас, дар самти мазкур паҳлӯҳои назариявӣ, ҳар як принсипи ташаккулдиҳӣ, равиши методологии муосир ҷун инъикоскунандагони ТҒ дида баромада шудаанд.

### 4.2. Масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» оид ба назарияи фалсафӣ – антропологии иртибот ва муошират

Дар ин бахш ТҒ дар робита бо фаъолияти иртиботӣ баррасӣ карда мешавад, зеро ки асоси он муошират мебошад. Дар қиѐс бо ТР дар маъхазҳои

илмию методӣ таълими ғайрирасмӣ чун таълими муттасил муарифӣ мегардад. Он дар таҷриба амалӣ шуда аст ва яке аз ошкорсозандаи инкишофи назарияи педагогӣ дар ТҒ мебошад.

Қисми асосии таркиби мантиқӣ дар илми муосир назария мебошад ва он ба илми андрагогӣ низ дахл дорад. Тавассути назария фаҳмиши вижагиҳои хоси мавзуи таълимӣ ва асосноккунию барқарорсозии донишҳои назариявӣ ва амалии таълимӣ дар пойгоҳи қисми методологи он ба амал меояд.

Системаи мантиқии донишҳоро назария ташкил медишҳад ва воқеъиятро таҷассум месозад, алоқаи дутарафаро бо пайвандҳои бунѐдию мунтазамӣ, умумӣ ва ҳатмӣ мунъакис мегардонад.

Фарқият байни низому назариѐти маҷмуи тавсифот, ки бе алоқа сурат мегиранд, бо шарҳ ва пешгӯикуниҳои иттилоот дида баромада мешаванд. Тавсифоти вазоиф, ҳар як принсипи объектҳо, пешгӯисозии возоиф зимни тағйирѐбии низомҳо ва ғайраро назария дида мебарояд. Ба ақидаи олим Б.С. Гершунский ҳадафи аввалиндараҷаи назарияи илмӣ банизомдарории дониши воқеӣ мебошад ва он танҳо ба шарҳу пешгӯисозӣ, тавсифоти ин ѐ он падида равона нест. Татбиқи пурраи ҳадафи донишҳои реалии ҳозира мувофиқи ниѐзу имкониятҳои воқеӣ дар шароити мушаххас дигаргун мешавад. Б.Т. Терсунаший чунин мешуморад, ки *«назарияи педагогиро бояд ҳамчун низоми мантиқии ботартибовардашудаи донишҳо дар бораи хусусияти воқеъӣ, мунтазам ва робитаҳои объектҳои педагогӣ, ки вазифаҳои тавсиф, шарҳ, пешгӯӣ, ва тағйир додани ҷанбаҳои дахлдори воқеии педагогиро иҷро мекунанд, фаҳмида мешавнд» [51, с. 11-12].*

Оид ба инкишофи назарияи таълими ғғайрирасмӣ ақидаи хешро баѐн намуда, ба он такя кардам, ки назарияи таълими ғайрирасмӣ ин ѐ он дониши воқеӣ, тавсифоти принсипу вазоифро, ки дар ҷараѐни таҳқиқот татбиқи худро ѐфтаанд (барои чӣ?, Дар куҷо ва чӣ тавр амалӣ кардед?, Канӣ онҳо?, Дар куҷо), дар бар мегирад.

Калиди методологӣ ба сохтори ТҒ назарияи фалсафӣ ва антропологӣ иртибот дорад, зеро амсилаи назариявии объекти омӯхташавандаро дар яклухтии худ, дар ҳар як қонуни таркибии он фаъолияту инкишофро тавассути таълими ғайрирасмӣ дар системаи такмилдиҳии тахассуси касбӣ дар соҳаҳои воқеиву иҷтимоии замон месозад.

Дар илми муосир ин ё он равиш барои муайянсозии истилоҳи «ҳамкориҳо» мавҷуд аст. Файласуфон ҳамкориҳоро дар дараҷаи экзистенсиалии он, чун воқеию ҳаматарафа зуҳурёбии бисёркаратаи тамоми чизҳо мефаҳманд. Шарҳи мафҳуми ҳамкориҳо ба воситаи ҷараён ба сифати яке аз консепсияҳои фалсафии муосир, ҷараёни алоқаи дутарафаи организмҳои мухталиф, чун шакли ҳаматарафаю умумии тағйирёбӣ муқаррар мегардад. Ин дар ҳоле рӯй медиҳад, вақте ки ҳамкориҳо ҳастии организмро бо ҷисмҳои дигари мавҷуда дар системаи аз он ҳам баланд муқаррар менамояд.

Ҳамкори дар яке аз равишҳо ба сифати таъсиррасонӣ шарҳ дода мешавад. Он чун яке аз категорияҳои фалсафӣ ҷараёни таъсири як объектро ба объекти дигар, вобастагии тарафҳову тағйирёбии ҳолату гузариши дутарафа ба вуҷуд омадани объектҳоро мунъакис мегардонад.

Дар асарҳои алоҳида алоқаи фаъолу пайвастшавии ҳар гуна объект ҳайд мегардад. Пешгӯисозиҳои мушабеҳ дар таҳқиқоти дигари муҳаққиқон вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ба назар гирифтан лозим аст, ки ҳамкориҳои педагогӣ хосагиҳои амалиётиву шаклҳои ғайрифаъолу фаъолро соҳиб мебошанд.

Дар пойгоҳи илми фалсафа яке аз ашколи муоширати ҳаматарафа ҳамкорӣ мебошад. Хуллас, ҳамкорӣ ҷараёни амалиётест, ки дар як вақти муайян ба вуҷуд мепайвандаду дутарафа мебошад ва якчанд низомро дар бар мегирад, ки онҳо ба ҳамдигар таъсири хешро мерасонанд ва он муоширати табиӣ мебошад. Ҳамкорӣ ҷанбаҳои гуногун дорад ва дар шахсият зоҳиршавии вихеагияҳои воқеӣ будани ҳар як низомро, ки моҳияти онро ташкил медиҳад, муқаррар намудааст. Агар ҷараёнро давом додани бошем,

мо бояд амсоли дастрас будани воситаҳои интиқолдиҳӣ аз як система ба системаи дигар шароит муҳайё созем. Робита миёни низому натоиҷ бояд такроршавандаю устувор гардад. Ҳамкориҳо аз рӯи қавоиди муайян сурат мегиранд. Аз ин рӯ, онҳо ба сифати системаи муваққатию манонӣ дида баромада мешаванд ва аз марҳилаҳои гуногун, тамоюлоти инкишофи онҳо ва натиҷаҳои интизоршаванда таркиб меёбанд.

Як қатор аносир, амсоли муносибат, робита, маҳфузкунӣ дар сохти ҷараёни ҳамкориҳо мавриди баррасии махсус қарор мегирад. Дар ҷараёни муомилот миёни аносир мақсад, робита, корҳои якҷоя, хоссагиҳои муносибати байнишахсӣ ҷудо мегардад. Ба сифати яке аз аносири шакливу сохтории имконоти иқтидорӣ муносибатҳо муаррифӣ карда мешаванд.

Чун яке аз аносири таркиботи ҳамкориҳо ва яке аз ашколи хоси ҳамкориҳои воқеӣ муносибатҳо мебошанд. Онҳо муайянкунандаҳои як намуди дигаргуншавиҳо дар навъи имконоти иқтидорӣ ҳисоб меёбанд. Дар муносибати байниҳамдигарӣ ба шунидани ҳамдигари бояд омода шуд. Чунин муносибат ба аз худ намудани моҳияти аносири навтарин ва дигаргунсозиҳо равонааст.

Шакли муҳимтарини дилхоҳ ҳамкорӣ, ки вижагиҳои тағйирёбиҳоро воқеан муқаррар менамояд, коммуникатсия (иртибот) мебошад. Иртибот навъи ин ё он ҳамкориро ифодаву тағйироти таркибиро дар сохтор тавсиф мекунад, вижагиҳои ислоҳоти пурраи мусбиро муайян менамояд.

Ҷанбаҳои иҷтимоиву психологии ҳамкориву баррасии ҳолатҳои алоқаманд буда, проблемаҳои кори шахсиву муоширатро ба ҳисоб мегиранд.

Дар маъхазҳои педагогию психологии муосир мафҳумҳои муошırату ҳамкориҳо бо якдигар алоқаи зич доранд. Инчунин ҳамкориҳои субъективию иттилоотиро дар муошират мебинанд. Муошират дар раванди ин ё он муносибати байни ашхоси гуногун ба амал меояд. Дар робита ҳамчунин, низоми махсуси ҳамкории байнишахсиро бо мақсади ин ё он тағйироти равонашуда ба объекти он дар майдони сементикии қабулкунанда баррасӣ намудан мумкин аст. Ҳамкорӣ миёни ду, се ва зиёда шахс муоширатро

ташкил медиҳад. Субъектони муоширaт каму беш ҳавасмандиро зоҳир менамоянд ва ин ҳавасмандӣ ба амалисозии ҳадафҳои муайян равонааст. Дар ҳамкорӣ моҷаро низ вуҷуд дошта метавонад. Раванди ҳамкорӣ миѐни ашхоси гуногун, ки бо ҳамдигар робита доранд, ба инъикоси якдигар таъсир расонидан ба ҳамдигар нигаронида шудааст.

Иртибот ҷараѐни алоқаи мутақобила ва ҳар як субъекти иҷтимоӣ ҳисоб меѐбад. Дар иртибот табодули амалиѐту ахборот, қобилияту таҷрибаҳо, малакаву маҳоратҳо дида мешавад.

Иртибот ба сифати ашкол, яке аз аносири ҳамкориҳои миѐни ашхос, аз қабили ҳамкориҳои амалии таълимӣ, кору бозиҳо, таъмини банақшагириву амалигардонӣ ва ғайра дарк мегардад.

Таърифи олими рус Зимняя И.А. нисбат ба дигарон реалӣ ҳисоб меѐбад: раванди муомилаи гуногунҷанбаву мураккаб, рушди алоқаи байни ашхоси мухталиф бо мақсади якҷоякоркуниву ҷалби якдигар ба табодулдиҳии иттилоот, коркарди стратегияи ягонаи ҳамкорӣ, фаҳмидани ҳамдигар. Ҳамзамон, низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолиро иртибот ташкил доджа шуда,инъикоскунандаи муҳтавою хосагиҳои чунин муносибат дар ахборот мебошад.

Иртибот ва амалҳо якҷоя баррасии худро меѐбанд. Дар ин ҷо таъкид мегардад, ки «иртибот аз ашколи муоширату кори якҷояи ашхоси гуногун ҳисоб меѐбад» [179, с. 126-129]. Муоширату корҳои якҷоя паҳлӯҳои ҳаѐти ҷамъиятӣ мебошанд, он “ як навъи гендерии муоширати одамон, навъи фаъолияти инсон баррасии худро меѐбад. Ин нуқтаи назарро Е. Ануфриев [21, с. 89-93], Г.К. Ашин [22, с. 165-167], А.Н. Леонтев [129, с. 109-111], А.В. Петровский [24, с. 3] ҷонибдорӣ намуданд. Шахс зимни муоширати худ онро на чун як фаъолияте, балки чун яке аз ашколи ҳамкориҳо бо ашхоси дигар медонад. Моҳияти он ба муносибати иҷтимоию меҳнатии хосса равона аст.

Ба ибораи дигар, муоширaт ин мавқеи олии ҳамдигарро дар фаъолияти мутаносиб инкишофѐбанда, маҳз ҳамкории иштирокчиѐни ба он воридшударо ҳамчун рақиб муайян мекунад. мувофиқи нуқтаи назари

файласуф ва антропологии назарияи коммуникатсионӣ, муҳаққиқон М.С. Каган [93, с. 78-81] ва Е.В. Руденский [211, с. 105-107] таҳсилоти ғайрирасмиро ҳамчун ҳамкорӣ баррасӣ мекунад.

Муоширати муосир аз мавқеи назарияи антропологию фалсафӣ дарки ТҒ-ро дар пойгоҳи иртибот ба сифати як мафҳуми фарҳангию иҷтимоӣ тасвир менамояд. Он дорои сохти дохиливу хусусияти алоқавӣ мебошад ва дар тафовут аз ТР қарор дорад. Назарияи мазкури таълими ғайрирасмии муосир чун як навъи заруру махсуси фаъолияти инсонӣ буда, тибқи ҳамкории мутақобилаи субъектонӣ муоширати муосир, ки ба фаҳмидани шахсияти муаллим, худогоҳиву худшиносӣ, шуурнокиву фаъолнокӣ, эҷодкории педагогӣ равона аст, роҳандозӣ мегардад.

Иртибот ва муоширати низомии ТҒ аз ҷойгоҳи антропологиву фалсафӣ дар он ифода меёбад, ки тамоми қисмҳои ҷудонашавандаи ҳамкории дутарафаи субъектони таълимро якҷоя менамояд. Дар ҷараёни таълими ғайрирасмӣ ҳамкориҳои байни субъектон ниёзи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки дар рафтори онҳо зоҳир мегардад татбиқи худро меёбад. Ашхоси мухталиф дар ин ҷараён ба сифати иштирокчиёни муошират пешниҳод мегарданд. Онҳо дар комплекси аъзоёни раванди коммуникатсионӣ ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва чун механизми ташкилдиҳандаи барномаи иҷтимоии муосир дар асоси табодулдиҳии маълумот байни одамон хизмат мерасонанд.

ТҒ ба сифати яклухти муташаккили мураккаб, мафҳуми системанок пешкаш мегардад. Дар ТҒ кору рафтори субъектон моҳияти дигаре дорад. ТҒ низоми субъектони системаноку ҳамкориҳо мебошад ва ба муайянсозии оянадаи консептуалии методологӣ равона аст.

Барои он, ки таҳсилоти ғайрирасмиро ҳамчун низом баррасӣ кард, метавон методологияи мувофиқи муколамавиро дар фаҳмиши байнифаннӣ муайян намуд. Зеро, коммуникатсия асос меёбад ва ба муколама ҳамчун принсипи таълим мусоидат мекунад. Методҳои муколама дар таълими ғайрирасмӣ чун низоми кушодаву пайвасти доимо тағйирёбанда муариффи мегардад ва аз беруну дохил ба танзим даровара мешавад.

Дар ин асос ТҒ ба сифати серсатҳу серсоҳа дида баромада мешавад. Дар пажуҳиши ТҒ методологияи муколамавӣ ҳамкориҳои субъектони таълими мазкурро зимни муносибатҳои мавзуоти фан дар назар дошта метавонад. Методологияи муколамавӣ дар чунин ҳолат ба сифати принсипҳои комуникативию ташкилӣ дар амалигардонии вазоифи ТҒ баромад мекунад. Дар ба қайд гирифтани хусусиятҳои инсонӣ ба таври муколамавӣ, ташаккул додани ҳамкориҳои муфид ба сифати яке аз ашколи фаъолиятнокии иртиботӣ дар ТҒ муносибати субъективу мавзуотӣ хизмат мерасонад. Барои муколама, ки яке аз ашколи иртиботӣ аз тарафи К. Роҷерс 3 шароити асосӣ ҷудо карда шудааст [205, с. 35-37]:

– роҳандозии муносибатҳои мусбии одамон миёни ҳамдигар дар асоси баробари миёни шарикони муошират;

– бо роҳи фаҳмида тавонистан;

– чун шароити зарури барои зиндагӣ дар ҷомеаи муосир;

– муошират дар сатҳи мезой-алоқаи фардии ба касб нигаронида шуда, ки байни шахсони мухталиф роҳандозӣ мегардад.




**Расми 18. – Ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун намуди фаъолияти коммуникатсионӣ**

Инъикоси ТҒ-ро вобаста ба раванди коммуникатсионии фаъолият дар асоси мундариҷаи муошират ба тариқи муфассал дар ҷадвали 16 пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 18. – Ҷузъҳои ТҒ аз нигоҳи назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират**

| № | Ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ чун шакли фаъолияти коммуникатсионӣ | Тавсифи мухтасари ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ |
|---|---|---|
| **1** | Муошират | Муошират чун фаъолият зоҳир намешавад, балки шакли ҳамкори байни одамони ба намудҳои гуногуни фаъолият ҷалбгардида дар муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, (ксбию педагогӣ) дида мешавад |
| **2** | Мавзуи муошират | Муаллими дигар (ҳамкор дар фаъолияти касбӣ ҳамчун шахс) |
| **3** | Ниёз ба муошират | Кӯшиши педагог ба донистан ва баҳодиҳии одамони дигар, тавассути онҳо ва бо кӯмаки онҳо ба худогоҳӣ ва худбаҳодиҳӣ |
| **4** | Иллат ва сабабҳои муошират | Он ҷабҳахое, ки аз рӯи он педагог ба таҳсилоти ғайрирасмӣ дохил шуд |
| **5** | Амалҳои муошират | Унсурҳои фаъолияти коммуникатсионӣ, инчунин, ташаббусҳо ва посухҳо |
| **6** | Вазифаҳои муошират | Самти амалҳои гуногун, ки дар раванди иртибот барои бартараф кардани мушкилиҳо, ноилшавӣ ба ҳадафҳо ба ҷо оварда шудаанд |
| **7** | Васоили муошират | Бо ёрии онҳо коммуникатсия, мутобиқшавӣ барои ташкили ҳамкорӣ (ТИК, Скайп, видеоконференсияҳо, видеоклипҳо, конференсияҳо дар намуди онлайн ва ғайра) амлӣ мешаванд |
| **8** | Натиҷаи муошират | Омӯзиши хусусияти маънавӣ ва моддӣ, балад бардоштани сатҳи салоҳияти касбӣ, сатҳи нави рушди муносибатҳои байниҳамдигарӣ, тағйир додани симои касбии «худ», маҳсулоти хусусияти методидошта (лоиҳаҳо, таҳияи дарсҳо, семинарҳо, технологияи педагогӣ ва ғайра) |
| **9** | Мақсад | Андеша ё супориши пешниҳодшудаи дохилӣ, ки аз тарафи шахс дода шудааст ва роҳбарии рафтори ӯ. Ман ба таҳсилоти ғайрирасмӣ омадам |

Дар асоси мавқеи муҳаққиқ Б.Ф. Ломакина [136, с. 76-77] дар ташкили ТҒ чун як навъи иртибот дар вобастагӣ ба он ашколи гуногуни муошират ҷудо мегардад: 1) дар дараҷаи макроӣ, фаҳмишие, ки ба шуурнокии одам нигаронида шудааст; 3) дар дараҷаи микроӣ, яъне аносири аввалии комуникативӣ ширкат меварзанд. Ҳамдигарфаҳмии миѐни ашхоси гуногун дар иртибот дар пойгоҳи механизмҳои мазкур дар таълими ғайрирасмӣ ба вуҷуд меояд:

✓ қолаб – ин ѐ он шакли кирдору рафтори шахс, шарҳ додани ҳар як омил бо ин ѐ он падида;

✓ инъикос – дарк кардани ин падида ва роҳҳои дигаргун сохтани он аз ҷониби педагог;

✓ таъсиррасонӣ – таъсир расонидан ба фикру ақида, мулоҳизати иштирокчиѐни муошират и педагогӣ;

Ҳар як механизми ТҒ бо роҳи муносибатҳо ба намуди пешниҳоду мулоҳизаҳо, дархостҳову иттилоот бо мақсади тасдиқнамоиву маълумотгирӣ, амалҳои намунавӣ дар пойгоҳи беҳтарин таҷрибаҳои омӯзгорон зоҳир мегарданд. Ҳамаи онҳо ба воситаи 3 ашколи иртиботӣ татбиқи худро меѐбанд:

1) иртиботи монологӣ - изҳор намудани шахсият чун иштирокчии таҷрибаи гӯшкунии фанҳои дигар барои субъектони ТҒ;

2) иртиботи муколамавӣ - субъектон зимни ҳамкориҳо якдигарро пурра сохта, ташаббус низ нишон медиҳанд;

3) иртиботи бисѐрзабонӣ - муошırату ҳамкориҳои биѐрҷониба, дар ансори мавридҳо ба таври озмунҳо, аз худ намудани ташаббусҳои иртиботӣ.

Бо назардошти ТҒ аз нуқтаи назари фаъолияти коммуникатсионӣ, равиши эмпирикӣ, назарияҳои эмпирикии таълимро сарфи назар кардан мумкин нест, зеро дар онҳо мафҳуми омӯзанда асосӣ мебошад. ин ҷанба дар омӯзиши ТК аз ҷониби муаллифони мухталиф омӯхта шудаанд: Р.Т. Гросс [266, с. 90-93], А. Нокс [279, с. 109-111], М. Ноулз [273, с. 45-47], Р.Т. Гросс [266, с. 67-69], Д. Мезиров [292, с. 7-8], А.Ҷ. Маелкв [286, с. 45-46] ва ғайра.

Масалан, барои П. Ҷарвис [269, с. 68-71], он ба «раванди табдил додани таҷрибае, ки айни замон ба дониш, малака, муносибатҳо, арзишҳо ва эҳсосот ба даст омадааст», асос ёфтааст [138, с. 38-39].

Назарияи ғайрирасмиро муҳокима намуда, зикр намудан ба маврид аст, ки ин навъи дониш аз таҷриба гирифта шудааст ва ба таҷрибаи амалӣ асос ёфтааст.




**Расми 19. – Сохтори маърифатӣ барои таҳлили таҳсилот ва таълими калонсолон**

Бояд қайд намоем, ки назария ба мо гуфта наметавонад, ки дар таҷриба чӣ гуна амал кард. Қисми зиёди фаъолияти ихтисоснок истифодаи бошууронаи принсипҳои назариявиро дар назар надорад. Мо дар бораи чизҳое сухан меронем, ки фаҳмидани вазъият ва қобилияти амал кардан вобаста ба вазъ, хамзамон қабул кардани қарорҳо, ки ҳар кадоме аз инҳо имконпазир мебуд, агар мо маҷбур мешудем, ки пеш аз амал ба назарияҳои дахлдор машғул шавем. Пас, савол ба миён меояд, ки таҷрибаомӯзон пешниҳод намуданд ва аз он иборат нестанд, ки кадом қоидаҳо бояд татбиқ шаванд, балки *«дар ин ҳолат ман чигуна бояд амал кунам»,* пеш меояд. Назарияи ТК бояд ба фаҳмиши амалия ва ба он асос ёбад, ки чи гуна муаллимон дар бораи амалияи худ андеша мекунанд (яъне назарияҳои ғайрирасмии шахсии худро эҷод мекунад).

Назариѐти ғайрирасмии мазкур дар пойгоҳи назарияҳои расмии маъмул бояд мавриди таҳлилу озмоиш қарор ѐбад.

Хуллас, назарияҳои расмии маъмул дар дарки ақли солим гумону шубҳаро метавонад ба бор орад ва ѐ амиқ гардонад ва ин дар тазоруби кории мо ба даст оварда мешавад.

Тафовут миѐни донишҳои ғайрирасмиву расмиро бо донишу андешаҳои номуайяне пурра сохтан мумкин аст. Донишҳоеро мо корбурд менамоем, ки ба сифати донишҳо пазируфта намешаванд, чунки дар сохти чуқуртари шуурнокӣ ҷойгиранд. Муътақид гардонидан имконпазир аст, дониши фаҳмо, ғайриашкору ошкорро интиқол додан фоидаовар мебошад. Тавассути инъикоскунӣ донишҳои номуайянамонро татбиқ созем ва ба коркарди назариѐти ғайрирасмӣ пардозем.

Зимни таҳлили чунин назарияҳо мо онҳоро дигаргун сохта, ба воситаи хониш ба муҳокимаву дар оянда мунъакис гардонидан пешниҳод мекунем.

Консепсияи назарияи ғайрирасмӣ бо консепсияи дар бораи *«инъикос дар амал»* алоқамандӣ дорад. Амалияро ҳамчун як омили вазифаҳои номуайяне дидан мумкин аст ва дар ин вазифаҳо мақсад қаблан ошкор намегардад, чунки ҳар як ҳолати амалишаванда мураккабтар менамояд. Таҷрибаомӯз роҳашро ба воситаи мулоҳизаву муҳокимарониҳо бояд эҳсос намояд ва ѐ тавассути он донишҳое, ки пинҳонӣ ба даст оварданд дар амал татбиқ намоянд.

Хуллас, фаъолияти касбии педагогӣ ба навъи спиралмонанд пешкаш мегардад ва он ба намоиш мубаддалшавию вобасташавии амалиѐт дар заминаи ин ѐ он рефлексия раовнааст. Таҷрибаомӯзон дар фаъолияти хеш амалҳояшонро мавриди мунъакисгардонӣ ва таҳлили хосса, банақшагирии навоварӣ ва амалӣгардонии он қарор медиҳад. Сохти маърифативу таълимии ТК дар сами 19 пешкаш гардидааст. Тибқи назарияи пешниҳодшуда ҳолатҳои мухталиф ва ҳамзамон афкори нодуруст коршиносони маҳалӣ ба муттасил гардидани давраи мазкур таъсири манфии хешро расонида метавонад.

Сарфи назар аз ин, назарияву таҷриба бо ҳамдигар алоқамананд ва амалия баъд аз назария пайдо мешавад.

Оид ба фаҳмидани таҳсилоти ғайрирасмии кадри педагогӣ дар низоми ташкили ихтисоси омӯзгорон дар заминаи муносибати эмпирикии муосир падидаи мазкурро ба сифати яке аз равандҳои дигаргунсозии таҷрибаомӯзӣ дар давраи фаъолияти коммуникатсионӣ байни иштирокчиёни таҳсилоти ғайрирасмӣ, фаъолгардонии таҷрибаи пешина дар ин ё он ҳолат баррасӣ мекунем.

Дар асоси амалияи пешинаи хонандагон ҳолатҳои бавуҷудомада таҳлилу таҳқиқ, вазъи фаҳмидани субъективию фардии хонандагон муайян карда шуд. ба андешаи С.С. Стенин: *«дар ташкили таҳсилоти ғайрирасмӣ муаллимон ба таҳқиоти худ хотираи тафсири ҷанбаҳои гузаштаро ҷорӣ мекунанд, ки ин ба самаранокии раванди таълим мусоидат мекунад ва ё халал эҷод мекунад»* [227, с. 57-59].

Бо назардошти таҳқиқи ТҒ дар заминаи амалияи инфиродии хонандагон иқрор шудан лозим аст, ки амалияи таълимӣ, ки онро инсон дорад, муҳтавои ратсионалӣ ва амалияи пурраи илмиву методиро доро намебошад.

Унсури ҳисиёти пешакии воқифӣ ва эътимодияти ақли комилу эҳсосот, ки таҷрибаи беихтиёронаро дар бар мегирад, паҳлӯи инфиродии корҳои маърифатию таълимӣ, таваҷҷуҳи гнесеологҳоро ба худ равона месозад ва ҳоло муҳиммияти дониши шахсиро нишон медиҳад ва маҳсулнокиву ташаккули муошират байни ашхоси гуногуну дарки зиёдтарро ба воситаи ҳар як мафҳуми мувофиқи ҳиссиёт, физиономияву фаҳмиши беихтиёрона ифода менамояд.

Ғайр аз вобаста будан ба касбияти фардӣ ва иҷтимоӣ зимни дида баромадани объекти мазкури андозагирӣ ба сифати яке аз авомили ТҒ арзиши намоёни гуманистӣ пешниҳод гардидааст ва ин арзишро Б. Морган, низ бевосита таъкид кардааст: *«мо бояд вазъияти инсонро ба андозае расонем, ки ба идеяҳои арзиш асос ёфтааст»* [294, с. 44].

Зимни омӯзиши мушкилиҳое, ки бо ҳар як принсипи таҳсилоти ашхоси калонсол алоқаманд аст, сапт мегардад, ки ТК бо ин ѐ он гурӯҳи синусоли вақти якхеларо намегирад ва он зимни ба роҳ мондани ТК бояд ба назар гирифта шавад.

Баъд аз омӯзиши ин проблема муҳақиқи шинохта М.Ш. Ноулз ибрози ақида намудааст, ки дурнамоии таълими ашхоси калонсол якхела нест: *«он аз нуқтаи назари таъхири истифодаи дониш бо дурнамои истифодаи мустақими онҳо тағйир меѐбад ва мутаносибан тамоюли тағйирот дар омӯзиш: аз рӯоварии фан ба вазифа»* [274, с. 104].

Пайдоиши тадриҷии зуҳуроти «*таълими ғайрирасмӣ*» бо афзоиш ва рушди тадриҷии дониш дар ин бора ба амал амадааст, ки батартибдарории онҳо аз назари ТҒ таркиб ѐфтааст. Вазоифи ТҒ-ро дида баромада, аҳамияти ТҒ-ро дар инкишофи паҳлӯҳои омӯзгории худомӯзӣ дуруст ҳисобида, бо дарназардошти паҳлӯи худомӯзии таълими ғайрирасмӣ муносибати эвтаризмро рушд медиҳад.

Таҳқиқи масъалаи мазкурро ба роҳ монда, А.С. Саргсян чунин меҳисобад: *«Евтикагия тамоми заминаҳои таълимиро фаро мегирад: аз расмӣ то иттилоотӣ»* [213, с. 112-113].

Мафҳуми эвтагогика (аз юн.euretikos – эвтистика, муайянкунӣ зиракию қобилияти, ошкорсозӣ) – омӯзишу бароҳмонӣ, ки мазмуни иҷрои ихтирову ошкорсозиро дошта метавонад. Ин самт чун омӯзиши мушкилиҳо дар мутобиқсозӣ шарҳи худро меѐбад. Аммо ин самт муқобили нақши ғалатҳо буда, ба амалигардонии фаъолияти навоварона нигаронида шудааст. Коромӯзон ба таҳлилу амалигардонӣ, дар заминаи донишҳои қаблӣ раванди омӯзиши эҷодкорӣ бо мақсади истифодаи усулҳои интерактивӣ ва инкишоф додани он, мавриди синтези хосса қарор мегирад [88,с.120].

Фарқияти миѐни эвтогогикаҳо ба сифати методҳои ҷараѐни таълимӣ, ки аз нуқтаи назори муҳаққиқ аз рӯ овардан ба ТР, дарс, дигаргуншавии ҷойи омӯзгорону рӯ овардан ба ТҒ ба тарафи талаботи муосир таркиб меѐбад. Рӯоварӣ ба худомӯзиимуттасил ва иттилоот дар таълими ғайрирасмии

муосир ба мутодҳои анъанави таълим вобатааст, зеро ТҒ методҳои эвтогогиву андрагогии муосирро дорад. Маҳз методикаи эвтагогиро барои ташаккул додани таълими ғайрирасмӣ тавсия додан мумкин аст.

**Ҷадвали 19. – Назарияи фалсафӣ – антропологияи муошират дар асоси баррасии ТҒ ҳамчун намуди фаъолияти коммуникатсионӣ**

| № | Асосҳои методологии назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ | Асосҳои феноменологӣ | Асосҳои назарияи праксиологӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Дастгоҳи консептуалӣ | Маводи воқеъӣ, ки ба зарурати таҳсили минбаъда ишора мекунад | Рафтори мушаххаси кормандони педагогӣ дар шароити нав |
| 2 | Муносибатҳои методологӣ | Эмпирикӣ, маводе, ки душвории ҳалли мушкилоти нави касбиро тасдиқ мекунад | Вазифаҳои нави амалӣ дар иҷро кардани фаъолияти касбии онҳо |
| 3 | Принсипҳо ва қонуниятҳо | Мушкилоти алоқа, консепсия, сохтор ва динамика | Диққатро ба натиҷаҳо, дар раванди истифодаи донишҳои нав равона кардан |
| 4 | Заминаҳои назариявӣ барои истифодаи усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои таҳсилот | Хусусият ва мундариҷаи фаъолияти касбӣ | Ниёзҳои мушаххаси амалӣ баҳри азхудкунии таҷрибаи педагогӣ барои иҷрои вазифаҳои «дигар» |

Ҳамзамон низомҳое мавриди омӯзиши қарор меёбанд, ки назарияву методика, феноменологияву праксиологияро амалӣ мегардонанд. Аз ин рӯ, методика аппарат (дастгоҳ)-и асбобҳои сершумор (методу методология, тартиботи таҳқиқот), феноменология маводҳои воқеию амалӣ, корбурди назария ва амалияи донишу маҳорат ва малакаҳо мебошад. Назарияҳои ТҒ аз нуқтаи назари мазкур дида баромада мешавад (нигаред ба ҷадвали 19).

Коркард намудани консепсияҳои назариёти таълими ғайрирасмии муосир тавассути омӯзиш ва муайян кардани вазифа ва принсипҳои ташкили ин навъи таълим пешниҳод карда мешавад. Вазоифи ТҒ дар заминаи муошираму ҳамкориҳо ба сифати яке аз ашколи корҳои иртиботӣ муаррифӣ

мегардад. Шарҳи вазоифи ТҒ, ки дар таҳқиқоти Н.Н. Букин [14, с. 153-154], С.Г. Вершловский [40, с. 4], Т.А. Ермакова [73, с. 40], А.Е. Марон [155, с. 55-56], Н.Н. Суртаев [148, с. 98-110], Г. Сухобская [231, с. 76-77] ва дигарон вомехӯрем, аҳаммияти амалӣ доранд.

Онҳо амсоли дигар муҳаққиқон нисбати мушкилоти мазкур муносибати хосса дорад. Чунончи, Ермаков Т.А. [73,с.39]. принсиксҳои ташкилкунии ТҒ-ро дида баромада, чунин ва вазоифро пешниҳод менамояд:

– омӯхтани бараъло барои ҳар як шахси калонсоли имрӯза, ки маҳорату малакаи заруриро дар соҳаи мушаххас ҳосил кардаанд;

– донишу маҳорати ғоявӣ дар наврасони ҳозира;

– соҳаи таълимию маърифатии шаҳрвандони кишвар, ки ба демократикунонии мамлакат нигаронида шудааст;

– чун яке аз васоити пурракунандаи донишҳои муосир дар раванди таълимиву тарбиявӣ;

– комилгардонии донишҳои назариявию амалӣ дар давраҳои мухталифи дарси муосир;

– расонидани таъсириалоқаманд дар муносибат ба ҷараёнҳои иҷтимоии муосир.

Дар пойгоҳи ғояҳои Н.Суртаев оид ба муҳтавои консепсияҳои ТҒ [150, с. 22-24] ва баррасии қиёсии навъҳои таълим чун ҷалбкунандаҳои доимӣ ба пажуҳиши педагогӣ принсипу бартариҳо, имконоту вазифаҳои ТҒ-ро ошкор сохтем. Ҳамаи он имконияте, ки ба вазоифи мухталиф нигаронида шудаанд, ба таври зайл баррасӣ мегарданд;

– мусоидаткунӣ ба рушди ҳар як ҳамкории иҷтимоӣ дар замони ҳозира;

– ба таври мусбат расонидани таъсир бо мақсади беҳгардонии вазъияти иҷтимоиву шаҳрвандӣ дар ҷомеаи муосир;

– боиси бобарор шудани миқдори сершумори иштирокчиѐни раванди таълим ҳангоми мутобиқгардонии таълими муштараки хурдсолону калонсолон ва барномаи кории таълимӣ;

– мусоидаткунӣ ба қаноатмандгардонии талаботи фардии ҳар як субъекти чораҷӯиҳои таълиму тарбия;

– мусоидатнамоӣ ба болоравии дараҷаи саводнокии субъектони калонсол дар чораҷӯиҳои таълими ғайрирасмӣ барои баланд бардоштани иқтидори таълимии МТ, корхонаҳову ташкилотҳо, таъсиррасонии мусбӣ ба инкишофи онҳо;

– илова кардани донишҳо, маҳоратҳову малакаҳо дар чорчӯбаи мотиватсиякунонӣ, бедор намудани шавқу ҳаваси муҳассилин, боло бурдани дараҷаи маданиву маърифатӣ, бадастории донишу маҳорат ва малакаҳои зарурии мутобиқ ба ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо дар ҷодаи муошират бо ашхоси гуногун бо мақсади ширкатварзӣ дар навҳои мухталифи фаъолияти аҳмияти иҷтимоидошта, ки бо маданияти иттиҳодиявӣ бевосита алоқаманд мебошад.




**Расми 20. – Амсила барои ТҒ ва ҷамъбасти вазифаҳо**

Дар иртибот ба ин, баъд аз ҷамъбасти ақидаи фавқулзикр бояд гуфт, китаълими ғайрирасмӣ вазоифи таълимию маърифатӣ, иҷтимоию маданӣ ва ғайраро ба сомон мерасонад.

Вазоифи ТҒ-и ҳайати омӯзгорон ба таври умум дар ҷадвали 20 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 20. – Вазифаҳои ТҒ дар низоми такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ**

| № | Номгӯи вазифаҳо | Мундариҷаи вазифаҳои номбаршуда |
|---|---|---|
| **1.** | Инструменталӣ | Механизми иҷтимоӣ-педагогии идоракунӣ ва интиқоли иттилооти муҳим барои субъект |
| **2.** | Иртиботӣ | Ҳамчун василаи муттаҳидкунандаи педагогҳо баромад мекунад (аз рӯйи манфиатҳои касбӣ) |
| **3.** | Хештангароӣ | Ҳамчун шакли ташкилии ҳамдигарфаҳмии ин субъектҳои дониш баромад мекунад |
| **4.** | Интиқолӣ | Интиқоли роҳҳои мушаххаси фаъолиятро намоиш медиҳад, интиқоли равандҳои идоракунии таҷрибаи иҷтимоию педагогиро таъмин менамояд |
| **5.** | Робитавӣ | Ташаккули фаҳмиши ягонаи падидаи азхудшавандаи инноватсионии педагогиро дар раванди муошират ва мубодилаи ақидаҳо таъмин мекунад |
| **6.** | Таълимӣ | Тадриси донишҳои педагогӣ, ки манфиатҳо, малакаҳо ва салоҳиятҳоро ифода мекунад |
| **7.** | Иҷтимоикунонӣ | Ташаккул ва рушди малакаҳои рафторӣ дар шароитҳои нави воқеияти касбӣ |
| **8.** | Назорати иҷтимоӣ | Танзими рафтор ва фаъолияти шароити нави воқеияти касбӣ дар шароити инноватсионии касбӣ |
| **9.** | Мувофиқати иҷтимоӣ | Танзими рафтори мутобиқ бо меъёрҳои умумиқабулшуда, ки дар ин ки дар ин ҷомеаи педагогӣ қабул шудааст |
| **10.** | Экспрессивӣ | Ҳамдигарфаҳмии таҷриба ва ҳолати эҳсосӣ ҳангоми азхудкунии донишҳои нави касбӣ дар сатҳи донишҳо ва фаъолият |
| **11.** | Ҷубронӣ | Пурра кардани донишҳои касбӣ, аз рӯи талабот дар лаҳзаи кунунӣ, ки қаблан бо сабабҳои гуногун аз худ карда нашудаанд |
| **12.** | Таълимӣ | Гирифтани донишҳои хусусияти касбидошта, ки ба иҷрои азнавкунии вазифаҳои касбӣ имкон медиҳанд |
| **13.** | Дастгиркунанда | Дастгирии сатҳи баланди касбӣ дар асоси фаъолияти коммуникатсионӣ имкон медиҳад, ки худ таҷрибаи худро бо таҷриба ва дастовардҳои дигарон муқоиса кард |
| **14.** | Рушдкунанда | Рушди салоҳиятҳои касбӣ дар соҳаи фаъолиятҳои касбӣ дар соҳаи фаъолияти педагогӣ |
| **15.** | Тарбиякунанда | Тарбия ва малакаҳои интиқоли малакаҳои иҷтимоӣ, ҳамкорӣ дар робита бо ҷомеаи тағйирёбанда |
| **16.** | Фарҳангзосӣ | Инкишофи маданияти муошират дар низоми ҳамкории ғайрирасмӣ, дарккунии «худ» дар фазои олами иҷтимоию фарҳангии тағйирёфта |

Ҳамин тариқ, дар бахши мазкур дар пойгоҳи назариѐти антропологиву фалсафии робита ТҒ баррасӣ гардид ва мо мафҳуми тиаҳқиқшудаи мазкурро ба сифати фаъолиятнокии иртиботӣ, ки дар муколама сурат мегирад, дида баромадем, ки дар муколама сурат мегирад, баррасӣ намоем. Инчунин, ҷузъҳои таълими ТҒ-ро ба сифати яке аз ашколи корҳои иртиботӣ муқаррар сохта, вазифаи чунин таълимро дар системаи такмилдиҳии тахассус зимни фаъолият бо омӯзгорон баррасӣ кардем.

### 4.3. Ҷанбаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ дар низоми рушди касбият

Баъд аз баррасии паҳлӯҳои мухталифи назарияяи инкишофи ТҒ ба бароҳмонии ҳар як равиши методологӣ бо муҳтавои консепсияи мазкур шуруъ намудем, вазоифи ТҒ-ро дар ҷодаи маорифи кишвар ва хориҷӣ мамлакат муқаррар сохтем. Аммо дар системаи такмилдиҳии тахассусӣ то ҳол таҳияи илмии ошкорсозандаи паҳлӯҳои дидактикӣ дар ТҒ дар таҷриба мавҷуд набуд. Инкишофи иҷтимоиву иқтисодии кишвар ҳар як амсилаи таълимӣ, таѐрии касбии муҳассилин дар такмилдиҳии тахассуси омӯзгорон ба талаботи муосир ба мақсадҳои таълимии МТМУ мувофиқ мебошанд ва ба баргаштани шахс дар оиномаи мухталиф ба раванди таълимӣ мусоидат менамояд. Е.Л. Фрумин чунин таъкид мекунад: *«Баҳри ба даст овардани дониш ва малакаҳои нав нақши калидиро на таҳсилоти расмӣ, балки таълими мутаносиб ва ғайрирасмӣ мебозад»* [241, с. 126-133].

Илова бар ин, таълими муттасилу доимӣ тавасути механизмҳои ахборотӣ ба сомон мерасад ва чун яке аз васоити худомӯзӣ мебошанд. ТҒ ба фаъолсозиичараѐни худаомӯзӣ ба сифати яке аз васоити самаранок мусоидат мекунад.

Таваҷҷухро дар бахши мазкур ба паҳлӯи дидактикию таълимии таълими ғайрирасмӣ бояд равона сохт, чунки дар ин маврид суоле матраҳ мегардад барои ташаккулдиҳии таълими ғайрирасмӣ чӣ гуна методу

технологияҳо ва ошкоро бояд корбурд намуд ва вижагиҳои махсуси таълимдиҳии ашхоси калонсолро дар системаи таълим аз мавқеи назариѐти антропологӣ ва фалсафии коммуникативӣ бояд ба ҳисоб гирифт.

Мо чунин мешуморем, ки донишу маҳоратҳои калонсолони ҳозира, хоссагиҳои хислату корҳои касбии педагогро бояд чунин коркард гардад:

– вуҷуд доштани амалияи ҳаѐту касб, донишу малакаву маҳоратҳо;

– имконияти ҷараѐни таълими «бор кардани маҷбурӣ»-и калонсолони ҳозира мебоист омӯхта шавад;

– омӯхтани танҳо ба худ чизи зарурбуда;

– дар ҷараѐни корҳои хеш меомӯзанд;

– дигаргуншавии синну соли физиологиву равонӣ.

Мувофиқи ин таҳқиқот калонсолони ҳозира он чизеро, ки шунидаанд, пас аз ду рӯз (50%) , пас аз як ҳафта (80%), пас аз як моҳ (90%) фарӯш мекунанд. Бинобар ин, зимни ташаккулдиҳии ҷараѐни таълимии ашхоси калонсол ба намуди ТҒ интихоби методу оиномаи таълимӣ лозим мебошад. Ин ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур ѐри мерасонад (Расми 21).

Муносибат ба омӯзиши ТҒ аз нуқтаи назари фаъолияти коммуникативӣ ва муносибати эмпирикӣ ва назаияи он, интихоби усулҳо, шаклҳо ва технологияҳо, таврибаи хонандагон, аз ҷумла, муошират ҳамчун консепсияи асосӣ интихоб шуда буд. Дар ТҒ ин замина, нақши асосӣ на ба муаллим, балки ба коромӯзон (кадрҳои педагогӣ) дода мешавад, ки ин ғояи асосии таълими мазкур мебошад.



**Расми 21. – диаграммаи ташкили таълими калонсолон ва фаромӯшхотирии онҳо**

Хусусияти дидактикии ТҒ дар он зоҳир мегардад, ки функсияҳои муаллимон барои кӯмак расонидан ба омӯзанда муайян шуда, онҳо дониши худро ба равияи омӯзандагон медиҳанд – таълим додани калонсолон дар лексияҳо ғайриимкон аст. Бинобар ин, мувофиқи принсипҳои дидактикӣ дар ТҒ бо роҳи ҷорисозии ҳар як технологияи босамару эҷодкоронаи омӯзиши калонсолон дар заминаи машқҳои амалие, ки дода шудаанд, масъалаҳои истеҳсолии муосир ҳаллу фасл мегарданд. Калонсолони ҳозира аз ин сабаб аз малакаҳое, ки ҷамъоварӣ намудаанд, бояд истифода баранд.

Ба роҳ мондани ТҒ, системаи интихобгардида, амсилаҳои роҳандозии таълимиро бо баҳисобгирии тамоми ҳолатҳое, ки дар фавқ ёдовар шудаанд, талабгор аст. Дар ТҒ низоме самараноктарин ҳисоб меёбад, ки мувофиқи он ҳолату ҳодисот, мушкилиҳову вазифаҳои лозимии омқзанда дар корҳои касбии педагогӣ татбиқи худро меёбанд. Ин низом ҳангоми ба роҳ мондани мукаламаҳо бо мақсади каммуникатсионӣ дар ҷои кри хеш ҳал мегардад.

ТҒ дар фасли аввали диссертатсия сун яке аз ашколи коммуникатсионӣ тавассути муоширaт дар сатҳи макроӣ-муомилаи таълимдиҳандагон бо диагр шахс чун яке аз шартҳои ҳаёти иҷтимоӣ; сатҳи мезони мавҷуда -созандаи робитаи инфиродии касбии педагогӣ байни ҳар як шахс -таълимдиҳандагон; микронимуосиркорбурди техналогияву шаклу усулҳои таълим дар асоси муносибатҳо дар таҷрибаи ҳаётӣ, фаҳмидани ҳамдигар аз тарафи ашхоси мухталиф (фаҳмидан ба воситаи рафтору кирдор ва тафсиру шарҳ бо корбурди метохои муайяни кори омӯзгорӣ) дида баромада шудааст. Аз тарафи омӯзгор дарк гардидани тағири шардиҳиву таъсиррасонии ҳамкасбонаш, муайян намудани ҷараёнҳо дар сохти ТҒ дар расми 22 ба шакли нақша пешниҳод карда шудааст.

Ба таълимии ғайрирасмӣ ҷорӣ кардани механизмҳои мазкур ба воситаи муносибати корӣ дар ашколи мухталиф, амсоли пешниҳодот, ақидаи

ахборот, дархости ахборотӣ, изҳороту амалиёт, технология, ки ба воситаи монолог, муколама, полилогия имкон дорад.




**Расми 22. – Амсилаи ҷанбаи дидактикӣ дар сохтори таълими ғайрирасмӣ**

Дар пойгоҳи чунин баррасӣ паҳлуҳои дидактикӣ дар таълимӣ ғайрирасмӣ ташаккул меёбад. Сохти ТҒ амали гардида, азнавсозии раванди таълимӣ ба воситаи ба қайд гирифтани вазъияти фаъолият татбиқи худро меёбад. Дар ҷараёни ҳар як чорабинӣ ҳамкориҳои таълимгирандагон паҳлуҳои зерини дидактикии ТҒ, амсоли фаъолияти омодагӣ муаянсозии маълумот ташаккули давраи интиқодӣ, машқ барои эҷодкорӣ, идора намудаи дар фосилаи дуру наздик, босамарии санҷишу назорат, давраҳои тағйирдиҳи, диди нав ва ғайраро дар бар мегирад.

**Ҷадвали 21. – Фаъолият тавассути коммуникатсияи монолог, муколама ва полилог**

| Микросатҳ | Макросатҳ | | Мезосатҳ |
|---|---|---|---|
| Шаклҳои таълим | Усулҳои таълим | | Технологияҳои педагогӣ |
| Ҳаммонанд кардан | Рефлексия | Стериотепкунонӣ | Иттилооти баръакс |

Муҳақиқ Г.А. Клюева вазифае, ки ба салоҳиятҳо равонааст, аз қабили масъалаҳое, ки тарроҳӣ мегарданд, ки аз баъзе салоҳиятнокии касбии педагогӣ аз ҷониби таълимдиҳанда ва ашхоси дигар таҳияи худро меёбад, аз

сохти намоиши ҳар як слайди зарурӣ таркиб мегардаду дар ТҒ пешниҳод мешавад. Ҳангоми коркард намудани вазифаҳое, ки ба салоҳиятиҳо нигаронида шудаанд, якчанд шароит мавриди баҳисобгирӣ бояд қарор ёбад:

– функсияҳое, ки ба иҷрои нақшҳое, ки хоссагиҳои иҷтимоиву касбӣ доранд, равонаанд;

– вазифае, ки ба касби педагогӣ равона карда шудааст;

– вазифаи ҳамрокунӣ ба тавсифоти ин ё он шарт дар фаъолияти корӣ ҷараёнгиранда [101, с. 29-30].

Ба андешаи Г.А. Клюева, сохти вазифаҳоро ба таври зайл тасниф кардан мумкин аст:

1) *ҳавасмандсозӣ* – вазъияти мушкилиҳол, робита бо амалиёти ҳавасмандсозанда ифодаи ин ё он нақш дар самтӣ, корӣ ва масъулияте, ки бо вазифа алоқаманд аст);

2) *сарчашмаи иттилоотӣ* – ҷамъи ҳуҷҷатҳо, ки барои бадастории муваффақиятҳо дар вазифа лозим мебошад;

3) *тавсияе, ки нигаронӣ ба нишондоди фаъолияти кориву натиҷа ҳисоб меёбад* (амалиёти касбии маъмул дар пойгоҳи салоҳиятнокииба монанди ҷамъбасти маълумот ва ё таҳияи слайдҳо тавассути рӯнамо);

4) *озмоиши ақлӣ бо истифодаи меъёр* – пайдарҳамии хуб фикркардашудаи пешниҳоди иқтибоси таҳияшуда [101, с. 31].

Дар таҳқиқот С.В. Корсаков омӯзишро оид ба технологияҳои таҳсилот пешниҳод мекунад [111, с. 39-40].

Зимни таҳқиқот навъҳои мухталифи фестивали омӯзгорӣ, семинарҳои кулоҳмуҳлати мувзуии муосир (васоитаи идора кардани арзёбӣ намудани сифатнокии таълим), семинарҳои махсус оид ба инноватсияҳои педагогӣ; ҳозираву гузашта ,ояндаву маърифати иттиҳодиявӣ-афсона, реалӣ мебошад, васоити мухталифи ҳар як технологияи муосири таълим ба сифати пойгоҳ барои ТИК дар заминаи таҷоруби касбӣ ва худташаккулдиҳӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шуда, натиҷаи онҳо ҷамъбаст гардиданд.

Дар дарсҳои ТҒ бо иштироки шунавандагоне, ки дар сатҳи мухталиф қарор доранд, ин ѐ он технологияи санҷишгардида таҳия мегардад:

– усули кейсӣ, бозӣ-тиҷорат, вебғквести технологӣ, омодагии қаринавию омқзишҳои рефлексивӣ, технологияҳои кушоди тренериву каузерӣ, таълимӣ технологӣ, баҳсҳо, идора намудан бо кқмаки ин ѐ он модул, таҳсилоти дуалии муосир, методҳои лоиҳавии таълим, азнавсозӣ,фокус-гуруҳо дар таълим.

Дарсҳои машқӣ бо истифодаи ҳар як техналогияи таълимии муосир, ҳуҷуми ақлонӣ, сармоягузорӣ ба бахши иҷтимоии мамлакат, омӯхтани мушкилиҳои хеле сабук татбиқѐбанда бо дарназардошти паҳлуҳои дидактикии ҳозира, ки рушддиҳандаи раванди таълимӣ ҳисоб меѐбад.

Дар асоси таҳқиқоти Н.Н. Суртаев [152, с. 60-61] якчанд технологияи таълимиро дар ҷараѐни бароҳмонии ТҒ маврида санҷиш қарор ѐфта, мухтасарам шарҳ додем (нигаред ба ҷадвали №22).

**Ҷадвали 22. – Истифодаи технологияҳои гуногун дар ҷараѐни ташкили таълими ғайрирасмӣ**

| № | Намуди технология | Мақсади асосии технология | Сохтори мундариҷавӣ-протсесуалии сохтори фаъолияти коммуникативӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Технологияи Квест | Мақсади ташаккули мадияти хонандагон ҳамчун сохтори фарҳанги умумӣ | Веб-квести омӯзишӣ (webquest) – мушкилӣ бо ҷузъи нақшӣ, ки барои захираҳои иттилоотии Интернет истифода мешаванд. Веб-квест – ин веб сайт дар шабаи ҷаҳонии Интернет мебошад, ки дар он педагогон ин ѐ он супориши омӯзиширо иҷро мекунанд. |
| | | | Чунин квестҳои шабакавӣ барои интегратсияи максималӣ таҳия гардидаанд. Хусусияти веб-квестҳои омӯзишӣ он қисм ѐ ҳамаи маълумот барои иҷроиши кори мустақилона ва ѐ гурӯҳи педагогон онро тавассути веб-сайтҳои гуногун истифода менамоянд |

Идомаи ҷадвали 22

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2. | Технологияи идоракунии муштарак | Мақсад: иҷтимоикунонӣ ба воситаи гуногунии шаклҳои фаъолият, рушди масъулият, тарбияи малакаҳои муошират бо шарикон ва ҳамкорон | Технология дар назар дорад: васеъкунии фаъолияти педагогӣ бо роҳи ташаккули ҷамоаҳои педагогон, хонандагон ва падару модари онҳо; муайян кардани соҳаи идоракунии муштарак, ки ба иҷтимоикунонии шахсӣ мусоидат мекунад; ташкили гурӯҳи ташаббускорони педагогон |
| 3. | Технологияи таълимӣ бо рамз ифода кардан | Мақсад: омӯхтани қобилияти коркарди иттилоот | Марҳилаи табдил додани матн бо забони расмзӣ метавонад ба воситаи василаҳои моддӣ ва графикӣ-ҷадвалӣ иҷро шавад. Забони рамзӣ худ ба худ лозим нест, вале барои гирифтани маълумоти нав, дар раванди гузаронидани талаботи зерин ба инобат гирифта мешавад: абстракт будан, муъҷазбаён, хулосакунӣ ва якхелакунӣ, интихоби ҷузҳое, ки маънои асосиро дар худ доранд |
| 4. | Технологияи таҳсилоти амсиласозӣ | Мақсад: рушди маҳорати амсиласозӣ | Абстракт будан. Муъҷаз ҷамъбаст кардан ва якхелакунӣ. Монандкунии мушаххаси унсурҳо, ки мазмуни асосиро дар худ дорад. Мисол, сохтани амсилаҳо, кор бо амсилаҳо ва ғайра. Кор бо амсила метавонад бо ду роҳ гузаронида мешавад: а) анҷоми нақша; б) дигаргуншавии нақша. Муқоисакунии натиҷаҳо, ки бо амсилаи воқеият ба даст омаданд (яъне бо матнҳо). |
| 5. | Технологияи таҳсилот ва мушкилоти он | Мақсад: рушди эҷодкорӣ ҳангоми ҳалли мушкилиҳои номаълум ба амал меояд | Ошкоркунии мушкилиҳо, гузоштани масъалаҳо ва ҷустуҷӯи онҳо |

Идомаи ҷадвали 22

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6. | Технологияи арзёбии воқеъии донишҳои хонандагон | Мақсад: такмили қобилияти номоишдиҳӣ ва додани баҳои воқеӣ ба хонандагон | Технологияи баҳодиҳии воқеъӣ дар ду дастурамал асос ёфтааст: - масъалаҳои идоракунии ба омӯзандагон пешниҳодшуда дуруст ифода карда шудааст; - ҳангоми баҳодиҳии посуххо меъёрҳое истифода мешаванд, ки барои педагог ва хонанда яксон фаҳмо мебошанд. Тавсияи вазифа аз мавқеи дурусти иттилооти мантиқӣ, ки он барои муайян кардан, ки мо чиро мехоҳем дар посухи хоанда шунавем. Яъне, тавсия кардани ҷавоби дуруст; мо саволро тавсия мекунем, ки ба ҷавоби дуруст асос ёфтааст. Савол як қисми ҷавоб мебошад, бинобар ин, саволи дуруст сохташуда, адатан ду қисми семантикиро дарбар мегирад: муайян (оне, ки дар савол мавҷуд аст ва метавонад дар ҷавоб вуҷуд дошта бошад) ва номуйян (оне, ки дар савол пурсида мешавад ва бояд ҷавоб дода шавад) |
| 7. | Технологияи ташаккули маҳорати муқоиса кардани ашёҳо ва мафҳумҳо | Мақсад: инкишофи маҳоратҳои ҳаматарафа (муқоиса) | Гузаронидани дарси назариявӣ дар бораи асосҳои маданияти мантиқӣ, ки ҷанбаҳои зеринро инъикос мекунад: тавсифи хусусияти субъект, мафҳум; вобастагии муҳиммияти аломат аз матн. |
| 8. | | | Аҳамияти амалиёти муқоиса: интихоби меъёр барои муқоиса кардани ашёҳои ҳамарӯза ва консепсияҳо дар асоси кор бо гурӯҳи мафҳумҳо; бо муйянкунӣ; бо ҷадвал; бо нақша ва тартиби муқоиса |
| 9. | Технологияи ҷудо кардани аломатҳои асосии ашё, падида ва мафҳумҳо | Мақсад: дар хонандагон инкишоф додани маданияти мантиқӣ дар соҳаи ташаккули маҳорати ҷудо кардани аломатҳои асосии ашё, падида ва мафҳумҳо | Дарси назариявиро дар бораи асосҳои маданияти тафаккур, ки ҷанбаҳои зеринро инъикос мекунанд: - ҳаммонанд кардани аломатҳо, интихоби зиёди ин аломатҳо, интихоби ин хосиятҳои фаръӣ, тавсеаи хулоса дар асоси тавсияҳои асосӣ |

Идомаи ҷадвали 22

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10. | Технологияи идоракунии низоъҳо | Мақсад: таълими ҳалли босамари низоъҳо | Амалҳо – диққатро ба низоъ ҷалб кардан – пешгирӣ, ақибнишинӣ, парвоз-стратегия – ғолиб – неру, стратегия «ғолиб-ноком» - ҳалли оқилонаи низоъҳо – созиш – таҳлили низои дохилӣ – ҷудокунии воқеъии фазхо |
| 11. | Технологияи контроллинг | Мақсад: инкишофи малакаҳои идоракунӣ, мусоидат ба роҳбарии самаранок, танзикунӣ, идоракунӣ, назорати дуру дарози оянда | Назорат – ин низоми дохилиширкатии таъмини комплексии иттилоотӣ, банақшагирӣ ва назорат мебошад. контроллинг – ин низоми идоракунии якҷояи ташкилот, ки ба мутобиқ кардани ҳамкории низоми идоракунӣ ва назорат аз болои самараноки онҳо равона шудааст. |
| 12. | Технологияи инкременталӣ | Мақсад: инкишофи маҳорати коллективии қабули қарорҳо дар ҳалли мушкилот | Инкрементализм моҳият дар он аст, ки сарвар ҳалли мушкилотро танҳо дар истилоҳоти умумӣ тавсия карда, ҳадафи ниҳоии кӯшишҳо ва баъзе марҳилаҳои мобайнии онро муайян мекунад. Назорат таъминкунандаи асосии иттилоъ барои идоракунии корхона мебошад. назорат, яке аз вазифаҳои идоракуние мебошад, ки бо ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоъ барои баланд бардоштани самаранокии кори корхона алоқаманд аст, то ин ки кори дарозмуддати корхона ва воҳидҳои сохтории он таъмин карда шавад |
| 13. | | | Забони рамзӣ худ ба худ лозим нест, балки барои дастрас кардани иттилооти нав зарур аст, дар раванди интиқол талаботи зерин ба инобат гирифта мешаванд: абтракт будан, кӯтоҳсунӣ, ҷамъбасткунӣ, ба дигар шаклдорорӣ, интихоби аниқи ҷузъҳо, ки маънои асосиро доранд |
| 14. | | | Имконияти васеъро барои танзими интихоби усулҳо, василаҳои роҳҳо ва муносибатҳои маҳдуди ноил шудан ба ҳадафҳоро мекушояд. Ҳамчунин, ислоҳи самтҳои истифодаи кӯшишҳоро дар назар дошта, ба худ имкони кофии ислоҳдарории амиқро дар роҳ ба ин ҳадаф вогузор мекунад. |

Идомаи ҷадвали 22

| | | | |
|---|---|---|---|
| 15. | Технологияи «плейбек - театр » | Мақсад: инкишофи маҳоратҳои иҷтимоӣ | Технологияҳои иҷтимоӣ – маърифатӣ, ки аз ҷониби модератор дар асоси таҳлили таърихии воқеъӣ ҳамроҳ бо мавзуҳое, ки муҳокима мешаванд, (мушкилоти монанд) сохта шудаанд |

Вижагиҳои тамоми технологияҳои мазкур чун асосу иҷрои корҳои мустақилонаи муҳҳасилин, монологу муколамаву гузариши онҳо ба бисѐрзабонӣ, ба тамоми навъҳои муоширату муомилот чун заминаи инъикоскунандаи ТҒ ва яке аз ашколи иртиботӣ ифода меѐбад.

Зимни корбурди метҳои мазкур таълимдиҳандагон, яне омӯзгорон, проффесорону роҳбарони соҳаи маориф аз механизмҳои ҳаммонадкуниву иникосу алоқаи мутақобили одатҳои гуногун бо баҳисобгирии дидактика дар ТҒ ҷонибдорӣ мекунанд. Ҳар як техналогияи педагогии касбӣ дар пойгоҳи ТҒ-и дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи кӯлоби вилояти Хатлон гузаронидашуда дар интиҳои бахши мазкур пешкаш гардидааст.

ТТ-ро дар ҳар як курсе, ки роҳандозӣ карда будем бо роҳбарияти муассисаҳои таълимии кишвар баррасӣ намудем. Технологияи таълим зимни муаянсозии мушкилиҳо ва роҳу воситаҳои ҳаллу фасли онҳо, корбурди навъҳои иртибот аҳмияти калонро касб менамоянд:

- гумроҳшавӣ;
- ошкорсозии ҳар як сабаби хатоҳо;
- дарѐфту роҳу воситаҳои тасҳеҳи интихобии хатоҳо;
- бартарафсозии мустақилонаи хатоҳо ва ѐкӯшиш ба харҷ додан дарислоҳкунии хатоҳо;
- қобилият дар иникос намудан;
- бароҳмонии худбаҳодиҳӣ ва ташкил намудани назорати миахсуси имкониятҳои хеш;
- воқифият аз камбудиҳо дар заминаи фаҳмидани натоиҷи реалии ҳосилшуда. Дар чунин маврид ҷадвалҳои рейтингии хатоии натоич бо

ҷадвалҳои баҳодиҳии серченак бо баҳисобгирии дараҷаи рушди таълимгиранда шахсияти вай бояд иваз гардад;

- инъикоси сатҳи рушди таълимгиранда дар ҷадвали баҳодиҳии шахсии вай;
- ба воситаи таҷрибаи манфию хатоҳо мавҷуд будани аносири таълим;
- дар таълими дурусту таълими нодуруст инкор намудани ихтилофоти мавҷуда.

Технологияи таълим дар раванди ТҒ аз рӯи мушкилотҳо, ки он баҳри дарёфти малакаҳо ва нишон додани мушкилот нигаронида шудааст, муайян карда мешавад. Мушкилиҳо имконотро аз назар дур месозад. Баъд аз рушди дарки ҷараёнҳо шахсият корҳои зеринро ба сомон мерасонад; а) дар таҷрибаи шахсият бо мушкилот дучор гардида, ҳар як сабаби онҳоро муайяан месозад; чунки ӯ мушкилотро дарк ва барои дарёфти ҳалли он кӯшиш ба харҷ миедиҳад; б) таълимгиранда падидаву ва мушкилиҳои бавуқуъомадаро эҳсосу аз ҳамдигар фарқ мекунан.

Ба андешаи соҳибкорон, дар ҳолати вуҷуд доштани ҷавобу ҳам мушкилотҳои чуқур хатоҳои фоҷиабор ба вуҷуд меоянд. Азбаски мушкилотҳо дар умум мавҷуд нестанд, онҳо доимо субъективӣ мебошанд ва онҳо чунпадидаву ҷараёнҳои воқеӣ танҳо изтироб, дарду ноумеди шахсиятро ифода менамояд.

Дар таълими ғайрирасмии барои таълимгиранда ивазкунии самтҳо барои аз худ намудани донишҳо, ҳар, як ҷавоби дурусту мавҷудаи таълимӣ вазифаи хеле муҳим мебошад. Бо онҳо масоили зерин дохиланд; барои ифодакунии ғояҳои асосӣ дуруст гузоштани суолҳо зеро, ҳалли масъалаҳо бо сифати баланд ба дуруст гузоштани савол вобастааст, ТТ, ки донишу маҳорат, малакаҳои беҳтар гузоштани саволи босифатро рушд медиҳад.

Ҷанбаи дидактикии педагогӣ дар ин технологияҳо хоссагиҳои хешро дошта, аз таҳияи низоми баҳодиҳӣ ба муваффақияти омқзандагонро дар бар иегирад, аз мамлакатҳои корбарӣ ё он савол таркит меёбад: мо ба таҳқиқи

саволҳо, аз ҷумла чаро? Чӣ? Чӣ тавр гузоштем. Дар ин ҳолат намудҳои ҳалли мушкилотҳои техналогии муосир тавлид меёбанд; хоссагиҳои дидактикии ҳозира дар мушкилиҳои оллӣ (медонам, ки намедонам; чӣ кор кунам, то ки донам), мушкилоти хусусияти иттилоотидошта (зарурат ба омӯзиши мавҷуд аст), зеро фаҳмидан лозим аст, ки кай дар кори педагогии худ онҳоро бояд корбурд кард.

Технологияи *«аз ҳама ҷолиб»*, ки бевосита дар ҷараёни татбиқи он ба омӯзандагон матн пешниҳод карда мешавад, баъдан таълимгирандагон саволгузорӣ мекунанд ва ин саволҳо бояд зиёд бошанд. Таснифи саволҳо ба тариқи зайл сурат гирифта метавонанд:

1) саволҳои фарққунанда ки навъҳои зеринро дорост; суолу мафҳумҳои дар дараҷаи хеле паст қарор дошта;, амсоли Ин кист?, Ин чист? Ин чигуна аст?, суолҳои мулоҳизавию хулосавӣ, аз қабили чаро? Суолҳои таҳаввули, яъне Чаро? , чи гуна тағиротро бояд интизор шуду он чӣ оқибатҳоро дошта метавонад? Чишуда метавонад?;

2) Саволҳои ба муайянсозии аввалини хусусияти миқдори дошта равонаанд; киӣ пурсид?, чӣ миқдор пурсид? Ва ғайра саволҳое, ки ба сифати оҳиста оҳиста ҳамроҳ мегарданд.

3) суолҳои интихобие, ки ҷавобошон ба ман маълум нест, аммо бо онҳо кор карданро ба нақша гирифтаам, то ки савияи саводнокиамро афзун гардонам.

4) бавуҷудоии мушкилотҳо: руйдиҳии мушкилотҳо дар пойгоҳи таҳлилнамоии ҷавобҳои ёфташуда сурат мегираду ба муайянсозии мушкилоти омӯзиши реалӣ равона шуда ба ҳал намудани ҷараёни зиндагӣ вобастааст. Зимни дар ҷараёни ташкилкунии ТҒ амалигардонии технологияиҳои мазкур механизҳои дидактикии таълим аз қабили шиносоӣ, инъикоскунӣ, одаткунинӣ ва ҳ.к. зарур мебошад.

Методи таҳқиқоти мавзуӣ методи дигари дар дараҷаҳои мухталифи таҳсилот маъмуле мебошад, ки дар ТР ва ТҒ мавриди истифода қарор дорад,

ки мухтасар моҳияти онро дида мебароем. Дар забони лотинӣ истилоҳи *«ҳодиса»* маънои одамро гумроҳ кардан бо ҳодисаи ғайриодиро дорад. Дар забони англисӣ S1/Case – ҷомадон ѐ сандуқ. Дар сифатии ҷамъи ҳолату вазоифи таълимӣ, инкишофи салоҳиятнокӣ, малакаву махоратҳои дар ибтидои қарни бавуҷудомада дар таҳсилотти муосир паҳн гардидааст.

Технологияи мазкур дар Иѐлоти Муттаҳидаи Амрико низ ба сифати методи таҳқиқоти мавзуӣ, таърихию тиҷоратӣ, методи омӯхтани ин ѐ он ҳолати мушаххас дарк мегардад. Вижагиҳои муҳими технологияи мазкур, ки дар гузаштаи дуру наздик мавҷуд буданд, ҳадафи пешгирикунанда доранд. Ҳамвчунин, пешкаш карда карда шуд, ки субъектони таълим дар якчанд гурӯҳ ҷамъ шуда, аз рӯи вазъияти байни гурӯҳҳои хурд натиҷаҳои пешниҳодгардида мавриди қиѐсу хулосабарорӣ қарор медиҳанд.

Ба навъҳои таҳқики мавзуӣ якмаъноӣ хос нест, аммо дар амалияи раванди таълим якчанд навъи онҳоро муқаррар сохтем, ки чунинанд:

✓ методи таҳқиқоти мавзуи муосир;

✓ тахқиқоти мавзуӣ, ки ҷараѐни таълимиро фаъол мекунанд ва дар он таҳқиқоти мавзуъ усулҳоеро дохил мекунанд, ки дар раванди ҷараѐни таълим нақши фаъол дорад.

Дар ибтидои қарни XX методи таҳлили ҳолатҳои мушаххас ба вуҷуд омадааст. Методи мазкур дар Иѐлоти Муттаҳидаи Амрико (Мактаби тиҷоратии Донишгоҳи Ҳорвард) дар доираи илми андрагогика корбурд мегардад. Ҳолатҳои мушаххас донишу малака ва маҳоратҳои салоҳиятнокиро рушд медиҳад.Чунончи, инкишофи малака барои қиѐскунӣ; аз 10 то 14 ҳолат ба сомон расонидаву воқеа кушода шудааст, дар дилхоҳ вақт ивазу такмил ѐфтани он мавҷуд аст. Ҳолатҳои мушаххаси мазкур мавриди муҳокимаронӣ қарор ѐфта метавонанд.




**Расми 23. – Амсилаи дохилкунии усулҳо ва таҳлилҳо**

Раванди семарҳилавии кориро аз рӯи парванда чунин муайян кардан мумкин аст: Қадами 1: дорухат таҳияи ғояи оянда аст. Қадами 2: Сиёҳнавис даст кашидан аз таҳрири нусхаи якуми матн. Дуркунии тарс ва ҳарос аз худ зимни тартибдиҳии нутқи дуруст дарёфт намудани калимаву ибораи лозимӣ, дар чунин ҳолат ҳосилгузории ҷой зарур мебошад, зимни дарётнакардани ҳаммаънои вожа ба навиштанн оҳоз кунед.

Тавре менамояд, ки ҷумла оҳанги вазнинро надорад, пас онро ҳамон тавр монед ва коркунӣ аз рӯи онро тасвир намояд. Дар ин ҳолат қулаӣ будани он зарур аст.

Омӯзгорон дар ҷараёни ТҒ ҳодисоти мушаххаси сершуморро коркард менамояд ва дар ҷараёни фаъолияти педагогӣ корбурд месозад. Технологияҳои мазкур ташкилдиҳии таълимӣ ғайрирасӣ дар қиёс бо методҳои анъанавӣ бартарии калонро доро мебошанд. Онҳо, ба андешаи мо чунинанд:

аз назари ахбороти онҳо васеътар, мундариҷаи навовариҳо назаррасаст ва дар чунин маврид имконияти шиносшавӣ бо навгониҳо дар кори ҳаррӯзаи педагогии худ ҳосил менамоед;

– татбиқиин ѐ он инноватсия ба баррасии раванди мустақими он имкониятро ба даст меоред;

– омӯзанда метавонад мустақиман ба ҳар як муаллифи ин ѐ он ғояи педагогии муосир маволҳо пешкаш кунад;

– таълимгиранда шиносонро ба воситаи ҳар як ғояи навгониҳо ба намуди технологияи омӯзгорӣ ширкатварзӣ дар ин ѐ он фестивал бо муаррифии технологияиҳои мухталиф ба роҳ мебонад. навгониҳои омӯзгоронро дар фаъолияти таълимии худ месанҷаду корбурд менамояд;

– ба шунидани ақидаҳои ҳамкасбон дар бораи ғояҳои омӯзгории пешниҳодшаванда ва ба қиѐс кардани онҳо имкон пайдо мекунад.

Воситаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ, технологияеро дар бар мегиранд, бинобар вуҷуд доштани алоқаи ТҒ ва ТР дар навъҳои мухталиф татбиқи худро меѐбад. Методҳои таълимиву тарбиявӣ дар ТҒ ба теъдоди калон корбурд мегардад. Ба дарки танқидии ахборот, масъулияти фардии ҳамаи иштирокчиѐни чораѐни таълиму тарбия ва ба ин ѐ он қароре, ки қабул карда мешавад, ТҒ мусоидат менамояд. Таълиму тарбияи ба шахсият нигаронидашуда ӯро барои маҳсулнокии фаъолияти педагогии худ масъулнок месозад. Дар чунин маврид ҳар як сифату арзишҳои мусбат, садоқат тарбия карда мешавад.

Инсони маълумотдор дар ТҒ соҳиби донишу маҳорату малакаҳо мегардад ва ҳам дорандаи идеали шахсӣ барои оянда мешавад. Дар рафти кори диссертатсионӣ дар ТҒ мо як қатор методу усулҳои таълимиро корбурд намудем:

а) методу усулҳои таълимии аз ҷойи кор берун;

б) методу усулҳои таълими дар ҷойи кор;

в) методу усулҳои омехтаи таълимӣ (ҳам берун аз ҷойи кор ва ҳам дар ҷойи кор).

Методҳои омӯзиши берун аз ҷойи корӣ дар ҳар як курси ба низомдаровардашудаи таълими номуттатсия корбурд мегардад. Ин методу усулҳо дар таҳсилоти расмиву ғайрирасмӣ татбиқи худро меёбанд.

Дар таҳсилоти ғайрирасмии муосир методу усулҳои омӯзишии аз ҷои кор берун, яъне маърӯзаҳо, баҳсу суҳбатҳо, семинарҳои модератсионӣ, супоришот ва кор дар гӯҳоои хурд, корҳои гурӯҳӣ барои таҳияи лоиҳаҳои мухталиф, таълими фосилавии наздику дур, омодагии берун аз омӯзиши, семинарҳои омӯзишии интерактивии муосир корбурд мегарданд.

Методҳои мазкур аз ин ё он барномаи инкишофи шахсӣ, барномаи қонеъгардонии эҳтиёҷоти инфродӣ дар ҷараёни таълими муосир таркиб меёбанд.

Системаи ТҒ аз озодии педагогии сершумор вақти афкор, системаи комуникатсионӣ, вижагиҳои синусолӣ таркиб меёбаду аз методҳо мубоҳиссавию ахборотӣ истифода мебаранд. Таълими берун аз ҷойи кориро ҳар як корманду андрагог ва ҳамкор мегузаронад. Барои самаранок ба роҳ мондани истифодаи усулҳои таълим дар ҷои кор ё берун аз он мутахассисони муассисаҳои берунаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ё касбӣ, шахсони алоҳида, ҳар як мушовири соҳаи маориф, маърӯзачии даъватгардида, муҳаққиқон ҷалб мегарданд. МТ бештар ба ин ё он шахс барои ба роҳ мондани тадрис доираи мушкилиҳои мухталиф рӯ меоранд. Дар ин ҷода, ба андешаи мо, системаи ТҒ нақши бориз дорад.

Зимни ҷойи корро дурустар интихоб кардани омқзандаигон тавсияу назорат, дастур ва пешниҳодоти соҳибихтисосони пуртаҷриба мавриди истифолаи хосса қарор гиранд.

Ба методу усулҳои омқзиши онҳое мансубанд, ки ҳамаррӯза ба сифати компанентии нақшаи махсуси омодасохташудаи таълимӣ истифода карда мешаванд. Онҳо фарогирандаи намоишу ҷобаҷо гузоштани мутахассисон, таҷрибаи бонизому ашколи гуногуни рушди ҳаматарафаи шахсият мебошанд.

Дар ТҒ методҳои мазкурро чун яке аз васоити хосе барои омӯзиш, азхуднамоӣ, такмилдиҳии донишҳо, рушди салоҳиятнокӣ бояд корбурд намуд.

Дар ҷойи корӣ таълим аз тарафи мушовирони соҳаи маориф, педагогҳо навоварону дигарон ба роҳ монда мешавад. Ашхоси дар омӯзиши мутахассисони варзида ширкатварзидаи дорои муваффақиятҳо мебошад. Методу усулҳои омӯзиш (таълим) дар ҷои кор аз тайёркунии омӯзандагон, назораткунӣ аз рӯи иттилоот, пешкаш гардонидани таҷоруби педагогҳои беҳтарин ва ҳоказо иборатанд.

Методу усулҳои омӯзиш (таълим)-и омехтаи муосир (берун аз ҷойи кор ва дар ҷойи кор) гузоштани саволу дархосту посух ба суолҳо, мушоҳидоти касбии педагогӣ, дастуру методу усулҳои фаъоли таълим, супоришоти хосса бо мақсади самаранок иҷро намудани корҳои мустақилонаи таълимгирандагон таълифи ин ё он лоиҳа, омӯзишу корбурди камплотер, тренинг, табодули афкори фаъоли миллӣ, видео, лоиҳаи мултимедиродар бар мегирад. Илова бар ин дар ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ онҳо озмуда шуда, мавриди дастгирӣ қарор доранд.

Грӯҳи якуму гурӯҳи дуюми методҳои ғайрирасмиро тренинги иттиҳодиявии Тим Буйлдинг, чорабинии иттиҳодиявӣ, воқеоти Тим Систем ташкил медиҳад.

Бо мақсади ташкил кардани фаъолятиякҷоя ва ё гурӯҳҳои корӣ тренинги иттиҳодиявии Тим Буйлдинг қаблан муқаррар мешаванд ва барои ситсемаи вазаиф бо мақсади сохтани амсилаи якҷоя пешкаш мегарданд. Онҳо ҳам дар ТҒ ва ҳам рушд меёбанд.

Чорабинии иттиҳодиявӣ методе мебошад, ки давраи ташаккулу инкишофро дар бар мегирад. Хусусан ба таҳияи ин ё он бозии таълимию маърифатӣ интиқол мегардад.

Воқеоти Тим системаи методҳое, ҳисоб меёбанд, ки оғози ТҒ-и маърифативу таълимии ҳозира, амсоли тамошои ин ё он намоишномаи театрӣ, чорабиниҳои маърифатии фарҳангӣ, кофе-брейкҳо, конференсияҳои

назариявию амалии илмӣ чун навъи мулоҳизаронӣ барои манфиатҳо, инкишоф додани маданияти иттиҳодиявии омӯзандагон мебошад. Корбурди методи мазкур эътимодияти коргаронро мустаҳкам менамояяд, ба болоравии муоширати босамар миёни ҳар як шуъбаи муассисаи таълимӣ ва иштирокчиён мусоидат мекунад, ба нигоҳдории муносибати рафиқона ёрӣ медиҳад. Илова бар ин, сатҳи ихтилофоту мунокишаҳо дар гурӯҳҳоро паст мекунад, дар ҳаллу фасли масоили сершумори ниҳоди иҷтимоиву ташкилотҳо ёрӣ медиҳад.

Ҷ. Келли методи матниву репертуарии сохтори нақшаҳову шабакаи репертуариро коркард намуда аст. Пайдарпайӣ ҷараёнгирии амалиёт ба таври зайл мебошад: дараҷаи мушкилоту нуқтаи ибтидоии таҳқиқотҳои мухталлиф, омӯхтани муҳтавои ТҒ муқаррар карда мешавад. Илова бар ин, дар давраи мазкур дараҷаи мушкилот тавассути матнҳомуайян мегардад. Зимни дида баромадани принсипи бинарии муосир қаринаи таълимӣ дар муодилаи тавсиягардидаи методи шабакавию репертуарии муосир пешкаш мегардад. Мушкилот аз тарафи таълимӣ ғайрирасмӣ ба воситаи омӯзишу нақшаи таълимӣ дида баромада мешавад.

Хуллас, зимни диққатдиҳӣба масоили такмилдиҳии таълимӣ дар ТҒ ҳам нақши омӯзгору ҳам нақши тавсиядиҳанда ба муҳокимаи зарурӣ пешкаш мегардад.

Зимни тавсифдиҳии қарина ҳаракати объектро ба синтез ба роҳ монда, феҳристи нақшаҳои додашуда ба объектҳоро бояд пурра сохт. Амали мазкур дар ҳолате муфид мегардад, вақте, ки гурӯҳҳо таҷрибаи кории умумиро доро буда, дар муқоисакунии онҳо ва мураттабсозии лоиҳаи муҳим дар соҳаи маориф қобилият зоҳир намояд.

Паҳлӯи дигари қаринаи мазкур системаи конструксиявӣ мебошад. Конструксия барои тавсиф додани тафовут дар ин ё он объект корбурд мегардад. Низоми муайяне мавҷуд нест, ки зимни муоҳкимаронӣ намоиши гардад: ҳар як узви гурӯҳҳо бо қиёси зидияту душвориҳо қаноатманд шуда метавонанд: оё вазъияти объектҳо аҳамият дора? Зимни мавҷудияти низом

низ дар бештари мавридҳо низомро дар ҷараѐни муоширату муомилаа юояд бунѐд сохт. Дар давраи мазкур робитаҳову малакаҳои кории мушаххас ба вуҷуд меоянд. Зимни бо ҳолатҳои мазкур дучор гардидани таълимгиранда дар ояндаи дур ѐ наздик онҳо бояд ҳал карда шванд. Дар аксари мавридҳо дар методи репертуарӣ барои муайянсозии вижагиҳои муайянсозандаи фарқият объектҳои бо ҳам мушобеҳ корбурд мегарданд. Ба андешаи Ҷ. Келли сохтори мазкур дар фикррониии шахсият рушд мегардад. Методҳои мазкур методи ҳадди аққали қаринавӣ ном дорад. Корбурди методи бадастории системаи конструксия масоили осон будани қайди он барои пажуҳишгарон, сатҳи мушкилот, вижагиҳо ва роҳу воситаҳои рушди таълимгирандаро дар бар мегирад.

Дар давраи ташаккулдиҳии системаи нақшаву имкониятҳо ислоҳи тавсияҳо зимни дида баромадани мушкилиҳои пайдошаванда аз тарафи инструкторон мақсаднок ҳисоб меѐбад, чунки зимни такроршавии онҳо ҷавоб ва дарк ҳосил мегардад. Мо бо тартиботи воқеии дар таҷриба корбурднамудаи гурӯҳи мазкурро шояд ба кор нагирем.

Тартиботи корнаоянда баъди таҳлилкунии авомил ба омили сабуктар табдил меѐбад, ба шарте, ки арзѐбии фардии таълимгирандагон ба роҳ монда шаавад, дар ин сурат сохтани ҳақиқии гурӯҳҳо аксуламали ҳайратангезро ба вуҷуд намеорад, ки ин барои ҳама маълум аст ва он мушаххасотро талаб намекунанд. Аломати ҳаққонияти тарроҳ, ин намуди зоҳирии он ҳангоми муҳокимаи объектҳои муҳим ҳисоб меѐбад ва ба он дар давраи дуввумӣ гурӯҳҳои объектҳои додашуда баҳо дода мешавад дар доираи нақшавӣ бо сохтори муайянкунанда иваз мегардад.

Баъд аз ба охир расонидани таҳлилкунии авомили матритсаи баҳодиҳӣ муқаррар менамоем, ки шуури гурӯҳиро чӣ ташкил медиҳад. Технологияи тренерӣ дар кишвар ин технологияҳои самту инкишоф мебошад. Он методӣ фардии таъминӣ ҳисоб меѐбад, ки бо мақсади тавсиядиҳии донишҳо, инкишофи малакаву маҳоратҳо, ташаккул додани

муносибатҳо бо педагогҳо коркард гардидааст. Намуди мазкури кумакрасонӣ ба субъектон ба дарки он чизе, ки хуб ѐ бад кор мекунанд, дар ҷараѐни таълими ғайрирасмӣ ба омӯзиши чӣ бояд камар банданд фаро гирифта метавонад. Тренерӣ дар кишвари мо ба тайѐр кардани шунавандагон дахолат мекунад, ки ба таври кофӣ дақиқ ҳисоб намеѐбадва он ба тарзи зайл дида баромада шавад:

– роҳбарикунӣ ба ҳайати ваколатдорон;

– корбурди ин ѐ он ҳолати пайдошуда ба сифати имконот бо мақсади таъминсозии ҷараѐни таълимӣ;

– иҷро кардани вазоифи муайяншуда, аммо на чун дастур доир ба чи гунаву чӣ кор кардан, балки дар заминаи мусоидаткунӣ ба фану ҷараѐни таълимӣ;

– методи ҷойивазкунии кадрҳо ба воситаи гузариши муҳассилин аз як синфи муайян ба дигар синф ѐри медиҳад. Он аз иҷроиши навъҳои мухталифи корӣ, нақшаи вазъияти педагогии муасир дар системаи тағйири ғайрирасмӣ ба дигаре гузашта метавонад. Методи мазкури ҳосилкунании донишгоҳ, малакаву маҳоратҳо иловатан бе банақшагириву идора намудани дақиқатан таъсирнок нест. Методи мазкурро методҳои таълимии дар ҷойи корӣ ва методҳои таълимӣ берун аз ҷойи корӣ меноманд.

Тренер фикрронии муҳассилинро ба дарки муҳиммияти ин падида бояд равона созад ва он воқеаи дар ҳаѐти амалӣ карда шавад. Бинобар ин, дар системаи таълими ғайрирасмӣ тренер на дониши навро интиқол, балки объектҳоро ташаккул медиҳад. Дастурдеҳ бо суханони нарм баҳсҳои таълимгирандагонро ба роҳ мемеоманд. Барои ҷамъбаст намудани натоиҷи фосилавию ниҳоӣ мубоҳиса бояд нақшаву мақсади ниҳоиро доро бошад. Аз методи мазкур дар таълими берун аз ҷойи корӣ бояд истифода бурд.




**Расми 24. – Амсилаи усулҳо**

Методи назорати гурӯҳиро ба воситаи ташкилкунии гурӯҳи назоратбарӣ ба сифати яке аз имкони идоранамоии даставӣ татбиқ намудан мумкин аст. ҳисоб меёбанд, ки оғози ТҒ-и маърифативу таълимии ҳозира, амсоли тамошои ин ё он намоишномаи театрӣ, чорабиниҳои маърифатии фарҳангӣ, кофе-брейкҳо, конференсияҳои назариявию амалии илмӣ чун навъи мулоҳизаронӣ барои манфиатҳо, инкишоф додани маданияти иттиҳодиявии омӯзандагон мебошад.

Хуллас аз тарафи мо корбурди технологиву методҳои мухталифи таълимӣ дида баромада шуд. Ин методу технологияҳо паҳлуҳои дидактикиро дар ТҒ баёну иртиботро корбурд менамоянд. Онҳо бо роҳу воситаҳои мухталиф ташаккул ёфтаанд. Технологияву методҳои таълимӣ дар раванди омӯзиши таълимгирандаро ба механизмҳои зерин ворид месозад: мушабеҳсозӣ, инъикоскунӣ, қолабсозӣ, алоқаи дутарафа, захонри дидактикии таълими ғайрирасмӣ ба намуди умум дар расми №6 пешкаш гардидааст.

Хулоса, зимни баррасии ҳар як ҷанбаи дидактикӣ дар ташаккули ТҒ дар бахши мазкур муайян сохтем, ки зимни интихобкунии методу технологияҳои таълимӣ баҳисобгирии вижагиҳои калонсолон зарур мебошад. Дар заминаи муносибатҳои амалӣ таълимӣғайрирасмӣ ба сифати як навъи иртибот, ашколи ҳамкориҳо дари мегардад. Зимни тадриси механизмҳои мушобеҳсозӣ, инъикоскунӣ, қолабсозӣ, алоқаи дутарафа муоширату

ҳамкориҳои миёни инструктору муҳассилин ба роҳ монда мешавад. Мо чунин меҳисобем, ки методҳои дар ҷойи корӣ, берун аз ҷойи корӣ, омехтаи таълимӣ,корбурди васеи технологияҳои иттилоотиву комуникатсионӣ мақсаднок мебошад.

## 4.4. Воридкунии таҳсилоти ғайрирасмӣ ба низоми такмили ихтисос

Дар ин бахш намудҳои имконпазири дохил кардани ТҒ ба низоми такмили ихтисоси ҳайати педагогон баррасӣ карда мешаванд. Омӯзиши таҷрибавии мундариҷаи такмили ихтисоси ҳайати педагогон дар вилояти Хатлон имкон дод, то натоиҷи лозимӣ ҳосил гардад ва он мавқеи ТҒ-ро дар МТИК-ҳо мунғақис намоянд. Аён сохтем, ки тахминан то солҳои 2012-2013 омӯзгорон аз мафҳуми ТҒ бехабар буданд. Таълими ғайрирасмӣ дар дараҷаи фикрронии одӣ татбиқ ёфт.

Аз соли 2014 вазъияти мазкур ба тағйирёбӣ дучор гардид ва мо кӯшидем, ки ин ё он амсилаи такмилдиҳии тахассуси озгоронро мавриди омӯзиш қарор диҳем. Дар диссертатсияи Т.Л. Дубровина оварда шудааст ва он оид ба проблемаи тайёр кардани муаллимон дар давраи фанни коллеҷ таҳқиқот гузаронида буд. Муаллиф якчанд амсиларо таҳлил карда аст, ки мо баъзе паҳлуҳои ошкоркардаи онро дар шакли умумӣ ва дар асоси амсилаҳо баррасӣ кардем [68, с. 121].

Вижагиҳои амсилаи диссертатсияро бо баҳисобгирии мушкилоти омӯзгорон муайян намуда, Методи назорати гурӯҳӣ дар заминаи раванди додани ваколат ва азбарнамоии ваколатҳо, рушжи маҳорату малакаҳо, зиёд кардани донишҳоии фаъоли назариявю амалӣ пайдо шудааст. Тавассути навъҳои ҳамкориҳои коллективии омӯзандагон ин метода ба инкишоф додани ҳисси масъулиятшиносии омқзандагон кӯмак мекунанд. Методи назорати гурӯҳӣ яке аз навъҳои таълимии берун аз ҷойи кор ва дар ҷойи кор мебошад. Баъдан, дар заминаи таҳлилкунии ин мушкилот бо мақсади

бароҳмонии чораѐни омӯзгорӣ таълимгирандагон донишу малакаҳои надоштаашонро аз худ кунанд, чун ки онҳо барои татбиқи кори омӯзгорӣ дар ин ѐ он вазъият зарур буда, мушиклотро пайдо мекунад. Бояд ба назар гирифт, ки маҳорату малакаи омӯзгорӣ мутаасил руш намеѐбанд, нодониро бартараф мезозанд, ин ѐ он мавзуи таҳқиқотро ба мавзуи дигаре, самтҳои чорроҳаро ба самтҳои дигари чорраҳо равон месозанд.

Як навъи дигари амсилати таълимӣ Moody ном дорад, ки инро амсилаи дугона низ ҳисоб мекунанд. Муҳимияти ин амсила дар он аст, ки ба ҳамкорону коршиносони таҷрибадор додани дастурҳо дар ҷойи корӣ оид ба ТҒ зарур мебошад. Дар амсилаи мазкур методи омодасозии таълимгиранда босамар ҳисоб меѐбад ва барои таълими ғайрирасмӣ мувофиқи мақсад бо дарназардошти ҳамкории сохторӣ дар инкишофи касбӣ (методи таълимӣ дар ҷойи корӣ) мебошад. Асосан таваҷҷӯҳ ба аниқу дурусткунии соҳибкасбони таҷрибадор дар ҷойи кор, банақшагирии вижагиҳои корӣ равона аст. Илова бар ин, дар дурнамои наздик дастраскунии маъхазҳои ташкил додани ихтисос ба таври доимӣ пешниҳод карда мешавад.

Низоми такмил додани ихтисоси омӯзандагон ба низоми сармоягузорӣ ба таҳсилоти муосирро дар назар дорад. Имконияти ТР, ТҒ методҳо, ашкол, ҳар як технологияи таълимиро фаро гирифта метавонанд ва бо таъсиррасонии мусбӣ кори омӯзгорро босамар мегардонад. Баъд аз гузаштан ба сармоягузории такмили тахассуси таълигирандагон ташаккули чораѐни таълими мусоир, инкишофи қисми эҷодии ин чораѐн ба вуқуъ мепайвандад, ки ба роҳандозии таълимии ғайрирасмӣ ѐрӣ мерасонад. Бинобар ин, инкишофи давраҳои ТҒ, роҳу васоти дохилкунии он ба такмилдиҳии тахассуси муҳассилин дар давраи мазкур сабабгори таълими ҳаматарафа ҳисоб меѐбад.

Муҳимияти ТҒ дар системаи такмилдиҳии тахассусро таҷрибаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад. Чораѐни омӯхтани системаи ТҒ дар манотиқи мухталиф аз номавҷудияти системаи мақсадноку фарогирандаи ТҒ дар кишвар хабар медиҳад. Як қатор паҳлуҳои онҳо дар

муассисаҳои маълумоти иловагии касбӣ дар шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб, Норак, ноҳияи Данғара ҷой доранд. ТҒ дар робита бо паҳлӯҳояш ба ин ѐ он курс ҷудо мегардад, дар ин ҷо ашхоси касби мухталиф дар вобастагии синусолӣ ширкат меварзанд, ба пайгирии мақсади асосӣ мекӯшанд. Аз байни онҳо курси «Маълумотнокии ахборотӣ», курси «Омӯзиши забони англисӣ дар сатҳи гуфтугӯ», курси «Андозбандӣ» ва курси «Таълими психологияи муосир» гузаронида мешавад.

Ин курсҳо бештар чун хизматрасонӣ дар таҳсилот гузаронида шуда, ба пуррасозии маълумотҳои расмӣ ва амалигардонии барномаҳои давлатии муосир равонаанд. Ҳоло теъдоди курсҳо бо фарогирии ашхоси калонсол зиѐд шуда, зарурат ба ТҒ - и ашхоси калонсол тасдиқи худро меѐбад. Бароҳмонии ҳар як курс барои омӯзандагони калонсолони кишвар, ки бо таълими онҳо алоқаманданд нест, хеле мушкил мегардад. Ва ин метавонад ба басташавии чунин курсҳо оварда расонад.

Зимни рухдиҳии тағйирот омӯзиши методҳову ашколи ТҒ роҳандози мегардад. Омӯзиши иттиҳодиявӣ моро водор месозад, ки ба ташкил кардани тайѐрии расмии омӯзгорон таваҷҷӯҳи асосиро равона созем.

Ин низом ба бунѐд кардан ва нигоҳдории тартибот миѐни коргарони таълими ғайрирасмӣ дар МТИ (муассисаҳои таълимии ихтисос) корбурд мегардад ва он як қисми ба тағйирѐбии дучоршавандаро ба боло бурдани салоҳиятнокии касбию педагогии омӯзгорон равонааст.

Рушди паҳлуҳои гуногуни таълимдиҳии ашхоси калонсол дар бахши салоҳиятнокии касбию педагогии омӯзгорон барои зиндамонии инсон дар шароитҳои демографии ҳозира дар тамоми низомҳои мавҷуда, дар ТҒ, ТР ва ТИ хеле муҳим буда, боҳамгирошавии тамоми ин навъҳо ба таълими доими равонааст.

ТҒ-и омӯзгори дар системаи такмилдиҳии тахассус, ки чун системаи иҷтимоиву таҳаррукӣ, кушодаву, тағйирѐбанда ва мобилӣ баррасӣ карда мешавад, ба эҳтиѐҷоти касбии педагогон, дигаргуниҳои иҷтимоию фарҳангиро дар ҷомеа, вобаста ба фаъолияти касбӣ ва таълими ҳамаи

ниҳомҳо зиёдтар таваҷҷуҳ мекунанд. ТҒ ба сифати як низом дида баромада мешавад ва чун ТҒ-и мустаъқилу иловагии махсус ба иҷрои вазоифи мухталиф, амсоли худмуҳимгардонӣ, худҷубронсозӣ, таълимиву худинкишофдиҳанда иҷтимоиву ислоҳсозанда равонааст. Дар ташкилкунӣ ТҒ ба хилофи ТР нисбатан озод мебошад, чунки бо махсусияти омӯзгорон фарқ мекунанд. Ҳар як ҳуҷҷати намунавии давлатӣ ҳамроҳ намешавад, роҳандозии ҷойгоҳи вақт ва муҳтаво, ин ё он технологияи бароҳмонии раванди таълим ва истифодабарӣ аз фазои таълимӣ имконпазир шуда метавонад. Субъектони таълимии мазкур ба ҳаёту амалҳо, донишу малака ва маҳоратҳои касбии педагогӣ дар робита бо мушкилотҳои рӯйдиҳанда, ки вақти хеле камро иегиранду роҳу воситаҳои сершумори фарогирандаи онҳо вуҷуд доранд, рӯ меоранд.

Ба сифати амсилаи махсус барои дохил намудани ТҒ ба низоми таҳсилоти муттасили касбӣ мо таҷрибаомӯзиро гузаштем. Ҳамзамон дар Филиали Муассисаи давлатии *«Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони саҳаи маориф»* шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар дар давоми солҳо барои ҳамгирошавии таълими ғайрирасмӣ бо системаи такмили тахассусу қонеъсозии эҳтиёҷоти таълимгирандагон дар МТМУ, ба таври инфиродӣ бо омӯзгорон дар минтақаи мазкур мувофиқи сифати таълим таҳқиқоти илмӣ ба роҳ монда шуд.

Ҷараёни самаранок гардидани корҳои донишкадаи мазкур ҳамгирошавии ТҒ ба воситаи омӯхтани таҷриба ба таври зайл ба амал меояд:

– интиқолдиҳии ин ё он ҷанбаи таълим, омӯхтани инкишофи касбию педагогии омӯзгорон дар асоси воҷеияти МТМУ ва инкишофи бевоситаи малакаву маҳоратҳои навтарини касбии педагогии муосир;

– инкишофи фаъолнокии омӯзгорон дар таълифи барномаҳо оид ба инкишофи касбию педагогии онҳо, яъне коркарду ҳимоякунии ин ё он амсила дар фаъолияти педагогиашон, ба нақша гирифтани фаъолияти худинкишофдиҳии онҳо;

– сохтори муҳтавои ТМ бо баҳисобгирии мушкилоти мушаххасу муайяншуда дар кори педагогии омӯзгорон ва мушкилиҳо дар бартараф сохтани онҳо;

Иттилоот оид ба корҳои марказҳои таълимӣ зимни пахш кардани ин ѐ он барномаи радиои маҳаллӣ, суҳбат тавассути ВАО, баромад дар конференсияҳои мухталиф, саҳифаҳои вебии донишкадаи мазкур ва раѐсати маорифи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш мегардад.

Дар Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Бохтар кори бошиддат ба сифати таҷрибавӣ бо ширкати 114 нафар педагогон аз минтақаҳои дигар татбиқ карда шуд.

Дурнамои ТҒ дар шакли амсилаи *«таҷрибавии сомона»* ба таври зерин пешниҳод мегардад:

1. Самти мундариҷаи такмили ихтисос барои ташаккул ва рушди салоҳияти касбии ҳайати ҳайати кормандони педагогӣ ва маъмурият, диди нави дастури психологӣ, ҳавасмандиву пайгирӣ кардани арзишоти шахсӣ дар раванди инкишофи касбӣ ба воситаи амиқсозии корҳои маърифатию таълимӣ бо ҳамкасбону омӯзгорони гурӯҳҳои дар ҷараѐни таълим қарордошта;

2. Татбиқи доимии ҳар як курс ва давраи инкишофи касбии педагогӣ бо ѐрии консепсияи таълими мунтазам тавассути ҳамгиросозии тамоми ашколи имкондоштаи ҷараѐни таълими муосир, аз қабили ТР, ТҒ, ТИ, инчунин таълими фосилавию таълими ошкоро. Хуллас, воридсозии таълими ғайрирасмӣ ба системаи анъанавӣ дар такмилдиҳии тахассуси омӯзгорон тавассути амсилаҳо, амсоли омӯзиш ба татбиқи робитаи органикии хос миѐни ҷараѐни таълиму худомӯзиҳо тайѐркунии омӯзгорон ва маъмурият дар амалу вақти муайян хизмат мерасонад.

3. Ҳоло дар мамлакати мо ашколи навтарини таҳсили омӯзгорон ба вуҷуд омадаанд ва аниқ таҳсилоти ТҒ мебошад Ба ин ашкол озмунҳои касбии педагогӣ, аз қабили «Омӯзгори беҳтарини сол», «Беҳтарин муассисаи таълимӣ», «Беҳтарин синф» ва ғайра дохил мешаванд. Илова бар ин, ба онҳо

намоиши намунавӣ, фестивалҳои таълимдиҳандагон, панорамаҳои ғояҳои педагогӣ, хонишҳои педагогиву касбӣ барои таълимдиҳандагон марафонҳои инноватсияҳои касби педагогии муосир, дарси видеоии ҳозира, омузишоти иттиҳодиявии ҳозира, мактаби роҳбарон ва ҳ.қ. мансубанд. Ҳамаи навъҳои ҳамкорӣ байни таълимдиҳандагон ба таҳсилоти ҳайрирасмии муосири педагогӣ равонаанд, чунки онҳоро дар системаи инкишофи иҷтимоии муосир ба сифати таълими ғайрирасмӣ дида баромадан мумкин аст.

Имрӯзҳо метавон тазаккур намуд, ки дар шароити Донишкадаи таҳқиқотӣ ояндадор ва бозомӯзии вилояти Хатлон, мо тавонистем дар низоми такмили ихтисоси намудҳои гуногуни ҳар се шакли раванди таълимро таҳия ва озмоиш намоем (расмӣ, ғайрирасмӣ ва иттилоотӣ): хаттӣ, мувозӣ ва баробар.

Дар давраи аввали ташхискунӣ алгоритми дохилкунии таълими ғайрирасмӣ ба системаи ТИ-и ашхоси калонсол водор месозад, ки бартариҳои касбии педагогӣ, ҳамчунин мушкилиҳо дар инкишофи шахсию касбии педагогӣ мавриди баррасӣ бояд қарор ёбад. Ҷараёни таълими ғайрирасмӣ ба бартарафсозии мушкилиҳои муайянгардида дар заминаи тазоруби эмпирикии омӯзгорон равона мегардад.

